# КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚИСМИ I. ҚИСМИ УМУМӢ

## ФАСЛИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

## БОБИ I. СИСТЕМАИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1. Муносибатҳое, ки ҳамин Кодекс танзим менамояд**

1. Ҳамин Кодекс муносибатҳои ҳуқуқиеро, ки принсипҳои ташкил намудан ва фаъолияти системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби муқаррар намудан, тағйир додан, бекор кардан ва ҷамъ овардани андозҳоро муқаррар месозанд, танзим мекунад; вазъи ҳуқуқии мақомоти андоз, воҳидҳои полиси андоз, андозсупорандагон, агентҳои андоз ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои бо қонунгузории андоз танзимшаванда ва муқарраротро оид ба муайян намудани манбаҳои андозбандӣ, иҷрои ӯҳдадориҳои андоз ва андешидани тадбирҳои таъминкунандаи иҷрои ин ӯҳдадориҳо, пешбурди баҳисобгирии бақайдгирии андозсупорандагон, объектҳои андозбандӣ ва баҳисобгирии андоз, кашидан ба ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ ва шикоят кардан аз амали (беамалии) мақоми андоз ва шахсони мансабдори он муайян мекунад.

2. Мафҳум ва меъёрҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои қонунгузории андоз (агар қонунгузорӣ тартиби дигарро муқаррар накарда бошад) танҳо ҳангоми танзим намудани муносибатҳо вобаста ба андозбандӣ истифода бурда мешаванд.

3. Ситонидани боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ тибқи қонунгузории гумрукӣ, ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, боҷи давлатӣ бошад- тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ” ба танзим даровардa мешаванд. Ситонидани дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ки ҳамин Кодекс муқаррар накардааст, тибқи қонунгузорӣ оид ба дигар пардохтҳои ҳатмӣ танзим мегардад.

**Моддаи 2. Қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амали он**

1. Қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз ҳамин Кодекс, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар асоси он ва мутобиқи он қабулшуда ва шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат мебошад.

2. Ҳангоми андозбандӣ санадҳои расман нашршудаи қонунгузории андоз, ки дар санаи ба миён омадани (ҷой доштани) ҳолатҳои марбут ба иҷрои ӯҳдадориҳои андоз амал мекунанд, истифода мешаванд.

Санадҳои қонунгузории андоз, ки дар давоми моҳҳои якум ва (ё) дуюми семоҳа расман нашр мешаванд, аз санаи 1-уми моҳи якуми семоҳае, ки мустақиман баъди семоҳаи расман нашршудаи онҳо фаро мерасад, мавриди амал қарор дода мешаванд.

Агар санадҳои қонунгузории андоз дар ҷараёни моҳи сеюми семоҳа

расман нашр шаванд, онҳо аз санаи 1-уми моҳи дуюми семоҳае, ки мустақиман баъди семоҳаи расман нашршудаи онҳо фаро мерасад, мавриди амал қарор дода мешаванд.

Муқаррароти сархатҳои дуюм ва сеюми ҳамин қисм дар ҳолате мавриди амал қарор дода мешаванд, агар бевосита дар худи санади қонунгузории андоз мӯҳлати дигар оид ба эътибор пайдо кардани он пешбинӣ нашуда бошад.

3. Меъёру муқаррароти ҳамин Кодексро бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли қарори дахлдори Маҷлиси намояндагон тафсир дода, тафсири меъёру муқаррароти дигар санади қонунгузории андозро, агар дар худи санад тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, дар шакли санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор мақоме анҷом медиҳад, ки ин санадро қабул намудааст. Чунин тафсир бояд расман нашр карда шавад. Чопи санадҳои қонунгузории андоз, аз ҷумла тафсири онҳо ҳангоме расмӣ ба ҳисоб мераванд, агар онҳо дар нашрияҳои чопии расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдори давлатӣ нашр шуда бошанд.

4. Муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар асоси ҳамин Кодекс ва мутобиқи он қабулшуда наметавонанд хилофи муқаррароти ҳамин Кодекс бошанд. Ҳангоми ҷой доштани чунин ихтилофот муқаррароти ҳамин Кодекс татбиқ мегардад.

Санади меъёрии хуқуқӣ оид ба андоз дар ҳолате ба ҳамин Кодекс номутобиқ шуморида мешавад, агар чунин санад то дараҷае ба принсипҳои (асосҳои) умумӣ ва (ё) маънои аслии муқаррароти мушаххаси ҳамин Кодекс мухолиф бошад.

5. Институтҳо, мафҳумҳо ва ибораҳои қонунгузории гражданӣ, оилавӣ ва дигар соҳаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳамин Кодекс истифода шудаанд, агар дар ҳамин Кодекс тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, бо ҳамон маъное истифода мегарданд, ки дар ин соҳаҳои қонунгузорӣ истифода шудаанд. Ҳангоми мавҷудияти ихтилофот байни муқаррароти ҳамин Кодекс ва санадҳои меъёрии хуқуқии марбут ба дигар соҳаҳои қонунгузорӣ, ба мақсади андозбандӣ муқаррароти ҳамин Кодекс истифода бурда мешаванд.

6. Санадҳои қонунгузории андоз дар ҳолатҳои мутобиқат ба муқаррароти моддаи 45 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд қувваи бозгашт дошта бошанд.

Санадҳои қонунгузории андоз, ки андозҳои навро муқаррар мекунанд, меъёрҳои андозро зиёд менамоянд, барои ҳуқуқвайронкунии андоз ҷавобгариро муқаррар ё вазнинтар месозанд, ӯҳдадории нави андозсупорандагон, инчунин дигар иштирокчиёни муносибатҳоеро, ки қонунгузории андоз танзим менамояд, муайян мекунанд, қувваи бозгашт надоранд.

Санадҳои қонунгузории андоз, ки ҷавобгариро барои вайрон кардани қонунгузории андоз бартараф ё сабуктар мегардонанд ё барои ҳимояи

ҳуқуқҳои андозсупорандагон, агентҳои андоз ва намояндагони онҳо кафолати иловагӣ фароҳам меоранд, агар дар худи санади қонунгузории андоз тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, қувваи бозгашт доранд.

Муқаррароти пешбининамудаи ҳамин қисм нисбати санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки тартиби ситонидани андози пардохтшавандаро вобаста ба гузаронидани мол аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамоянд, низ татбиқ мегарданд.

7. Ба қонунгузории ғайриандоз ворид намудани масъалаҳои вобаста ба андозбандӣ манъ аст, ба истиснои:

1) муқаррарот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, ки ба қонунгузории маъмурӣ дохил карда шудаанд;

2) муқаррарот оид ба ҷиноятҳои андоз, ки ба қонунгузории ҷиноятӣ дохил шудаанд;

3) муқаррарот оид ба афзалияти ӯҳдадориҳои андоз, ки ба қонунгузорӣ оид ба муфлисшавӣ дохил шудаанд;

4) муқаррароте, ки ба қонунгузории гумрук дохил шудаанд;

5) муқаррароте, ки ба қонунгузорӣ оид ба боҷи давлатӣ дохил шудаанд;

6) муқаррароте, ки ба қонунгузорӣ оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дохил шуда, истифодаи мақсадноки маблағи андози иҷтимоиро аз ҷониби андозсупорандагон танзим менамоянд;

7) муқаррароте, ки ба қонунгузорӣ дар бораи буҷети давлатӣ барои солҳои молиявии дахлдор дохил шудаанд;

8) муқаррароти андоз, ки мутобиқи қонунгузорӣ оид ба таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ қабул шудаанд;

9) муқаррароте, ки ба қонунгузорӣ оид ба дигар пардохтҳои ҳатмӣ дохил шуда, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро муқаррар накардааст;

10) муқаррарот оид ба андоз, ки ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудаанд.

8. Агар дар шартномаи байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои муқаррароти марбут ба андозбандӣ мебошад, нисбати тартиб ва меъёрҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар асос ва мутобиқи он қабулгардида тартиб ё меъёрҳои дигар пешбинӣ шуда бошад, пас тартибу меъёрҳои шартномаи байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд.

9. Имтиёзҳои пешбининамудаи шартномаи байналмилалӣ дар бораи пешгирии андозбандии дукарата нисбати резиденти давлати иштирокчии шартнома татбиқ намегарданд, агар ин резидентро дигар шахсе, ки резиденти чунин давлат нест, барои ба даст овардани имтиёзот истифода барад.

10. Барои давлату ҳукуматҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, намояндагиҳои дипломатию консулгарии давлату ҳукуматҳои хориҷӣ ва кормандони дипломатию консулгарӣ, инчунин намояндагиҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, кормандони онҳо ва аъзои оилаи шахсони

дар боло зикршуда озод намудан аз андозҳо ва дигар имтиёзоти мувофиқи ҳамин Кодекс ё шартномаҳои эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, тибқи расмиёти муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешаванд. Озодкунӣ аз андоз ва додани дигар имтиёзҳои андозӣ бояд дар доира ва шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад.

11. Дастуруламалҳои оид ба тартиби ҳисоб ва пардохти андозу пардохтҳои зеринро мақоми ваколатдори давлатӣ дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва ҳангоми зарурат, бо дигар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия, тасдиқ ва расман нашр менамояд:

1) андози даромад аз шахсони воқеӣ (андоз аз даромади шахсони воқеӣ);

2) андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ;

3) андоз аз арзиши иловашуда;

4) аксизҳо;

5) андози замин;

6) андозҳо аз истифодабарандагони қаъри замин;

7) андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;

8) андозе, ки тибқи низоми соддакардашуда пардохта мешавад;

9) андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;

10) андоз аз фурӯш (нахи пахта ва алюминийи аввалия);

11) андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо;

12) боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ;

13) андози иҷтимоӣ;

14) боҷи давлатӣ;

15) андоз аз маҳсулоти коркарди молҳо;

16) дигар пардохтҳои ҳатмӣ.

Ҳеҷ як муқаррароти дастуруламалҳо, ки хилофи ҳамин Кодекс ва шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

12. Санадҳои меъёрию ҳуқуқии умумиҳатмӣ оид ба андоз, ки мақоми ваколатдори давлатӣ мутобиқи ҳамин Кодекс қабул кардааст, барои санҷиши мутобиқат ба қонунгузорӣ ва бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда мешаванд ва пас аз санҷиш, бақайдгирӣ ва нашри расмӣ мутобиқи қисми 3 ҳамин модда мавриди амал қарор дода мешаванд.

**Моддаи 3. Системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҷмӯи дар ҳамин Кодекс пешбинишудаи андозҳо, принсипҳо, шаклу усулҳои муқаррар намудан, тағйир додан ва бекор кардан, пардохтан ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати пардохти онҳо, инчунин шаклу усулҳои назорати андоз ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андоз иборат аст.

**Моддаи 4. Асосҳои ҳуқуқии андозбандӣ**

1. Ҳамаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вазифадоранд тамоми андозҳоеро,

ки нисбати ин андозҳо мувофиқи ҳамин Кодекс андозсупоранда ба ҳисоб мераванд, пардозанд.

2. Ҳеҷ касро дастур додан мумкин нест, ки андозҳои дар ҳамин Кодекс пешбининашударо пардозад.

3. Андозе, ки мутобиқи ҳамин Кодекс ҳисоб карда шудааст, аз ӯҳдадорӣ дар назди давлат иборат буда, бояд ба буҷети давлатӣ пардохта шавад.

**Моддаи 5. Андоз**

Андоз пардохти муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ба буҷети давлатӣ (минбаъд -"буҷет") ба ҳисоб рафта, дорои хусусияти ҳатмӣ ва инфиродии ғайриэквивалентӣ мебошад.

**Моддаи 6. Андозҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Андозҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андозҳои умумидавлатӣ ва андозҳои маҳаллӣ иборатанд.

Ба андозҳои умумидавлатӣ инҳо дохил мешаванд:

1) андози даромад аз шахсони воқеӣ (андоз аз даромади шахсони воқеӣ);
2) андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ;
3) андоз аз арзиши иловашуда;
4) аксизҳо;
5) андози иҷтимоӣ;
6) андози замин;
7) андозҳо аз истифодабарандагони қаъри замин;
8) андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;
9) андозе, ки тибқи низоми соддакардашуда пардохта мешавад;
10) андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;
11) боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ;
12) боҷи давлатӣ;
13) андоз аз фурӯш (нахи пахта ва алюминийи аввалия);
14) андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо;
15) андоз аз маҳсулоти коркарди молҳо;
16) дигар пардохтҳои ҳатмии умумиҷумҳуриявӣ.

2.Ба андозҳои маҳаллӣ инҳо дохил мешаванд:

1) андоз аз амволи ғайриманқул;
2) андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт;
3) андоз аз фурӯши чакана;
4) дигар пардохтҳои ҳатмии маҳаллӣ.

3. Маблағи аз ҳисоби андозҳои умумидавлатӣ воридгардида байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ мутобиқи қонунгузории буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсим карда мешавад. Маблағҳои аз андози маҳаллӣ воридгардида ба буҷетҳои маҳаллии дахлдор ворид карда мешаванд.

4. Агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре муқаррар накарда бошад, андозҳо бо воҳиди пулӣ ҳисоб карда шуда, бо асъори миллӣ супорида мешаванд.

5. Ҷамъоварии андозе, ки дар қисми махсуси ҳамин Кодекс зикр

шудааст, ба истисноии андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, аз ҷониби мақомоти андоз таъмин карда мешавад. Ҷамъоварии андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт аз ҷониби Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

6. Бо назардошти қисми 7 моддаи 2 ҳамин Кодекс, озодкунӣ аз ҳама гуна андози умумидавлатӣ ё тағйир додани меъёри андози пешбининамудаи ҳамин Кодекс метавонад бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳамин Кодекс ва нисбати андозҳои маҳаллӣ бошад - дар асоси қарорҳои Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи дахлдор анҷом дода шавад.

**Моддаи 7. Тартиби муқаррар намудан, тағйир додан ва бекор кардани андозҳо**

1. Ба ғайр аз андозҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс муқаррар намудани андозҳои нав, инчунин тағйир додан ё бекор кардани андозҳои амалкунанда бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ҳангоми қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳамин Кодекс анҷом дода мешавад.

Ҳангоми муқаррар намудани андозҳо бояд ҳамаи омилҳои андозбандӣ, аз ҷумла: андозсупорандагон; объекти андозбандӣ; манбаи андоз; давраи андоз; тартиби ҳисоб кардани андоз; тартиб ва мӯҳлати пардохти андоз; дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс – имтиёзҳои андоз ва асосҳо барои ба даст овардани (истифодаи) онҳо аз ҷониби андозсупоранда муайян карда шаванд.

2. Таклифҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо асосноксозии иқтисодӣ ва дигар асосҳо пешниҳод карда мешаванд.

## БОБИ 2. МУАЙЯН НАМУДАНИ ИСТИЛОҲОТЕ, КИ ДАР ҲАМИН КОДЕКС ИСТИФОДА ШУДААНД

**Моддаи 8. Андозсупорандагон (мафҳуми умумӣ)**

Шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ, ки ба зиммаашон мутобиқи ҳамин Кодекс ӯҳдадории пардохти андоз гузошта шудааст, ҳамчун андозсупоранда эътироф мешаванд.

Мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс воҳидҳои махсуси шахсони ҳуқуқӣ ӯҳдадориҳои ин шахсонро оид ба пардохти андозҳо (ҳамчун андозсупоранда эътироф мешаванд) дар маҳали (воқеии, аслии) ҷойгиршавии ин воҳидҳои махсуси шахсони ҳуқуқӣ иҷро менамоянд.

**Моддаи 9. Объекти андозбандӣ ва (ё) объекте, ки бо андозбандӣ алоқаманд аст**

Объекти андозбандӣ ва (ё) объекте, ки бо андозбандӣ алоқаманд аст, объекте мебошад, ки дорои тавсифи арзишӣ, миқдорӣ ё физикӣ буда, ҳангоми мавҷудияти он (объект) қонунгузории андоз нисбати андозсупоранда (субъект) ӯҳдадориҳоро доир ба пардохти андоз муайян

менамояд.

Объекти андозбандӣ ва (ё) объекте, ки бо андозбандӣ алоқаманд аст, метавонад аз амвол, даромад, фоида, амалиёт доир ба таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ), арзиши молҳои таҳвилшуда (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо), воридоти (содироти) мол ба (аз) қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дигар объекте, ки ҳамин Кодекс муқаррар намудааст, иборат бошад.

Ҳар кадом андоз объекти мустақили ба худ хос дорад.

**Моддаи 10. Манбаи андоз**

Манбаи андоз аз баҳои арзишӣ, физикӣ ё дигар шакли арзёбии объекти андозбандӣ ва (ё) объекти ба андозбандӣ алоқаманд иборат буда, дар асоси он маблағи андозе, ки бояд ба *буҷет* пардохта шавад, муайян мегардад.

**Моддаи 11. Меъёри (ставкаи) андоз**

Меъёри андоз ин бузургии ҳисобкардашудаи маблағи андозҳо мебошад, ки нисбати воҳиди ченаки манбаи андозбандӣ истифода бурда мешавад.

Меъёри андоз бо фоиз ё (ва) маблағи мутлақ нисбати воҳиди ченаки манбаи андозбандӣ муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 12. Давраи андоз**

Таҳти мафҳуми давраи андоз муддате дар назар дошта шудааст (соли тақвимӣ, семоҳа, моҳ, даҳрӯза ё дигар мӯҳлат), ки нисбати андозҳои алоҳида мутобиқи ҳамин Кодекс муқаррар гардидааст ва ҳангоми гузаштани он (ба охир расидани он) манбаи андоз муайян ва маблағи андози ба буҷет супоридашаванда ҳисоб карда мешавад. Давраи андоз метавонад аз як ё якчанд давраҳои ҳисоботӣ (семоҳаҳо, моҳҳо, даҳрӯзаҳо ва дигар мӯҳлатҳо) иборат бошад, ки бо гузаштани (ҷамъбасти) онҳо пешпардохтҳо (пардохтҳои ҷорӣ) сурат мегиранд.

**Моддаи 13. Мӯҳлати пардохт**

Мӯҳлати пардохти андоз санаи тақвимие мебошад, ки мутобиқи ҳамин Кодекс муайян шудааст ва то ё дар лаҳзаи фарорасии он маблағи ҳисобшудаи андоз бояд ба буҷет супорида шавад, яъне ӯҳдадории андоз бояд иҷро гардад.

**Моддаи 14. Имтиёзҳои андоз**

Имтиёзҳои андоз афзалиятҳое, ки мутобиқи ҳамин Кодекс ё шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои муқарароти вобаста ба андозбандӣ мебошанд, ба гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон нисбат ба дигар андозсупорандагон фароҳам оварда шудаанд, аз ҷумла бе ягон таъсири манфӣ ба андозсупорандаи имтиёздор додани имконияти напардохтан, ё дар ҳаҷми камтар, ё дар мӯҳлати нисбатан дертар супоридани андоз, эътироф карда мешаванд.

**Моддаи 15. Фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайрисоҳибкорӣ**

1. Агар дар ҳамин модда тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, фаъолияти соҳибкорӣ ҳама гуна фаъолиятест, ки сарфи назар аз натиҷаи чунин фаъолият, барои ба даст овардани фоида, даромад ё

ҷубронпулӣ равона гардидааст ва мутобиқи ҳамин модда фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ ба ҳисоб намеравад.

2. Фаъолияти марбут ба хариду фурӯш, супоридан ё иҷораи амвол дар ҳолати риоя кардани ақаллан яке аз шартҳои зерин фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад:

1) чунин фаъолият мунтазам сурат гирифта, барои шахсе, ки муомилоти дар боло зикргардидаро иҷро менамояд, фаъолияти муқаррарӣ мебошад;

2) молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) истеҳсолнамудаи (иҷрокардаи, расонидаи) фурӯшанда пешниҳод карда мешаванд;

3) чунин амалиётҳо дар доираи фаъолияти савдо, савдою миёнаравӣ (аз ҷумла дилерӣ) ё фаъолияти миёнаравӣ анҷом дода мешаванд.

3. Фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ фаъолиятро дар шакли аз ҷониби як шахс дар асоси подош, муваққатан ба соҳибият, истифода ё ихтиёрдории ин ё он шахси дигар додани амвол (аз ҷумла маблағҳои пулӣ) бе гузаштани ҳуқуқи моликият ба ин амвол ё қисми он ва минбаъд ҷудо карда додани он дар бар мегирад, агар чунин тарзи додани амвол ба хизматрасонии молиявӣ вобаста набошад ва боиси ба зиммаи шахси қабулкунандаи ин амвол гузоштани ӯҳдадориҳои иловагӣ, ба истисноӣ ӯҳдадориҳои вобаста ба истифодаи мақсадноки амволи супурдашаванда ё бо пардохти подоши соҳибӣ, истифода ё ихтиёрдории ин амвол нагардад ва агар дар ҳамин модда тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

4. Фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ инҳоро дар бар мегирад:

1) дар бонкҳо ё дигар муассисаҳои молиявию кредитӣ ҷойгир намудани маблағҳои пулӣ;

2) ба иҷора додани амвол, агар дар қисми 2 ҳамин модда тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад;

3) ба идоракунии боэътимод супоридани амвол;

4) харидани (фурӯш ё супоридани) ҳисса дар сармояи оинномавии корхона ё қоғазҳои қиматноки он; харидани (фурӯш ё супоридани) вомбаргҳо ё ҳама гуна дигар векселҳо; харидани (фурӯш ё супоридани) ҳисса дар фонди саҳҳомии инвеститсионӣ ё ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳама гуна ҳуқуқҳои шабеҳи ба фурӯшанда тааллуқдошта, ки эквиваленти фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ мебошад, агар дар қисми 2 ҳамин модда тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад;

5) аз ҷониби шахси воқеӣ иҷро кардани кори кироя.

5. Шаклҳои зайли фаъолият фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ ҳисобида мешаванд:

1) фаъолияти мақомоте, ки ба системаи мақомоти ҳокимияти давлатии тамоми соҳаю сатҳҳо ва мақомоти худидоракунӣ дохил шуда, фаъолияташон бевосита ба иҷрои вазифаҳои давлатии ба зиммаашон гузошташуда вобаста мебошад, ба истисноӣ хизматрасониҳо, ки дар асоси шартномавӣ маблағгузорӣ мешаванд ва дигар фаъолияти соҳибкорӣ;

2) фаъолияти эҳсонкорӣ;

3) фаъолияти динӣ.

**Моддаи 16. Кори кироя**

1. Барои мақсадҳои ҳамин Кодекс “кори кироя” маънои зеринро дорад:

1) аз ҷониби шахси воқеӣ иҷро шудани ӯҳдадориҳо дар доираи муносибатҳои тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории меҳнат ё хизмати давлатӣ танзимшаванда;

2) аз ҷониби шахси воқеӣ иҷро шудани ӯҳдадориҳое, ки бевосита бо хизмат дар сафҳои қувваҳои мусаллаҳ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё мақомоти (муассисаҳои) ба онҳо монанд алоқамананданд;

3) кор дар мансаби роҳбарикунандаи корхона ва ташкилот.

2. Шахси воқеие, ки кори кирояро иҷро карда буд, кор карда истодааст ё минбаъд кор мекунад, дар ҳамин Кодекс “корманд” номида мешавад. Шахсе, ки ҳаққи хизматрасонии чунин шахсро мепардозад, “корфармо” ва чунин пардохт - “музди меҳнат” номида мешавад.

**Моддаи 17. Фаъолияти эҳсонкорӣ**

1. Эҳсонкорӣ, агар ҳамин модда муқаррароти дигаре пешбинӣ накарда бошад, фаъолиятест, ки онро шахсони ҳуқуқӣ амалӣ намуда, бевосита аз расонидани кӯмаки (дастгирии) моддӣ ё дигар шакли кӯмак, аз ҷумла дар шакли маблағгузаронии ройгон ба шахсони воқеии мӯҳтоҷи чунин кӯмак ё ба ташкилотҳои ғайритиҷоратие, ки мустақиман чунин кӯмак мерасонанд, аз ҷумла ташкилотҳои ғайритиҷоратии эҳсонкорӣ (моддаи 26) ё фаъолияти илмӣ, таълимӣ, маърифатӣ, китобдорӣ, тиббӣ ё фаъолияти дигаре, ки ба манфиати ҷамъиятӣ анҷом дода мешавад, иборат мебошад.

2. Агар қисми 3 ҳамин модда тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад, фаъолияти эҳсонкорӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ” муайян карда мешавад.

3. Расонидани кӯмак (дастгирӣ) ба шахсон фаъолияти эҳсонкорӣ ба ҳисоб намеравад, агар яке аз шартҳои зерин ҷой дошта бошад:

1) шахси қабулкунандаи чунин кӯмак (дастгирӣ) дар назди шахси кӯмакрасон ӯҳдадории дорои хусусияти амволӣ ё ғайриамволиро қабул кунад (ба истиснои ӯҳдадориҳои истифодаи мақсадноки маблағ ё амволи гирифташуда);

2) шахси кӯмакгиранда (дастгириёбанда) ва шахси кӯмакрасон (дасгирикунанда) шахсони бо ҳам алоқаманд ҳисобида шаванд (моддаи 29 ҳамин Кодекс);

3) агар чунин кӯмак (дастгирӣ) ба ҳама гуна шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ барои иштирок дар маъракаи интихоботии сатҳҳои гуногун расонида шавад.

**Моддаи 18. Фаъолияти динӣ**

Фаъолияти динӣ аз фаъолияти ташкилоту иттиҳодияҳои динӣ, ки тибқи тартиби муқарраргардида ба қайд гирифта шуда, , аз ҷумла бо усули зайл ба ибодат ва тарғиби дин машғуланд, иборат мебошад:

1) ташкил ва гузаронидани маросиму оинҳои динӣ, ҷамъомадҳои ибодатӣ;

2) ба диндорон фароҳам овардани имконияти доштан ва (ё) истифода бурдани биноҳои намозхонӣ ё иморатҳои маросимӣ барои ба таври якҷоя ё инфиродӣ қонеъгардонии эҳтиёҷоти динӣ;

3) қабул ва фиристодани зиёраткунандагон, ҳайатҳои динӣ, намояндагони мазҳабҳои гуногун, гузаронидани вохӯриҳои миллӣ ва байналмилалии динӣ, конгрессҳо, семинарҳо ва таъмин намудани иштирокчиёни чорабиниҳои номбаршуда бо манзил, нақлиёт, маводи ғизоӣ ва хизматрасонии маданӣ;

4) нигоҳдории биною иншооти динӣ, муассисаҳои таълимии динӣ ва гирду атрофи онҳо, таълими хонандагон ё шунавандагони чунин муассисаҳои таълимӣ, инчунин фаъолияти дигари шабеҳи оинномавии динӣ.

**Моддаи 19. Корхонаҳо**

Барои мақсадҳои ҳамин Кодекс ташкилотҳои зайле, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳанд ё барои чунин фаъолият таъсис шудаанд, корхона (ташкилотҳои тиҷоратӣ) ба ҳисоб меравaнд:

1) шахсони ҳуқуқӣ, воҳидҳои махсуси таъсисдодаи онҳо, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуда, дорои баланс (тавозун) ё сметаи мустақил мебошанд;

2) корпоратсияҳо, ширкатҳо, фирмаҳо ва дигар сохторҳои шабеҳи онҳо, ки мутобиқи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ташкил шудаанд.

**Моддаи 20. Корхонаи резидентӣ ва хориҷӣ**

1. Корхонаи резидентӣ корхонаест, ки маҳали таъсисёбӣ ё идоракунии он Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (моддаҳои 21 ва 22 ҳамин Кодекс).

2. Корхонаи хориҷӣ корхонаест, ки мутобиқи ҳамин модда корхонаи резидентӣ ба ҳисоб намеравад.

**Моддаи 21. Маҳали таъсисёбии корхона**

Маҳали таъсисёбии корхона маҳали бақайдгирии давлатии корхона ё ҳангоми набудани он - суроғаи ҳуқуқии корхона ба ҳисоб меравад, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ (оинномa, қарордод, низомнома) сабт шудааст.

**Моддаи 22. Маҳали идоракунии корхона**

Маҳали идоракунии корхона маҳали дар асл идора намудани он, яъне ҷоест, ки мақоми иҷроияи роҳбарикунандаи он вазифаҳои ҳаррӯзаи идоракуниро анҷом медиҳад.

**Моддаи 23. Муассисаи доимии ғайрирезидент (корхонаи хориҷӣ ё шахси воқеии ғайрирезидентӣ)**

1. Таҳти мафҳуми муассисаи доимии ғайрирезидент (корхонаи хориҷӣ ё шахси воқеии ғайрирезидент) (минбаъд - "муассисаи доимӣ") дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар ҳамин модда тартиби дигаре муқаррар накарда бошад, маҳали муқимие фаҳмида мешавад, ки тавассути он ғайрирезидент фаъолияти соҳибкориашро, аз ҷумла тавассути шахси ваколатдор, пурра ё қисман анҷом медиҳад.

2. Муассисаҳои доимӣ хусусан инҳо ба ҳисоб меравaнд:

1) ҳама гуна маҳали иҷрои фаъолияти марбут ба истеҳсол, коркард, комплекткунӣ, борҷомакунӣ, басту банд, таҳвили мол, новобаста аз

мӯҳлати иҷрои чунин фаъолият;

2) ҳама гуна маҳали идоракунии ғайрирезидент (аз ҷумла, филиал, шӯъба, намояндагӣ, бюро, идора, офис, ҳуҷраи корӣ, агентӣ, фабрика, устохона, сех, лаборатория, мағоза, анбор), новобаста аз мӯҳлати иҷрои чунин фаъолият;

3) ҳама гуна маҳали фаъолият, аз ҷумла дастгоҳ ё майдонча, таҷҳизоти пармакунӣ ё киштиҳо барои ҷустуҷӯи боигариҳои табиӣ, кон, чоҳи нафт ва (ё) газ, карер, манораҳои рӯизаминӣ ё рӯиобӣ ва (ё) чоҳҳо, новобаста аз мӯҳлати иҷрои чунин фаъолият;

4) ҳама гуна маҳали фаъолият (аз ҷумла фаъолияти назоратию нозиротӣ ё мушоҳидакунӣ) вобаста ба хати қубурҳои газу нафт, ҷустуҷӯ ва (ё) коркарди боигариҳои табиӣ, насб, васл, ҷамъкунӣ, танзим, баистифодадиҳӣ ва (ё) хизматрасонии таҷҳизот, новобаста аз мӯҳлати иҷрои чунин фаъолият;

5) ҳама гуна маҳали дигари фаъолият вобаста ба истифодаи автоматҳои бозӣ (аз ҷумла воситаҳои иловагии онҳо), шабакаҳои компютерӣ ва алоқа, аттраксионҳо, инфраструктураи нақлиётӣ ва ғайра, новобаста аз давомнокии истифодабарии онҳо;

6) базаи доимие, ки шахси воқеӣ-ғайрирезидент барои иҷрои фаъолияти соҳибкорӣ истифода мебарад.

3. Майдончаи сохтмон, объектҳои васл ё ҷамъкунӣ, иҷрои фаъолияти назоратӣ вобаста ба ин объектҳо, гузаронидани корҳои лоиҳакашӣ, новобаста аз давомнокии иҷрои ин корҳо, муассисаи доимиро ташкил мекунанд.

Ҳамзамон таҳти мафҳуми майдончаи сохтмонӣ (объект), хусусан маҳали фаъолият оид ба сохтмон ва (ё) азнавсозии амволи ғайриманқул, аз ҷумла сохтмони бино, иншоот ва (ё) иҷрои корҳои васлкунӣ, сохтмон ва (ё) азнавсозии кӯпрукҳо, роҳҳо, каналҳо, ҷойгиронии қубурҳо, васли таҷҳизоти барқӣ, технологӣ ё дигар таҷҳизот ва (ё) иҷрои корҳои дигари шабеҳ дар назар дошта мешаванд.

Майдончаи сохтмонӣ (объект) аз рӯзи дуюми баъди рӯзи имзо шудани санад оиди ба истифодабарӣ қабул намудани сохтмон (ҳаҷми корҳои иҷрошуда) ва пардохти пурраи арзиши сохтмон мавҷудияташро қатъ менамояд.

4. Ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин дорои муассисаи доимӣ ҳисобида мешавад, агар:

1) тавассути агенти ваколатдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварии подоши суғуртавӣ ва (ё) суғуртакунӣ ё аз нав суғуртакунии таваккалро (риск) анҷом диҳад;

2) тавассути хизматчиён ё кормандони барои ин мақсадҳо кироятшуда зиёда аз навад рӯзи тақвимӣ дар тамоми муддати муттасили дувоздаҳмоҳае, ки дар ҳамин давраи андоз хотима меёбад, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста хизмат расонад;

3) иштирокчии ширкати оддӣ (шартнома оид ба фаъолияти якҷоя) бошад, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ёфта, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад;

4) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намоишгоҳҳои пулакӣ гузаронад ва (ё) дар онҳо таҳвили (фурӯши) молро анҷом диҳад;

5) дар асоси муносибатҳои шартномавӣ ба резидент ё ғайрирезидент ҳуқуқи манфиатҳои худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагӣ кардан, аз номи ӯ амал намудан ва ё қарордодҳо (шартномаҳо, созишномаҳо) бастанро диҳад.

5. Танаффусҳои муваққатӣ ё мавсимӣ ҳангоми фаъолияти дар ҳамин модда зикршуда боиси барҳам додани муассисаи доимӣ намегарданд.

6. Ғайрирезиденте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкориро тавассути миёнарави мустақиле (брокер ва (ё) дигар агенти мустақил, ки дар асоси шартномаи супоришӣ, комиссиягӣ, консигнатсиягӣ ё дигар шартномаи шабеҳ амал мекунад), ки вай салоҳияти аз номи ин ғайрирезидент имзо намудани шартномаҳоро (қарордодҳоро) надорад, анҷом медиҳад, муассисаи доимӣ ба ҳисоб намеравад.

Таҳти мафҳуми миёнарави мустақил шахсе фаҳмида мешавад, ки дар доираи фаъолияти муқаррарии (асосии) худаш вазифаи миёнаравиро бо мақсади ҳамкории тарафҳо амалӣ намуда, аз нигоҳи ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам иқтисодӣ аз ғайрирезидент вобаста намебошад.

7. Корхонаи фаръии шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ёфтааст, ҳамчун муассисаи доимии корхонаи асосӣ-ғайрирезидент ба ҳисоб намеравад, агар байни корхонаҳои фаръӣ ва асосӣ муносибатҳое ба миён наоянд, ки ҷавобгӯи муқаррароти банди 5) қисми 4 ҳамин модда мебошанд.

8. Чунин ҷойҳои истифодашаванда (новобаста аз он ки, онҳоро кӣ истифода мебарад) муассисаи доимии корхонаи хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб намераванд, агар онҳо барои чунин мақсадҳо истифода шаванд:

1) нигоҳ доштани мол ё маҳсулоти марбути корхонаи хориҷӣ;

2) харидани мол ё маҳсулот, ҷамъоварии маълумот барои корхонаи хориҷӣ;

3) иҷрои ҳама гуна дигар фаъолияте, ки дорои хусусияти омодасозӣ ё ёрирасон ба манфиатҳои корхонаи хориҷӣ мебошад;

4) омодагӣ барои бастан ё ба таври муқаррарӣ имзо намудани шартномаҳо аз номи корхонаи хориҷӣ оид ба масъалаҳои кредитҳо (қарзҳо), таҳвили мол ё маҳсулот, ё иҷрои корҳо (хизматрасониҳо);

5) иҷрои ҳама гуна шаклҳои фаъолияте, ки дар бандҳои 1)-4) ҳамин қисм зикр шудаанд.

9. Намояндагии корхонаи хориҷии ба қайд гирифташудае, ки шахси алоҳидаи ҳуқуқӣ нест, муассисаи доимии корхонаи хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

10. Хизматрасониҳои тобеи шахсӣ (кори кироя), ки шахси воқеӣ–ғайрирезидент анҷом медиҳад, боиси ташкилёбии муассисаи доимии чунин шахс намегарданд.

11. Фаъолияти ғайрирезидент мутобиқи муқаррароти ҳамин модда, сарфи назар аз он ки он дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шудааст ё

на, маънои таъсиси муассисаи доимиро дорад.

**Моддаи 24. Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ**

1. Мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ ва (ё) динӣ, фондҳо, муассисаҳо, ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), ташкилотҳои байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва дигар ташкилотҳое, ки ба фаъолияти ғайритиҷоратӣ машғуланд, яъне субъектҳо – шахсони ҳуқуқие, ки мақсади гирифтани фоида, даромад ё ҷубронро надоранд ва фоида, даромад ва ҷуброни гирифтаашонро (ҳангоми гирифтан) байни иштирокчиён (муассисон) тақсим намекунанд, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба ҳисоб мераванд.

2. Маҳали таъсисёбӣ ва маҳали идоракунии ташкилоти ғайритиҷоратӣ мувофиқи тартиби барои корхона муқарраргардидаи моддаҳои 21 ва 22 ҳамин Кодекс муайян карда мешаванд.

3. Ташкилоти ғайритиҷоратӣ мувофиқи тартиби барои корхона муқарраргардида ташкилоти ғайритиҷоратии резидентӣ ё хориҷӣ эътироф карда мешавад (моддаи 20 ҳамин Кодекс).

4. Дар он қисмате, ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ фаъолияти соҳибкорӣ менамояд, активҳо ва фаъолияти он, ки бевосита ба иҷрои фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд аст, ҳамчунин корхона ба ҳисоб рафта, бояд алоҳида (аз фаъолияти асосӣ алоҳида) ба ҳисоб гирифта шавад.

**Моддаи 25. Ташкилоти буҷетӣ**

Ташкилоти ғайритиҷоратие, ки фаъолияташ на камтар аз 70 фоиз аз ҳисоби буҷет дар асоси сметаи буҷетии даромаду хароҷоти он маблағгузорӣ мешавад, ташкилоти буҷетӣ мебошад.

**Моддаи 26. Ташкилоти эҳсонкорӣ**

1. Ташкилоти эҳсонкорӣ чунин ташкилоти ғайритиҷоратие мебошад, ки:

1) бо мақсади фаъолияти эҳсонкорӣ таъсис дода мешавад;

2) чун ташкилоти эҳсонкорӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ва ҷавобгӯи талаботи муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ” мебошад.

2. Ташкилоти ғайритиҷоратӣ (новобаста аз вазъи ҳуқуқӣ, ташкилӣ ё ном) ташкилоти эҳсонкорӣ ба ҳисоб намеравад, агар:

1) чунин ташкилоти ғайритиҷоратӣ мустақим ё ғайримустақим дар маъракаи интихоботии ҳама гуна сатҳи ҳама гуна ҳизби сиёсӣ, ташкилоти (ҳаракати) ҷамъиятӣ ё шахси воқеии алоҳида иштирок намояд; ё

2) маблағҳо ё активҳои ташкилоти ғайритиҷоратӣ ба ҳама гуна шахс нафъ оранд ё метавонанд нафъ оваранд, ба истиснои нафъе, ки дар натиҷаи фаъолияти эҳсонкорӣ ё пардохти оқилона барои амвол ва хизматрасонӣ ба даст омадааст.

**Моддаи 27. Ташкилоти динӣ**

Ташкилоти динӣ ташкилоти ғайритиҷоратие мебошад, ки бо мақсади иҷрои фаъолияти динӣ таъсис дода шуда, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун чун ташкилоти динӣ ба қайд гирифта шудааст.

**Моддаи 28. Агенти андоз**

1. Ҳама гуна шахсе (воқеӣ ё ҳуқуқие), ки корманди мақомоти андоз набуда, мутобиқи ҳамин Кодекс ё дигар санади қонунгузории андоз ба зиммааш вазифаи ҳисоб намудани андоз, аз андозсупоранда (ё аз манбаи пардохт) нигоҳ доштан ва ба буҷети дахлдор гузаронидани он гузошта шудааст, агенти андоз мебошад.

2. Агенти андоз, агар дар ҳамин Кодес тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, нисбати ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳояш дорои ҳамон вазъе мебошад, ки андозсупоранда дорад.

3. Агенти андоз вазифадор аст:

1) андозҳои дахлдорро дуруст ва сари вақт ҳисоб намояд, аз андозсупоранда (ё манбаи пардохт) нигоҳ дорад ва ба буҷети дахлдор гузаронад;

2) даромадҳои ба андозсупорандагон пардохташуда, андозҳои аз андозсупорандагон (ё манбаи пардохт) нигоҳдошташуда ва ба буҷети дахлдор гузаронидашударо ба ҳисоб гирад, аз ҷумла оид ба ҳар як андозсупоранда ҳисоби ҷудогона барад;

3) ба мақомоти андоз барои назорати дурустии ҳисоб кардан, нигоҳ доштан ва пардохтани андозҳо ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод намояд; ва

4) дигар вазифаҳоеро, ки қонунгузории андоз ба зиммааш гузоштааст, иҷро намояд.

4. Агенти андоз барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳое, ки қонунгузории андоз ба зиммааш гузоштааст, мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ё дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

**Моддаи 29. Шахсони мутақобилан вобаста**

1. Шахсони мутақобилан вобаста шахсони дорои муносибатҳои махсуси мутақобила мебошанд, ки метавонанд ба шароит ва натиҷаи иқтисодии муомилоти байни онҳо таъсири бевосита расонанд.

2. Чунин муносибатҳои махсуси мутақобила аз ҷумла муносибати байниҳамдигариеро дар бар мегиранд, ки ҳангоми он:

1) шахсон муассисони (иштирокчиёни) ҳамон як корхона мебошанд, агар ҳиссаи ҳар яки онҳо на камтар аз 20 фоизро ташкил намояд;

2) як шахс мустақим ё ғайримустақим дар шахси дигаре, ки корхона мебошад, иштирок намояд ва агар ҳиссаи чунин иштирок на камтар аз 20 фоизро ташкил диҳад;

3) як шахс ба шахси дигар мувофиқи вазъи вазифавӣ тобеъ мебошад ё як шахс таҳти назорати (мустақим ё ғайримустақими) дигар шахс қарор гирифтааст;

4) шахсон корхонаҳои фаръии ҳамон як шахси ҳуқуқӣ мебошанд ё таҳти назорати мустақим ё ғайримустақими шахси сеюм қарор доранд;

5) шахсон мустақим ё ғайримустақим шахси сеюмро назорат мекунанд, агар ҳуқуқи овози ҳар кадом дар он на камтар аз 20 фоизро ташкил намояд;

6) шахсон дар қайди никоҳ мебошанд ё муносибатҳои хешу таборӣ

доранд (қисми 48 моддаи 34 ҳамин Кодекс).

**Моддаи 30. Шахсони воқеӣ-резидентҳо**

1. Шахсони воқеӣ, агар онҳо воқеан дар ҷараёни ҳама гуна мӯҳлати 12-моҳаи пайдарҳами дар ҳамин соли тақвимӣ хотимаёбанда зиёда аз 182 рӯз дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд, ё новобаста аз давомнокии мӯҳлати он дар соли ҷории тақвимӣ берун аз қаламрави он дар хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта бошанд, нисбати тамоми соли ҷории тақвимӣ резидент ба ҳисоб меравназванд.

2. Шахсони воқеие, ки сарфи назар аз мӯҳлати дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон буданашон ва дигар омилҳои муайяннамудаи ҳамин модда, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, шахсони воқеие, ки барои қабул шудан ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё барои бе шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати зисти муқимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани иҷозат ариза додаанд, ҳамчун шахсони воқеӣ-резидент эътироф мешаванд, ки:

1) аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа ба сафари хизматӣ фиристода шудаанд, аз ҷумла кормандони муассисаҳои дипломатию консулӣ ва намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашуда, намояндагиҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои байналмилалӣ ё байниҳукуматӣ, инчунин аъзои оилаи чунин шахсони воқеӣ;

2) аъзои экипажҳои воситаҳои нақлиётии ба шахсони ҳуқуқӣ ё шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқдошта, ки боркашонии байналмилалиро анҷом медиҳанд;

3) хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони ғайринизомии дар пойгоҳҳои ҳарбӣ, қисмҳои ҳарбӣ, гурӯҳҳо, қисмҳо ва ҷузъу томҳои ҳарбии берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд;

4) дар объектҳои воқеъ берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё резидентҳо, ё субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд (аз ҷумла, дар асоси шартномаҳои консессионӣ), кор мекунанд;

5) хонандагон, донишҷӯён, касбгирандагон ва таҷрибаомӯзон, ки бо мақсади таҳсил ва гузаштани таҷриба дар давоми тамоми мӯҳлати таълим ва таҷрибаомӯзӣ берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд;

6) муаллимон ва кормандони илмӣ дар давоми тамоми мӯҳлати таълим ё иҷрои корҳои номбаршуда, ки бо мақсади таълимдиҳӣ, машварат ё иҷрои корҳои илмӣ берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

3. Барои мақсади қисми 1 ҳамин модда мӯҳлате, ки дар ҷараёни он шахси воқеии хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат дошт, вақти воқеии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта ба ҳисоб намеравад, агар чунин шахс:

1) ба сифати шахси дорои мақоми дипломатӣ ё консулгарӣ (ё аъзои оилаи чунин шахс) омада бошад;

2) ба сифати корманди ташкилоти байналмилалӣ ё ба сифати шахсе,

ки дар хизмати давлатии кишвари хориҷӣ кор мекунад (ё аъзои оилаи чунин шахс), омада бошад;

3) танҳо барои гузаштан аз як давлати хориҷӣ ба давлати хориҷии дигар тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон омада бошад.

4. Ҳама гуна рӯзе, ки дар давоми он шахси воқеӣ ҳақиқатан дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз давомнокии истиқомат ҳозир буд, рӯзи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон будан ҳисобида мешавад.

5. Шахси воқеие, ки мутобиқи ҳамин модда резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб намеравад, ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

6. Шахси воқеӣ дар давраи аз рӯзи охирини буданаш дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамин соли андоз то охири ҳамин соли андоз ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, агар чунин шахс дар соли мустақиман минбаъдаи андоз низ ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

**Моддаи 31. Соҳибкори инфиродӣ**

1. Шахси воқеӣ, резидент ё ғайрирезидент, соҳибкори инфиродӣ ҳисобида мешавад, агар он бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, аз номи худ, таҳти таваккал (риск) ва масъулияти амволии худ ба фаъолияти соҳибкорӣ (моддаи 15 ҳамин Кодекс) машғул шавад.

2. Бар хилофи тартиби муқаррарнамудаи бақайдгирӣ ва гирифтани иҷозатнома ё дигар ҳуҷҷат ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани шахси воқеӣ боиси ҳамчун соҳибкори инфиродӣ эътироф накардани чунин шахси воқеӣ бо мақсади андозбандӣ асос шуда наметавонад.

**Моддаи 32. Нархҳои бозорӣ**

1. Нархи бозорӣ нархи озоди бозор ба мол (кор, хизматрасонӣ) мебошад, ки дар натиҷаи алоқамандии дархосту пешниҳод ва манфиатҳои тарафайни аҳд, ки мутобиқи моддаи 29 ҳамин Кодекс шахсони мутақобилан вобаста намебошанд, инчунин дар шароити қиёспазири иқтисодӣ (тиҷоратӣ) ташаккул меёбад.

2. Агар ҳамин Кодекс тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад, барои мақсадҳои андозбандӣ ба сифати нархи мол (кор, хизматрасонӣ) нархи воқеие қабул карда мешавад, ки тарафайни аҳд (бо ҳуҷҷатҳои аслӣ тасдиқшуда) нишон додаанд. Агар мақоми андоз акси онро собит накарда бошад, тасмим гирифта мешавад, ки ин нарх ба нархи бозорӣ мутобиқ аст.

3. Мақомоти андоз ҳангоми назорат оид ба пуррагии ҳисобкунии андоз ҳуқуқ доранд ба нархҳои бозорӣ мутобиқ будани нархҳои истифодашударо танҳо дар ҳолатҳои зайл вобаста ба аҳдҳо санҷанд:

1) байни шахсони мутақобилан вобаста;

2) мубодилаи молҳо, кор ё хизматрасонӣ (амалиёти бартерӣ);

3) ҳангоми иҷрои амалиётҳои тиҷоратии хориҷӣ (иқтисодии хориҷӣ);

4) ҳангоме, ки тамоюли баланд ё пастшавии нархи истифодабурдаи андозсупоранда дар давоми мӯҳлати начандон зиёд (на зиёда аз 30 рӯзи тақвимӣ то лаҳзаи таҳвили молҳо, корҳо, хизматрасониҳо ё баъди он) аз нархи бозории молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) шабеҳ (якхела) зиёда

аз 30 фоизро ташкил намояд.

Дар ҳолатҳои дар бандҳои 3) ва 4) ҳамин қисм зикргардида чунин ҳисобида мешавад, ки аҳд воқеан тибқи нархҳои бозорӣ сурат гирифтааст, агар андозсупоранда собит насозад, ки аҳд воқеан тибқи нархҳои дар ҳуҷҷатҳои аслӣ зикршуда анҷом дода шудааст.

~~4. Танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қисми 3 ҳамин модда мақоми андоз ҳақ дорад оид ба андозҳои иловагӣ ҳисобшуда бо назардошти нархҳои бозории молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) дахлдор, ки мутобиқи ҳамин модда муайян гаштааст, қарори асоснок қабул намояд.~~

4. Танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қисми 3 ҳамин модда ҳангоме, ки нархи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) ба тарафи зиёдшавӣ ё ба тарафи камшавӣ зиёда аз 30 фоиз аз нархи бозории молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) шабеҳ (якхела) майл кунад, мақоми андоз ҳуқуқ дорад оид ба азнавҳисобкунии андозҳо бо назардошти нархи бозории молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) дахлдор, ки мутобиқи ҳамин модда муайян гаштааст, қарори асоснок қабул намояд.

Нархи бозорӣ бо назардошти муқаррароти пешбининамудаи қисмҳои 5-11 ва 14 ҳамин модда муайян карда мешавад. Ҳамзамон иловаҳо ё тахфифҳои муқаррарӣ ба нарх ҳангоми бастани аҳдҳо байни шахсони мутақобилан вобаста набуда ба назар гирифта мешаванд. Аз ҷумла тахфифҳое, ки дар натиҷаи омилҳои зерин ба миён омадаанд, ба назар гирифта мешаванд:

1) тағйирёбии мавсимӣ ва дигар тағйирёбии талабот нисбат ба молҳо (корҳо, хизматрасониҳо);

2) гум шудани сифат ё дигар хусусиятҳои истеъмолии молҳо;

3) гузаштани (наздик шудани санаи гузаштани) мӯҳлати коршоямӣ ё фурӯши (таҳвили, рӯхсат додани) молҳо;

4) сиёсати маркетингии тарафҳои аҳд, аз ҷумла ҳангоми баровардани молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) нав ба бозор, ки монанди худро надоранд, инчунин ҳангоми баровардани молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) ба бозорҳои нав;

5) фурӯш (таҳвили) навъҳо ва намунаҳои таҷрибавии молҳо бо мақсади шиносоии истеъмолкунандагон ба онҳо.

5. Нархи бозории мол (кор, хизматрасонӣ) дар асоси маълумот оид ба амалиёти анҷомдодашуда нисбати моли (кори, хизматрасонии) шабеҳ (якхела) дар лаҳзаи таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ), аз ҷумла дар асоси нархҳои биржаҳои байналмилалӣ ва дигар биржаҳо, муайян карда мешавад.

6. Ба молҳои шабеҳ молҳое мансуб дониста мешаванд, ки аломатҳои асосии онҳо дорои хусусиятҳои якхелаанд.

Ҳангоми муайянсозии шабеҳии молҳо, аз ҷумла аломатҳои физикӣ, сифат ва моҳияти он дар бозор, мамлакати пайдоиши мол ва истеҳсолкунандаи он ба инобат гирифта мешаванд. Ҳангоми муайянсозии шабеҳии молҳо фарқи ночандон назарраси шакли берунаашон метавонад ба эътибор гирифта нашавад.

7. Ба молҳои якхела молҳое мансуб дониста мешаванд, ки шабеҳ набуда, аломатҳои якхела доранд ва аз унсурҳои монанд иборат буда, бинобар ҳамин амалҳои якхеларо иҷро мекунанд ва (ё) метавонанд дар тиҷорат якдигарро иваз намоянд.

Ҳангоми муайянсозии шабеҳияти молҳо, аз ҷумла сифат, мавҷудияти нишонаи мол, моҳияти он дар бозор, мамлакати пайдоиши мол ба эътибор гирифта мешаванд.

8. Ҳангоми муайянсозии нархи бозории мол (кор, хизматрасонӣ) амалиётҳои байни шахсони мутақобилан вобаста танҳо дар он ҳолат ба эътибор гирифта мешаванд, ки агар вобастагии байниҳамдигарии онҳо ба натиҷаи чунин амалиёт таъсир нарасонад.

9. Бозори мол (кор, хизматрасонӣ) аз доираи муомилоти чунин мол (кор, хизматрасонӣ) ташаккул меёбад, ки ин доираи муомилот вобаста ба имконияти фурӯшанда (харидор) дар асл ва бо хароҷоти начандон калон дар минтақаи ба фурӯшанда (харидор) наздиктарин пешниҳод намудани (харидани) мол (кор, хизматрасонӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди он муайян карда мешавад.

10. Ҳангоми муайянсозии нархи бозории мол (кор ё хизматрасонӣ) маълумот оид ба нархҳо дар лаҳзаи таҳвили ҳамин мол (кор ё хизматрасонӣ) дар амалиёти анҷомдодашуда (аҳдҳо) бо чунин моли (кор ё хизматрасонии) шабеҳ (якхела) дар шароити муқоисавӣ ба эътибор гирифта мешавад. Аз ҷумла, чунин шартҳои аҳд ба мисли миқдори (ҳаҷми) моли таҳвилшуда, мӯҳлати иҷрои ӯҳдадориҳо, шартҳои пардохте, ки маъмулан дар чунин аҳдҳо истифода мегарданд, инчунин дигар шартҳои оқилонае, ки ба нарх таъсир мерасонанд, ба эътибор гирифта мешаванд.

Дар баробари ин шартҳои муомилот дар бозори моли (кор ё хизматрасонии) шабеҳ (дар сурати набудани онҳо – якхела) ҳангоме муқоисашаванда эътироф мегарданд, ки агар фарқи байни ин шартҳо моҳиятан ба нархи чунин мол (кор ё хизмат) таъсир нарасонад ё бо назардошти тасҳеҳ ба инобат гирифта шавад.

11. Агар нисбати моли (кори, хизматрасонии) шабеҳ (якхела) дар бозори дахлдори мол (кор, хизматрасонӣ) ягон амалиёт гузаронида нашавад ё дар бозор чунин мол (кор, хизматрасонӣ) пешниҳод нагардад, нархи бозорӣ дар асоси нархҳои ҳангоми амалиёти дахлдор нисбати чунин моли (кори, хизматрасонии) шабеҳ (якхела) дар санаи ба лаҳзаи таҳвили моли (кори, хизматрасонии) номбаршуда наздиктарин, вале на зиёда аз 30 рӯзи тақвимӣ то лаҳзаи таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ) ё баъди он ташаккулёфта муайян карда мешавад. Ҳамзамон нархи бозории коғазҳои қиматнок дар асоси нархгузории (котировкаи) биржаи фондҳо барои коғазҳои шабеҳи ҳамон эмитент дар рӯзи наздиктарини фурӯш ё интиқоли коғази зикргардида муайян карда мешавад, ба шарте агар нархгузорӣ (котировка) мувофиқи расмиёти дар боло номбаршуда эълон гардад.

Нархи бозории мол (кор, хизматрасонӣ) метавонад бо истифодаи усули баинобатгирии нархи таҳвили минбаъда ё усули ҳисоби хароҷот муайян карда шавад.

Дар мавриди истифодаи усули баинобатгирии нархи таҳвили минбаъда нархи бозории молҳое (корҳое, хизматрасониҳое), ки фурӯшанда таҳвил менамояд, ҳамчун фарқи нархе, ки аз рӯи он харидорони ин молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) онҳоро ба харидорони минбаъдаи худ таҳвил кардаанд ва хароҷоти муқаррарии дар чунин ҳолатҳо масрафнамудаи ин харидор, ки барои ба муомилот баровардан ва таҳвили минбаъдаи ин молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) ба харидори минбаъда (бе назардошти нархе, ки аз рӯи он аз ҷониби харидори зикршуда аз фурӯшанда ин молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) дастрасшуда буданд) сарф шудаанд, бо назардошти меъёри фоидаи дар ҳамин соҳа муқаррааргардидаи ин харидор муайян карда шавад.

Дар мавриди ғайри имкон будани истифодаи усули баинобатгирии нархи таҳвили минбаъда (аз ҷумла, ҳангоми мавҷуд набудани маълумот оид ба нархи молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) минбаъд аз ҷониби харидор таҳвил дода шуда, усули ҳисоби хароҷот истифода бурда мешавад, ки мутобиқи он нархи бозории молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) аз ҷониби фурӯшанда таҳвилдода ҳамчун ҷамъи хароҷоти амалишуда ва фоидаи муқаррарӣ дар ин соҳаи фаъолият муайян карда мешавад. Ҳамзамон хароҷоти мустақим ва ғайримустақими муқаррарии дар чунин ҳолатҳо барои истеҳсол (дастрас намудан) ва (ё) таҳвили молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ, суғурта кардан ва дигар хароҷоти ба ин монанд, ба назар гирифта мешаванд.

~~12. Агар истифодаи муқаррароти қисмҳои 1-11 ҳамин модда имконнопазир бошад, нархи бозории мол (кор, хизматрасонӣ) мувофиқи тартиби тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ бо дигар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, муайян карда мешавад. Дар айни замон усулҳои зайли муайян намудани нархи бозории молҳо метавонанд истифода бурда шаванд: усули хароҷотӣ, усули нархи фурӯши минбаъда ва усулҳои дигар.~~

12. Дар мавриди ба миён омадани баҳс байни андозсупоранда ва мақоми андоз доир ба масъалаҳои татбиқи нархи бозорӣ мақоми болоии андоз, мақоми ваколатдори давлатӣ ё суд ҳақ доранд бо ҳолатҳои дар ҳамин модда овардашуда маҳдуд нашуда, ҳама гуна дигар ҳолатҳоро, ки барои муайян кардани натиҷаҳои аҳд ва ӯҳдадориҳои андоз аҳамият дорад, ҳамчунин эрод ва далелҳои пешниҳодкардаи андозсупорандаро ба назар гиранд.

13. Амалиёт оид ба мубодилаи молҳо, корҳо, хизматрасониҳо (амалиёти бартерӣ) амалиётест, ки мувофиқи он ҳар як тарафи мубодилакунанда молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) худро таҳвил дода, бар ивазаш молҳои дигар (корҳо, хизматрасониҳо) мегирад. Ҳамзамон

нархҳои бозорӣ ба молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) таҳвилшуда (харидашуда) дар рафти чунин амалиётҳо мутобиқи муқаррароти ҳамин модда муайян карда мешаванд.

14. Ҳангоми муайянсозӣ ва эътироф кардани нархи бозорӣ ба мол (кор, хизматрасонӣ) манбаъҳои расмии маълумот оид ба нархҳои бозорӣ ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва нархгузории (котировкаи) биржаҳо, маълумоти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ, маълумоте, ки андозсупорандагон ба мақомоти андоз пешкаш менамоянд, инчунин дигар маълумоти дахлдор истифода бурда мешаванд.

15. Дастурамал дар хусуси аз тарафи мақомоти андоз татбиқ намудани муқаррароти ҳамин модда аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ бо мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 33. Иҷораи молиявӣ (лизинг)**

1. Агар иҷорадеҳ амволи моддии истеҳлокшавандаро (амортизатсияшавандаро) тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ба иҷора диҳад, дар ин сурат бо мақсади ҳамин Кодекс иҷорагир ҳамчун соҳиби амвол баррасӣ гардида, пардохтҳои иҷоравӣ ҳамчун пардохт оид ба кредит (ки аз пардохтҳои қарзи асосӣ ва фоизҳо иборатанд), ки ба иҷорагир дода шудааст, баррасӣ мегардад.

2. Иҷораи амволи моддии истеҳлокшаванда аз иҷораи молиявӣ (лизинг) иборат мебошад, агар он ақаллан ба яке аз шартҳои зайл ҷавоб диҳад:

1) иҷора интиқоли моликиятро баъди гузаштани мӯҳлати иҷора пешбинӣ менамояд ё иҷорагир ҳуқуқ дорад амволро баъди ба охир расидани мӯҳлати иҷора бо нархи муқарраргардида ё нархе, ки мутобиқи шартномаи иҷора муайян шудааст, ба даст орад; ё

2) мӯҳлати иҷора аз мӯҳлати хизмати амволи иҷорагирифташуда 75 фоиз бештар аст; ё

3) арзиши боқимондаи баҳододашудаи амвол баъди ба охир расидани мӯҳлати иҷора камтар аз 20 фоизи нархи бозории онро то оғози иҷора ташкил медиҳад; ё

4) арзиши ҷории дисконтишудаи пардохти ҳадди ақал дар тамоми давраи мӯҳлати иҷора ба 90 фоизи арзиши бозории амвол то оғози иҷора баробар аст ё аз он баландтар мебошад; ё

5) амволи иҷорашаванда тибқи фармоиш барои иҷорагир таҳия шудааст ва баъди ба охир расидани мӯҳлати иҷора наметавонад ба ҷуз иҷорагиранда аз тарафи шахси дигар истифода шавад.

3. Банди 4) қисми 2 ҳамин модда нисбати иҷорае, ки оғози он ба 25 фоизи охирини мӯҳлати хизмати амвол рост меояд, татбиқ намегардад.

4. Барои мақсадҳои ҳамин модда меъёри ҳисобе, ки барои муайян намудани арзиши ҷории дисконтишудаи пардохтҳои иҷора истифода мегардад, ба меъёри фоизии дар қисми 3 моддаи 93 ҳамин Кодекс зикргардида баробар аст.

5. Барои мақсадҳои ҳамин модда мӯҳлати иҷора инчунин мӯҳлати иловагиеро дар бар мегирад, ки иҷорагиранда ҳуқуқ дорад иҷораро

мутобиқи шартномаи иҷора аз нав оғоз намояд.

**Моддаи 34. Муайян намудани истилоҳоти дигаре, ки барои мақсадҳои ҳамин Кодекс истифода шудаанд**

1. Активҳо (дороиҳо) - амвол, активҳои молию моддии дигар, фондҳои пулӣ ё ҳуқуқҳои амволие, ки маблағи умумии воситаҳои (фондҳои) асосӣ ва муомилотии корхонаро (шахсро) ташкил медиҳанд; ҳама гуна боигарии ба шахс тааллуқдошта; категорияи ҳисобие, ки арзиши амволи шахсии субъект ва инчунин восита ва захираҳоеро дар бар мегирад, ки барои пардохти (пӯшонидани) қарзҳо (ӯҳдадориҳо) таъин шудаанд.

2. Бақияпулӣ – маблағҳои андозҳо, фоизҳо ва ҷаримаҳое, ки барои пардохт ба буҷет ҳисоб карда шуда, вале дар мӯҳлати муқарраргардида, аз ҷумла мӯҳлати тағйирдодашуда, супорида нашудаанд.

3. Бурдҳо - ҳама гуна шакли даромади дар шакли асл (натуралӣ) ё пулӣ бадастовардаи андозсупоранда дар озмунҳо, мусобиқаҳо (олимпиадаҳо), фестивалҳо, бо лотереяҳо, дар бозиҳои пулӣ, аз ҷумла тавассути пасандозҳо ва коғазҳои қиматноки қарзӣ.

4. Воридоти мол — воридоти мол ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси низоми гумрукии иҷозатдиҳӣ барои муомилоти озод мувофиқи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

~~5. Воситаҳои асосӣ — активҳои моддӣ, ки мӯҳлати истифодабариашон зиёда аз як сол буда, мутобиқи моддаи 153 ҳамин Кодекс ба истеҳлокшавӣ воҷибанд.~~

5. Воситаҳои асосӣ – активҳои моддӣ, ки дар як вақт ба шартҳои зерин ҷавобгӯ мебошанд:

1) мӯҳлати хизматашон зиёда аз як сол;

2) онҳо ҳангоми истеҳсоли молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) ё барои эҳтиёҷоти идоравӣ ба сифати воситаҳои меҳнат истифода мешаванд;

3) ҳамчун қоида, арзиши ҳар як воҳиди чунин активҳои моддӣ аз ҳадҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои ба воситаҳои дар гардишбуда ҳамроҳ намудани активҳои моддӣ зиёд бошад;

4) онҳо бояд мутобиқи моддаи 153 ҳамин Кодекс истеҳлоқ шаванд.

6. Грант - амволе, ки ройгон: аз ҷониби давлатҳо, ҳукуматҳои давлатҳо; ташкилотҳои байналмилалӣ ва давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатии ҷамъиятии хориҷӣ ва фондҳое, ки фаъолияташон дорои хусусияти эҳсонкорӣ ва байналмилалӣ буда, хилофи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад, аз ҷониби шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванди ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба шахсони ҳуқуқӣ, инчунин ба шахсони воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил гаштан ба мақсадҳои (вазифаҳои) муайян, ки хилофи Конститусияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон нест, дода мешавад.

7. Ғайрирезидент - шахсе, ки резидент намебошад.

8. Даромад аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – ин намудҳои зерини воридот дар шакли пулӣ ва (ё) дар шакли аслӣ (бе тарҳ намудан аз онҳо) мебошанд, ки шахс гирифтааст:

1) даромад аз кори кироя дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) даромад аз таҳвили мол аз ҷониби истеҳсолкунанда, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол шудааст, инчунин даромад аз иҷрои кор ва хизматрасониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) даромад аз фаъолияти соҳибкорие, ки мумкин аст онро ба муассисаи доимии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбудаи ғайрирезидент мансуб донист, аз ҷумла:

- даромаде, ки ба фурӯши молҳои ҳамон намуд ё шабеҳ ба молҳое, ки тавассути чунин муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯхта мешаванд, мансуббуда ҳисобида шуда метавонанд;

- даромад аз фаъолияти соҳибкории дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифташуда, ки бо фаъолияти иҷрошавандаи чунин муассисаи доимӣ якхела ё ба он монанд аст.

4) даромади марбут ба иҷрои фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи доимӣ: ҳангоми аз ҳисоб баровардани қарзҳои беэътимоди андозсупоранда аз ҷониби кредиторони он; аз фурӯши воситаҳои асосӣ, ки мутобиқи банди 7 моддаи 153 ҳамин Кодекс ба даромад илова карда шудааст; ҷуброни хароҷот мутобиқи моддаи 193 ҳамин Кодекс;

5) даромади дар шакли дивидендҳо аз шахси ҳуқуқии резидентӣ гирифташуда, инчунин даромаде, ки аз фурӯш ё додани ҳиссаи иштирок дар чунин шахси ҳуқуқӣ ба даст омадааст;

6) даромади дар шакли фоизҳо аз резидентҳо гирифташуда;

7) даромади дар шакли фоизҳо гирифташуда аз шахси ғайрирезиденте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи доимӣ ё амвол дорад, агар қарзи чунин шахс бо ҳамин муассисаи доимӣ ё амвол алоқаманд бошад;

8) нафақа, агар онро резидент диҳад;

9) даромад дар шакли роялти, ки барои амволи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда ё истифодашаванда гирифта мешавад ё даромад аз фурӯш ё додани амволи дар қисми 38 ҳамин модда зикргардида, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст ё истифода мешавад;

10) даромаде, ки аз ҳисоби ба иҷора додани амволи манқули дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодашаванда ба даст меояд;

11) даромаде, ки аз ҳисоби амволи ғайриманқули дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда ба даст меояд, аз ҷумла даромад аз фурӯш ё додани ҳиссаи иштирок дар чунин амвол;

12) даромад аз фурӯш ё додани саҳмияҳо ё ҳиссаи иштирок дар корхонае, ки арзиши қисми бештари активҳои он мустақиман ё ғайримустақим аз ҳисоби арзиши амволи ғайриманқули дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъгардида ташаккул меёбад;

13) дигар даромадҳо аз фурӯш ё додани амвол аз ҷониби резиденте, ки ба иҷрои фаъолияти соҳибкорӣ вобаста намебошад;

14) даромади аз хизматрасонии идоракунӣ, молиявӣ ё суғуртавӣ, аз ҷумла хизматрасонии markaz азнавсуғуртакунӣ гирифташуда, агар онро корхонаи резидент ё муассисаи доимии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъгардидаи ғайрирезидент пардозад ё агар он дар асоси шартнома бо чунин корхона ё муассисаи доимӣ гирифта шуда бошад;

15) даромаде, ки дар шакли подоши суғуртавӣ дар асоси шартномаи суғурта ва аз нав суғуртакунии таваккал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта шудааст;

16) даромад аз хизматрасонии телекоммуникатсионӣ ё нақлиётӣ ҳангоми иҷрои алоқаҳои байналмилалӣ ё нақлиётии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳо;

17) даромад аз фаъолияте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи шартномаҳои (қарордодҳои) инфиродии меҳнатӣ ё дигар намуди шартномаҳои хусусияти гражданию ҳуқуқидошта гирифта шудааст;

18) ҳаққи (гонорарҳои) роҳбарон ва (ё) дигар пардохтҳое, ки ба аъзои мақоми олии роҳбарикунандаи (шӯрои директорон, раёсат ё мақоми дигари шабеҳ) шахси ҳуқуқӣ – резидент, сарфи назар аз маҳали воқеии иҷрои ӯҳдадориҳои идоракунии  ба зиммаи чунин шахсон гузошташуда гирифтаанд;

19) изофапулиҳое, ки вобаста ба истиқомат намудан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешаванд;

20) даромади шахсони воқеӣ-ғайрирезидентҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркунанда дар шакли ҷубронпулӣ ба онҳо (ба ҳамин шахсон), ки барои пӯшонидани хароҷоти чунин шахсони воқеӣ–ғарирезидентҳо ба неъматҳои моддӣ, маишӣ ё дигар манфиатҳои моддӣ, аз ҷумла хароҷот барои хӯроквории, истиқомат, таҳсили кӯдакон дар муассисаҳои таълимӣ, хароҷоти вобаста ба истироҳат, аз ҷумла роҳкирои сафари аъзои оилаи онҳо ба рухсатӣ, аз тарафи (аз ҳисоби) корфармоён ё кироякунандагон дода шудааст;

21)  пардохти нафақапулиҳое, ки фондҳои резидентии замшавандаи нафақавӣ анҷом медиҳанд;

22) даромадҳои вобаста ба фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳунармандони театру кино, кормандони радио ва телевизион, навозандагон, рассомон ва варзишгарон пардохтшаванда, сарфи назар аз он, ки чунин даромадҳоро ба кӣ мепардозанд;

23) бурдҳое, ки резидентҳо мепардозанд;

24) даромаде, ки тавассути хизматрасонии  мустақили шахсӣ (касбӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудааст;

25) даромаде, ки дар шакли ройгон гирифтани амволи воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин даромаде, ки аз чунин амвол гирифта шудааст;;

26) дигар даромадҳое, ки дар бандҳои болоии ҳамин модда зикр нашудаанд ва дар асоси фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд.

Ҳангоми муайян намудани манбаи даромад мутобиқи ҳамин қисм маҳали пардохтани даромад ба инобат гирифта намешавад.

9. Даромад дар шакли асл (натуралӣ) – даромад дар шакли таҳвили

мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ.

10. Суди саҳмияҳо (дивидендҳо) — ҳама гуна тақсимоти восита ё амволи шахси ҳуқуқӣ байни иштирокчиёни (саҳҳомони) он, аз ҷумла: даромаде, ки саҳҳом (иштирокчӣ) аз шахси ҳуқуқӣ – эмитент ҳангоми тақсимоти фоидаи ҳарсолаи баъди андозбандӣ боқимонда мутаносибан ба микдори (ҳиссаҳои) саҳмияҳои саҳҳом дар сармояи оинномавии (саҳҳомии, ҷамъшавандаи) ин шахси ҳуқуқӣ гирифтааст; суди саҳмияе (дивиденде), ки саҳҳом (иштирокчӣ) таҳти дигар пардохтҳои пардапӯшшуда гирифтааст; даромаде, ки саҳҳом (иштирокчӣ) аз тақсими воситаҳо ва амвол тибқи тартиби аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ – эмитент харидани саҳмияҳои худ гирифтааст ва даромаде, ки саҳҳом (иштирокчӣ) аз тақсими амволи шахси ҳуқуқӣ ҳангоми барҳамдиҳӣ гирифтааст, бо тарҳи (дар ҳарду маврид) арзиши амволе (саҳмияҳое), ки муассис дар шакли саҳм ба фонди оинномавӣ (сармояи саҳҳомӣ) гузаронидааст. Даромаде, ки саҳҳом (иштирокчӣ) дар шакли тақсими саҳмияҳои худ аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ – эмитент байни саҳҳомон гирифтааст ва таносуби фоизии (ҳиссаи) саҳмияҳои саҳҳомонро дар сармояи саҳҳомии (ҷамъшавандаи) шахси ҳуқуқӣ – эмитент тағйир намедиҳад, суди саҳмия (дивиденд) ба ҳисоб намеравад.

11. Замин барои сохтмони манзил- ин замини шаҳрҳо ва шаҳракҳо, ки ба шахсони воқеӣ тибқи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сохтмони манзил ҷудо гардидааст.

12. Имзои электронии андозсупоранда - воситаи махсуси криптографии таъминкунандаи ҳаққоният, пуррагӣ ва муаллифии ҳуҷҷатҳои электронӣ.

13. Иҷрои корҳо — ҳар гуна иҷрои кор бар ивази подош.

14. Иштирокчӣ — саҳҳом, шарик ё дигар иштирокчӣ дар активҳо ва фоидаи корхона.

15. Кор - фаъолиятест, ки натиҷаҳои он моҳияти моддӣ дорад, аз ҷумла корҳои сохтмонӣ, васл ва таъмиркунӣ, тадқиқоти илмӣ, корҳои таҷрибавию конструкторӣ ва лоиҳакашӣ.

16. Корхонаи фаръӣ — корхона ҳангоме фаръӣ ба ҳисоб меравад, ки агар ба дигар корхона (асосӣ) 50 ё бештар фоизи ҳиссаи иштирок (фоизи саҳмияҳо) бо ҳуқуқи овози ҳамин корхона тааллуқ дошта бошад.

17. Кӯмаки башардӯстона (гуманитарӣ) - амволе, ки ройгон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шахсияти субъектҳои он дар шакли озуқа, молҳои истеъмоли халқ, техника, таҷҳизот, воситаҳои тиббӣ ва доруворӣ, дигар асбобу анҷом аз кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ барои беҳбуди шароити зисту маишии аҳолӣ, инчунин пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳодисаҳои фавқулоддаи дорои хусусияти ҳарбӣ, экологӣ, табиӣ, техногенӣ ва ғайра фиристода шудааст ва он мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсим мешавад.

18. Кӯмаки эҳсонкорӣ - амволе, ки ба тариқи ройгон ба шахсони воқеӣ бо мақсади дастгирии вазъи иҷтимоии онҳо ва ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо мақсади дастгирии фаъолияти оинномавии онҳо дода

шудааст.

19. Қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон - ин қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқаррароти қонунгузории гумрук мебошад.

20. Қарзи беэътимод (шубҳанок) - ин маблағи ба андозсупоранда тааллуқдошта, ки аз сабаби пардохтнопазирӣ ё барҳам хӯрдани қарздор андозсупоранда имкон надорад онро пурра гирад ё ҳангоме, ки эҳтимоли гирифтани он аз қарздор ва шахси сеюм ниҳоят кам аст. Дар ҳама ҳолат қарзи беэътимод (шубҳанок) қарзест, ки барои пӯшонидани он ягон пардохт дар мӯҳлати 3 сол аз лаҳзае, ки бояд чунин пардохт анҷом дода мешуд, сурат нагирифтааст.

21. Қитъаи замини наздиҳавлигӣ - ин заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ки тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони воқеӣ чудо гардидааст, аз ҷумла майдони замин барои сохтмон ва ҳавлӣ. Қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ қитъаҳои заминеро, ки тибқи тартиби муқарраршуда барои ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) чудо гардидаанд, инчунин қитъаҳои заминеро, ки ба шахсони воқеӣ барои иҷора дода шудаанд, дар бар намегирад.

22. Манбаи пардохти даромад - шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқие, ки аз он (аз ҳисоби он) субъект (дигар шахс) даромад мегирад.

23. Мақоми ваколатдори давлатӣ - мақоми иҷроияи марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки назорати андозиро оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои андоз дар назди давлат таъмин мекунад ва аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

24. Мақомоти ваколатдор - мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои мақомоти андоз, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳисоб намудан ва (ё) ҷамъоварии дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ваколатдор шудаанд.

25. Маҳали истиқомати шахси воқеӣ - ҷое, ки шахси воқеӣ муқимӣ ё аксаран дар он ҷой зиндагӣ мекунад. Ин маҳал метавонад аз маҳали бақайдмонии ин шахс фарқ кунад.

26. Маҳали ҷойгиршавии воҳидҳои махсуси шахси ҳуқуқӣ – маҳале, ки шахси ҳуқуқӣ тавассути воҳидҳои махсуси худ фаъолиятро анҷом медиҳад; маҳали дар асл воқеъбудаи воҳидҳои махсус.

27. Маҳсулоти кишоварзӣ - ин натиҷаи ибтидоии (маҳсули) парвариши растаниҳои кишоварзӣ ва чорво (аз ҷумла худи чорвои зинда), ки таҳти коркарди минбаъда қарор нагирифтааст.

28. Мол — ҳама гуна амволи моддӣ ё ғайримоддӣ, аз ҷумла қувваи барқ ё қувваи гармӣ, газ ва об. Барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда молҳо амволи ғайримоддӣ, воситаҳои пулӣ ва заминро дарбар намегиранд.

29. Подоши суғуртавӣ (саҳми суғуртавӣ) – маблағе, ки суғуртакунанда ба муассисаи суғуртакунӣ барои аз ҷониби охирон гирифтани ӯҳдадорӣ оид ба ҷуброни зарар ба суғурташаванда ё ба суғурташаванда пардохтани маблағи суғуртавӣ (ҷубронпулии суғуртавӣ)

ҳангоми рух додани ҳодисаи дахлдор (ҳодисаи суғуртавӣ) медиҳад (мепардозад).

30. Низоми андоз - маҷмӯи меъёрҳои қонунгузории андоз, ки андозсупоранда ҳангоми ҳисоб намудан ва пардохтани тамоми намудҳои андози ба буҷет воридшаванда, ки ҳамин Кодекс муқаррар намудааст, истифода мебарад.

31. Номенклатураи молии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ - системаи рамзҳои гурӯҳбандинамудаи (классификатсияи) молҳо, ки мутобиқи Конвенсияи байналмилалии ҳамоҳангсозии системаи тавсиф ва рамзгузорӣ (Номенклатураи молии фаъолияти иқтисодии хориҷии Иттиҳоди иқтисодии Евразия (НМ ФИХ ИИЕ)) қабул шудааст.

32. Огоҳнома - ҳама гуна хабаррасонии хаттие, ки бо назардошти талаботи боби 5 ва дигар муқаррароти ҳамин Кодекс тартибдодашуда аз ҷониби мақомоти андоз ба андозсупорандагон, агентҳои андоз ё шахсони дигар ирсол гардидааст.

33. Оила - зану шавҳар, фарзандон ва падару модароне, ки якҷоя зиндагӣ менамоянд ва хоҷагии умумиро пеш мебаранд.

34. Рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) — рақаме, ки мақомоти андоз ба шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ додаанд.

35. Резидент - шахси воқеӣ-резидент, корхонаи резидентӣ ё ташкилоти ғайритиҷоратии резидентӣ.

36. Реимпорти молҳо - воридоти молҳо аз ҷониби шахсе, ки ин молҳоро содир намудааст, бе таҳвили минбаъда ва дигаргунсозӣ баъди содирот.

37. Реэкспорти молҳо - содироти молҳо аз ҷониби шахсе, ки ин молҳоро ворид намудааст, бе таҳвили минбаъда ва дигаргунсозӣ баъди воридот.

38. Роялти — маблағдиҳӣ: барои ҳуқуқи истифодаи канданиҳои фоиданок дар ҷараёни истихроҷи канданиҳои фоиданок ё коркарди ташкилаҳои техногенӣ, ё барои истифода, ё ҳуқуқи истифодаи ҳуқуқҳои муаллифӣ, таъминоти барномавӣ, патентҳо, накша ё намуна (макет), тамғаҳои савдо ё дигар ҳуқуқҳое, ки аз онҳо бармеоянд; барои истифода ё ҳуқуқи истифодаи таҷҳизоти саноатӣ, тиҷоратӣ ё илмию тадқиқотӣ; барои истифодаи донишҳои технологӣ; барои истифода ё ҳуқуқи истифодаи кинофилмҳо, видеофилмҳо, сабтҳои овоз ё дигар шаклҳои сабт; барои пешниҳоди кӯмаки техникии вобаста ба амалиёти номбаршуда; ё барои даст кашидан аз истифодаи ҳама гуна ҳуқуқҳои зикргардида.

39. Содироти мол - тибқи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани мол аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

40. Ташкилоти байналмилалӣ - ин субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, ки дар асоси шартнома байни давлатҳо ё ҳукумати давлатҳо таъсис шудааст.

41. Воҳидҳои махсуси шахси ҳуқуқӣ - ҳама гуна сохтори махсуси минтақавии шахси ҳуқуқӣ, ки қисме аз вазифаҳои шахси ҳуқуқиро иҷро менамояд ва дар маҳали ҷойгиршавии он ҷойҳои кории статсионарӣ

таҷҳизонида шудаанд. Ҷои корие, ки ба мӯҳлати зиёда аз як моҳ ташкил мешавад, статсионарӣ ба ҳисоб меравад.

42. Таҳвили мол — додани ҳуқуқи моликият ба молҳо, аз ҷумла фурӯш, мубодила ё тақдим, интиқоли ройгон ё қисман пардохт намудани он, додани музди меҳнат дар шакли асл (натуралӣ) ва пардохтҳои дигари дар шакли аслӣ, инчунин ба гаравгиранда додани ҳуқуқи моликият ба моли дар гарав мондашуда.

43. Транзит тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон - интиқоли молҳо тахти назорати мақомоти гумрук ба воситаи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як пункт ба пункти дигари сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

44. Усули ҳисобу замкунӣ - усули баҳисобгирии андоз, ки мувофиқи он даромад ва хароҷот аз лаҳзаи иҷрои корҳо, хизматрасониҳо, ҳамлу нақли (таҳвили) молҳо бо мақсади фурӯш ва аз худ намудани амвол, новобаста аз вақти пардохтшавӣ, ба ҳисоб гирифта мешавад.

45. Фоидаи соф (даромади соф) - фоидае (даромаде), ки баъди аз фоидаи (даромади) андозбандишаванда тарҳ намудани андоз аз фоида (андози даромад) боқӣ мемонад.

46. Фоизҳо - ҳама гуна пардохт вобаста ба ӯҳдадории қарзӣ, аз ҷумла ӯҳдадориҳои андоз, ҳамчунин пардохт барои додани кредитҳо (қарзҳо, вомбаргҳо) ва барои маблағҳои дар депозитҳо (суратҳисобҳо) буда.

47. Хароҷоти намояндагӣ - ин хароҷот марбут ба қабул ва хизматрасонии ҳама гуна ашхос, аз ҷумла хароҷоте, ки барои мақсадҳои муқаррарсозӣ ё дастгирии ҳамкориҳои мутақобила, инчунин барои иштирокчиёни ба маҷлиси шӯрои директорон, комиссияи тафтишотӣ, маҷлиси саҳмдорон ташрифоварда сурат гирифтааст. Ба хароҷоти намояндагӣ хароҷоти вобаста ба қабули расмии шахсони зикргардида, хизматрасонии буфет (фуршетӣ) ҳангоми гуфтушунид дохил мешавад.

48. Хешовандон -

1) шахсоне, ки ба ҳамин сифат мутобиқи қонунгузории оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гаштаанд;

2) шахсоне, ки дар натиҷаи васоят ё парастории дарозмуддат муносибатҳое барқарор намудаанд, ки шабеҳи муносибатҳои хешовандӣ мебошанд.

Муносибатҳои васигӣ ё парасторӣ байни шахсоне, ки якҷоя зиндагӣ доранд, ба муносибатҳои хешовандӣ баробар дониста мешаванд. Қатъи зиндагии якҷоя байни шахсони мазкур ҳангоми нигоҳ доштани муносибатҳои шабеҳи хешовандӣ ба ҳисоб гирифта намешавад.

49. Хизматрасонӣ — ҳама гуна фаъолият бар ивази подош, ки бе таҳвили мол ё иҷрои корҳо сурат мегирад, аз ҷумла:

1) хизматрасонии нақлиётӣ ё экспедиторӣ, аз ҷумла интиқоли газ, нафт ва маҳсулоти нафт, қувваи барқ ё қувваи гармӣ;

2) ба иҷора додани амволи манқул ва ғайриманқул;

3) хизматрасонии алоқа, маишӣ, манзилию коммуналӣ;

4) хизматрасонӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, хизматрасонии таълимӣ ва тиббӣ;

5) хизматрасонии рекламавӣ;

6) хизматрасонӣ оид ба навсозии технология, хизматрасонӣ оид ба таҳлилу коркарди нишондиҳандаҳо ва пешбурди махзани маълумот;

7) хизматрасонӣ оид ба тайёрии пеш аз фурӯши молҳо;

8) хизматрасонӣ оид ба нигаҳдории молҳо ё дигар амвол, ё таъмини муҳофизат;

9) дигар хизматрасониҳо, вале барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда додани ҳуқуқи моликият ба воситаҳои пулӣ ва муносибатҳои иҷоравӣ ба замин, инчунин хизматрасониҳо ба корфармо ба ҳайси коргари кироя истисно карда мешавад.

50. Хизматрасониҳои молиявӣ —

1) пешниҳод, фурӯш ё додани кредитҳо, кафолатҳои кредитӣ ва ҳама гуна дигар таъминоти кафолатии амалиёти пулӣ-кредитӣ, аз ҷумла идоракунии кредитҳо ва кафолатҳои кредитӣ аз ҷониби шахсе, ки кредит ё кафолат медиҳад;

2) пешниҳод, фурӯш ё додани қарзҳо (аз ҷумла қарзҳои хурд), кафолати қарзҳо (қарзҳои хурд) ё ҳама гуна дигар таъминоти кафолатии чунин амалиёти пулӣ-кредитӣ, аз ҷумла идоракунии қарзҳо (қарзҳои хурд) ва кафолатҳои қарзҳо (қарзҳои хурд) аз ҷониби шахсе, ки қарзҳо (қарзҳои хурд) ё кафолат медиҳад;

3) амалиёте, ки ба идоракунии депозитҳо ва суратҳисобҳо, пардохтҳо, пулгузарониҳо, ӯҳдадориҳои қарзӣ, воситаҳои маблағсупорӣ ва дигар воситаи мизоҷон вобаста аст;

4) амалиёти вобаста ба муомилоти арз, воситаҳои пулӣ ва банкнотҳое, ки воситаи қонунии пардохт мебошанд (ба истиснои предметҳои нумизматӣ);

5) амалиёти вобаста ба муомилоти саҳмияҳо, вомбаргҳо, сертификатҳо, векселҳо, чекҳо ва дигар коғазҳои қиматнок (ба истисноi хизматрасонии нигоҳдории онҳо);

6) амалиётҳои вобаста ба аҳдҳое, ки ба воситаҳои молиявии ҳосилшуда, шартномаҳои форвардӣ, опсион ва созишномаҳои шабеҳ алоқаманд мебошанд;

7) хизматрасонии вобаста ба идоракунии фондҳои инвеститсионӣ;

8) амалиёти суғуртакунӣ ва аз нав суғуртакунӣ;

9) иҷораи молиявӣ (лизинг). Барои мақсадҳои ҳамин Кодекс иҷораи молиявӣ (лизинг) ҳамчун як амалиёти том дониста мешавад, ки харидани (таҳвил ва (ё) воридоти) амволи моддии истеҳлокшаванда (воситаҳои асосии истеҳлокшаванда) ва (ё) ба иҷора додани онро (онҳоро) мутобиқи моддаҳои 33 ва 192 ҳамин Кодекс дар бар мегирад.

Номгӯи мушаххаси амалиётро, ки мутобиқи ҳамин қисм таҳти истилоҳи "хизматрасониҳои молиявӣ" муайян мегардад, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи Бонки миллии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар менамояд.

51. Ҳиссаи иштирок - ҳиссаи иштироки шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо амволи худ дар таъсисёбии корхонаҳо, ба истисноi ҷамъиятҳои саҳҳомӣ.

52. Ҳуҷҷати электронии андозсупоранда - ҳуҷҷати дар шакли

муқарраршудаи электронӣ тартиб ва пешниҳодгардида, ки рамзгузорӣ ва бо имзои электронии андозсупоранда тасдиқ шудааст ва баъди қабул ва тасдиқи эътиборнокии он дорои қувваи ҳисоботӣ мебошад.

53. Пардохти суғуртавӣ (ҷубронпулии суғуртавӣ, маблағи суғуртавӣ) - маблағе, ки муассисаи суғуртакунӣ ба шахси суғурташуда тибқи суғуртакунии амволӣ ва суғуртакунии ҷавобгарӣ барои пӯшонидани зарар дар натиҷаи ҳодисаҳои суғуртавӣ мепардозад.

54.Ширкати иҷораи молиявӣ (лизинг) - шахси ҳуқуқӣ, ки зиёда аз 50 фоизи даромади он даромад аз амалиёти иҷораи молиявӣ (лизинг) мебошад.

55. Шахс — мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ. Агар ҳамин Кодекс тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад, корпоратсияҳо, ширкатҳо, фирмаҳо, фондҳо, муассисаҳо ва дигар сохторҳои мувофиқи қонунгузории давлати хориҷӣ таъсисшуда, инчунин воҳидҳои махсуси онҳо (филиалҳо, намояндагиҳо, муассисаҳои доимӣ ва ғайра), ки мувофиқи қонунгузории давлати хориҷӣ ё Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шудаанд, ташкилотҳои байналмилалӣ, филиал ва намояндагиҳои онҳо, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтаанд ва (ё) амал мекунанд, барои мақсадҳои ҳамин Кодекс чун шахси мустақили ҳуқуқӣ баррасӣ мегарданд, новобаста аз он, ки дар давлати хориҷии таъсисёфтаашон вазъи шахси ҳуқуқӣ доранд ё на.

# ФАСЛИ II. МУҚАРРАРОТИ УМУМИИ МАЪМУРӢ

## БОБИ 3. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 35. Тартиби татбиқи муқаррароти маъмурӣ

Агар дар ҳамин Кодекс тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, муқаррароти маъмурии дар ҳамин фасл ва фасли III муқарраршуда нисбати ҳамаи намудҳои андоз татбиқ мегарданд.

Қоидаҳои пешбининамудаи ҳамин боб нисбати агентҳои андоз татбиқ мегарданд.

### Моддаи 36. Назорати андоз оид ба воридоти пурра ва саривақтии пардохтҳо ба буҷет

1. Мақомоти андоз барои иҷрои назорати андоз нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ доир ба ҳисоби дуруст ва пардохти саривақтии андозҳо ва дигар ҷанбаҳои андозбандӣ ва ҷамъоварии андозҳо ҷавобгарии пурра ва истисноӣ доранд, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки ҳамин Кодекс чунин ҷавобгариро ба зиммаи дигар мақомот вогузор намудааст.

2. Назорати андозро мақомоти андоз тавассути чораҳои зерин амалӣ менамояд:

1) баҳисобгирии бақайдгирии андозсупорандагон ва бо рақами мушаххаси андозсупоранда таъмин намудани онҳо;

2) баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ ва объектҳои бо андозбандӣ алоқаманд;

3) баҳисобгирии пардохт ба буҷет;

4) баҳисобгирии супорандагони андоз аз арзиши иловашуда;

5) санҷишҳои андоз;

6) назорати камералӣ;

7) назорати қоидаҳои истифодаи мошинаҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ;

8) назорати дурустии тамғагузории намудҳои алоҳидаи молҳои зераксизӣ ва ташкили дидбонгоҳҳои аксизӣ;

9) назорат аз болои мақомоти ваколатдоршуда оид ба ситонидани андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет.

3. Мақомоти гумрук назорати андозро дар доираи салоҳияташон оид ба ситонидани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ки вобаста ба интиқоли молҳо тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, мутобиқи ҳамин Кодекс ва қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

**Моддаи 37. Ҳуқуқҳои андозсупорандагон, таъмин ва ҳимоя намудани онҳо**

1. Андозсупоранда ҳуқуқ дорад:

~~1) аз мақомоти андоз оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, дар бораи тағйирот ба қонунгузории андоз маълумот дастрас намояд ва вобаста ба масъалаҳои татбиқи қонунгузории андоз шарҳи хаттӣ гирад;~~

1) аз мақомоти андоз доир ба ҳамаи масъалаҳои оид ба андозбандӣ ва дигар пардохтҳои хатмӣ ба буҷет вобаста буда, аз ҷумла оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки масъалаҳои андозбандиро танзим менамоянд, оид ба санҷиши дарпешистодаи фаъолияти худ (ба истисноi санҷишҳои амалиётӣ) маълумот талаб намояд ва вобаста ба масъалаҳои татбиқи қонунгузориҳои андоз шарҳи хаттӣ гирад;

2) манфиатҳои худро оид ба масъалаҳои муносибатҳои андоз шахсан ё тавассути намояндаи худ муҳофизат намояд;

3) ҳангоми гузаронидани назорати андоз иштирок намуда, нусхаи ҳуҷҷатҳоро оид ба натиҷаҳои назорати андоз талаб намояд ва гирад;

4) ба мақомоти андоз ~~аз рӯи натиҷаҳои назорати андоз~~, дар рафти гузаронидани назорати андоз ва аз рӯи натиҷаҳои он, оид ба ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет тавзеҳот пешниҳод намояд;

5) доир ба ҳолати ҳисоббаробаркунӣ бо буҷет оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ аз варақаҳои ҳисобномаҳои шахсиаш нусха гирад;

6) мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати санадҳои санҷиши андоз ва огоҳномаҳо оид ба санадҳои санҷиши андоз ва амали (беамалии) шахсони мансабдори мақомоти андоз шикоят намояд;

7) пинҳон доштани сирри андозро талаб кунад;

8) маълумотнома ва ҳуҷҷатҳои ба андозбандӣ вобаста набударо надиҳад;

9) имтиёзҳои андозро тибқи тартиб ва асосҳои мавҷуда мутобиқи

қонунгузории андоз истифода барад;

10) мӯҳлати тамдиди (ба таъхир гузоштани) пардохти андозҳоро тибқи тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс дастрас намояд;

11) баҳисобгирӣ ё баргардонидани саривақтии маблағҳои андозҳои барзиёд супорида ё ситонидашударо (андозҳои ба буҷет барзиёд дохилшударо) талаб намояд;

12) аз шахсони мансабдори мақомоти андоз риояи қонунгузории андозро ҳангоми иҷрои амал нисбати андозсупорандагон талаб намояд;

13) санадҳо (қарорҳо) ва талаботи мақомоти андоз ва шахсони мансабдори онро, ки ба қонунгузории андоз, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба андозбандӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ нестанд, иҷро накунад;

14) аз шахсони мансабдори санҷишкунандаи мақоми андоз барои гузаронидани санҷиши андоз асос талаб намояд, бо шаҳодатномаи хизматии онҳо шинос шавад;

15) бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз мақоми андоз товони зарари дар натиҷаи қабули қарор ва амалҳои (беамалии) ғайриқонунии шахсони мансабдори он расонидашударо талаб кунад;

16) дар ҷараёни гузаронидани санҷишҳои андоз мутахассисон, намояндагони ассотсиатсияҳо ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятиро ҷалб кунад, инчунин салоҳияти шахсони ҷалбкарда бояд мутобиқи қисми 3 моддаи 39 ҳамин Кодекс тасдиқ карда шавад.

2. Андозсупоранда дорои дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

3. Ба андозсупорандагон ҳифзи судии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниашон кафолат дода мешавад.

Тартиби ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии андозсупорандагонро ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд.

4. Ҳуқуқҳои андозсупорандагон тавассути ӯҳдадориҳои дахлдори шахсони мансабдори мақомоти андоз таъмин карда мешаванд.

Иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳо оид ба таъмини ҳуқуқҳои андозсупорандагон боиси кашидан ба ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

**Моддаи 38. Ӯҳдадориҳои андозсупоранда**

1. Андозсупоранда ӯҳдадор аст:

1) сари вақт дар баҳисобгирии бақайдгирӣ ба сифати андозсупоранда ва қайди супорандаи андоз аз арзиши иловашуда истад;

2) ҳамаи ӯҳдадориҳои андозро мутобиқи ҳамин Кодекс дар ҳаҷми пурра иҷро намояд;

3) талаботи қонунии мақомоти андозро дар хусуси бартараф намудани вайронкуниҳои ошкоршудаи қонунгузории андоз иҷро намуда, инчунин ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ба фаъолияти қонунии онҳо монеъ нашавад;

4) дар асоси амрнома шахсони мансабдори мақомоти андозро барои

азназаргузаронии амволе, ки объекти андозбандӣ ва (ё) объекти бо андозбандӣ алоқаманд мебошанд, иҷозат диҳад;

5) ба мақомоти дахлдори андоз эъломияҳои андоз, дигар ҳисоботи андоз ва ҳуҷҷатҳоро тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс пешниҳод намояд;

6) ҳисоббаробаркунии пулиро мутобиқи ҳамин Кодекс бо истеъмолкунандагон, ки ҳангоми иҷрои амалиёти тиҷоратӣ ё хизматрасонӣ тавассути пули нақд, кортҳои пардохтии бонкӣ, чекҳо бо татбиқи ҳатмии мошинаҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва додани чеки назоратӣ ба дасти истеъмолкунанда сурат мегирад, амалӣ намояд;

7) бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз баҳисобгирии даромадҳои (хароҷотҳои) худ, объекти андозбандӣ ва (ё) объектҳои бо андозбандӣ алоқамандро пеш барад;

8) дар муддати на камтар аз 3 соли баъди ба охир расидани соли тақвимӣ маълумоти баҳисобгирии муҳосиботӣ, дигар баҳисобгириро ва ҳуҷҷатҳои барои ҳисоб ва пардохти андозҳои барои ҳамин соли тақвимӣ зарурӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи даромадҳои гирифташуда, хароҷот ва андозҳои пардохтшударо (нигоҳдошташударо) нигоҳ дорад.;

9) ҳар сол барӯихатгирии амвол ва ӯҳдадориҳоро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ гузаронад;

10) мақоми андози маҳалли бақайдгириро оид ба ҳамаи суратҳисобҳои кушодааш дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявию кредитӣ (ба истисной суратҳисобҳои пасандозии (депозитии) шахсони воқеӣ) дар мӯҳлати на дертар аз 5 рӯзи корӣ аз рӯзи кушодани суратҳисобҳо хабардор намояд.

11) то санаи 15-уми июли соли ҷорӣ барои нимсолаи якуми соли ҷорӣ ва то 15-уми январи соли минбаъда барои нимсолаи дуюми соли ҷорӣ ба мақоми андози маҳалли баҳисобгирии бақайдгирӣ дар ҳолатҳо, шаклҳо ва бо тартибе, ки мақоми ваколатдори давлатӣ бо мувофиқаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, ҳисобот оиди маблағҳои имтиёзҳои андоз доир ба андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллӣ ҳангоми муайян намудани ӯҳдадориҳои андозии худ мутобиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта, аз ҷумла оид ба имтиёзҳои андозии ба дигар шахсон додашуда, ҳангоми аз ҷониби ин андозсупоранда иҷро намудани амалҳои агенти андоз пешниҳод намояд.

2. Андозсупоранда дигар ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодексро иҷро менамояд.

3. Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба ғайр аз ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда ӯҳдоранд ба таври хаттӣ ба мақомоти андози маҳали бақайдгириашон маълумоти зеринро пешниҳод намоянд:

1) оид ба ҳамаи воҳидҳои махсусашон, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд– дар мӯҳлати на дертар аз 30 рӯзи тақвимӣ аз

рӯзи таъсис, азнавташкилшавӣ ё барҳамхӯрӣ;

2) оид ба эълон намудани муфлисшавӣ, барҳамхӯрӣ ё азнавташкилшавӣ – дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи қабули чунин қарор;

3) оид ба тағйир ёфтани маҳали ҷойгиршавӣ ё зист – дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи чунин тағйирот.

4. Барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои ба зиммааш гузошташуда андозсупоранда мутобиқи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

**Моддаи 39. Ҳуқуқ ба намояндагӣ дар муносибатҳое, ки қонунгузории андоз танзим менамояд**

1. Андозсупоранда дар муносибатҳое, ки қонунгузории андоз танзим менамояд, агар ҳамин Кодекс тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад, метавонад тавассути намояндаи қонунӣ ё ваколатдор иштирок намояд.

2. Иштироки шахсии андозсупоранда дар муносибатҳое, ки қонунгузории андоз танзим менамояд, ӯро аз ҳуқуқи доштани намоянда маҳрум намекунад, ҳамчунин иштироки намоянда андозсупорандаро аз ҳуқуқи иштироки шахсӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии номбаршуда маҳрум наменамояд.

3. Ваколатҳои намоянда мутобиқи ҳамин Кодекс ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо ҳуҷҷат тасдиқ шуда бошанд.

**Моддаи 40. Намояндаи қонунии андозсупоранда**

1. Намояндагони қонунии андозсупоранда-шахси ҳуқуқӣ шахсоне эътироф мегарданд, ки дар асоси қонун ё ҳуҷҷати таъсисии онҳо ваколати намояндагии чунин шахси хуқуқиро доранд.

2. Намояндагони қонунии андозсупоранда—шахси воқеӣ шахсоне эътироф мегарданд, ки мутобиқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати намояндагони он баромад мекунанд.

**Моддаи 41. Амали (беамалии) намояндагони қонунии шахси ҳуқуқӣ**

Амали (беамалии) намояндагони қонунии шахси ҳуқуқӣ вобаста ба иштироки ин шахс дар муносибатҳои тибқи қонунгузории андоз танзимшаванда амали (беамалии) ҳамин шахси ҳуқуқӣ эътироф мегардад.

**Моддаи 42. Намояндаи ваколатдори андозсупоранда**

1. Намояндаи ваколатдори андозсупоранда шахси воқеӣ ё ҳуқуқие эътироф мегардад, ки андозсупоранда ӯро барои манфиатҳояш дар муносибат бо мақомоти андоз ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои тибқи қонунгузории андоз танзимшаванда ваколатдор намудааст.

2. Шахсони мансабдори мақомоти андоз, воҳидҳои полиси андоз, судяҳо, муфаттишон ва прокурорҳо, инчунин дигар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти судӣ, мақомоти гумрук ва хизматчиёни ҳарбӣ наметавонанд намояндагони ваколатдори андозсупоранда шаванд.

3. Намояндаи ваколатдори андозсупоранда-шахси ҳуқуқӣ ваколатҳои худро дар асоси ваколатнома иҷро менамояд, ки мувофиқи тартиби

муқаррарнамудаи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

Намояндаи ваколатдори андозсупоранда-шахси воқеӣ ваколатҳои худро дар асоси ваколатномаи ба тарзи нотариалӣ тасдиқшуда ё ваколатномаи мутобиқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ваколатномаи ба тарзи нотариалӣ тасдиқшуда баробаркардашуда ичро менамояд.

**Моддаи 43. Асъори бо мақсадҳои андозбандӣ истифодашаванда**

Ҳама гуна амалиёт бо асъори хориҷӣ барои мақсади андозбандӣ ба асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи қурби ҳисобкунии расмии Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи анҷом додани амалиёт аз нав ҳисоб карда мешавад.

Асъори хориҷие, ки нисбати он қурби ҳисобкунии расмии Бонки миллии Тоҷикистон мавҷуд нест, аз рӯи қурби ҳисобкунии асъори дигар, дар асоси қурби асъорҳои марбута нисбати доллари ИМА муайян ва аз нав ҳисоб карда мешавад.

**Моддаи 44. Чораҳои мубориза зидди саркашӣ аз андозсупорӣ ва усулҳои алтернативии андозбандӣ**

1. Ҳама гуна маблағе, ки ба манфиати ягон шахс истифода мегардад, барои мақсадҳои андозбандӣ маблағи ба он шахс пардохтшуда ба ҳисоб меравад.

Даромади (фоидаи) гирифташуда, новобаста аз асосҳои ба даст омадани он, бояд мутобиқи ҳамин Кодекс андозбандӣ гардад.

Агар мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун муайян гардад, ки ягон даромад ё қисми он ғайриқонунӣ гирифта шудааст ва бояд ба моликияти давлат баргардонида шавад, дар чунин ҳолат ба буҷети давлат бояд маблағе гузаронида шавад, ки ба фарқи байни бузургии маблағи даромади ғайриқонунӣ ё қисми он ва бузургии андозҳои қаблан ба фоидаи давлат аз ин даромади ғайриқонунӣ ё қисми он пардохтшуда (нигоҳдошташуда) баробар бошад.

2. Барои мақсадҳои муайянсозии ӯҳдадориҳои андоз мақомоти андоз ҳуқуқ доранд:

1) амалиётеро, ки дорои моҳияти назарраси иқтисодӣ намебошанд (ба истиснои моҳият барои ӯҳдадориҳои андоз), ба эътибор нагиранд; ё

2) агар шакли амалиёт ба мазмунаш мутобиқат накунад, мувофиқи вазъи воқеӣ онро тағйир диҳанд (аз нав дараҷабандӣ намоянд).

3. Мақомоти андоз ҳуқуқ доранд маблағи андози дахлдорро бо истифода аз усули арзёбии мустақим ё ғайримустақим (дар асоси активҳо, муомилот, хароҷоти истеҳсолӣ, усули муқоиса бо андозсупорандаи шабеҳ, муоинаи хронометражӣ ва ғайра) дар ҳолатҳои зайл муқаррар (ҳисоб) кунанд, агар:

1) дақиқ (дар асл) муқаррар шуда бошад, ки андозсупоранда амалиёти худро дар ҳисобу китоб нодуруст ё тибқи шакл ва тартиби муқарраршуда зикр накардааст;

2) ҳуҷҷатҳои ҳисоб, ки барои муайян намудани ӯҳдадориҳои андоз заруранд, гум ё нобуд шуда бошанд;

3) ҳисоботи андоз пешниҳод нашуда бошад;

4) андозсупоранда иҷозат додани шахсони мансабдори мақоми андозро барои азназаргузаронии (тафтиши) бино ва ҳудуди истеҳсолӣ, анборҳо, биноҳои тиҷоратӣ, ки андозсупоранда барои ба даст овардани даромад ё вобаста ба нигоҳдории объекти андозбандӣ истифода мебарад, рад намояд;

5) дар ҷараёни 30 рӯзи тақвимии баъди мӯҳлати муқарраргардида ҳуҷҷатҳои зарурирро ҷиҳати ҳисоби андоз ба мақоми андоз пешниҳод накунад.

4. Ҳангоми ҳама гуна амалиёт байни шахсони мутақобилан вобаста мақомоти андоз метавонанд даромад ё маблағи тархшудаор байни ин шахсон барои мақсади ҳисоби даромади андозбандишаванда, ки дар натиҷаи амалиёт байни шахсони бо ҳам вобастанабуда бояд гирифта мешуд, тақсим намоянд. Агар андозсупоранда дар амалиёти тиҷоратӣ ё молиявии худ бо тарафи алоқаманд нархеро истифода барад, ки аз нархҳои татбиқшавандаи миёни шахсони мустақил фарқ кунад, мақомоти андоз бо мақсади андозбандӣ даромади андозсупорандаро бо ҳамин фарқияти баамаломадаи нархҳо тасҳеҳ менамоянд.

5. Агар даромади расман эълоннамудаи шахси воқеӣ ба хароҷоти воқеии барои истеъмоли шахсӣ, аз ҷумла хариди амвол, мувофиқ набошад, мақомоти андоз метавонанд даромадро барои мақсади андозбандӣ дар асоси нархгузории хароҷот, ки чунин шахс, бо назардошти даромад дар давраҳои гузашта намудааст, ҳисоб намоянд.

6. Мақомоти андоз нисбати ҳама гуна андозҳо амалиёти бартерӣ ва (ё) дигар амалиёти пешбининамудаи қисми 3 моддаи 32 ҳамин Кодекс, аз ҷумла даромадҳои гирифташуда ва хароҷот дар шакли натуралиро ҳамчун фурӯши мол (натиҷаи кор, хизмат) бо нархи бозорӣ ва ҳатман пешниҳод намудани ҳисобнома-фактураҳо оид ба чунин амалиёти дахлдор бо ҳамон тартибе, ки нисбати фурӯш бо воситаҳои пулӣ амалӣ мегардад, баррасӣ менамоянд. Агар арзиши амалиёти бартерӣ ва (ё) дигар амалиёти пешбининамудаи қисми 3 моддаи 32 ҳамин Кодекс дар ҳисобнома-фактура кам нишон дода шуда бошад, мақомоти андоз объекти андозбандиро бо назардошти нархҳои бозорӣ, мутобиқи муқаррароти моддаи 32 ҳамин Кодекс тасҳеҳ намуда, маблағи андозро аз нав ҳисоб мекунанд ва мутобиқи ҳамин Кодекс муҷозот муқаррар менамоянд.

7. Муоинаи хронометражӣ дар доираи санҷиши андоз, ки мутобиқи боби 4 ҳамин Кодекс пешбинӣ гардидааст ва дар мавриде гузаронида мешавад, ки агар дар ҷараёни гузаронидани санҷиши андоз ба дурустии маълумоти дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ зикргардида ё ҳисоботи андоз шубҳа пайдо шавад.

Тартиби гузаронидани муоинаи хронометражӣ бояд дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба андоз, ки аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ қабул ва ба таври расмӣ нашр карда мешаванд, нишон дода шавад.

Муоинаи хронометражӣ инчунин метавонад бо максади ҷамъ намудани маълумоти оморӣ, аз ҷумла оид ба муомилоти андозсупорандагони шабеҳ ва дар асоси онҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани таклифҳо оид ба тасҳеҳи меъёрҳои андоз ё дигар омилҳои андозбандие, ки ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, гузаронида шавад.

Дар мавриди таъин ва гузаронидани муоинаи хронометражӣ бо мақсади ҷамъ намудани маълумоти оморӣ берун аз доираи мӯҳлатҳое, ки барои гузаронидани санҷиши андоз ҳамин Кодекс муқаррар намудааст, бояд қоидаҳои барои гузаронидани санҷишҳои андоз пешбининамудаи моддаҳои 50[1] , 50[2] , 51 ва 52 ҳамин Кодекс риоя карда шаванд.

Натиҷаҳои муоинаи хронометражӣ, ки бо мақсади ҷамъ намудани маълумотҳои оморӣ гузаронида мешавад, наметавонанд бевосита ва бетаъхир ба ӯҳдадориҳои андози андозсупорандаи мушахас, ки дар ӯ чунин муоина гузаронида шуда буд, таъсир расонанд ва барои татбиқи ягон хел муҷозот нисбати ин андозсупоранда асос шаванд.

Маълумоти оморӣ оид ба муомилоти андозсупорандагони шабеҳ, ки дар рафти муоинаи хронометражӣ бо мақсади ҷамъ намудани маълумоти оморӣ гузаронидашаванда ошкор гардидаанд, метавонанд ҳангоми анҷом додани санҷишҳои андоз барои муайян намудани ӯҳдадориҳои андози андозсупорандагони шабеҳ истифода карда шаванд.

Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ бояд хусусияти мавсимии фаъолияти андозсупоранда ба инобат гирифта шавад.

8. Тартиби татбиқи чораҳои мубориза зидди саркашӣ аз андозсупорӣ ва усулҳои алтернативии андозбандиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ, ки бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шудааст, тасдиқ менамояд.

**Моддаи 45. Баҳисобгирии бақайдгирии андозсупорандагон. Тартиби гузоштан ба баҳисобгирии бақайдгирӣ, аз нав баҳисобгирӣ ва баровардан аз баҳисобгирии бақайдгирӣ. Рақами мушаххаси андозсупоранда**

1. Бо мақсади баҳисобгирӣ ва ичрои назорати андоз андозсупорандагон ва агентҳои андоз, инчунин ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла воҳидҳои махсуси таъсиснамудаи онҳо (филиалҳо, намояндагиҳо, муассисаҳои доимӣ ва ғайра) ва шаҳрвандони аз синни 16-сола болои Ҷумҳурии Тоҷикистони (минбаъд дар ҳамин модда - “андозсупоранда”, “андозсупорандагон”) бояд дар мақомоти андози мутаносибан дар маҳали ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ, маҳали ҷойгиршавии воҳидҳои махсуси он, маҳали зисти шахси воқеӣ, инчунин маҳали ҷойгиршавии амволи ғайриманқул ва воситаҳои нақлиёти андозбандишавандаи ба онҳо тааллуқдошта тибқи тартиби мутобиқи ҳамин модда муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ ба баҳисобгирии бақайдгирӣ гирифта шаванд.

Шахси ҳуқуқие, ки ба ҳайаташ воҳидҳои махсуси воқеъ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дохиланд, инчунин соҳиби амволи ғайриманқул ва воситаҳои нақлиёти андозбандишаванда мебошад, ӯҳдадор аст дар мақомоти андози ҳам маҳали ҷойгиршавии худ, ҳам маҳали ҷойгиршавии ҳар як воҳиди махсус ва ҳам маҳали ҷойгиршавии амволи ғайриманқул ва воситаҳои нақлиёти андозбандишавандааш ба сифати андозсупоранда ба қайд истад.

Мақоми ваколатдори давлатӣ, бо назардошти муқаррароти ҳамин модда, ҳуқуқ дорад хусусияти ба ҳисоб гирифтани андозсупорандагони калонро муайян намояд.

2. Дар мақомоти андоз ба сифати андозсупорандагон ба ҳисоб гирифтани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз ҳолатҳое, ки ҳамин Кодекс ба вуҷуд омадани ӯҳдадориҳои пардохти ин ё он намуди андозро алоқаманд месозад, анҷом дода мешавад.

3. Дар мақомоти андоз ба ҳисоб гирифтани шахсони воқеиро мақомоти андози маҳали зисти шахсони воқеӣ дар асоси маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти дар моддаи 47 ҳамин Кодекс зикргардида ва (ё) аризаи шахси воқеӣ, ки ба мақомоти андоз дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, анҷом медиҳанд.

4. Аризаи шахси ҳуқуқӣ барои дар баҳисобгирии бақайдгирӣ гузоштан ба мақомоти андози маҳали ҷойгиршавии ин шахси ҳуқуқӣ дар муддати 30 рӯзи баъди бақайдгирии давлатии он дода мешавад.

5. Ҳангоми фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути воҳиди махсус ариза барои дар баҳисобгирии бақайдгирӣ гузоштани шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии воҳиди махсуси ин шахси ҳуқуқӣ дар муддати 30 рӯзи тақвимӣ баъди таъсиси воҳиди махсус дода мешавад.

6. Аризаи шахси ҳуқуқӣ барои дар баҳисобгирии бақайдгирӣ гузоштани амволи ғайриманқул ё нақлиёти андозбандишаванда ба мақомоти андози маҳали ҷойгиршавии ин амвол дар муддати 30 рӯзи тақвимӣ баъди ба қайди давлатӣ гирифтани он дода мешавад.

Ба ҳисоб гирифтани шахси воқеӣ дар мақомоти андоз дар маҳали ҷойгиршавии амволи ғайриманқули он, ки объекти андозбандӣ мебошад, дар асоси маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти дар моддаи 47 ҳамин Кодекс зикргардида анҷом дода мешавад.

Маҳали ҷойгиршавии амвол барои мақсадҳои ҳамин модда инҳо эътироф мегарданд:

1) барои воситаҳои нақлиёти баҳрӣ, дарёӣ ва ҳавоӣ – маҳали ҷойгиршавии (зисти) соҳиби амвол;

2) барои воситаҳои нақлиёти дар банди 1) ҳамин қисм зикрнашуда - маҳали (бандари) бақайдгирӣ ё маҳали бақайдгирии давлатӣ, ҳангоми мавҷуд набудани онҳо - маҳали ҷойгиршавии (зистӣ) соҳиби амвол;

3) барои амволи ғайриманқул – маҳали аслии мавҷудияти амвол.

7. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 3 ва сархати дуюми қисми 6

ҳамин модда мақоми андоз ӯҳдадор аст шахси воқеиро оид ба гузоштан дар баҳисобгирии бақайдгирӣ фавран огоҳ намояд.

8. Агар андозсупоранда дар муайянсозии маҳали гузоштан дар баҳисобгирии бақайдгирӣ ба мушкилӣ дучор шавад, дар асоси маълумоти пешниҳоднамудаи он мақоми андози маҳали зисти шахси воқеӣ ё маҳали воқеъ будани андозсупоранда-шахси ҳуқуқӣ қарори дахлдор қабул мекунад.

9. Мақомоти андоз ҳуқуқ доранд дар асоси маълумоти доштаашон ва маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти дар моддаи 47 ҳамин Кодекс зикршуда, инчунин ҳама гуна маълумоти барояшон ошкоршуда, ки барои мақсади баҳисобгирии бақайдгирӣ зарур ва кофӣ мебошад, мустақилона (то аз ҷониби андозсупоранда додани ариза) дар баҳисобгирии бақайдгирии мақомоти андоз гузоштани андозсупорандаро таъмин кунанд.

10. Шакли ариза оид ба гузоштан дар баҳисобгирии бақайдгирии шахсони воқеӣ ё (ва) ҳуқуқиро мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар менамояд. Ҳангоми пешниҳоди ариза шахси ҳуқуқӣ ҳамзамон бо ариза барои гузоштан дар баҳисобгирии бақайдгирӣ нусхаи мувофиқи тартиби муқарраргардида тасдиқшудаи: шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ, ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоеро, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис шудани шахси ҳуқуқиро тасдиқ мекунанд, пешниҳод менамояд.

Ҳангоми пешниҳоди ариза шахси воқеӣ ҳамзамон бо ариза барои гузоштан дар баҳисобгирии бақайдгирӣ шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистонро (минбаъд – «шиноснома»), ки шахсияти андозсупорандаро тасдиқ мекунад, пешниҳод менамояд. Талаби дигар ҳуҷҷатҳое, ки ҳамин модда пешбинӣ накардааст, манъ аст.

Ҳангоми гузоштан ба баҳисобгирии бақайдгирӣ ба маҷмӯи маълумот оид ба андозсупорандагон-шахсони воқеӣ инчунин номгӯи зерини шахсии онҳо дохил карда мешаванд:

1) насаб, ном, номи падар;

2) санаи таваллуд;

3) ҷинс;

4) суроғаи маҳали зист;

5) маълумоти шиноснома (рақам, серия, рӯзи супоридан, кӣ супоридааст);

6) шаҳрвандӣ.

11. Мақоми андоз ӯҳдадор аст андозсупорандаро дар мӯҳлати 10 рӯзи тақвимӣ баъди пешниҳоди тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар баҳисобгирии бақайдгирӣ гузорад ва дар ҳамин мӯҳлат ба он шаҳодатномаи дахлдорро дар бораи гузоштан ба баҳисобгирии бақайдгирӣ супорад, ки шакли онро мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ намудааст ва дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ба андозсупоранда рақами мушаххаси андозсупоранда дода, дар бораи гузоштани рақами мушаххаси андозсупоранда шаҳодатнома диҳад.

12. Шахсони ҳуқуқӣ ӯҳдадоранд оид ба тағйирот дар оинномa ва

дигар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, аз ҷумла вобаста ба таъсиси воҳидҳои махсуси нав ё барҳам додани онҳо, тағйирёбии маҳали ҷойгиршавӣ, инчунин оид ба намудҳои фаъолиете, ки иҷозатнома дода шудааст, мақоми андозеро, ки дар қайди он мебошанд, дар мӯҳлати 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи бақайдгирии тағйирот дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ё додани иҷозат ба шаклҳои фаъолияти иҷозатномадодашуда огоҳ намоянд. Ҳангоми тағйирёбии маҳалли зист шахсони воқеӣ ӯҳдадоранд мақоми андозеро, ки дар қайди он мебошанд, дар мӯҳлати 30 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи чунин тағйирот огоҳ намоянд.

13. Агар андозсупорандаи дар баҳисобгирии бақайдгирӣ буда маҳали ҷойгиршавӣ ё зистро иваз намояд, мақоми андозе, ки андозсупоранда то ивази маҳали ҷойгиршавӣ ё зист дар баҳисобгирии бақайдгирӣ қарор дошт, дар мӯҳлати 10 рӯзи тақвимӣ баъди пешниҳоди ариза оид ба тағйирёбии маҳали ҷойгиршавӣ ё зист ӯро аз баҳисобгирии бақайдгирӣ мебарорад.

14. Ҳангоми барҳамхӯрӣ ё азнавташкилшавии шахси ҳуқуқӣ, қабули қарор аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ оид ба бастани филиал ё дигар воҳиди махсуси худ, қатъи фаъолият тавассути муассисаи доимӣ, гум кардани қобилияти амал аз ҷониби шахси воқеӣ ё вафоти ӯ баровардан аз баҳисобгирии бақайдгирӣ тибқи аризаи андозсупоранда ё дигар шахси мувофиқи қонунгузорӣ ваколатдор, аз ҷониби мақоми андозе, ки андозсупоранда дар баҳисобгирии бақайдгирӣ қарор дошт, дар мӯҳлати 10 рӯзи тақвимӣ аз санаи гирифтани чунин ариза анҷом дода мешавад.

15. Ба баҳисобгирии бақайдгирӣ гузоштан ва аз баҳисобгирии бақайдгирӣ баровардан ройгон анҷом дода мешавад.

16. Ҳангоми гузоштан ба баҳисобгирии бақайдгирӣ дар маҳали ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ, маҳали ҷойгиршавии воҳидҳои махсуси он (филиалҳо, намояндагиҳо, муассисаҳои доимӣ ва ғайра) ва маҳали зисти шахси воқеӣ ба ҳар як чунин шахс, аз ҷумла воҳидҳои махсуси дар боло номбаршуда, бо мақсади ситонидани тамоми андозҳо, аз ҷумла пардохтҳои гумрукӣ, андози иҷтимоӣ ва боҷи давлатӣ рақами мушаххаси андозсупоранда (минбаъд - «РМА») дода мешавад.

Рақами мушаххаси ба андозсупоранда додашуда дар ҳеҷ ҳолат (ба истисноӣ ҳолатҳои дар ҳамин модда зикргардида) тағйир дода намешавад ва ҳатто ҳангоми барҳамхӯрии андозсупоранда - шахси ҳуқуқӣ (воҳидҳои махсуси он) ё вафоти андозсупоранда – шахси воқеӣ ба андозсупорандаи дигар (ҳама гуна шахси дигари воқеӣ ё ҳуқуқӣ) дода намешавад.

Рақами мушаххаси андозсупоранда, ки ба андозсупорандаи мушаххас дода шудааст, танҳо ҳангоми қабули қарори махсуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси аз нав баҳисобгирии тамоми андозсупорандагон ё яке аз ду гурӯҳи онҳо (шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ), инчунин дар сурати иштибоҳи мақомоти андоз ҳангоми додани РМА (нодуруст додани РМА, додани ҳамон як РМА ба андозсупорандагони гуногун ё додани зиёда аз як РМА ба ҳамон як андозсупоранда) метавонад тағйир дода шавад.

Ба шахсони ҳуқуқӣ, воҳидҳои махсуси онҳо мақоми дахлдори андоз дар шакли тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани РМА шаҳодатнома медиҳад.

Оиди ба шахси воқеӣ - шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани рақами мушаххаси андозсупоранда дар шиноснома дар фасли "Сабти махсус" ~~аз ҷониби мақоми дахлдори андоз~~ мӯҳр зада ва навиштаҷоти инъикоси РМА сабт карда мешавад. ~~Тартиби таҳияи намунаи мӯҳр ва расмиёти сабти РМА-ро бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ, ки бо Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шудааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.~~ Қоидаҳои тайёр намудани штампҳо, гузоштани штампҳо ва ба расмият даровардани сабти РМА дар шиноснома бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ, ки бо Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шудааст, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

Тартиб ва шарти додан, истифода бурдан, инчунин тағйир додан ва ислоҳ намудани рақами мушаххаси андозсупорандаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи ҳамин Кодекс муайян менамояд.

17. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вазифадоранд рақами мушаххаси андозсупории худро дар эъломияи андоз, ҳисобнома-фактура, муросилот бо мақомоти андоз, гумрук ё молия, эъломияи гумрукӣ, дар муносибат бо Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳуҷҷатҳои корӣ (қарордод, шартномаҳо) ва дигар ҳуҷҷатҳои муқарраранамудаи ҳамин Кодекс зикр намоянд. РМА бояд дар варақаҳо ва мӯҳрҳои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ тибқи тартиби муқарраранамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ, ки бо Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шудааст, сабт гардад.

18. Дар асоси маълумоти баҳисобгирии бақайдгирӣ мақоми ваколатдори давлатӣ мувофиқи тартиби муқарраранамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон феҳристи ягонаи давлатии андозсупорандагонро пеш мебарад.

19. Дастуруламал оид ба тартиби гузоштан ба баҳисобгирии бақайдгирӣ, аз нав баҳисобгирӣ ва баровардан аз баҳисобгирии бақайдгирӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ бо мувофиқаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

**Моддаи 46. Хусусиятҳои ба баҳисобгирии бақайдгирӣ гузоштани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ғайрирезидент мебошанд**

1. Бо назардошти муқаррароти моддаи 45 ҳамин Кодекс ба сифати андозсупоранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо додани рақами мушаххаси андозсупоранда, инҳо ба баҳисобгирии бақайдгирӣ гузошта мешаванд:

1) шахсони воқеӣ - ғайрирезидент, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти инфиродии соҳибкориро тавассути муассисаи доимӣ анҷом медиҳанд, - дар мақоми андози маҳалли омадан (истиқомат);

2) шахсони ҳуқуқӣ - ғайрирезидент, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъсис додани муассисаи доимӣ фаъолият менамоянд, - дар мақоми андози маҳали ҷойгиршавии муассисаи доимӣ.

2. Шахси воқеӣ - ғайрирезидент, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти инфиродии соҳибкориро тавассути муассисаи доимӣ анҷом медиҳад, ӯҳдадор аст дар муддати 30 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи оғози фаъолияти соҳибкорӣ дар мақоми андоз ба баҳисобгирии бақайдгирӣ гузошта шавад.

3. Шахси ҳуқуқии ғайрирезидент, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи доимӣ фаъолият мекунад, ӯҳдадор аст дар мақоми андоз дар муддати 30 рӯзи тақвимӣ баъди рӯзи оғози фаъолият аз баҳисобгирии бақайдгирӣ гузарад.

4. Шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, аз ҷумла ғайрирезидент, ки фаъолияташ мутобиқи банди 5) қисми 4 моддаи 23 ҳамин Кодекс ҳамчун муассисаи доимии шахси ҳуқуқӣ - ғайрирезидент баррасӣ мегардад, ӯҳдадор аст ба мақоми андоз оид ба гузоштан ба баҳисобгирии бақайдгирии шарики худ – шахси ҳуқуқии ғайрирезидент дар муддати 10 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи бастани созишномаи дахлдор (шартнома, қарордод) ё дар муддати 10 рӯзи тақвимӣ аз оғози воқеии чунин фаъолият бо мақсади ба шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент додани рақами мушаххаси андозсупоранда ариза пешниҳод намояд.

5. Рӯзи оғози фаъолияти ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ин рӯзҳо эътироф мегардад:

1) рӯзи бастани қарордод (шартнома, созишнома):

- барои иҷрои кор (хизматрасонӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- барои додани ваколат ҷиҳати аз номи он (ғайрирезидент) амал намудан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- барои харидани молҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳвили минбаъда;

- барои фаъолияти якҷоя (иштирок дар ширкати оддӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- барои дарёфти кор (хизматрасонӣ) бо мақсади фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) санаи бастани шартномаи меҳнатии инфиродӣ ё дигар шартномаи дорои хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқӣ бо шахси воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) санаи бастани шартнома (шартномаи хариду фурӯш ё иҷораи амвол), ки кушодашавии идораро (офисро) баён месозад.

Ҳангоми мавҷудияти якчанд шарти ҳамин қисм рӯзи оғози фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи бастани якумин (пештарин) аз қарордодҳои (шартномаҳои, созишномаҳои) зикршуда ба ҳисоб меравад.

6. Ғайрирезидентҳои дар қисми 1 ҳамин модда зикрнашудае, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани даромад аз манбаъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон меоянд, ӯҳдадоранд ба мақоми андози дахлдор дар муддати 10 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи омадан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон

оид ба оғози фаъолият ариза пешниҳод намоянд.

7. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дигар хусусиятҳои ба баҳисобгирии бақайдгирӣ гузоштани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, ки ғайрирезидент мебошанд, муайян намояд.

**Моддаи 47. Ӯҳдадориҳои мақомоте, ки бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, маҳалли зисти шахсони воқеӣ, санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ, додани шиносномаҳо ба шаҳрвандон, баҳисобгирии бақайдгирии амвол ва аҳдҳои марбут ба онҳоро амалӣ менамоянд**

1. Мақомоте, ки бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқиро амалӣ менамоянд, ӯҳдадоранд ба мақоми андози маҳалли ҷойгиршавиашон оид ба шахсони ҳуқуқии дар давоми моҳи ҳисоботӣ ба қайд гирифташуда (аз нав ба қайд гирифташуда) ё барҳамхӯрда (аз нав таъсисёфта) то санаи 15-уми моҳе, ки баъди моҳи ҳисоботӣ фаро мерасад, хабар диҳанд.

2. Мақомоте, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ иҷозатнома , шаҳодатнома ё ҳама гуна дигар ҳуҷҷатҳои шабеҳ медиҳанд, ӯҳдадоранд ба мақомоти дахлдори андози маҳали ҷойгиршавиашон оид ба чунин шахсон, ки барояшон чунин ҳуҷҷатҳо дода шудааст ё аз онҳо бозхонда шудааст, ё амали ҳуҷҷатҳо қатъ гардидааст, то санаи 15-уми моҳе, ки баъди моҳи додани ҳуҷҷатҳои нишондодашуда, баргашта гирифтан ё гузаштани мӯҳлати амали онҳо фаро мерасад, хабар диҳанд.

3. Мақомоте, ки шахсони воқеиро дар маҳали зист ё санадҳои ҳолати шаҳрвандии шахсони воқеиро ба қайд мегиранд, ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон шиноснома медиҳанд, вазифадоранд мутаносибан оид ба қайд гирифтан ё вафоти шахсони воқеӣ, додани шиноснома ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти андози маҳали ҷойгиршавиашон дар муддати 15 рӯзи аввали моҳи ҳисоботӣ то санаи охири моҳи ҳисоботӣ ва барои нимаи дуюми моҳи ҳисоботӣ то санаи 15-уми моҳе, ки баъди моҳи ҳисоботӣ фаро мерасад, хабар диҳанд.

4. Мақомоте, ки баҳисобгирӣ ва (ё) бақайдгирии (аз нав бақайдгирии) амволи ғайриманқул ва воситаҳои нақлиётии объекти андозбандибударо амалӣ менамоянд, ӯҳдадоранд ҳар сол аз рӯи ҳолати санаи 31 декабри соли ҳисоботӣ оид ба ҷойгир будани амволи ғайриманқули дар ҳудуди таҳти назораташон мавҷуда ё воситаҳои нақлиёти дар ин мақомот ба қайд гирифташуда ва соҳибони онҳо ба мақомоти андози маҳали ҷойгиршавиашон то санаи 31 январи соле, ки пас аз соли ҳисоботӣ фаро мерасад, хабар диҳанд.

5. Мақомоти васояту парасторӣ, тарбиявӣ, муассисаҳои табобатӣ, муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар муассисаҳои шабеҳ, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон васоят, парасторӣ менамоянд ё амволи васиро идора мекунанд, ӯҳдадоранд оид ба муқаррар намудани парастории шахси воқеие, ки суд ғайри қобили амал донистааст, оид ба васоят, парасторӣ ва идоракунии амволи хурдсолон, дигар шахсони воқеии ноболиғ, шахсони воқеие, ки суд онҳоро ғайри

қобили амал донистааст, шахсони воқеии қобили амале, ки нисбати онҳо васоят дар шакли ҳимоя (патронаж) муқаррар шудааст, шахсони воқеие, ки суд бедарак ғоиб эътироф кардааст, инчунин оид ба тағйироти минбаъдаи вобаста ба чунин васоят, парасторӣ ё идоракунии амвол ба мақомоти андози маҳали ҷойгиршавиашон то санаи 15-уми моҳе, ки баъди моҳи қабули қарори дахлдор фаро мерасад, маълумот пешниҳод намоянд.

6. Мақомоте (муассисаҳое), ки ваколати иҷрои амалҳои нотариалиро доранд ва нотариусҳо ӯҳдадоранд оид ба тасдиқи нотариалии ҳуқуқ ба амволи ғайриманқул, ҳуқуқ ба мерос ва шартномаҳои тӯҳфа ба мақоми андози маҳалли ҷойгиршавиашон ҳар семоҳа то санаи 15-уми моҳе, ки баъди семоҳаи ҳисоботӣ фаро мерасад, хабар диҳанд.

7. Мақомоте, ки баҳисобгирӣ ва (ё) бақайдгирии истифодабарандагони захираҳои табиӣ, аз ҷумла бақайдгирии давлатии ҳуқуқи истифодаи заминро амалӣ менамоянд, инчунин ба фаъолияти вобаста ба истифодаи ин захираҳои табиӣ иҷозатнома медиҳанд, ӯҳдадоранд оид ба додани ҳуқуқ барои чунин истифодабарӣ ба мақоми андози маҳали ҷойгиршавиашон то санаи 15-уми моҳе, ки баъди моҳи бақайдгирӣ (додани иҷозатномаи дахлдор, иҷозатномаи истифодабарандаи қаъри замин) фаро мерасад, хабар диҳанд.

8. Мақомоти андозе, ки аз мақомоти дар қисмҳои 1-7 ҳамин модда номбаршуда маълумоти дахлдор мегиранд, ӯҳдадоранд дар муддати 30 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи қабул онро (маълумотро) ба маълумоти мақомоти андозе, ки дар онҳо андозсупорандагон – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар баҳисобгирии бақайдгирӣ мебошанд ва ин маълумот ба онҳо дахл дорад, расонанд.

9. Тартиб ва шакли муносибатҳои мутақобилаи мақомоти дар ҳамин модда зикршуда дар дастуруламалҳои мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ, ки иҷрои вазифаҳои дар қисмҳои 1-7 ҳамин модда номбаршуда ба зиммаашон гузошта шудааст, муайян карда мешавад.

## БОБИ 4. САНҶИШҲОИ АНДОЗ ВА ДИГАР ШАКЛҲОИ НАЗОРАТ

### Моддаи 48. Мафҳум ва намудҳои санҷиши андоз

1. Санҷиши андоз – санҷиши иҷрои қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби мақомоти андоз гузаронида мешавад. Иштирокчиёни санҷишҳои андоз шахсони мансабдори мақомоти андози дар амрнома зикршуда ва андозсупоранда мебошанд.

2. Санҷишҳои андоз мутобиқи ҳамин Кодекс танҳо аз ҷониби мақомоти андоз амалӣ карда мешаванд.

3. Санҷишҳои андоз ба намудҳои зерин тақсим мешаванд:

1) санҷиши ҳуҷҷатӣ;

2) санҷиши амалиётӣ~~;~~

~~3) муоинаи хронометражӣ~~.

4. Санҷишҳои ҳуҷҷатӣ ба чунин намудҳо ҷудо мешаванд:

1) санҷиши маҷмӯӣ (комплексӣ) – санҷиши иҷрои ӯҳдадориҳои андоз оид ба ҳамаи намудҳои андоз;

2) санҷиши мавзуӣ - санҷиши иҷрои ӯҳдадориҳои андоз оид ба намуди алоҳидаи андоз;

3) санҷиши мутақобила - санҷише, ки нисбати шахси сеюм гузаронида мешавад, агар ҳангоми гузаронидани санҷишҳои андоз ба мақомоти андоз зарурият пайдо шавад, ки оид ба дурустии дар баҳисобгирии андоз зикр намудани амалиёти гузаронидаи андозсупоранда маълумоти иловагӣ ба даст оранд. Ҳамзамон шахси мансабдори санҷишкунанда ҳуқуқ дорад аз тарафи шахсони сеюм дуруст инъикос кардани амалиёти мушаххаси баҳисобгирии андозро, ки дар амрномаи гузаронидани санҷиши мутақобила зикр гардидааст, бисанҷад.

5. Санҷиши амалиётиро мақомоти андоз нисбати андозсупорандагони алоҳида доир ба масъалаҳои риояи талаботи алоҳидаи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронанд, маҳз оиди:

1) дар мақомоти андоз дар баҳисобгирии бақайдгирӣ гузоштани андозсупорандагон;

2) дуруст истифода намудани мошинаҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ;

~~3) мавҷудияти иҷозатнома ва дигар ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ;~~

~~4~~3) риоя намудани қоидаҳои истеҳсол, рехтан (печондан), нигоҳдорӣ ва фурӯши молҳои зераксизӣ.

Шахси мансабдори мақоми андозе, ки санҷиши амалиётӣ мегузаронад, ҳуқуқ надорад аз андозсупоранда маълумоти ба мавзӯи санҷиш алоқаманд набударо, ки дар амрнома оид ба гузаронидани санҷиши амалиётӣ пешбинӣ шудааст, талаб намояд.

~~6. Муоинаи хронометражиро мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромади воқеӣ ва хароҷоти воқеии бо даромади гирифташуда алоқаманди андозсупоранда мегузаронанд. Муоинаи хронометражӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ гузаронида мешавад.~~

~~7~~6. Санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз, аз ҷумла санҷиши ғайринавбатиро мақомоти андоз дар асоси муроҷиати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ танҳо вобаста ба андозсупорандагоне анҷом медиҳанд, ки нисбати онҳо тасдиқи хаттӣ доир ба оғози парвандаи ҷиноятӣ бо аломатҳои ҷиноятии марбут ба андозбандӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудааст.

~~8~~7. Гузаронидани санҷиши андоз, ~~ба истисноӣ ҳолатҳое, ки санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд~~ ба истисноӣ ҳолатҳое, ки соҳибкори инфиродӣ бе ҷалб намудани коргари кироя кор мекунад ва иштироки ӯ дар ҷараёни санҷиш ҳатмӣ мебошад, набояд фаъолияти андозсупорандаро боздорад.

~~9~~8. Мақомоти андоз ҳуқуқ доранд воҳидҳои махсуси шахси ҳуқуқиро, новобаста аз гузаронидани санҷиши андозии худи шахси ҳуқуқӣ, санҷанд.

**Моддаи 49. Даврияти гузаронидани санҷишҳои андоз**

1. Даврияти санҷиши андози ҳар субъекти (андозсупорандаи) мушаххас дар асоси таҳлили маълумоти оморӣ, эъломияи андоз ва иҷрои ӯҳдадориҳои он, натиҷаҳои санҷиши давраи гузашта ва инчунин дигар меъёрҳое, ки барои баҳодиҳӣ ба дараҷаи қонуниҷрокунии субъекти хоҷагидор (андозсупоранда) асос шуда метавонанд, муайян карда мешавад. Даврияти санҷишҳои андози ҳамаи субъектҳои хоҷагидори (андозсупорандаҳои) мушаххас дар нақшаи гузаронидани санҷишҳои андоз, ки роҳбари аввали мақоми ҳудудии андоз ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда тасдиқ ва роҳбари аввали мақоми ваколатдори давлатӣ ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда ба таври хаттӣ дастгирӣ намудааст, муайян карда мешавад. Тартиби муайян намудани даврияти санҷишҳои андоз ва таҳия сохтани нақшаи гузаронидани санҷишҳои андоз аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар карда мешавад.

1. Санҷишҳои андоз бо даврияти зерин гузаронида мешаванд:

1) маҷмӯӣ - на бештар аз як маротиба дар як сол;

2) мавзӯӣ - на бештар аз як маротиба дар нимсола доир ба ҳамон як намуди андоз.

Агар дар соли андоз санҷиши маҷмӯии андозсупоранда гузаронида шуда бошад, он гоҳ нисбати ҳамин андозсупоранда дар давоми 12 моҳ аз рӯзи анҷом ёфтани санҷиши маҷмӯии дар боло зикргардида, санҷишҳои мавзӯӣ гузаронида намешаванд.

Дар айни замон андозсупорандагоне, ки андозашонро тибқи низоми соддакардашуда месупоранд ва пардохткунандагони андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мутобиқи бобҳои 41 ва 42 ҳамин Кодекс бояд на бештар аз як маротиба дар ду сол таҳти санҷиши маҷмӯӣ ва на бештар аз як маротиба дар як сол таҳти санҷишҳои мавзӯӣ қарор гиранд.

2. Санҷишҳои маҷмӯӣ ва мавзӯии андозсупорандагон, ба истиснои андозсупорандагоне, ки арзиши таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасонии онҳо (ба истисноги андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фурӯши чакана) дар соли гузаштаи андоз зиёда аз 15 миллион сомониро ташкил медиҳад, на зиёда аз як маротиба дар ду сол гузаронида мешаванд.

Санҷишҳои маҷмӯӣ ва мавзӯии андозсупорандагоне, ки арзиши таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасонии онҳо (ба истисноги андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фурӯши чакана) дар соли гузаштаи андоз зиёда аз 15 миллион сомониро ташкил медиҳад, на зиёда аз як маротиба дар як сол гузаронида мешаванд.

Ҳамзамон санҷиши мавзӯии андози як андозсупорандаи мушаххас метавонад танҳо нисбати яке аз намудҳои андозҳое, ки мутобиқи ҳамин Кодекс бояд ин андозсупоранда пардохт намояд, гузаронида шавад.

Агар нисбати давраи барои гузаронидани санҷиши ба нақша гирифташудаи андоз санҷиши маҷмӯии андозсупоранда гузаронида

шуда бошад, дар он ҳолат нисбат ба ин давра санҷиши мавзӯӣ гузаронида намешавад.

Санҷиши маҷмӯӣ ба таври ҳатмӣ ҳангоми қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ – супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, ё ҳангоми азнавташкилёбӣ, ё барҳам додани шахси ҳуқуқӣ гузаронида мешавад. Чунин санҷиш танҳо нисбати даврае гузаронида мешавад, ки қаблан мутобиқи ҳамин Кодекс мавриди санҷиши маҷмӯӣ қарор наёфта бошад.

3. Санҷиши маҷмӯӣ ва мавзӯии аввалини фаъолияти субъекти навтаъсиси хоҷагидоре (андозсупорандае), ки андозро аз рӯи низоми соддакардашуда месупорад, инчунин соҳибкори инфиродие, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси шаҳодатнома дар хусуси бақайдгирӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ анҷом медиҳад ва даромади умумиаш дар аввали соли андоз ба талаботи моддаҳои 302 ва 303 ҳамин Кодекс мутобиқат менамояд, метавонад танҳо пас аз сипарӣ шудани 30 моҳи пурраи тақвимӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатии онҳо амалӣ гардад.

Агар субъекти хоҷагидор (андозсупоранда) то гузаштани мӯҳлати зикргардида аз нав ташкил ёбад ё барҳам дода шавад, фаъолияти он дар асосҳои зерин мавриди санҷиши маҷмӯӣ қарор мегирад:

1) аризаи андозсупоранда;

2) хабар ё қарори қабулнамудаи мақоми дахлдор дар бораи аз нав ташкилёбӣ ва ё барҳам додани субъекти хоҷагидор (андозсупоранда);

3) ахбори мақоме, ки бақайдгирӣ, азнавташкилёбӣ ё барҳам додани шахси ҳуқуқиро амалӣ менамояд.

Дар давраи озод будан аз санҷиши андоз субъекти хоҷагидори (андозсупорандаи) навтаъсис аз иҷрои ӯҳдадориҳои андози муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс озод карда намешавад.

4. Санҷишҳои амалиётӣ дар ҳудуди муайяншуда гузаронида мешаванд:

1) тибқи қарори роҳбари аввали мақоми ҳудудии андоз ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда – на зиёда аз як маротиба дар як сол;

2) тибқи қарори роҳбари аввали мақоми ваколатдори давлатӣ ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда – ҳангоми пайдо шудани зарурати гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ зиёда аз як маротиба дар як сол.

25. Санҷишҳои андоз Ҳамаи намудҳои санҷиши андоз доир ба намудҳои мушаххаси андоз баъди ба охиррасии давраи андозӣ гузаронида мешаванд.

36. Маҳдудиятҳои дар қисми 1 дар қисмҳои 2, 3 ва 4 ҳамин модда муқарраршуда дар чунин ҳолатҳо татбиқ намешаванд:

1) ҳангоми гузаронидани санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз вобаста ба азнавташкилёбӣ ё барҳам хӯрдани шахси ҳуқуқӣ ва ба охир расидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ, инчунин тибқи аризаи андозсупоранда дар мавриди баромадан аз қайди андоз аз арзиши иловашуда. Дар баробари ин бояд санҷиш дар мӯҳлати на дертар аз 30 рӯзи тақвимии баъди гирифтани аризаи андозсупоранда оғоз карда шавад;

2) ҳангоми гузаронидани санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз  вобаста ба охир

расидани мӯҳлати амали қарордод оид ба истифодаи қаъри замин;

3) ҳангоми гузаронидани санҷишҳои мутақобила;

4) ҳангоми гузаронидани санҷишҳои мавзӯӣ дар асоси аризаи андозсупоранда барои аниқ намудани маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки барои баргардонидан пешниҳод шудааст;

5) ҳангоми гузаронидани санҷишҳои иловагӣ дар асоси қарори мақоме, ки шикояти андозсупорандаро вобаста ба огоҳнома тибқи санади санҷиши андоз баррасӣ менамояд. Мақоме, ки шикояти андозсупорандаро ба огоҳнома дар бораи натиҷаҳои санҷиши андоз баррасӣ мекунад, ба андозсупорандаи шикоятнамуда дар хусуси зарурати гузаронидани санҷиши иловагии андоз асоснома равон менамояд. Агар дар давоми 10 рӯзи корӣ аз рӯзи ба андозсупоранда равон кардани асосномаи дар боло зикршуда розигии хаттии ӯ барои гузаронидани санҷиши иловагии андоз, ки ба шикояти андозсупоранда алоқаманд мебошад, гирифта нашавад, чунин санҷиш аз ҷониби мақоме, ки ба суроғаи ӯ шикоят равон карда шуда буд, сурат намегирад ва огоҳнома дар бораи натиҷаҳои санҷиши андоз бе тағйир мемонад. Ҳамзамон андозсупоранда метавонад бо чунин шикоят ба огоҳномаи дар боло зикргардида дар бораи натиҷаҳои санҷиши андоз ба мақоми андози болоӣ, ба мақоми ваколатдори давлатӣ ё ба суд муроҷиат кунад.

Санҷиши иловагии андоз бо баррасии шикояти андозсупоранда алоқаманд аз ҷониби мақоми андози болоӣ ё мақоми ваколатдори давлатӣ бо риояи тартиби равон кардани асоснома дар бораи зарурати гузаронидани санҷиши иловагии андоз ва амалҳои минбаъда вобаста ба розӣ ё норозӣ будани андозсупоранда барои гузаронидани чунин санҷиши андоз, гузаронида мешавад;

6) ҳангоми санҷишҳои ғайринавбатии ҳуҷҷатӣ, ки дар асоси фармони роҳбари аввали (муовини ваколатдори он) мақоми ваколатдори давлатӣ нисбати андозсупорандаи мушаххас, инчунин тибқи асосҳои пешбининамудаи қисми 7 моддаи 48 ҳамин Кодекс гузаронида мешавад.

Санҷишҳои мутақобиларо мақомоти андоз танҳо дар асоси амрномаи алоҳидаи роҳбари якуми мақомоти андоз (ё иҷрокунандаи вазифаи он), ки гузаронидани санҷиши асосиро иҷозат додааст, гузаронида метавонад.

47. ~~Барои мақомоти андоз гузаронидани санҷишҳои такрории ҳуҷҷатии андоз барои давраи андозии то ин дам санҷидашуда манъ аст, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин санҷиш (дар доираи мӯҳлати даъвои дар моддаи 86 ҳамин Кодекс муқарраршуда) вобаста бо азнавташкилёбӣ ё барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ-андозсупоранда ё ҳамчун назорати фаъолияти мақомоти андоз аз ҷониби мақомоти болоии андоз (мақоми ваколатдори давлатӣ) ҳангоми мавҷудияти асосҳои кофӣ, инчунин дар асоси банди 5) қисми 3 ҳамин модда ё дар асоси хоҳиши хаттии андозсупоранда санҷида мешавад.~~

Аз ҷониби мақомоти андоз гузаронидани санҷишҳои такрории ҳуҷҷатии андоз барои давраи андозии санҷидашуда манъ аст, ба истиснои

ҳолатҳое, ки чунин санҷишҳои андоз дар ҳудуди мӯҳлати мурури даъвое, ки моддаи 86 ҳамин Кодекс муқаррар намудааст гузаронида мешаванд:

1) дар асоси аризаи хатии худи андозсупоранда;

2) тибқи асосҳои пешбининамудаи қисми 6 моддаи 48;

3) тибқи қарори роҳбари аввали мақоми ваколатдори давлатӣ ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда, ки дар асоси асоснома роҳбари мақоми андози ҳудудӣ қабул шудааст;

4) тибқи қарори роҳбари аввали мақоми ваколатдори давлатӣ ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда, бо тартиби назорат аз болои фаъолияти мақоми андози ҳудудие, ки санҷиши ҳуҷҷатии андозро гузаронидааст. Чунин санҷиш танҳо нисбати давраи андози охирини санҷидашуда гузаронида мешавад;

5) дар асоси банди 5 қисми 6 ҳамин модда.

Дар ҷараёни санҷиши такрорие, ки дар асоси аризаи хаттӣ ё шикояти худи андозсупоранда гузаронида мешавад, танҳо масъалаҳое, ки нисбати ҳалли онҳо андозсупоранда норозигӣ баён кардааст, баррасӣ карда мешаванд.

Ҳангоми ҳисобкунии андози иловагӣ дар ҷараёни гузаронидани санҷишҳои такрории ҳуҷҷатӣ барои давраҳои андози аллакай санҷидашуда андозсупоранда нисбати чунин ӯҳдадориҳои андоз дар давраи аз лаҳзаи пайдо шудани чунин ӯҳдадориҳои андоз то лаҳзаи ҳисоби маблағҳои иловагӣ дар ҷараёни санҷиши такрорӣ дар шакли ҷарима ва фоизҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс аз ҷавобгарӣ озод карда мешавад. Дар баробари ин андозсупоранда аз ӯҳдадории пардохти саривақтии (дар мӯҳлати муқарраршуда) маблағҳои иловагии ҳисобшудаи андозҳо ба буҷети дахлдор озод карда намешавад.

**Моддаи 50. ~~Мӯҳлатҳои гузаронидани санҷишҳои андоз~~ Давомнокӣ ва вақти гузаронидани санҷишҳои андоз**

1. Агар дар ҳамин модда тартиби дигар муқаррар нашуда бошад, мӯҳлати гузаронидани санҷишҳои андози дар амрномаи додашуда зикршаванда, набояд аз лаҳзаи пешниҳоди амрнома аз 30 рӯзи корӣ зиёд бошад.

~~2. Ҳангоми гузаронидани санҷиши андози шахси ҳуқуқии дорои воҳиди махсус, инчунин андозсупорандагоне, ки дар қайди Нозироти андози андозсупорандагони калон мебошанд, мақоми андоз метавонад мӯҳлати санҷишро то 60 рӯзи корӣ муқаррар намояд.~~

2. Ҳангоми гузаронидани санҷиши андози андозсупорандагоне, ки арзиши таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасонии онҳо (ба истиснои андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фурӯши чакана) дар соли гузаштаи андоз зиёда аз 15 миллион сомониро ташкил медиҳад, мӯҳлати гузаронидани санҷиши андоз метавонад то 60 рӯзи корӣ муқаррар карда шавад.

Мӯҳлати гузаронидани санҷиши андози андозсупорандае, ки мутобиқи ҳамин Кодекс супорандаи андоз ба ҳисоб рафта, аз рӯи низоми соддакардашуда андоз месупорад, инчунин соҳибкори инфиродие, ки даромади умумиаш дар аввали соли андоз ба талаботҳои моддаҳои 302

ва 303 ҳамин Кодекс мутобиқат менамояд, набояд аз 10 рӯзи корӣ аз оғози санҷиши андоз зиёд бошад.

Санҷиши андози фаъолияти соҳибкори инфиродие, ки мутобиқи ҳамин Кодекс супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоб намеравад, набояд аз 5 рӯзи корӣ аз оғози санҷиши андоз зиёд бошад.

3. Ҷараёни мӯҳлати гузаронидани санҷиши андоз дар фосилаи байни лаҳзаҳои пешниҳоди талабномаи мақомоти андоз оид ба пешкаш намудани ҳуҷҷатҳо ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои талабшуда аз ҷониби андозсупоранда ҳангоми гузаронидани санҷиш, инчунин дар фосилаи қабули маълумот ва ҳуҷҷатҳо аз шахсони сеюм бо дархости мақомоти андоз боздошта мешавад. Ҳамзамон дар давраи боздоштани мӯҳлати гузаронидани санҷиши андоз мақоми андоз ҳуқуқ надорад дар ин объект ва аз рӯи ин масъала ягон хел амале, ки ба ин санҷиш алоқаманд мебошад, содир намояд.

~~4. Мӯҳлати гузаронидани муоинаи хронометражӣ мувофиқи тартиби гузаронидани муоинаҳои хронометражӣ, ки мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ менамояд, муайян карда мешавад.~~

4. Ҳар санҷиши амалиётӣ нисбати андозсупоранда алоҳида набояд зиёда аз чор соати корӣ идома ёбад ва давомнокии умумии ҳар санҷиши амалиётӣ дар асоси як амрнома наметавонад аз як рӯзи корӣ зиёд бошад.

5. Санҷиши андоз метавонад танҳо дар вақти корӣ ва рӯзҳои кории муқарраршуда гузаронида шавад. Агар вақти кории мақоми андоз ва андозсупоранда мувофиқ набошад, бо қарори роҳбари аввали мақоми андоз ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда санҷиши андоз метавонад дар вақти кории андозсупоранда гузаронида шавад.

6. Мақоми андоз ҳуқуқ надорад дар субъектҳои хоҷагидорие, ки фаъолияти онҳо хусусияти мавсимӣ дорад, дар чунин ҳолатҳо санҷишҳои андоз, ба истиснои санҷишҳои амалиётӣ ва мутақобила, гузаронад:

1) дар хоҷагиҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар мавсими киштукор аз 20 март то 20 майи соли тақвимӣ;

2) дар хоҷагиҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар мавсими ғунучини ҳосил аз 20 июл то 20 ноябри соли тақвимӣ;

3) дар корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (маҳсулоти тезвайроншавандаи мевагӣ ва полезӣ) аз 20 июн то 20 октябри соли тақвимӣ.

**Моддаи 50[1]. Огоҳнома дар бораи санҷиши дар пешистодаи андоз**

1. Бо мақсади гузаронидани санҷиши андоз, ба истиснои санҷиши амалиётӣ, мақоми андози санҷишкунанда андозсупорандаро дар хусуси санҷиши дарпешистодаи андоз на дертар аз 3 рӯзи корӣ пеш аз оғози санҷиши андоз ба таври хаттӣ огоҳ менамояд. Дар огоҳнома дар хусуси гузаронидани санҷиши андоз ба таври ҳатмӣ зикр карда мешаванд:

1) сана ва рақами бақайдгирии огоҳнома;

2) ном, насаб, номи падар ё номи пурраи андозсупоранда;

3) рақами мушаххаси андозсупоранда;

4) асос барои гузаронидани санҷиши андоз;

5) намуди санҷиши андоз;

6) сана, вақти оғоз ва мӯҳлате, ки дар давоми он гузаронидани санҷиши андоз пешбинӣ мешавад.

2. Дар бораи санҷиши мутақобилаи андоз андозсупоранда на дертар аз 24 соат пеш то оғози санҷиши мутақобилаи андоз ба таври хаттӣ огоҳ карда мешавад.

Дар огоҳнома дар хусуси гузаронидани санҷиши мутақобилаи андоз бояд маълумотҳои пешбининамудаи қисми 1 ҳамин модда, инчунин амалиётҳои мушаххас, ки мӯътамадии инъикоси онҳо дар баҳисобгирии андоз бояд муқаррар карда шаванд, зикр карда шавад.

3. Андозсупорандае, ки дар хусуси санҷиши андози дарпешистода огоҳнома гирифтааст, ӯҳдадор аст оғози санҷишро дар рӯз ва вақти муқаррарнамудаи огоҳнома таъмин намояд.

4. Дар ҳолате, ки агар андозсупоранда бо сабабҳои узрнок оғози санҷишро дар рӯз ва вақти дар огоҳнома пешбинишуда таъмин карда натавонад, вай ӯҳдадор аст мақоми андози санҷишкунандаро дар ин хусус то оғози санҷиши андоз ба таври хаттӣ огоҳ намояд ва ба мақоми андози санҷишкунанда сана ва вақти барои тарафҳо мувофиқи санҷиши андозро пешниҳод намояд, вале на дертар аз 5 рӯзи корӣ аз рӯзе, ки бояд мутобиқи огоҳномаи мақоми андози санҷишкунанда санҷиши андоз оғоз карда мешуд.

Сабабҳои узрнок, ки вобаста ба онҳо андозсупоранда наметавонад оғози санҷишро дар рӯз ва вақти огоҳнома пешбининамуда таъмин намояд, метавонанд беморӣ ва дар сафари хизматӣ будани шахси мансабдори масъул, ки ӯҳдадор аст оғози санҷишро таъмин намояд, бошанд.

**Моддаи 50². Танзими сатҳи санҷиши андоз**

Агар санҷиши андоз бо тартиби муқарранамудаи ҳамин Кодекс аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ ё яке аз мақоми ҳудудии андоз гузаронида шуда бошад, гузаронидани санҷиши андози ҳамон андозсупоранда аз рӯи ҳамон масъала ва ҳамон намудҳои санҷиши андоз, ки аз рӯи онҳо дар давоми мӯҳлати мӯкаррарнамудаи моддаи 49 ҳамин Кодекс санҷиши андоз гузаронида шудааст, аз ҷониби мақомоти дигари ҳудудии андоз манъ мебошад.

**Моддаи 51. Асоси гузаронидани санҷиши андоз**

1. Асос барои гузаронидани санҷиши андоз амрнома мебошад, ки аз чунин маълумотҳо иборат аст:

1) сана ва рақами қайди амрнома дар мақоми андоз;

2) номи мақоми андозе, ки амрномаро додааст;

3) номи пурраи андозсупоранда;

4) рақами мушаххаси андозсупоранда;

5) намуди санҷиш;

6) мансаб, насаб, ном, номи падари шахсони санҷишгар;

7) мӯҳлати гузаронидани санҷиш;

8) давраи андози санҷидашаванда ҳангоми санҷишҳои ҳуҷҷатӣ.

2. Ҳангоми таъини санҷишҳои амалиётӣ дар амрнома бояд ҳудуди минтақаи санҷиш, масъалаҳое, ки ҳангоми санҷиш бояд дақиқ карда шаванд, инчунин маълумотҳои дар қисми 1 ҳамин модда пешбинишуда, ба истисноі бандҳои 3), и 4) ва 7), зикр карда шаванд.

3. Ҳангоми таъини санҷишҳои мавзӯӣ ва мутақобила бояд дар амрнома намуди андоз зикр карда шавад. Дар амрнома оид ба гузаронидани санҷиши мутақобила инчунин зикр карда мешаванд:

1) номи пурра ва рақами мушаххаси андозсупоранда – шахси ҳуқуқӣ ё насаб, ном, номи падар ва рақами мушаххаси андозсупоранда – шахси воқеӣ, ки нисбати он санҷиши асосии ҳуҷҷатии андоз гузаронида мешавад;

2) амалиёти мушаххаси ба санҷиши асосии ҳуҷҷатии андоз алоқаманд, ки мӯътамадии инъикоси онҳо дар баҳисобгирии андоз бояд муқаррар карда шаванд.

~~4. Амрнома бояд аз ҷониби роҳбари якуми мақоми андоз ё шахси ваколатдори онро ивазкунанда имзо шуда, бо мӯҳри дорои Нишони давлатӣ тасдиқ ва мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар дафтари махсус қайд карда шавад.~~

Амрнома, ба истисноі гузаронидани санҷиши амалиётӣ, бояд роҳбари аввали мақоми андоз ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда имзо карда шавад.

Амрномаро дар хусуси гузаронидани санҷиши амалиётӣ дар ҳудуди муайяншуда як маротиба дар як сол роҳбари аввали мақоми ҳудудии андоз ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда имзо мекунад. Ҳангоми пайдо шудани зарурати гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ дар ҳудуди муайяншуда зиёда аз як маротиба дар як сол дар ин хусус аз ҷониби роҳбари аввали мақоми ваколатдори давлатӣ ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда мустақилона ё дар асоси дархости хаттии роҳбари аввали мақоми ҳудудии андоз ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда қарор қабул карда мешавад.

Бо мақсади иҷрои чунин қарори роҳбари аввали мақоми ваколатдори давлатӣ ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда амрномаҳо дар хусуси гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ аз ҷониби роҳбари аввали мақоми ҳудудии андоз ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда имзо карда мешаванд.

Ҳар қарори роҳбари аввали мақоми ваколатдори давлатӣ ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда барои ба имзо расонидани амрномаҳо дар хусуси гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ дар ҳудуди муайяншуда дар давоми на зиёда аз 15 рӯзи корӣ ҳамчун асос шуда метавонад.

Ҳангоми пайдо шудани зарурати гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ берун аз ҳудуди ҳар як 15 рӯзи кории минбаъда роҳбари аввали мақоми ваколатдори давлатӣ ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда мустақилона ё дар асоси асоснома роҳбари аввали мақоми ҳудудии андоз ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда дар бораи гузаронидани (давом додани) санҷишҳои амалиётӣ дар ҳудуди муайяншуда қарори нав қабул мекунад.

Дар амрнома дар хусуси гузаронидани санҷиши андоз, ки аз ҷониби роҳбари аввали мақоми ҳудудии андоз ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда бо мақсади иҷрои қарори мақоми ваколатдори давлатӣ ба имзо расидааст, ғайр аз маълумоти пешбининамудаи ҳамин модда, инчунин бояд сана ва рақами қарори мақоми ваколатдори давлатӣ, ки бо мақсади иҷрои он амрнома ба имзо расидааст, зикр карда шавад.

Амрнома бояд бо мӯҳри нишондор тасдиқ карда, бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар мақоми андоз ба қайд гирифта шавад.

5. Дар асоси як амрнома танҳо як санҷиши андоз гузаронида мешавад.

**Моддаи 52. Оғози санҷиши андоз**

1. Оғози санҷиши андоз лаҳзаи ба андозсупоранда (агенти андоз) пешниҳод намудани амрнома ба ҳисоб меравад.

2. Шахсони мансабдори мақоми андоз, ки санҷиши андозро мегузаронанд, вазифадоранд ба андозсупоранда (агенти андоз) шаҳодатномаи хизматии худро нишон диҳанд ва дар Дафтари бақайдгирии санҷиши субъектҳои хоҷагидорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қайди дахлдор кунанд.

3. Шахси мансабдори мақоми андозе, ки санҷиши андозро мегузаронад, ба истиснои санҷишҳои амалиётӣ, ба андозсупоранда амрномаи аслро месупорад. Дар нусхаи амрнома қайд карда мешавад, ки андозсупоранда (агенти андоз) бо амрномаи асл шинос шуда, онро гирифтаст.

4. Ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ амрномаи асл ба андозсупоранда барои шиносоӣ нишон дода шуда, нусхааш супорида мешавад, ки ба он шахси мансабдори тафтишкунандаи мақоми андоз имзо мегузорад. Дар амрномаи асл оид ба шинос намудан ва гирифтани нусхаи он аз ҷониби андозсупоранда сабт ва имзо гузошта мешавад.

5. Дар мавриди бо мақсади иҷрои қарори мақоми ваколатдори давлатӣ таъин намудани санҷиши андоз шахси мансабдори мақоми андоз, ки санҷиши андозро мегузаронад, бояд инчунин ба андозсупоранда нусхаи қарори мақоми ваколатдори давлатиро, ки дар асоси он амрномаи мақоми ҳудудии андоз дар бораи гузаронидани санҷиши андоз қабул шудааст, диҳад.

~~5~~6. Даст кашидани андозсупоранда (агенти андоз) аз гирифтани амрнома барои боз доштани санҷиши андоз асос шуда наметавонад.

**Моддаи 53. Ба шахсони мансабдори мақоми андоз дастрас будани ҳудуд ё бино барои гузаронидани санҷиши андоз**

1. Андозсупоранда ӯҳдадор аст ворид шудани шахсони мансабдори мақоми андозро, ки санҷиши андоз мегузаронанд, ба ҳудуд ё бинои (ба истиснои биноҳои истиқоматӣ) барои гирифтани даромад

истифодашаванда ё ба объекти андозбандӣ ва объекти бо андозбандӣ алоқаманд барои муоина иҷозат диҳад.

2. Ҳангоми монеъ шудан ба ворид шудани шахсони мансабдори мақоми андоз, ки санҷиши андозро мегузаронанд, ба ҳудуди номбаршуда ё ба объекти андозбандӣ, ё объекти бо андозбандӣ алоқаманд, ё ба бино (ба истисноӣ биноҳои истиқоматӣ) протокол тартиб дода мешавад.

3. Протоколро шахсони мансабдори мақоми андоз, ки санҷиши андозро мегузаронанд ва андозсупоранда (агенти андоз) имзо менамоянд. Агар андозсупоранда (агенти андоз) аз имзо кардан даст кашад, ӯҳдадор аст оид ба сабаби рад кардани имзо тавзеҳоти хаттӣ диҳад. Агар андозсупоранда аз тавзеҳоти хаттӣ доир ба сабаби имзо накардани протокол даст кашад, шахсони мансабдори мақоми андоз, ки санҷиши андозро мегузаронанд, бо ҷалби на камтар аз ду нафар шахси холис дар хусуси аз тавзеҳоти хаттӣ вобаста ба сабаби имзо накардани протокол даст кашидани андозсупоранда санад тартиб дода, онро ҳамин шахсони мансабдор ва холисон имзо мекунанд ва чораҳои дар ҳамин Кодекс пешбинишударо татбиқ менамоянд. Протокол дар ду нусха таҳия карда, яке аз онҳо ба андозсупоранда дода мешавад. Ҳангоми гирифтани протокол андозсупоранда дар нусхаи дигари протоколи дар дасти мансабдори мақоми андоз монда, ки санҷиши андозро мегузаронад, танҳо дар хусуси гирифтани он қайд ва имзо мегузорад. Имзои андозсупоранда маънои онро надорад, ки ӯ ба хулосаи шахси мансабдори санҷишкунандаи мақоми андози розӣ ё норозӣ аст ва ин наметавонад ҳуқуқи андозсупорандаро барои шикоят кардан аз болои қарорҳо ва амалҳои (беамалии) ин шахси мансабдор маҳдуд намояд.

4. Шахсони мансабдори мақоми андоз бояд бо худ иҷозатномаи махсус дошта бошанд, агар мувофиқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ворид шудан ба ҳудуд ё ба бинои чунин андозсупоранда он зарур бошад.

5. Андозсупоранда ҳуқуқ дорад ба ворид шудани шахсони мансабдори мақоми андоз дар ҳолатҳои зайл ба ҳудуд ё бино барои гузаронидани санҷиши андоз иҷозат надиҳад, агар:

1) амрнома мавҷуд набошад ё он супорида нашуда бошад, ё мувофиқи тартиби муқарраршуда ба расмият дароварда нашуда бошад;

2) мӯҳлати санҷиши дар амрнома нишондодашуда фаро нарасида бошад ё гузашта бошад;

3) ҳамин шахсон дар амрнома зикр нашуда бошанд;

4) ҳуҷҷатҳои талабшаванда ба давраи андози мавриди санҷиш қарорёфта тааллуқ надошта бошанд;

5) шахсони мансабдори мақоми андоз дар дафтари бақайдгирии санҷиши субъектҳои хоҷагидорӣ гузоштани сабти дахлдорро оид ба санҷиши андоз рад намоянд;

6) иҷозатномаи махсусеро, ки қисми 4 ҳамин модда муқаррар намудааст, надошта бошанд;

7) аз ҷониби онҳо талаботи моддаи 50[1] ё моддаи 50[2] ҳамин Кодекс риоя нагардад;

8) ҳар кадоме аз онҳо ба андозсупоранда (агенти андоз) шаҳодатномаи хизматиро пешниҳод накарда бошад. Дар ин ҳолат андозсупоранда ҳуқуқ дорад барои гузаронидани санҷиши андоз ба ҳудуд ё бино ба ҳамон шахси мансабдори мақоми андоз, ки шаҳодатномаи хизматии худро пешниҳод накардааст, роҳ надиҳад;

9) аз ҷониби онҳо даврият ё давомнокии санҷишҳои андозе, ки ҳамин Кодекс муқаррар намудааст, риоя нашуда бошад.

**Моддаи 54. Гирифтани ҳуҷҷатҳо**

Гирифтани ҳуҷҷатҳо мутобиқи ҳамин Кодекс ва санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

**Моддаи 55. Ба охир расидани санҷиши андоз**

1. Баъди ба охир расидани санҷиши андоз шахси мансабдори мақоми андоз санади санҷиши андозро тартиб медиҳад ва он маълумоти зеринро дар бар мегирад:

1) ҷои гузаронидани санҷиши андоз, санаи тартиб додани санад;

2) намуди санҷиш;

3) мансаб, насаб, ном, номи падари шахсони мансабдори мақоми андоз, ки санҷиши андозро гузаронидаанд;

4) насаб, ном, номи падар ё номи пурраи андозсупоранда (агенти андоз);

5) маҳалли ҷойгиршавӣ, маълумотҳои бонкии андозсупоранда (агенти андоз), инчунин рақами мушаххаси он;

6) насаб, ном, номи падари роҳбар ва шахсони мансабдори андозсупоранда (агенти андоз), ки барои пешбурди ҳисоботи андоз ва муҳосиботӣ, пардохти андозҳо ба буҷет масъуланд;

7) маълумот оид ба санҷиши пешина ва чораҳои андешидашуда ҷиҳати рафъи вайронкуниҳои қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қаблан муайян шуда буданд;

8) давраи андози мавриди санҷиш қароргирифта ва маълумоти умумӣ оид ба ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи андозсупоранда (агенти андоз) барои гузаронидани санҷиш;

9) шарҳи мукаммали ошкоргардидаи ҳуқуқвайронкунии андоз бо далел овардан ба меъёрҳои дахлдори қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;

10) натиҷаи санҷиши андоз.

2. Ба охир расидани санҷиши андоз рӯзи ба андозсупоранда супоридани санади санҷиши андоз, ё дар ҳолати даст кашидани андозсупоранда (агенти андоз) аз қабули санади санҷиши андоз, санаи ба ӯ фиристодани санади санҷиши андоз бо мактуби фармоишии дорои огоҳнома, вале на дертар аз 5 рӯзи кории баъди мӯҳлати дар амрнома зикргардида, ба ҳисоб меравад.

3. Агар баъди ба охир расидани санҷиши андоз ҳуқуқвайронкунии андоз ба мушоҳида нарасад, дар санади санҷиши андоз дар ин бора қайди махсус гузошта мешавад.

4. Ба санади санҷиши андоз нусхаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ҳисоботҳои анҷомдодаи шахси мансабдори мақоми андоз ва дигар маводи дар рафти санҷиши андоз дастрасшуда замима мегардад.

5. Санади санҷиши андоз ба миқдори на камтар аз ду нусха тартиб дода шуда, онро шахсони мансабдори мақоми андоз, ки санҷиши андозро гузаронидаанд, ва андозсупоранда имзо менамоянд.

~~6. Як нусхаи санади санҷиши андоз ба андозсупоранда (агенти андоз) супорида мешавад. Ҳангоми қабули санади санҷиши андоз андозсупоранда (агенти андоз) ӯҳдадор аст оид ба қабул намудани он дар нусхаи дигари санад сабт ва имзо гузорад.~~

~~Агар андозсупоранда (агенти андоз) аз қабули санади санҷиши андоз даст кашад, дар ин маврид дар нусхаи санади санҷиши андоз, ки дар мақоми андоз мебошад, қайди дахлдор гузошта, он бо имзои шахсони мансабдори мақоми андоз, ки санҷиши андозро гузаронидаанд, тасдиқ карда мешавад. Дар ин ҳолат санади санҷиши андоз ба андозсупоранда (агенти андоз) тавассути мактуби фармоишии дорои огоҳнома фиристода мешавад.~~

6. Як нусхаи санади санҷиши андоз ба андозсупоранда (агенти андоз) дода мешавад. Ҳангоми гирифтани санади санҷиши андоз андозсупоранда (агенти андоз) ӯҳдадор аст дар нусхаи дигари санад танҳо дар хусуси гирифтани он қайд кунад ва имзои худро гузорад. Ҳамзамон имзои андозсупоранда маънои онро надорад, ки ӯ ба хулосаи шахси мансабдори санҷишкунандаи мақоми андози розӣ аст ё нест ва ин наметавонад ҳуқуқи андозсупорандаро барои шикоят кардан аз болои қарорҳо ва амалҳои (беамалии) ин шахси мансабдор маҳдуд намояд.

7. Санади санҷиши андоз дар дафтари махсуси бақайдгирии санадҳои санҷиши андоз ва амрномаҳо, ки дар ҳар як мақоми андоз пеш бурда мешавад ва бояд рақамгузорӣ, дӯхта ва бо мӯҳри мақоми андоз ба расмият дароварда шавад, сабт мегардад. Шакл ва тартиби пешбурди ин дафтари махсус, инчунин тартиби нигоҳдошти санадҳои санҷиши андозро мақоми ваколатдори давлатӣ муайян менамояд.

**Моддаи 56. Қарор оид ба натиҷаи санҷиши андоз**

1. Баъди ба охир расидани санҷиши андоз дар асоси натиҷаҳои дар санади санҷиши андоз зикршуда мақоми андоз бо имзои роҳбари якуми мақоми андоз ё шахси онро ивазкунанда ~~оид ба маблағҳои ҳисобшудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо огоҳнома~~ огоҳнома дар бораи натиҷаҳои санҷиши андоз (минбаъд – огоҳнома) тартиб медиҳад, ки он дар муддати 10 рӯзи кории баъди санаи ба охир расидани санҷиши андоз ба андозсупоранда (агенти андоз) ирсол мегардад.

2. Бақайдгирии огоҳнома ~~оид ба маблағҳои ҳисобшудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо~~ ва санади санҷиши андозро мақоми андоз таҳти як рақам анҷом медиҳад.

3. Дар огоҳнома ~~оид ба маблағҳои ҳисобшудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо~~ бояд маълумотҳои зерин зикр карда шаванд:

1) сана ва рақами қайди огоҳнома ва санади санҷиши андоз;

2) насаб, ном, номи падар ё номи пурраи андозсупоранда;

3) рақами мушаххаси андозсупоранда;

~~4) маблағи андозҳои ҳисобшуда, аз ҷумла фоизҳо ва ҷаримаҳо;~~

~~5) талабот оид ба пардохт ва мӯҳлати пардохт;~~

4) шарҳи муфассали вайронкунии андоз ва чораи татбиқшудаи ҷавобгарӣ, аз ҷумла маблағи андозҳои ҳисобшуда, инчунин фоизҳо ва ҷаримаҳо, бо иқтибос ба меъёрҳои дахлдори қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

5) талабот оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои андоз ва мӯҳлатҳои иҷрои онҳо, аз ҷумла оид ба ислоҳ намудани вайронкуниҳои ошкоргардида;

6) маълумоти андозҳои дахлдор (рақами суратҳисобҳое, ки маблағи андози ҳисобшуда бояд гузаронида шавад);

7) мӯҳлат ва маҳалли шикоят намудан.

4. Андозсупоранда, ки огоҳномаро дар бораи маблағҳои ҳисобшудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо гирифтааст, агар оид ба натиҷаи санҷиши андоз шикоят накарда бошад, ӯҳдадор аст дар мӯҳлати дар огоҳнома зикршуда онро иҷро намояд.

5. Дар ҳолате, ки агар баъди анҷом ёфтани санҷиши андоз ҳуқуқвайронкунии андоз муқаррар нашуда бошад, дар ин маврид низ андозсупоранда огоҳнома мегирад.

**Моддаи 57. Мафҳуми назорати камералӣ**

Назорати камералӣ – назоратест, ки аз ҷониби мақоми андоз бевосита дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андоз ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи андозсупоранда анҷом дода мешавад. Назорати камералӣ мустақиман дар маҳали ҷойгиршавии мақоми андоз иҷро карда мешавад.

**Моддаи 58. Натиҷаи назорати камералӣ**

1. Назорати камералиро шахсони мансабдори ваколатдори мақоми андоз мувофиқи вазифаҳои хизматӣ, бе ягон қарори (амрномаи) роҳбари мақоми андоз анҷом медиҳанд.

2. Дар ҳолати аз ҷониби мақоми андоз дар ҳисоботи андоз ошкор карда шудани иштибоҳот, номутобиқатии маълумоти дар ҳисоботи андоз мавҷуда, инчунин дар сурати афзудани нишондиҳандаҳо барои супорандагони андоз, ки тибқи низоми соддакардашуда пардохта мешавад, ба андозсупоранда барои мустақилона бартараф намудани хатогиҳои содиршуда, инчунин гузаштан ба тартиби умумии андозбандӣ огоҳнома фиристода мешавад. Ҳисобкунии иловагии андозҳо, ки аз иштибоҳоти дар ҷараёни назорати камералӣ ошкоршуда бармеояд, танҳо аз ҷониби мақоми андозе анҷом дода мешавад, ки андозсупоранда дар қайди он мебошад.

**Моддаи 59. Истифодаи мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ**

1. Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо истеъмолкунандагон ҳангоми фурӯши мол ё хизматрасониҳо тавассути пули нақд, кортҳои маблағсупории бонкӣ, чекҳо бо истифодаи ҳатмии мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва супоридани чеки назоратӣ ба истеъмолкунанда анҷом дода мешаванд.

Муқаррароти ҳамин қисм ба ҳисоббаробаркуниҳои пулии инҳо татбиқ намегардад:

1) соҳибкорони инфиродӣ (ба истиснои фурӯшандагони молҳои зераксизӣ), ки:

- дар асоси патент фаъолият мекунанд;

- агар аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии андозсупоранда ба сифати соҳибкори инфиродӣ (ба истиснои онҳое, ки дар асоси патент фаъолият мекунанд) шаш моҳ нагузашта бошад;

2) андозсупорандагон дар қисми хизматрасониҳо ба аҳолӣ бо додани квитансияҳо, чиптаҳо, талонҳо, тамғаҳои маблағсупории почта ё дигар ҳуҷҷатҳои ба чекҳо баробаркардашудаи ҳисоботдиҳии қатъӣ дар шаклҳои тасдиқнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) адвокатҳо, духтурон ва дигар шахсони дорои касбҳои озод, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст;

4) шахсони воқеии мутобиқи бандҳои 12) ва 13) моддаи 141 ҳамин Кодекс аз андози даромад озодгардида, ки маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли худиро дар бозор ва дигар ҷойҳои махсус ҷудошуда, берун аз биноҳои статсионарӣ мефурӯшанд.

2. Тартиби татбиқи мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

3. Мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ – ин таҷҳизоти электронӣ бо блоки хотираи фискалӣ ва (ё) силсилаи компютерҳои бонкӣ барои сабти ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо истеъмолкунандагон ҳангоми фурӯши мол ва хизматрасонӣ мебошанд, ки қайди тасҳеҳнашавандаи ҳарсменагӣ ва нигоҳдории дарозмуддати маълумотро новобаста аз мавҷудияти қувваи барқ таъмин менамоянд. Мақоми ваколатдори давлатӣ бо мувофиқаи Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон феҳристи давлатии мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалиро, ки барои истифода дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст, тасдиқ менамояд.

4. Дар ҳолати корношоямии техникии мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ ё набудани қувваи барқ истифода ва супоридани чекҳои молӣ ба харидорон бо тартиби пешбининамудаи банди 2) қисми 1 ҳамин модда муваққатан иҷозат дода мешавад.

**Моддаи 60. Талабот оид ба истифодаи мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ**

Ҳангоми истифодаи мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ риояи талаботи зерин ҳатмӣ мебошад:

1) то оғози фаъолият мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ дар мақомоти андози ҷои фаъолият ба қайд гирифта шаванд;

2) додани чеки мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ амалӣ шавад;

3) ба мақомоти андоз дастрас будани мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ таъмин карда шавад.

**Моддаи 61. Назорати андоз оид ба риояи тартиби татбиқ ва истифодаи мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ**

Мақомоти андоз:

1) назорати риояи тартиби истифодаи мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалиро амалӣ менамоянд;

2) ҳангоми гузаронидани санҷишҳои андоз аз нишондиҳандаҳои дар блоки хотираи мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ мавҷудбуда истифода мебаранд.

**Моддаи 62. Назорати молҳои зераксизӣ**

1. Ба молҳои зераксизӣ бояд тибқи тартиб ва шартҳои муайяннамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ тамғаҳои аксизӣ зада шаванд.

2. Истеҳсолкунандагон ва воридкунандагони молҳои зераксизӣ барои тамғагузории молҳои зераксизӣ ҷавобгар мебошанд.

3. Мақоми андоз бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ барои аз ҷониби истеҳсолкунандагон риоя намудани қоидаҳои тамғагузории намудҳои алоҳидаи молҳои зераксизиро назорат менамояд.

4. Мақоми андоз дар ҳудуди андозсупорандае, ки молҳои зераксизиро истеҳсол менамояд, бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дидбонгоҳҳои аксизӣ мегузорад.

~~5. Ба мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровардани молҳои воридшудаи зераксизие, ки бояд тамғаҳои аксизӣ гузошта шаванд, ба низоми гумрукии иҷозати мол барои муомилоти озод, мағозаи савдои бебоҷ, ҳудуди гумрукии озод, анбори озод, бидуни пешакӣ гузоштани тамғаҳои дахлдори аксизӣ манъ аст.~~

5. Ба мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмиёти гумрукӣ даровардани молҳои воридшудаи зераксизие, ки бояд тамғаҳои аксизӣ гузошта шаванд, бидуни пешакӣ гузоштани тамғаҳои дахлдори аксизии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи талаботи пешбининамудаи қисми 1 ҳамин модда дар корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти зераксизие, ки берун аз ҳудуди сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд, манъ аст. Ҳамзамон мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадоранд дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда боварӣ ҳосил намоянд, ки тамғаҳои дахлдори аксизӣ бо тартиби муқаррарнамуда берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тамғагузории маҳсулоти зераксизии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда бароварда шуда будаанд.

**Моддаи 63. Назорат аз болои мақомоти ваколатдор**

Мақомоти андоз мақомоти ваколатдорро доир ба масъалаҳои ҳисоби дуруст, пурра ситонидан ва саривақт гузаронидани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет назорат менамоянд.

## БОБИ 5. РОБИТА БО АНДОЗСУПОРАНДАГОН

**Моддаи 64. Мукотиба бо андозсупорандагон**

Ҳама гуна огоҳнома ё ҳама гуна дигар ҳуҷҷате, ки мақоми андоз ба андозсупоранда мефиристад, бояд ба таври хаттӣ таҳия гардида, онро роҳбар ё шахси мансабдори ваколатдори мақоми андоз бо зикри насаб ва ном имзо гузорад, мӯҳр монда ба андозсупоранда фиристад ё супорад. Ҳуҷҷатҳо ҳангоме ба таври зарурӣ супоридашуда ба ҳисоб мераванд, агар онҳо ба суроғаи андозсупоранда тавассути мактуби фармоишӣ бо огоҳномаи супоридан ирсол ё шахсан ба андозсупоранда ё ба шахси бовариноки он супорида шуда бошанд.

**Моддаи 65. Эътибtopнокии огоҳнома ва дигар ҳуҷҷатҳо**

Ҳеҷ гуна огоҳнома оид ба ҳисоби андозҳо ё дигар ҳуҷҷати мувофиқи қонунгузории андоз таҳиягардида беэътибор дониста намешавад, агар:

1) он аз нигоҳи мазмун ва моҳият ба ҳамин Кодекс мувофиқат кунад; ва

2) шахсе, ки андози он ҳисоб карда мешавад, ё ин ҳуҷҷатҳо ба он дахл доранд, ба таври оммафаҳм зикр шавад.

**Моддаи 66. Расмиёти муқаррар намудани ӯҳдадориҳо**

Бо назардошти моддаҳои 64 ва 65 ҳамин Кодекс ҳеҷ гуна огоҳномаи мақомоти андоз, ки андозсупоранда гирифтааст, барои андозсупоранда ё мақомоти андоз қувваи ҳатмии ҳуқуқӣ надорад, агар он дар шакли хаттӣ таҳия нагардида ва ба андозсупоранда ба таври лозимӣ супорида нашуда бошад.

**Моддаи 67. Шарҳи хаттӣ оид ба татбиқи қонунгузории андоз**

1. Ба андозсупорандаи мушаххас шарҳи хаттиро оид ба истифодаи қонунгузории андоз Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, оиди истифодаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки мувофиқи ҳамин Кодекс қабул шудаанд, роҳбари аввали мақоми ваколатдори давлатӣ (муовини ваколатдори он) медиҳад.

2. Агар андозсупоранда хусусияти тамоми амалиётро, ки ба ин шарҳи хаттӣ тааллуқ дорад, пурра ва дуруст зикр намояд ва ин амалиёт аз ҳама ҷиҳат моҳиятан дар асоси муқаррароти ин мурофиати хаттии андозсупорандаи мушаххас амалӣ шуда бошад, ин шарҳи хаттӣ хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон набошад, барои мақомоти андоз ва ин андозсупоранда нисбати татбиқи қонунгузории андоз, ки аз лаҳзаи ирсол намудани шарҳи хаттӣ амал менамуд, қувваи ҳатмии ҳуқуқӣ дорад.

## БОБИ 6. ПЕШНИҲОД ВА ҶАМЪОВАРИИ МАЪЛУМОТ

**Моддаи 68. Таҳия ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ**

1. Ҳар як шахс ӯҳдадор аст ҳуҷҷатҳои баҳисобгириро оид ба амалиёти зерин пеш барад, агар онҳо:

1) боиси пайдошавии ӯҳдадориҳои андозии ин шахс;

2) боиси пайдошавии ӯҳдадориҳои ин шахс оид ба нигоҳ доштани андозҳо; ё

3) боиси пайдошавии ӯҳдадориҳои ин шахс оид ба пешниҳоди маълумоти вобаста ба андозбандӣ гарданд.

2. Ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ аз ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, регистрҳои ҳисоботи муҳосибавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳое иборат мебошанд, ки барои муайянсозии объектҳои андозбандӣ ва объектҳои бо андозбандӣ алоқаманд, инчунин барои ҳисобкунии ӯҳдадориҳои андоз ҳамчун асос истифода бурда мешаванд.

3. Андозсупорандагон вазифадоранд ҳуҷҷатҳои баҳисобгириро мутобиқи санадҳои меъёрии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори давлатӣ, ҳангоми зарурат, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш баранд.

Ҳама гуна ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгирӣ ҳадди ақал бояд чунин маълумотҳоро дошта бошанд:

1) номи ҳуҷҷат;

2) санаи тартибдиҳии ҳуҷҷат;

3) номи шахсе (номи расмии шахси ҳуқуқӣ ё ному насаби шахси воқеӣ), ки аз ҷониби он (аз номи кӣ) ҳуҷҷат таҳия ва дода шудааст;

4) номи шахсе (номи расмии шахси ҳуқуқӣ ё ному насаби шахси воқеӣ), ки барои он (ба кӣ) ҳуҷҷат таҳия ва дода шудааст;

5) рақами мушаххаси андозсупорандаи шахсе, ки ҳуҷҷатро таҳия ва додааст ва рақами мушаххаси андозсупорандаи шахсе, ки барои он ҳуҷҷат таҳия ва дода шудааст;

6) мазмуну мундариҷаи амалиёти иқтисодӣ;

7) ченакҳои амалиёти иқтисодӣ дар шакли натуралӣ ва пулӣ;

8) номи шахсони мансабдор, ки барои иҷрои амалиёти иқтисодӣ ва дурустии барасмиятдарории он ҷавобгаранд, имзои шахсии онҳо ва мӯҳр (ҳангоми мавҷудияти он).

Ҳама гуна ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгирӣ бояд дар на камтар аз ду нусхаи якхела таҳия гардида, яке дар назди шахси таҳия ва пешниҳоднамудаи он мононда шавад, дигараш ба шахсе супорида шавад, ки ин ҳуҷҷат барояш таъин шудааст ва аз ҷониби вай нигоҳдорӣ шавад.

4. Агар ҳуҷҷатҳои дахлдори баҳисобгирӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои андозсупоранда бо забони хориҷӣ таҳия шуда, ба мақомоти андоз нофаҳмо бошанд, андозсупоранда бояд ин ҳуҷҷатҳоро бо талаби мақомоти андоз ба забони давлатӣ тарҷума намояд.

5. Дар сурати дар шакли электронӣ таҳия гардидани ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ҳангоми рафти санҷиши андоз андозсупоранда ӯҳдадор

аст, бо талаби мақомоти андоз нусхаи қоғазии чунин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод намояд.

6. Шахсони дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда вазифадоранд ҳуҷҷатҳои баҳисобгириро дар муддати на камтар аз 3 соли баъди ба охир расидани соли тақвимие, ки ба он марбутанд, нигоҳ доранд.

**Моддаи 69. Баҳисобгирии ҷудогона ва қоидаҳои пешбурди он**

1. Агар андозсупорандагон намудҳои фаъолиятеро иҷро намоянд, ки барои онҳо ҳамин Кодекс шартҳои гуногуни андозбандиро пешбинӣ намудааст, вазифадоранд баҳисобгирии ҷудогонаи объектҳои андозбандӣ ва объектҳои бо андозбандӣ алоқамандро, ки бо ин намудҳои фаъолият вобастаанд, пеш баранд.

2. Баҳисобгирии ҷудогонаро андозсупорандагон тавассути ҳисобкуниҳо дар асоси нишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосиботӣ, бо назардошти муқаррароти ҳамин Кодекс амалӣ мегардонанд. Ин ҳисобкуниҳо доир ба ҳар як намуди фаъолият анҷом дода мешаванд.

3. Тамоми даромаду хароҷоте, ки ба намуди муайяни фаъолият мансуб дониста шудаанд, бояд бо ҳуҷҷатҳои дахлдори баҳисобгирӣ тасдиқ гарданд.

**Моддаи 70. Ҳисоботи андоз**

1. Ҳисоботи андоз ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки дар онҳо маълумот оид ба ҳисобкунии ӯҳдадориҳои андоз зикр шуда, андозсупоранда (агенти андоз) ба мақомоти андоз пешниҳод менамояд.

2. Ҳисоботи андоз аз инҳо иборат аст:

1) эъломияҳои андоз, ҳисобкуниҳое, ки бояд андозсупоранда доир ба ҳар намуди андоз тартиб диҳад;

2) ариза барои гирифтани патент ё барои истифодаи дигар низомҳои андоз;

3) ариза барои гирифтани шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ;

4) ариза барои гузоштан дар баҳисобгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда;

5) ариза барои баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда;

6) ариза барои татбиқи меъёрҳои созишномаҳо оид ба пешгирии андозбандии дукарата ва дигар шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои андозбандиро дар бар мегиранд;

7) дигар ҳуҷҷатҳое, ки бояд мувофиқи муқаррароти ҳамин Кодекс таҳия ва ба мақомоти андоз пешниҳод шаванд.

3. Эъломияи андоз, ҳисоботи андоз – ин аризаи хаттӣ ва (ё) ҳуҷҷатҳои электронии андозсупоранда, агенти андоз мебошанд, ки ба мақомоти андоз мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс пешниҳод шудаанд ва онҳо маълумотеро бояд оид ба объектҳои андозбандӣ ва объектҳои бо андозбандӣ алоқаманд, инчунин оид ба ҳисобкунии ӯҳдадориҳои андоз ва дигар маълумотҳои ба ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳо ба буҷет алоқамандбударо дарбар гиранд.

4. Ҳангоми воқеан мавҷуд набудани маълумотҳои муайяне, ки бояд дар эъломияи андоз ва (ё) ҳисоботи андоз инъикос ёбанд, замимаҳои

дахлдори онҳо, ки мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар намудааст, пешниҳод карда намешаванд.

**Моддаи 71. Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи андоз**

1. Ҳисоботи андозро андозсупоранда ё намояндаи он, агенти андоз мустақилона, тибқи тартиб ва шаклҳое, ки мақоми ваколатдори давлатӣ мутобиқи ҳамин Кодекс муқаррар намудааст, таҳия менамоянд.

2. Ҳисоботи андоз дар шакли қоғазӣ ё электронӣ бо забони давлатӣ таҳия карда мешавад. Ҳангоми таҳияи ҳисоботи андоз дар шакли электронӣ андозсупоранда, агенти андоз ӯҳдадор аст бо талаби мақомоти андоз нусхаи чунин ҳуҷҷатҳоро дар шакли қоғазӣ пешниҳод намояд.

3. Ҳисоботи андоз бояд аз ҷониби андозсупоранда, агенти андоз (роҳбар ва сармуҳосиб) имзо ва бо мӯҳри андозсупоранда, агенти андоз тасдиқ карда шавад. Ҳангоми таҳияи ҳисоботи андоз дар шакли электронӣ ҳуҷҷати электронӣ бояд бо имзои электронии роҳбар ва сармуҳосиб ва мӯҳри электронии шахси ҳуқуқӣ тасдиқ карда шавад. Ҳангоми ғоиб ё ғайри қобили амал будани андозсупоранда – шахси воқеӣ ҳисоботи андозро намояндаи он имзо ва тасдиқ менамояд.

4. Намояндаи андозсупоранда, агенти андоз, ки ҳисоботи андозро таҳия менамояд, ӯҳдадор аст онро имзо карда, мӯҳр гузорад ва рақами мушаххаси андозсупорандаи худро зикр намояд. Агар ҳисоботи андозро беш аз як нафар намояндаи андозсупоранда таҳия кунанд, онро танҳо намояндаи асосӣ имзо менамояд.

5. Ҳангоми таҳияи ҳисоботи андоз аз ҷониби андозсупоранда, агенти андоз, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки чунин ҳисоботро намояндаи онҳо таҳия мекунад, ҷавобгарӣ барои дурустии маълумотҳои дар ҳисоботи андоз зикрёфта ба зиммаи андозсупоранда, агенти андоз гузошта мешавад.

6. Ҳисоботи андозро андозсупоранда, агенти андоз ба мақомоти дахлдори андоз тибқи тартиб ва мӯҳлати муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс пешниҳод менамояд.

7. Ҳангоми азнавташкилшавӣ, барҳамхӯрии андозсупоранда (шахси ҳуқуқӣ) барои ҳар як андозсупорандаи навтаъсис, барҳамхӯрда ҳисоботи андоз алоҳида, аз аввали давраи андоз то рӯзи ба охир расидани азнавташкилшавӣ ё барҳамдиҳӣ, дар асоси санади супоридашавӣ, баланси тақсимотӣ ё баланси барҳамдиҳӣ таҳия карда мешавад. Чунин ҳисобот ба мақомоти андоз то ворид намудани маълумоти дахлдор ба феҳристи давлатии шахсони ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад.

8. Андозсупорандагон, агентҳои андоз метавонанд ҳисоботи андозро тибқи хости хеш ба тариқи зайл пешниҳод намоянд:

1) дар шакли ҳозир шудан;

2) тавассути почта, бо мактуби фармоишӣ бо огоҳнома супоридан;

3) дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар шакли электронӣ, ки коркарди компютерии маълумотро имконият медиҳад.

9. Санаи пешниҳод шудани ҳисоботи андоз ба мақомоти андоз санаи қабули ҳуҷҷатҳо аз ҷониби мақомоти андоз ё санаи огоҳкунӣ оид ба

расонидани ҳисоботи фиристода тавассути почтаи электронӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳисоботи андоз, ки ба ташкилоти почта ё дигар ташкилоти алоқавӣ то соати 24 рӯзи охирини муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс супурда шудааст ва дар он вақт ва санаи қабули ташкилоти почта ё дигар ташкилоти алоқа сабт шудааст, сари вақт супоридашуда ба ҳисоб меравад.

10. Ҳисоботи андоз бе назорати пешакии камералӣ қабул карда мешавад.

**Моддаи 72. Мӯҳлати нигоҳдории ҳисоботи андоз**

1. Ҳисоботи андозро андозсупорандагон ва агентҳои андоз дар давоми на камтар аз 3 соли баъди ба охир расидани соли тақвимие, ки ба он марбут аст, нигоҳ медоранд.

2. Ҳангоми азнавташкилшавии андозсупоранда, агенти андоз – шахси ҳуқуқӣ ӯҳдадориҳо оид ба нигоҳдории ҳисоботи андоз дар муддати фаъолияти шахси азнавташкилшаванда (дар доираи мӯҳлати муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда) ба зиммаи ворисӣ ҳуқуқии он гузошта мешавад.

**Моддаи 73. Пешниҳоди эъломияҳои андоз**

1. Андозсупорандагон мутобиқи муқаррароти ҳамин Кодекс вазифадоранд эъломияҳои андозро ба мақомоти андоз дар мӯҳлатҳои муайяннамудаи ҳамин Кодекс, тибқи шакл ва тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ, супоранд.

2. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба эъломияи андоз (ҳисобкуниҳои андоз) дар доираи мӯҳлати 3-солаи даъвои муайяннамудаи ҳамин Кодекс иҷозат дода мешавад.

3. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба эъломияи андоз ва (ё) ҳисобкуниҳо аз ҷониби андозсупоранда бо роҳи таҳияи эъломия ва (ё) ҳисобкуниҳои иловагӣ барои давраи андозе, ки ин тағйиру иловаҳо ба он тааллуқ доранд, анҷом дода мешавад.

4. Дар эъломияи андоз ва (ё) ҳисобкуниҳои иловагии андоз дар сатрҳои дахлдор танҳо маблағи фарқияти ошкоршуда нисбати эъломияи андоз ва (ё) ҳисобкуниҳои қаблан пешниҳодшуда зикр мегардад.

5. Ҳангоми пешниҳоди эъломия ва (ё) ҳисобкуниҳои иловагӣ то оғози санҷиши андоз маблағи андозҳои аз ҷониби андозсупоранда ошкоршуда бояд бе пардохти ҷаримаҳо ба буҷет гузаронида шавад.

**Моддаи 74. Пешниҳоди иттилоот оид ба пардохтҳо ё дигар амалиётҳо**

Дар ҳолатҳо ва бо тартиби муқаррарнамудаи дастуруламал дар бораи пешниҳоди иттилоот ба мақомоти андоз дар бораи пардохтҳо ва дигар амалиётҳо, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ бо мувофиқаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон қабул карда мешавад, шахсе, ки пардохт ё дигар амалиётро анҷом медиҳад, вазифадор аст ба мақомоти андоз иттилоот пешниҳод намояд.

**Моддаи 75. Дароз кардани мӯҳлати пешниҳоди эъломияҳои андоз**

Агар андозсупоранда то ба охир расидани мӯҳлати пешниҳоди эъломия оид ба дароз кардани мӯҳлати эъломия барои андоз аз даромад

ё андоз аз фоида муроҷиат намуда, ҳамзамон маблағи арзёбишудаи дахлдори андозро супорад, мӯҳлати пешниҳоди эъломия худ аз худ ду моҳ дароз карда мешавад. Тамдиди мӯҳлат мувофиқи ҳамин модда мӯҳлати пардохти андозро тағйир намедиҳад ва боиси боз доштани ҳисоби фоизҳо мутобиқи моддаи 93 ҳамин Кодекс намегардад.

**Моддаи 76. Суратҳисобҳои бонкӣ**

Бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявию кредитие, ки амалиёти алоҳидаи бонкиро иҷро мекунанд, вазифадоранд:

1) суратҳисобҳои ҳисоббаробаркунӣ ё дигар суратҳисобҳои (ба истиснои суратҳисобҳои пасандозии (депозитии) шахсони воқеӣ) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро танҳо бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳое, ки бо рақами мушаххаси андозсупоранда аз ҷониби мақомоти андоз рақамгузорӣ намудани онҳоро тасдиқ менамояд, кушода, мақомоти андозро дар мӯҳлати панҷрӯза дар хусуси аз ҷониби андозсупоранда кушодани суратҳисобҳои номбурда огоҳ намоянд ва бе зикри рақами мушаххаси андозсупоранда дар ҳуҷҷатҳои бонкӣ амалиётро бо суратҳисобҳо анҷом надиҳанд;

2) тибқи навбати муқаррарнамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои пулиро барои пардохти андозҳо аз суратҳисобҳои ҳисоббаробаркунӣ ва дигар суратҳисобҳо, аз ҷумла аз суратҳисобҳои асъории андозсупорандагон аз ҳисоб бароранд;

3) бо супориши андозсупоранда ба суратҳисоби Хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бонк ё дигар муассисаҳои молиявию кредитӣ, ки хизматрасонии хазинавии буҷетро иҷро мекунанд, маблағи андозҳоро дар мӯҳлати на дертар аз рӯзи дигари баъди гузаронидани амалиёт ҷиҳати аз ҳисоб баровардани маблағҳо аз суратҳисоби ҳисоббаробаркунӣ ё дигар суратҳисоби андозсупоранда ба манфиати буҷети дахлдор дохил намоянд (гузаронанд);

4) ба мақомоти андоз мутобиқи моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ" маълумот пешниҳод намоянд ва ҳангоми мавҷудияти амрнома барои гузаронидани санҷиши андоз кормандони мақомоти андозро ба санҷиши амалиёти анҷомдодашуда бо суратҳисобҳои бонкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии санҷишшаванда ва ба санҷиши мавҷудияти маблағҳо дар ин суратҳисобҳо иҷозат диҳанд.

**Моддаи 77. Пешниҳоди иттилоот ба мақомоти андоз**

1. Бо мақсади татбиқи назорати андоз ва ноил гаштан ба ҳадафи қонунӣ мақоми андоз ҳуқуқ дорад бо роҳи фиристодани огоҳномаи хаттӣ аз ҳама гуна шахс дар мӯҳлати 10 рӯз аз санаи фиристодани огоҳнома, талаб намояд, ки:

1) иттилооти дар огоҳнома зикршуда, ~~аз ҷумла иттилоотро доир ба дигар шахс~~ <u>инчунин иттилоот доир ба даромадҳо ва хароҷоти худ дар давраи муайян (дар доираи мӯҳлати мурури даъво, ки моддаи 86 ҳамин Кодекс муқаррар намудааст), аз ҷумла иттилоот дар бораи даромадҳои худ, ки аз шахси дар огоҳнома мушаххас зикргардида гирифтааст ва дар</u>

бораи хароҷоти вобаста ба муносибатҳои мутақобила бо шахси дар огоҳнома мушаххас зикрёфта масраф гардидааст пешниҳод намояд, ё

2) тибқи мӯҳлат ва маҳалли дар огоҳнома зикршуда барои гузаронидани пурсиш ё пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ё дигар нишондодҳои дар ихтиёри ин шахс мавҷудбуда ва дар огоҳнома зикрёфта ҳозир шавад.

~~2. Барои ноил шудан ба ҳадафи қонунии вобаста ба иҷрои назорати андоз, шахси мансабдори ваколатдори мақоми андоз ҳангоми доштани амрнома ҳуқуқ дорад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 53 ҳамин Кодекс ба ҳама гуна бино бе огоҳонии пешакӣ, ба манзили истиқоматӣ бошад - мувофиқи санксияи прокурор ворид шавад.~~

2. Барои расидан ба ҳадафи қонунии вобаста ба иҷрои назорати андоз шахси ваколатдори мақоми андоз ҳуқуқ дорад дар мавриди мавҷуд будани амрнома ба ҳудуд ё ба биноҳо ё ба объектҳои андозбандӣ, ё объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд, ки дар моддаи 53 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд, ба манзили истиқоматӣ бошад - мувофиқи санксияи прокурор ворид шавад.

3. Шахси мансабдори ваколатдори мақоми андоз, ки мутобиқи қисми 2 ҳамин модда ба таври қонунӣ дар бинои хизматӣ ё истиқоматӣ ҳозир аст, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳуқуқ дорад:

1) аз ҳама гуна ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба андозбандӣ нусхабардорӣ намояд;

2) дар асоси тасдиқи хаттӣ оид ба гирифтан ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ё дигар ҳуҷҷатҳоеро, ки аз нигоҳи он барои ноил шудан ба ҳадафи қонунӣ алоқаманданд, гирад, ки нусхаҳои онҳо аз ҷониби шахси ваколатдори мақоми андозе, ки санҷиши андозро мегузаронад ва аз ҷониби андозсупоранда имзо карда мешаванд ва дар дасти андозсупоранда мемонанд:

3) ҳисобкунакҳо гузорад ё нишондиҳандаҳои онҳоро гирад; ва

4) ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ё дигар ҳуҷҷатҳоро мӯҳр гузорад.

Агар шахси мансабдори ваколатдори мақоми андоз мутобиқи ҳамин банд таҷҳизот ва маводи дигар шахсро барои мақсадҳои гирифтани навиштаҷот аз ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ё дигар ҳуҷҷатҳо ё нусха аз онҳо истифода барад, мақоми андоз бояд хароҷоти истифодаи таҷҳизот ва маводро ҷуброн намояд, ҳамзамон ҳаҷми ҷуброн бояд ба нархи бозории истифодаи таҷҳизот ва мавод асос ёбад. Агар шахси мансабдори ваколатдори мақоми андоз ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ё дигар ҳуҷҷатҳоро дар асоси ваколатҳои пешбининамудаи ҳамин қисм гирад, мақоми андоз метавонад ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ё дигар ҳуҷҷатҳоро нусхабардорӣ намояд ва нусхаҳои аслиро дар мӯҳлатҳои имконпазири кӯтоҳтарин, вале на дертар аз мӯҳлати 10 рӯз аз санаи гирифтан баргардонад.

Дар мавриди гирифтани ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ё дигар ҳуҷҷатҳо шахси ваколатдор бояд дар ин бора санад тартиб дода, нусхаи онро ба андозсупоранда диҳад.

4. Ҳамин модда ҳуқуқи ворид шуданро ба сафоратҳо, биноҳои консулгарӣ ва дигар намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ, инчунин

ташкилотҳои байналмилалӣ, ки мутобиқи ҳуқуқҳои байналмилалӣ аз чунин тафтишот аз масуният (иммунитет) истифода мебаранд, бе розигии расмии онҳо намедиҳад.

5. Иҷозат ба ҳуҷҷатҳо ва дигар объектҳои дорои ин ё он сир мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

6. Дар ҳамин модда "ҳадафи қонунӣ" дорои маънои ҷамъоварии маълумот бо мақсади муайян намудани ӯҳдадориҳои андозсупоранда оид ба пардохти андоз ё мақсади ситонидани андоз аз шахси мушаххас мебошад.

7. Дар ҳамин модда "шахси мансабдори ваколатдор " маънои корманди мақоми андозро дорад, ки онро роҳбари якум ё муовини роҳбари якуми мақоми дахлдори андоз барои иҷрои ҳуқуқҳои дар ҳамин модда зикршуда таъин намудааст.

## БОБИ 7. ӮҲДАДОРИИ АНДОЗ

**Моддаи 78. Ӯҳдадории андоз**

1. Ӯҳдадории андоз ҳангоми мавҷудияти ҳолатҳои дар ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои қонунгузории андоз пешбинишуда аз вазифаи андозсупоранда оид ба пардохти андози муайян, инчунин ҷаримаҳои ҳисобшуда ва фоизҳо ба буҷет иборат аст.

2. Асосҳоро барои ба миён омадан, тағйир ёфтан ё қатъи ӯҳдадории андоз, инчунин тартиб ва шартҳои иҷрои ӯҳдадории андоз танҳо ҳамин Кодекс ё дигар санадҳои қонунгузории андоз метавонанд муайян намоянд.

3. Ӯҳдадории андоз аз лаҳзаи ба миён омадани вазъияте, ки пардохти андоз, ҷаримаҳои ҳисобшуда ва фоизҳоро мутобиқи талаботи қонунгузории андоз пешбинӣ менамояд, ба зиммаи андозсупоранда гузошта мешавад.

**Моддаи 79. Иҷрои ӯҳдадориҳои андоз**

1. Иҷрои ӯҳдадориҳои андоз, новобаста аз мавҷудияти маблағҳо дар суратҳисобҳо ва дигар амволи андозсупоранда, аз пардохти андозҳои пешбинишуда, ҷаримаҳои ҳисобшуда ва фоизҳо дар мӯҳлатҳои муқарраргардида иборат мебошад.

2. Агар ҳамин Кодекс ё дигар санадҳои қонунгузории андоз тартиби дигареро муайян накунанд, иҷрои ӯҳдадориҳои андоз бевосита аз ҷониби андозсупоранда ба амал бароварда мешавад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс ё дигар санадҳои қонунгузории андоз ҷавобгарӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои андоз ба зиммаи дигар ӯҳдадор гузошта мешавад.

3. Яктарафа даст кашидан аз иҷрои ӯҳдадориҳои андоз ё яктарафа тағйир додани тартиби иҷрои он аз ҷониби андозсупорандагон ё дигар шахси ӯҳдадор, агар он дар қонунгузории андоз пешбинӣ нашуда бошад, иҷозат дода намешавад.

4. Ичрои ӯҳдадориҳои андоз ҳангоми муфлисшавии андозсупоранда мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузорӣ оид ба муфлисшавӣ анҷом дода мешавад.

**Моддаи 80. Ичрои ӯҳдадориҳои андоз ҳангоми барҳамдиҳии корхона (ташкилот)**

1. Ӯҳдадориҳои андози корхонаи (ташкилоти) барҳамхӯрандаро комиссияи барҳамдиҳӣ аз ҳисоби воситаҳои пулии он, аз ҷумла даромадҳо аз фурӯши амволи корхона (ташкилот) иҷро менамояд. Ҳамзамон комиссияи барҳамдиҳии корхона бояд ҳамчунин ӯҳдадориҳои андози дигар воҳидҳои махсуси онро, ки мутобиқи моддаи 19 ҳамин Кодекс ҳамчун корхона эътироф шудаанд, иҷро намояд, агар ҳамин модда тартиби дигареро муқаррар накарда бошад. Ӯҳдадориҳои андози воҳидҳои махсуси барҳамхӯрандаи корхонаро (ташкилотро) бевосита корхонае (ташкилоте) иҷро менамояд, ки ба таркиби он воҳиди махсуси номбаршуда дохил аст ва ҳангоми барҳамдиҳии ҳамин корхона (ташкилот) бошад – комиссияи барҳамдиҳии ҳамин корхона (ташкилот) иҷро менамояд.

2. Агар воситаҳои пулии корхонаи (ташкилоти) барҳамхӯранда, аз ҷумла баъди фурӯши амволи он, барои иҷрои ӯҳдадориҳои андоз нокифоя бошанд, қарзи боқимондаро ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои андоз бояд иштирокчиёни (муассисони) корхона пардозанд, агар мутобиқи қонун, оинномa ё дигар ҳуҷҷати муассисӣ онҳо доир ба ӯҳдадориҳои корхона (ташкилот) ҷавобгарии муштаракро ба зимма дошта бошанд.

**Моддаи 81. Ичрои ӯҳдадориҳои андоз ҳангоми азнавташкилкунии шахси ҳуқуқӣ**

1. Ӯҳдадориҳои андози шахси ҳуқуқии аз нав ташкилёфтаро тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин модда вориси (ворисони) ҳуқуқии он иҷро менамояд.

2. Иҷрои ӯҳдадориҳои андози шахси ҳуқуқии аз нав ташкилёфта ба зиммаи вориси (ворисони) ҳуқуқии он гузошта мешавад, новобаста аз он ки ба ворис (ворисон) то ба охир расидани азнавташкилкунӣ далел ё ҳолатҳои иҷро накардан ё ба таври лозимӣ иҷро накардани ӯҳдадориҳои андози шахси ҳуқуқии аз нав ташкилёфта маълум буданд ё на. Ҳамзамон ба зиммаи вориси (ворисони) ҳуқуқӣ ӯҳдадориҳои супоридани тамоми ҷарима ва фоизҳои вобаста ба ӯҳдадориҳои андози шахси ҳуқуқии аз нав ташкилёфта гузошта мешаванд.

3. Азнавташкилкунии шахси ҳуқуқӣ мӯҳлати иҷрои ӯҳдадориҳои андози онро аз ҷониби вориси (ворисони) ҳуқуқии ин шахси ҳуқуқӣ тағйир намедиҳад.

4. Ҳангоми якшавии якчанд шахси ҳуқуқӣ вориси ҳуқуқии онҳо оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои андоз шахси ҳуқуқие ба ҳисоб меравад, ки дар натиҷаи ин якшавӣ ба миён омадааст.

5. Ҳангоми ҳамроҳшавии як шахси ҳуқуқӣ бо дигар шахси ҳуқуқӣ вориси ҳуқуқии шахси ҳуқуқии ҳамрошуда оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои андоз шахси ҳуқуқие ба ҳисоб меравад, ки онро ҳамроҳ намудааст.

6. Ҳангоми тақсимшавии шахси ҳуқуқӣ шахсони ҳуқуқие, ки дар натиҷаи чунин тақсимшавӣ ба миён омадаанд, ворисони ҳуқуқии шахси ҳуқуқии аз нав ташкилёфта оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои андоз ба ҳисоб мераванд.

7. Ҳангоми мавҷудияти якчанд вориси ҳуқуқӣ ҳиссаи иштироки ҳар яки онҳо дар иҷрои ӯҳдадориҳои андози шахси ҳуқуқии аз нав ташкилёфта мувофиқи баланси тақсимотӣ ё дигар санади супоридашавӣ муайян карда мешавад. Агар баланси тақсимотӣ ё дигар санади супоридашавӣ имконият надиҳад, ки ҳиссаи иштироки ҳар як вориси ҳуқуқии шахси ҳуқуқии аз нав ташкилёфта оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои андоз муайян карда шавад ё аз ҷониби ин ё он вориси ҳуқуқӣ пурра иҷро гардидани ӯҳдадориҳои андозро истисно намояд, пас шахсони ҳуқуқии навтаъсис оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои андози шахси ҳуқуқии аз нав ташкилёфта ё қисми дахлдори ӯҳдадориҳои андози номбаршуда ӯҳдадории муштарак доранд.

8. Ҳангоми табдил додани як шахси ҳуқуқӣ ба шахси ҳуқуқии дигар бо роҳи тағйир додани шакли ташкилию ҳуқуқӣ вориси ҳуқуқӣ оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои андоз шахси ҳуқуқии навтаъсис ба ҳисоб меравад.

9. Ҳангоми аз таркиби шахси ҳуқуқӣ ҷудо шудани як ё якчанд шахси ҳуқуқӣ масъалаи вориси ҳуқуқӣ нисбати шахси ҳуқуқии аз нав ташкилёфта оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои андоз дар назди шахсони ҳуқуқии ҷудошуда ба миён намеояд, агар чунин азнавташкилёбӣ барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои андози шахси ҳуқуқии аз нав ташкилёфта нигаронида нашуда бошад. Агар дар натиҷаи аз таркиби шахси ҳуқуқӣ ҷудо шудани як ё якчанд шахси ҳуқуқӣ шахси ҳуқуқии якум - андозсупоранда имконияти пурра иҷро кардани ӯҳдадориҳои андозро надошта бошад, пас бо қарори мақоми ваколатдори давлатӣ шахсони ҳуқуқии ҷудошуда ӯҳдадориҳои андози шахси ҳуқуқии аз нав ташкилёфтаро муштарак иҷро менамоянд.

**Моддаи 82. Иҷрои ӯҳдадориҳои андози шахсони воқеии фавтида, ғайри қобили амал, бедарак ғоибшуда ё шахсоне, ки суд фавтида эълон кардааст**

1. Ӯҳдадориҳои андози шахси воқеии фавтида ё шахсеро, ки суд фавтида эълон кардааст, вориси (ворисони) ҳуқуқии он дар доираи арзиши амволи меросӣ ва мутаносибан ба ҳиссаи амволи меросӣ дар санаи гирифтан иҷро менамояд.

2. Ҳангоми набудани вориси (ворисони) ҳуқуқӣ ё аз мерос даст кашидани тамоми ворисон ӯҳдадориҳои андози шахси воқеии фавтида ё шахсе, ки суд фавтида эълон кардааст, қатъ мегарданд.

3. Ӯҳдадориҳои андози шахси воқеиро, ки суд бедарак ғоибшуда ё ғайри қобили амал ё фавтида эълон кардааст, шахсе, ки амволи шахси бедарак ғоибшуда ё ғайри қобили амал ё фавтида эълоншударо соҳибӣ менамояд, аз ҳисоби ҳамин амвол иҷро мекунад.

4. Агар амволи шахси тибқи тартиби муқарраргардида бедарак ғоибшуда ё ғайри қобили амал эътирофшуда ё шахсе, ки суд фавтида эълон кардааст барои иҷрои ӯҳдадориҳои андози ин шахси воқеӣ ва ҷаримаю фоизҳои ба онҳо ҳисобшуда нокифоя бошад, пас қисми иҷронашудаи ӯҳдадориҳои андоз, аз ҷумла ҷаримаю фоизҳо, бо сабаби нарасидани амволи шахси воқеии бедарак ғоибшуда ё ғайри қобили амал ё шахсе, ки суд фавтида эълон кардааст, тибқи тартиби муқarrарнамудаи моддаи 99 ҳамин Кодекс аз ҳисоб бароварда мешавад.

5. Ҳангоми тибқи тартиби муқарраргардида қабул шудани қарор ҷиҳати беэътибор донистани эътирофи шахси воқеӣ ҳамчун бедарак ғоибшуда ё ғайри қобили амал (дар ҳолати охирин ҳангоми қобили амал эътироф намудани шахси воқеӣ) ё дар бораи бекор кардани қарори дахлдори суд дар бораи фавтида эълон кардани шаҳрванд (шахси воқеӣ) амали ӯҳдадориҳои андоз, ки қаблан, мувофиқи қисми 4 ҳамин модда аз ҳисоб бароварда шуда буданд, барқарор карда мешавад, аммо фоизҳо ва ҷаримаҳо аз давраи қабули қарор дар хусуси бедарак ғоибшуда, ғайри қобили амал ё фавтида эълон кардани шаҳрванд (шахси воқеӣ) то лаҳзаи бекор шудани ин қарор ҳисоб карда намешаванд.

**Моддаи 83. Тартиби иҷрои ӯҳдадориҳои андоз**

1. Агар қонунгузории андоз тартиби дигаре муқаррар накарда бошад, андозсупоранда маблағи андозеро, ки дар давраи ҳисоботӣ бояд супорида шавад, бо назардошти манбаи андоз, меъёри андоз ва имтиёзҳои андоз мустақилона ҳисоб менамояд.

2. Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ё дигар санади қонунгузории андоз ҳисобкунии маблағи андозҳои супоридашавандаро ба зиммаи мақоми андоз ё агенти андоз гузоштан мумкин аст.

3. Ҳисобкунии андоз тибқи тартибе сурат мегирад, ки ҳамин Кодекс ё дигар санади қонунгузории андоз барои ҳар як андози дахлдор муқаррар намудаанд.

4. Маблағи андозро, ки бояд дар мӯҳлатҳои муқарраршуда пардохта шавад, андозсупоранда ё дигар шахси ӯҳдадор мутобиқи ҳамин Кодекс ё дигар санади қонунгузории андоз месупоранд (мегузаронанд).

## БОБИ 8. ҲИСОБКУНИИ МАБЛАҒИ АНДОЗҲО

**Моддаи 84. Ҳисобкунии маблағи андозҳо**

1. Таҳти мафҳуми ҳисобкунии маблағи андозҳо (ӯҳдадориҳои андоз) дар ҳамин Кодекс ҳисоб кардан ва дар ҳисобномаҳои шахсии андозсупорандагон аз ҷониби мақомоти андоз гузаронидани маблағҳои андоз, ҷарима ва фоизҳо, ки бояд барои давраи мушаххаси андоз супорида шаванд, дар назар дошта шудааст. Ҳисобкуниҳо ҳисобкуниҳои ислоҳгардида ва ҳисобкуниҳои дар назар доштаашудаи маблағҳоро дарбар мегиранд.

2. Мақомоти андоз ваколатдоранд ҳисобкунии ӯҳдадориҳои андози ҳар як андозсупорандаро мутобиқи ҳамин Кодекс дар асоси як ё якчанд манбаи маълумоти дар поён зикршуда амалӣ намоянд:

1) иттилооте, ки дар эъломияҳои андоз ва дигар ҳисоботи андози андозсупоранда мавҷуд аст;

2) иттилоот оид ба пардохтҳо мувофиқи моддаи 74 ҳамин Кодекс;

3) иттилоот оид ба пардохтҳои ҷории андоз мутобиқи моддаи 198 ва дигар муқаррароти ҳамин Кодекс; ва

4) маводи санҷиши андоз ва ҳама гуна дигар иттилооте, ки ба мақомоти андоз маълум шудааст.

Агар андозсупоранда иттилооти заруриро барои ҳисобкунии андоз пешниҳод накунад, мақомоти андоз ҳуқуқ доранд андозро дар асоси ҳама гуна дигар маълумоти дастрас ҳисоб кунанд.

3. Дар ҳолатҳое, ки қонунгузории андоз пардохти андозро бо пешниҳоди эъломия талаб намекунад, инчунин дар ҳолатҳое, ки мақомоти андоз ҳисобкунии андози қаблиро нодуруст мешуморанд, мақоми андоз маблағи андозро ҳисоб менамояд ва оид ба ҳисобкунии андоз мутобиқи моддаи 85 ҳамин Кодекс ба андозсупоранда огоҳнома мефиристад. Мақомоти андоз метавонанд ҳисобкунии андозро анҷом диҳанд ё ба ҳисобкунии пештараи маблағи андоз то анҷом ёфтани мӯҳлати даъво, ки моддаи 86 ҳамин Кодекс муқаррар намудааст, тағйирот ворид намоянд.

4. Дар ҳолате, ки ситонидани андоз бо пур кардани эъломия вобаста аст, пур кардани эъломия, ки маънои ӯҳдадории пардохти андозро дорад, бояд ба сифати зерин баррасӣ карда шавад:

1) ҳисобкунии чунин андоз; ва

2) огоҳнома ва талабнома оид ба супоридани чунин андоз дар мӯҳлати муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс.

5. Дар ҳолатҳои ситонидани андоз бо роҳи нигоҳ доштан аз манбаи пардохт, яъне вақте, ки андозсупоранда эъломияи андоз пешниҳод намекунад ва мақомоти андоз маблағи андози андозсупорандаро дар асоси дигар иттилоот ҳисоб намекунанд, чунин ба ҳисоб меравад, ки мақомоти андоз ҳисобкунии ӯҳдадориҳои андози андозсупорандаро барои як сол, бо маблағи андози нигоҳдошташуда аз пардохтҳои дар давоми сол гирифтаи андозсупоранда анҷом додаанд, агар он ҷой дошта бошад, ва андозсупорандаро оид ба ин ҳисобкунии андоз огоҳ намудаанд.

6. Роҳбари мақоми андоз ҳуқуқ дорад маблағи андозро ҳисоб карда, пардохти фаврии онро то санае, ки маъмулан андоз супорида мешавад, талаб намояд, агар ин чорабинӣ барои таъмини ситонидани андоз зарур бошад ва иттилооти мушаххас мавҷуд бошад, ки агар пардохти фаврии андоз сурат нагирад, андозсупоранда бо роҳи фирор аз ҳудуди кишвар, супоридани активҳо ба дигар шахс ё андешидани дигар чораҳое, ки ба ситонидани андоз монеъ мешавад, аз андозбандӣ канорагирӣ менамояд.

Андозсупоранда метавонад ҳисобкунии андози мутобиқи ҳамин қисм суратгирифта, ҳамчунин ҳама гуна ҳисобкунии андозро, ки мақомоти андоз мувофиқи хуқуқҳои ба онҳо додашуда анҷом додаанд, ҳангоми нокифоя ё шубҳанок будани маълумоти дар даст доштаи онҳо (ба онҳо пешниҳодшуда), ки ҳангоми ҳисобкунии маблағи андоз истифода бурдаанд, таҳти баҳс қарор диҳад, аз ҷумла ба суд мурочиат кунад.

**Моддаи 85. Огоҳнома оид ба ҳисобкунии андоз ва талаби пардохти он**

Андозсупоранда оид ба ҳисобкунии ӯҳдадории андоз огоҳ карда мешавад. Дар огоҳнома оид ба ҳисобкунии андоз инҳо зикр мешаванд:

1) насаб, ном, номи падари (ё номи) андозсупоранда;

2) рақами мушаххаси андозсупоранда;

3) санаи огоҳнома;

4) объекте, ки ба он огоҳнома тааллуқ дорад ва соли андоз (давраи андоз) ё солҳои андоз (давраҳои андоз), ки огоҳнома фаро мегирад;

5) маблағи андози ҳисобкардашуда, аз ҷумла фоизҳо ва ҷаримаҳо;

6) талаби пардохти андоз ва мӯҳлатҳои пардохт;

7) маҳал ва тарзи пардохти андоз (маълумотҳо мутобиқи қисми 3 моддаи 88 ҳамин Кодекс);

8) зикри асосҳо, ки тибқи он ҳисобкунии андоз сурат гирифтааст, ва

9) тартиби шикоят намудан.

**Моддаи 86. Мӯҳлати даъво**

1. Мақомоти андоз маблағҳои андози шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро метавонанд дар давоми 3 соли баъди ба охир расидани давраи андоз ҳисоб намоянд ва маблағи андози ҳисобкардашударо аз нав дида бароянд, вале маблағи андози ҳисобшударо (ислоҳшударо) бошад, дар давоми 6 соли баъди ба охир расидани давраи андоз ситонанд.

2. Андозсупоранда ҳуқуқ дорад баргардонидан ё ба ҳисоб гирифтани маблағи андозро дар давоми 3 соли баъди ба охир расидани давраи андоз, бо назардошти мӯҳлати иловагие, ки боби 11 ҳамин Кодекс зиёда аз ин мӯҳлати сесола фароҳам овардааст, талаб намояд.

## БОБИ 9. ПАРДОХТ, ҶАМЪОВАРӢ ВА БАРГАРДОНИДАНИ АНДОЗҲО

~~**Моддаи 87. Пардохти андозҳо**~~

~~Андоз, ҷарима ва фоизҳо бояд дар мӯҳлатҳои муайяннамудаи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии андоз, ки дар асоси ҳамин Кодекс қабул шудаанд, супорида шаванд.~~

<u>**Моддаи 87. Шаклҳо ва мӯҳлатҳои пардохти андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳо**</u>

<u>1. Агар ҳамин модда тартиби дигаре муқаррар накарда бошад, андозҳо, ҷаримаҳо, фоизҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ бояд дар мӯҳлатҳои пешбиникардаи дар ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрӣ доир ба андозҳо, ки дар асоси ҳамин Кодекс қабул гардидаанд, дар шакли ғайринақдӣ супорида шаванд.</u>

2. Андози замин аз шахсони воқеӣ ва андоз аз амволи ғайриманқули шахсони воқеӣ метавонад бо пули нақд аз ҷониби шахси ваколатдори мақоми андоз, ки барои ҷамъоварии ин андозҳо махсус ваколатдор шудааст ва ҳуқуқ надорад санҷиши андози минбаъдаро дар ин андозсупорандагон нисбати ҳамин андозҳо гузаронад, рӯёнида шавад. Ҳамзамон шахси мансабдори мақоми андози барои ҷамъоварии ин андозҳо ваколатдор кардашуда ва шахси мансабдори мақоми андоз, ки санҷиши андозро мегузаронад, наметавонанд ҳамон рӯз дар як вақт ба ҳузури андозсупоранда ҳозир шаванд.

3. Ҳангоми бо пули нақд рӯёнидани андози замин аз шахсони воқеӣ ва андоз аз амволи ғайриманқули шахсони воқеӣ дар ду нусхаи шабеҳ ҳуҷҷати ҳисоботи қатъӣ дар бораи пардохти андоз, ки шакли онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, пур карда мешавад. Ин ҳуҷҷат бояд аз ҷониби шахси ваколатдори мақоми андози барои ҷамъоварии ин андозҳо махсус ваколатдор кардашуда ва андозсупоранда имзо карда шавад. Як нусхаи ин ҳуҷҷати имзокардашуда дар лаҳзаи ҷамъоварии андозҳое, ки дар қисми 2 ҳамин модда зикр ёфтаанд, ба андозсупоранда дода мешавад.

**Моддаи 88. Ҷои пардохти андозҳо ва буҷетҳое, ки ба онҳо андозҳо гузаронида мешаванд**

1. Андоз, ҷарима ва фоизҳо бояд дар ҷойҳои зерин пардохта шаванд:

1) дар маҳале, ки дар огоҳнома оид ба ҳисобкунии андоз ва талабот оид ба пардохти андоз зикр шудааст; ё

2) агар огоҳнома оид ба ҳисобкунии андоз зарур набошад, дар маҳале, ки дар санади дахлдори қонунгузории андоз зикр шудааст; ё

3) агар маҳал дар санади дахлдори қонунгузории андоз зикр нашуда бошад, дар маҳали зисти андозсупоранда – шахси воқеӣ ё ҷои идоракунии андозсупоранда – шахси ҳуқуқӣ.

2. Агар қонунгузорӣ тартиби дигаре муқаррар накарда бошад, новобаста аз минтақаи фаъолияти иқтисодии андозсупоранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, андозҳо, ҷарима ва фоизҳо бояд ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои дахлдори маҳаллӣ мутобиқи қонунгузории буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шаванд.

3. Андозсупоранда ҳар сол дар мақоми андози ҷои баҳисобгирии бақайдгириаш маълумоте (суратҳисобҳои бонкӣ ва хазинадорӣ), ки ба онҳо бояд ин ё он намуди андоз, ҷарима ва фоизҳо ба ин ё он буҷет супорида шаванд, аниқ менамояд.

**Моддаи 89. Ба ҳисоб гирифтан ё баргардонидани маблағҳои барзиёд пардохтшудаи андоз**

1. Агар маблағи андоз, ҷарима ва фоизҳои пардохтшуда аз маблағи ҳисобкардашудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо зиёд бошад, пас мақомоти андоз:

1) бе розигии андозсупоранда маблағи барзиёдро ҳамчун иҷрои ӯҳдадориҳои андози андозсупоранда оид ба дигар намуди андозҳо,

ҷарима ва фоизҳое, ки ба ҳамин буҷет ворид мешаванд, ба ҳисоб мегиранд;

2) бо розигии хаттии андозсупоранда, ки ҷавобан ба муроҷиати дахлдори хаттии мақомоти андоз гирифта шудааст, бақияи баъди иҷрои амали дар банди 1) ҳамин қисм номбаршуда бавуҷудомадаро ба ҳисоби ӯҳдадориҳо оид ба пардохтҳои минбаъдаи ҳамон андозҳо ба буҷете, ки бояд ин бақия низ ворид шавад, мегузаронанд;

3) баъди иҷрои амалҳои  пешбининамудаи бандҳои 1) ва 2) ҳамин қисм, агар ҳамин Кодекс тартиби дигареро муқаррар накарда бошад, якҷоя бо мақомоти дахлдори молия маблағи зиёдатиро (бақияро) ба андозсупоранда дар мӯҳлати 30 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи пешниҳоди аризаи хаттии андозсупоранда ба мақомоти андози баҳисобгирии бақайдгириаш бармегардонанд.

2. Агар маблағи андоз, ҷарима ва фоизҳои зиёдатии пардохтаи андозсупоранда мувофиқи банди 1) қисми 1 ҳамин модда ба ҳисоби ӯҳдадориҳои дигар андозҳои он гузаронида шавад, мақомоти андоз бояд дар ин маврид андозсупорандаро дар мӯҳлати 3 рӯз аз санаи гузаронидани чунин баҳисобгирии дар боло номбаршуда огоҳ намоянд.

3. Агар маблағи андоз, ҷарима ва фоизҳои (пардохтҳои гумрукии) воқеан ҳангоми гузаштани (барои гузаштани)  молҳо ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии  Тоҷикистон пардохтшуда аз маблағи воқеан ҳисобшудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо (пардохтҳои гумрукӣ) ҳангоми гузаштани (барои гузаштани) молҳо ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд бошад, мақомоти андоз ҳангоми муроҷиати хаттии андозсупоранда тасдиқномаи чунин маблағи зиёдатиро аз мақомоти гумруки дахлдор гирифта, амали дар қисми 1 ҳамин модда пешбинишударо иҷро мекунанд ва дар мӯҳлати 3-рӯзаи баъди гузаронидани чунин баҳисобгирии дар боло номбаршуда андозсупорандаро огоҳ менамоянд.

4. Маблағҳои зиёдатии андоз, ҷарима ва фоизҳои дар ҳамин модда баррасишуда, бо мувофиқаи андозсупоранда, мақомоти дахлдори андоз ва гумрук мумкин аст барои пӯшонидани қарзҳои андоз, ҷарима ва фоизҳо барои гузаштани молҳо ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шаванд, агар барзиёдӣ ва қарзҳо ба ҳамон як буҷет тааллуқ дошта бошанд.

5. Агар маблағи барзиёд пардохтшудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо ба ҳамон як буҷет, вале ӯҳдадории андоз ба дигар буҷет тааллуқ дошта бошад, баҳисобгирӣ ё баргардонидани маблағҳои барзиёд пардохташудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи дастуруламал дар бораи анҷом додани баҳисобгирӣ ё баргардонидани маблағҳои изофагии пардохташудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо, ки мақоми ваколатдори давлатӣ бо мувофиқаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул менамояд, сурат мегирад.

**Моддаи 90. Тағйир додани мӯҳлати пардохти андоз**

1. Тағйир додани мӯҳлати пардохти андоз, ҷарима ва фоизҳо (ба таъхир гузоштан) ин аз мӯҳлати мутобиқи ҳамин Кодекс

муқаррарнамудаи пардохти андоз, ҷарима ва фоизҳо, аз ҷумла пардохтҳои ҷорӣ, ба мӯҳлати нисбатан дертар гузарондани он ба ҳисоб меравад.

2. Батаъхиргузорӣ танҳо нисбати он ӯҳдадориҳои андоз анҷом дода мешавад, ки мӯҳлати пардохташон расидааст.

3. Батаъхиргузорӣ метавонад доир ба як ё якчанд андоз фароҳам оварда шавад.

4. Маблағи андоз, ҷарима ва фоизҳое, ки ба таъхир гузошта шудаанд, то рӯзи ба охир расидани давраи батаъхиргузорӣ ҳамчун бақияпулӣ ба ҳисоб намеравад ва нисбати он тадбирҳои ситонидани маҷбурии андоз, ҷарима ва фоизҳо, ба истиснои ҳисоби фоиз, татбиқ намегарданд.

5. Батаъхиргузорӣ андозсупорандаро, ба истиснои ҳолатҳои дар бандҳои 1 ва 2 қисми 10 ҳамин модда пешбинишуда, аз ҷавобгарии ҳисоби фоизҳо нисбати маблағҳои ба таъхир гузошташудаи андозҳо то ба охир расидани давраи батаъхиргузорӣ озод наменамояд.

6. Батаъхиргузорӣ андозсупорандаро аз иҷрои ӯҳдадориҳои дар мӯҳлатҳои муқарраршуда пешниҳод намудани эъломия ва дигар ҳисоботи муқарраршуда ба мақомоти андоз нисбати андозҳое, ки ба таъхир гузошта шудаанд, озод намекунад.

7. Дар давраи батаъхиргузорӣ ҷараёни мӯҳлатҳои даъво, ки ҳамин Кодекс муқаррар кардааст, қатъ мегардад.

8. Пӯшонидани маблағи ӯҳдадориҳои андози ба таъхир гузошташуда аз моҳе, ки баъди моҳи давраи батаъхиргузорӣ фаро мерасад, оғоз мегардад. Ҳамзамон андозсупоранда дар баробари пӯшонидани маблағи ӯҳдадориҳои андози ба таъхир гузошташуда ӯҳдадор аст ба буҷет тамоми маблағҳои ӯҳдадориҳои ҷории андозро пардозад.

9. Ҳангоми пардохт ба буҷет маблағҳои барои иҷрои ӯҳдадориҳои андоз равонашуда аввал барои пӯшонидани ӯҳдадориҳои ҷории андоз ва қисми боқимонда барои пӯшонидани ӯҳдадориҳои андозҳои ба таъхир гузошташуда истифода мешаванд.

10. Батаъхиргузорӣ метавонад ба шахсе фароҳам оварда шавад, ки барои он манфиатдор (шахси манфиатдор) буда, ақаллан яке аз чунин асосҳо мавҷуд бошад:

1) дар натиҷаи офати табиӣ, садамаи технологӣ ва дигар ҳолатҳои таъсири қувваҳои рафънопазир ба ин шахс зарар расидааст;

2) сари вақт аз буҷет маблағгузорӣ нашудани ин шахс ё сари вақт напардохтани маблағи фармоиши давлатӣ, ки аз ҷониби ин шахс иҷро шудааст;

3) аз ҷониби ин шахс гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ ё таҷрибавию конструкторӣ;

4) аз ҷониби ин шахс анҷом додани фаъолияти ҷоринамоӣ ё инноватсионӣ, аз ҷумла офаридани технологияҳои нав ё такмили технологияҳои истифодашаванда, кор карда баромадани ашё ё маводи нав.

11. Батаъхиргузории такрории пардохти андоз, ҷарима ва фоизҳо бе пурра пӯшонидани маблағҳои андози қаблан ба таъхир гузошташуда, ба

истиснои ҳолатҳои мавҷудияти асосҳои пешбининамудаи бандҳои 1) ва 2) қисми 10 ҳамин модда, манъ аст.

12. Агар қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад, қоидаҳои пешбининамудаи ҳамин модда ҳамчунин ҳангоми ба таъхир гузоштани пардохти андоз, ҷарима ва фоизҳо вобаста ба гузаштани молҳо ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад.

13. Қарор дар хусуси батаъхиргузорӣ оид ба андозҳои умумидавлатӣ бо пешниҳоди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо мақоми ваколатдори давлатӣ ва Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шудааст, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

14. Қарор дар хусуси батаъхиргузорӣ оид ба андозҳои маҳаллӣ бо пешниҳоди мақомоти дахлдори молия ва андози шаҳр (ноҳия) аз ҷониби раиси шаҳри (ноҳияи) дахлдор қабул карда мешавад.

15. Бо назардошти талаботи ҳамин модда Низомномаи тартиб ва мӯҳлати (давомнокии) батаъхиргузории ӯҳдадории андоз аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 91. Тартиби пӯшонидани ӯҳдадориҳои андоз**

Пӯшонидани ӯҳдадориҳои андоз мувофиқи тартиби зайл анҷом дода мешавад:

1) маблағи андозҳои ҳисобкардашуда;

2) ҷаримаҳои ҳисобкардашуда;

3) фоизҳои ҳисобкардашуда.

~~Ҳамзамон вобаста ба ҷаримаҳои ҳисобкардашуда ва маблағи андозҳои ҳисобкардашуда пӯшонидани қарз пайдарҳам, аз қарзи нисбатан барвақт шурӯъгардида, то қарзи нисбатан дертар ташаккулёфта анҷом дода мешавад.~~

Ҳамзамон аз рӯи маблағи андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳои ҳисобкардашуда пардохтани ӯҳдадориҳои андоз ба тарзи пайдарҳамии зерин амалӣ карда мешавад:

а) дар навбати аввал ӯҳдадориҳои андози соли ҷорӣ пардохта мешаванд (агар онҳо мавҷуд бошанд);

б) маблағи боқимонда барои пардохт кардани ӯҳдадориҳои андози солҳои гузашта, аз қарзҳои андози нисбатан дертар (қарзҳои андози ба соли ҷорӣ хеле наздик) сар карда, то қарзҳои андози барвақтар (қарзҳои андози аз соли ҷорӣ хеле дур) гузаронида мешавад.

## БОБИ 10. МАҶБУРАН СИТОНИДАНИ АНДОЗҲО

**Моддаи 92. Тадбирҳои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои андози дар мӯҳлаташ иҷронашуда**

1. Мақомоти андоз иҷрои ӯҳдадориҳои андози дар мӯҳлати муқарраршуда иҷронакардаи андозсупорандаро тибқи тадбирҳои зерини пешбининамудаи ҳамин Кодекс таъмин менамоянд:

1) ҳисобкунии фоизҳо ба маблағҳои тибқи мӯҳлат насупоридаи андозҳо;

2) боз доштани амалиётҳои хароҷотӣ аз рӯи суратҳисобҳо дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявию кредитӣ;

3) ҳабси амволи андозсупоранда ва ситонидани маблағҳое, ки ба андозсупоранда тааллуқ доранд.

2. Дар сурати аз ҷониби андозсупоранда дар мӯҳлатҳои муқарраршуда иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои пардохти андоз, ҷарима ва фоизҳо, яъне ҳангоме, ки андозсупоранда бақияпулӣ дорад, мақомоти андоз андозсупорандаро дар мавриди зарурати пардохти андоз, ҷарима ва фоизҳо дар мӯҳлати 10 рӯз аз санаи гирифтани чунин огоҳнома ва дар мавриди напардохтани андоз имконпазирии нисбати ӯ андешидани тадбирҳои пешбининамудаи бандҳои 2) ва 3) қисми 1 ҳамин модда огоҳ менамоянд. Агар дар ҳамин Кодекс тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ҳисобкунии фоизҳо дар ҳамаи ҳолатҳои мавҷудияти бақияпулӣ анҷом дода шуда, барои истифодаи чунин тадбир огоҳ намудани андозсупоранда тақозо намегардад.

3. Қоидаҳои ҳамин боб нисбати агентҳои андоз тибқи ҳамон тартибе, ки барои андозсупоранда пешбинӣ шудааст, татбиқ мегарданд.

4. Ҳамин боб бо риояи муқаррароти Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати навбати аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулӣ дар суратҳисобҳои бонкӣ истифода бурда мешавад.

**Моддаи 93. Фоизҳо вобаста ба пардохти кам ё барзиёди андозҳо**

1. Ба истисноии ҳолатҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс, агар ягон маблағи андоз, аз ҷумла пардохтҳои ҷорӣ, дар мӯҳлати муқарраргардида пардохт нашуда бошад, яъне ҳангоми мавҷуд будани пардохти кам (бақияпулӣ), андозсупоранда вазифадор аст фоизҳои ин маблағи кам пардохтшударо (бақияпулиро) дар мӯҳлати аз санаи фаро расидани мӯҳлати пардохт то санаи пардохти маблағи кам супоридашуда (бақияпулӣ) пардозад.

2. Агар аз санаи аз ҷониби андозсупоранда додани ариза барои баргардонидани маблағи андози барзиёд пардохтшуда, яъне изофапулӣ, то санаи воқеии баргардонидани маблағи изофапулӣ беш аз 30 рӯзи тақвимӣ гузашта бошад, фоизҳо ба фоидаи андозсупоранда ба маблағи изофапулии андоз бояд аз буҷети дахлдор аз санаи додани ариза барои баргардонидани изофапулӣ то санаи воқеии баргардонидани он пардохта шаванд.

Барои мақсадҳои сархати боло ҳангоми ҳисобӣ кардани маблағи барзиёд санаи баргардонидан санаи анҷом додани баҳисобгирӣ ва ё агар пардохти изофапулӣ ва бақияпулӣ ба буҷетҳои мухталиф тааллуқ дошта бошад, санаи гирифтани иҷозат барои баҳисобгирӣ ба ҳисоб меравад.

Фоизҳо ба андозсупоранда пардохта намешаванд, агар баргардонидани маблағи изофагӣ дар мӯҳлати на бештар аз 30 рӯз аз лаҳзаи аз ҷониби андозсупоранда додани ариза дар мавриди баргардонидани маблағҳои зиёдатии пардохтшуда анҷом дода шавад.

3. Меъёри фоизҳо мутобиқи ҳамин модда бо фоизҳои оддӣ дар ҳаҷми 150 фоизи меъёри азнавмаблағгузории (рефинансирование) Бонки миллии Тоҷикистон дар шакли меъёрҳои азнавмаблағгузориҳо ба ҳисоби миёнаи арифметикии барои ҳар як семоҳаи ҷорӣ муайяншуда муқаррар карда мешавад.

4. Ба ҷарима ва фоизҳои ҳисобкардашуда фоизҳо ҳисоб карда намешаванд.

5. Ҳангоми дар андозсупоранда мавҷуд будани изофапулӣ оид ба як андоз ва бақияпулӣ оид ба дигар андозҳо ҳисобкунии фоиз ба маблағи бақияпулӣ барои даврае, ки маблағи бақияпулӣ аз маблағи изофапулӣ камтар буд, анҷом дода намешавад, агар изофапулӣ ва бақияпулӣ ба ҳамон як буҷет тааллуқ дошта бошанд.

6. Дастуруламал дар бораи ҳисобкунии фоизҳо оид ба пардохти бақияпулӣ ё изофапулӣ вобаста ба андозҳо аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ бо мувофиқаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

**Моддаи 94. Боз доштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои андозсупоранда дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявию кредитӣ**

1. Боз доштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои андозсупоранда дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявию кредитии (ба истиснои суратҳисобҳои муросилотии бонкҳо) (минбаъд – «боз доштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкӣ») шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ ҳангоми мавҷудияти ҳатто яке аз ҳолатҳои зайл амалӣ карда мешавад:

1) агар андозсупоранда дар мӯҳлати муқарраргардида эъломияи андозро пешниҳод накунад ва мақоми андоз ӯро дар мавриди зарурати пешниҳоди он огоҳ карда бошад ва агар баъди гузаштани 30 рӯзи тақвимӣ  аз санаи чунин огоҳонӣ эъломияи андоз пешниҳод нашуда бошад;

2) ҳангоми напардохтани андоз, ҷарима ва фоизҳо дар мӯҳлати муқарраргардидаи қисми 2 моддаи 92 ҳамин Кодекс мақоми андоз такроран дар бораи зарурати пардохти андоз, ҷарима ва фоизҳо огоҳ менамояд ва агар дар ҷараёни 30 рӯзи тақвимии баъди гирифтани огоҳномаи такрорӣ аз ҷониби андозсупоранда қарзи андоз (бақияпулӣ) пардохта нашавад;

3) иҷозат надодан ба шахсони мансабдори мақомоти андоз барои санҷиши андоз ва азназаргузаронии объектҳои андозбандӣ ва объектҳои бо андозбандӣ алоқаманд, ба истиснои ҳолатҳое, ки онҳо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодексро оид ба гузаронидани санҷиши андоз вайрон кардаанд, агар аз санаи аз ҷониби андозсупоранда гирифтани огоҳномаи мақоми андоз дар бораи зарурати иҷозат додан ба шахсони мансабдори мақоми андоз барои санҷиши андоз ва имконпазирии татбиқи тадбирҳои пешбининамудаи ҳамин модда 10 рӯзи тақвимӣ гузашта бошад.

2. Ҳангоми мавҷудияти асосҳои пешбининамудаи қисми 1 ҳамин модда, роҳбари аввали мақоми андоз (ё шахси ивазкунандаи он), ки дар он андозсупоранда дар баҳисобгирии бақайдгирӣ гузошта шудааст, дар хусуси боз доштани амалиёти хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба суди маҳали ҷойгиршавии андозсупоранда муроҷиат мекунад, ҳамзамон андозсупорандаро дар бораи муроҷиат ба суд огоҳ месозад.

3. Боз доштани амалиёти хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкӣ нисбати тамоми амалиёти хароҷотии андозсупоранда, ба истиснои пардохти музди меҳнат ва пардохти қарзи андози ҳисобшуда, татбиқ карда мешавад.

4. Қарори суд оид ба боз доштани амалиёти хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда бояд бечунучаро аз ҷониби бонк ва ташкилоте, ки амалиёти алоҳидаи бонкиро ба ҷо меоварад, иҷро гардад.

5. Мақоми андоз барои иҷрои қарори суд оид ба боз доштани амалиёти хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда чораҳои дахлдор меандешад.

~~6. Баъди бартараф намудани асосҳое, ки боиси боз доштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкӣ гардидаанд, мақоми андоз дар мӯҳлати на дертар аз як рӯзи бонкӣ боз доштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкиро бекор мекунад ва дар ҳамин мӯҳлат ба маълумоти андозсупоранда ва бонки манфиатдор мерасонад.~~

6. Бонк ё дигар муассисаи молиявию кредитӣ ва мақоми андоз барои зарари дидаи андозсупоранда дар натиҷаи боздоштани амалиёти хароҷотӣ аз рӯи суратҳисобҳои бонкӣ бо қарори суд, ки мувофиқи талаботи ҳамин Кодекс қабул шудааст, ҷавобгар нестанд.

7. Дар мавриди мавҷуд будани қарори суд дар бораи боздоштани амалиёти хароҷотӣ аз рӯи суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда ҳар як бонк ё дигар ташкилоти молиявию кредитӣ ҳуқуқ надорад, ки барои ин андозсупоранда, ба истиснои додани пули нақд барои пардохти музди меҳнати ҳисоб кардашуда, суратҳисоби нав кушояд, аз суратҳисоби ӯ пули нақд ё қарз диҳад.

8. Пас аз бартараф намудани асосҳое, ки барои боздоштани амалиёти хароҷотӣ аз рӯи суратҳисобҳои бонкӣ сабаб шудаанд, мақоми андоз на дертар аз як рӯзи бонкӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 64 ҳамин Кодекс ба андозсупоранда, инчунин ба бонки манфиатдор дар бораи бартараф намудани асосҳое, ки барои боздоштани амалиёти хароҷотӣ аз рӯи суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда сабаб шудаанд, огоҳиномаи хаттӣ равон мекунад. Бонке, ки огоҳиномаи дар боло зикргардидаро гирифтааст, аз лаҳзаи гирифтани он амалиёти хароҷотиро аз рӯи суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда аз нав барқарор мекунад.

9~~7~~. Низомномаи боз доштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявию

кредитӣ ва бекор кардани он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

**Моддаи 95. Ҳабси амвол**

1. Ҳабси амвол ба сифати чораи таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои андоз чун амали мақоми андоз оид ба маҳдуд намудани ҳуқуқи моликии андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) нисбати амволи он эътироф мегардад.

2. Ҳабси амвол метавонад пурра ё қисман бошад. Ҳабси пурраи амвол чунин маҳдудсозии ҳуқуқи андозсупоранда нисбати амволи ӯ эътироф мегардад, ки ҳангоми он ӯ ҳуқуқи ихтиёрдории амволи ҳабсшударо надорад, вале соҳибӣ ва истифодаи амволро бо иҷозати хаттӣ ва таҳти назорати мақоми андоз анҷом медиҳад. Ҳабси қисмани амвол чунин маҳдудсозии ҳуқуқи андозсупоранда нисбати амволи ӯ эътироф мегардад, ки ҳангоми он андозсупоранда чунин амволро мустақилона соҳибӣ мекунад ва истифода мебарад, вале ихтиёрдории амволро бо иҷозати хаттӣ ва таҳти назорати мақоми андоз анҷом медиҳад.

3. Ҳабси қисмани амвол метавонад нисбати андозсупорандае татбиқ гардад, ки қарзи напӯшонидаи андозро баъди гузаштани 60 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи муқарраршудаи пардохти андозҳо ақаллан оид ба яке аз намудҳои андоз дошта бошад.

Ҳабси пурраи амволро баъди татбиқ намудани ҳабси қисмани амвол, агар бо гузашти 120 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи муқарраршудаи пардохти андозҳо қарзи напӯшонидаи андоз мавҷуд бошад, татбиқ намудан мумкин аст.

Ҳангоми тағйир ёфтани мӯҳлати пардохти андозҳо мутобиқи моддаи 90 ҳамин Кодекс ҳисобкунии мӯҳлатҳои дар боло номбаршуда аз рӯзи якуми ба охир расидани батаъхиргузорӣ оғоз меёбад.

4. Шарти пешакии ҳабси амвол аз иҷрои амали пешбининамудаи қисми 2 моддаи 92 ҳамин Кодекс иборат аст. Барои амалӣ намудани ҳабси қисман ё пурраи амвол мақоми андоз ӯҳдадор аст дар мӯҳлати на пештар аз 15 рӯзи тақвимӣ то ба охир расидани мӯҳлатҳои дар қисми 3 ҳамин модда зикршуда ба таври хаттӣ андозсупорандаро дар хусуси нисбати ӯ татбиқ намудани ҳабси қисман ё пурраи амвол огоҳ намояд. Ҳабси амвол танҳо баъди ба охир расидани ин мӯҳлати 15-рӯзаи огоҳсозӣ татбиқ карда мешавад, агар дар ин мӯҳлат қарзи андоз (бақияпулӣ) пурра пӯшонида нашавад. Шакли огоҳнома оид ба чораи татбиқи ҳабси қисман ё пурраи амволро мақоми ваколатдори давлатӣ муайян менамояд.

5. Ҳангоми гузаронидани ҳабси амволи андозсупоранда, дар сурати аз ҷониби андозсупоранда пешниҳод шудани нақшаи воқеии беҳбуди вазъи молиявӣ, байни мақоми андоз ва андозсупоранда оид ба тартиб ва мӯҳлатҳои пардохти қарз метавонад шартнома баста шавад. Шартнома метавонад боз доштани ҳабси намудҳои алоҳидаи амвол, иваз намудани ҳабси пурра ба ҳабси қисман нисбати тамоми амвол ё як қисми онро пешбинӣ намояд.

6. Ҳабсро нисбати ҳамаи намудҳои амволи андозсупоранда, ба истиснои амволе, ки ситонидани он мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ мебошад, татбиқ намудан мумкин аст.

7. Ҳабс танҳо нисбати он амволе татбиқ мешавад, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои андоз зарур ва кифоя мебошад.

Ҳабси амвол паиҳам нисбати инҳо татбиқ мегардад:

1) воситаҳои пулии нақд, аз ҷумла бо асъори хориҷӣ, ки дар хазина ё таҳти ҷавобгарии шахсони (кормандони) мансабдори андозсупоранда мебошанд. Асъори хориҷие, ки дар таркиби амволи ба ҳабс гирифташуда қарор дорад, бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон барои мубодила ба асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати на дертар аз рӯзи минбаъдаи бонкӣ супорида шуда, якҷоя бо маблағҳои пулии миллии нақди ба ҳабс гирифташуда барои пӯшонидани ӯҳдадориҳои андози андозсупоранда ба буҷет гузаронида шавад;

2) амволе, ки бевосита дар истеҳсоли маҳсулот (молҳо) иштирок надорад, аз ҷумла, қоғазҳои қиматнок, воситаҳои арзӣ, нақлиёти автомобилии сабукрав, маводи ороишии биноҳои хизматӣ (маъмурӣ) ва биноҳои ғайриистеҳсолӣ, дигар намуди амволи бозоргир ва ғайра;

3) маҳсулоти тайёр (молҳо), инчунин дигар арзишҳои моддие, ки барои истифодаи бевосита дар истеҳсолот пешбинӣ нашудаанд;

4) ашёи хом ва маводе, ки барои истифодаи бевосита дар истеҳсолот пешбинӣ шудаанд, инчунин дастгоҳҳо, таҷҳизот, бино, иншоот ва дигар воситаҳои асосӣ. Дастгоҳҳо, таҷҳизот, бино, иншоот ва дигар воситаҳои асосии корхонаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ ба ҳабс гирифта намешаванд;

5) амволи дигар.

Ҳамзамон нисбати амволи андозсупоранда, ки ба иҷораи молиявӣ (лизинг) ва (ё) гарав дода шудааст, ситонидани чунин амвол ва тағйир додани шартҳои шартнома (лизинг ва (ё) гарав ) аз лаҳзаи баровардани қарор оид ба ҳабси чунин амвол ва то бекор намудани он манъ аст.

8. Ҳабси амволи андозсупоранда дар асоси муроҷиати роҳбари якуми мақомоти андоз (ё муовини ваколатдори он) бо тартиби судӣ анҷом дода мешавад.

9. Қарори суд дар бораи ҳабси амвол, ки мутобиқи қисми 8 ҳамин модда қабул шудааст, дар давоми 2 рӯзи корӣ барои иҷро ба воҳиди дахлдори полиси андоз супорида мешавад. Дар вақти ба ҳабс гирифтани амвол якҷоя бо кормандони полиси андоз метавонанд кормандони мақомоти андоз низ иштирок намоянд. Пеш аз ҳабси амвол шахсони мансабдоре, ки ҳабс мегузаронанд, вазифадоранд ба андозсупоранда (намояндаи ӯ) қарори суд ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ваколаташонро нишон диҳанд.

10. Ҳабси амволи андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) бо иштироки шахсони холис гузаронида мешавад. Воҳиди полиси андоз, ки ҳабси амволро анҷом медиҳад, ҳуқуқ надорад иштироки андозсупорандаро (намояндаи қонунӣ ва (ё) ваколатдори онро) ҳангоми гузаронидани ҳабс иҷозат надиҳад. Ба шахсоне, ки дар гузаронидани ҳабси амвол ба сифати шахсони холис иштирок менамоянд, инчунин ба

андозсупоранда (намояндаи он) ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳояшон фаҳмонида мешаванд.

11. Шабона гузаронидани ҳабси амвол мумкин нест.

12. Ҳангоми гузаронидани ҳабси амвол протокол тартиб дода мешавад. Дар ин протокол ё рӯйхати ба он замимашаванда амволи таҳти ҳабс қароргиранда бо зикри ном, миқдор ва сифатҳои инфиродии мавод ва ҳангоми имконпазирӣ - арзиши он дақиқ инъикос мегардад. Тамоми маводе, ки бояд ҳабс шавад, ба шахсони холис ва андозсупоранда (намояндаи он) нишон дода мешавад. Протокол дар мавриди ба ҳабс гирифтани амвол дар се нусха таҳия гардида, яке ба мақоми андоз, нусхаи дигар дар воҳиди полиси андоз, ки ҳабсро анҷом додааст ва нусхаи сеюм ба андозсупоранда, ки амволаш ба ҳабс гирифта шудааст, дода мешавад.

13. Роҳбари воҳиди полиси андозе, ки қарорро оид ба ҳабси пурраи амвол иҷро намудааст, бо мувофиқаи роҳбари мақоми андозе, ки дар бораи ҳабси пурраи амвол ба суд муроҷиат кардааст, бояд ҷои нигоҳдошти (ҳифзи) амволи ҳабсшударо муайян кунад.

14. Воҳиди полиси андоз метавонад мустақилона нигоҳдошти амволи ҳабсшударо таъмин намояд ё дар асоси шартномавӣ барои нигоҳдошт ба шахси сеюм диҳад, ё дар ҳолатҳои алоҳида амволи ҳабсшударо барои нигоҳдошт ба худи андозсупоранда супорад. Дар ҳолати охирин андозсупоранда барои ҳифзи амволи ҳабсшуда ҷавобгар мебошад.

15. Аҳдҳое, ки андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) нисбати амволи ҳабсшуда бо вайрон кардани тартиби муқаррарнамудаи ҳамин модда анҷом додааст, беътибор дониста мешаванд.

16. Мақомоти гумрук дар асоси огоҳномаи хаттии мақоми андоз оид ба қарори суд дар бораи ҳабси пурраи амволи андозсупоранда амалиёти содиротии тамоми амволи ҳабсшудаи ҳамин андозсупорандаро барои мӯҳлатҳои дар огоҳномаи хаттии мақоми андоз зикргардида боз медоранд.

17. Қарори суд оид ба ҳабси амвол аз лаҳзаи бекор намудани ин қарор аз ҷониби суди болоӣ бекор, аз лаҳзаи иҷрои ӯҳдадории андоз бошад, иҷрошуда дониста мешавад. Амали қарори суд аз лаҳзаи эътирози прокурор то мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун моҳиятан баррасӣ намудани ин эътироз боз дошта мешавад.

18. Низомнома оид ба тартиби ба ҳабс гирифтани амвол бо назардошти талаботи ҳамин модда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

**Моддаи 96. Фурӯши амволи ҳабсшуда**

1. Амволи ҳабсшудаи андозсупоранда ва амволе, ки аз шахси қарздори андозсупоранда мутобиқи моддаи 97 ҳамин Кодекс гирифта шудааст, агар он дар шакли пулӣ пешниҳод нашуда бошад, дар музоядаи озод, ки тартиб ва шартҳои гузаронидани онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, фурӯхта мешавад.

2. Маблағҳои аз фурӯши амвол гирифташуда барои пардохти андозҳо, ҷарима ва фоизҳо мутобиқи қарори суд мувофиқи моддаи 95

ҳамин Кодекс ва дар қисмати боқимонда мутобиқи моддаи 91 ҳамин Кодекс, ҳамчунин барои___ хароҷоти нигоҳдошт ва фурӯши амвол, аз ҷумла хароҷоти мақоми андоз ва воҳиди полиси андоз равона карда мешаванд. Бақияи маблағ ба андозсупоранда дар муддати се рӯзи бонкӣ баргардонида мешавад.

**Моддаи 97. Ситонидани маблағҳое, ки ба андозсупоранда тааллуқ доранд**

1. Ситонидани маблағҳои пулии суратҳисоби бонкии андозсупоранда ва дебиторони ӯ бо тартиби судӣ анҷом дода мешавад.

Мақоми андоз ҳуқуқ дорад ба бонк ва дигар муассисаи молиявию кредитӣ, ки дар онҳо суратҳисобҳои андозсупоранда ва (ё) дебиторонаш кушода шудаанд ва хизмат расонида мешаванд, қарори судро дар бораи ситонидани маблағҳои пулии суратҳисоби андозсупоранда ва (ё) дебиторонаш фиристад, ки он бонк ва дигар муассисаҳои молиявию кредитиро ӯҳдадор менамояд пардохти мустақими (бе дахолати андозсупоранда ва суратҳисобҳои он) ҳама гуна маблағро, ки дар суратҳисобҳои андозсупоранда ва (ё) дебиторонаш мавҷуд аст, ба буҷети дахлдор дар давоми 10 рӯз аз санаи қабул намудани фармоиш иҷро кунанд.

2. Ҳангоми татбиқи қисми 1 ҳамин модда ситонидани маблағи қарзи андоз аз ҳисоби маблағҳои дар суратҳисобҳои андозсупоранда дар бонк ва дигар муассисаи молиявию кредитӣ мавҷуда, баъди гирифтани қарори суд дар бораи ситонидани маблағҳои пулии суратҳисоби андозсупоранда, бо чунин тартиб амалӣ карда мешавад:

1) ба бонк ва дигар муассисаи молиявию кредитӣ, ки дар онҳо суратҳисобҳои андозсупоранда кушода шудаанд ва хизмат расонида мешаванд, мақоми андоз қарори дахлдори судро мефиристад;

2) ситонидани маблағи қарзи андоз аз маблағҳои дар суратҳисобҳои андозсупоранда дар бонк ва дигар муассисаи молиявию кредитӣ мавҷудбуда дар асоси фармоиши инкассавии мақоми дахлдори андоз анҷом дода мешавад;

3) фармоиши инкассавӣ оид ба ситонидани маблағи қарзи андоз ба бонк ва дигар муассисаи молиявию кредитӣ, ки дар онҳо суратҳисобҳои андозсупоранда кушода ва хизмат расонида мешаванд, равона мегардад ва мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи банди 2) моддаи 76 ҳамин Кодекс иҷро карда мешавад;

4) фармоиши инкассавӣ дар шакле, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, пешниҳод карда мешавад ва бояд дар он зикр гардад, ки аз кадом суратҳисоби (суратҳисобҳои) андозсупоранда маблағҳои қарзи андоз ситонида мешаванд;

5) ҳангоми дар суратҳисобҳои андозсупоранда набудани маблағ бо арзи миллӣ ситонидани қарзи андоз аз суратҳисобҳои андозсупоранда бо арзи хориҷӣ, бо истифодаи қурби арзи миллӣ нисбати арзҳои хориҷӣ, ки дар рӯзи ситонидани қарзи мазкур Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар кардааст, анҷом дода мешавад.

6) ҳангоми кифоя будани пул дар суратҳисоби (суратҳисобҳои) андозсупоранда фармоиши инкассавӣ оид ба ситонидани қарзи андоз аз ҷониби бонк ва дигар муассисаи молиявию кредитӣ дар мӯҳлати на дертар аз як рӯзи амалиётии баъди рӯзи қабули чунин фармоиш иҷро карда мешавад;

7) ҳангоми нокифоя будани пул ё мавҷуд набудани он дар суратҳисоби (суратҳисобҳои) андозсупоранда фармоиши инкассавӣ (фармоишҳои инкассавӣ) вобаста ба дохилшавии маблағҳо ба ин суратҳисоб (суратҳисобҳо) иҷро карда мешавад.

3. Дар сурати имконнопазир будани ҳолатҳои дар қисми 2 ҳамин модда пешбинигардида, татбиқи қисми 1 ҳамин модда оид ба ситонидани маблағи қарзи андоз аз суратҳисобҳои дебиторҳои андозсупоранда бо тартиби зерин анҷом дода мешавад:

1) ҳангоми мавҷуд набудани пул дар суратҳисобҳои андозсупоранда мақоми андоз, ки дар он андозсупоранда ба қайд гирифта шудааст, ҳуқуқ дорад дар доираи қарзи андози ташаккулёфта пулҳои ба андозсупоранда тааллуқдоштаро аз суратҳисобҳои дебиторонаш ситонад. Ҳамзамон ба дебитор ва бонк ё дигар муассисаи молиявию кредитии дебитор аз ҷониби ҳамин мақоми андоз қарори дахлдори суд ва огоҳнома оид ба ситонидани пулҳо аз суратҳисобҳои ӯ (дебитор) барои пардохти қарзи андози андозсупоранда фиристода мешавад. Чунин огоҳнома дорои маънои манъ намудани иҷрои пардохтҳо аз ҷониби дебитор ба ҳисоби пӯшонидани қарзи худ дар назди андозсупоранда мебошад.

Дар мӯҳлати на дертар аз 30 рӯзи тақвимии баъди қабули огоҳнома дебитор ӯҳдадор аст ба мақоми андозе, ки огоҳнома фиристодааст, санади муқоисавии ҳисоббаробаркуниҳои якҷоя бо андозсупоранда дар рӯзи қабули огоҳнома таҳиянамударо пешниҳод намояд;

2) санади муқоисавии ҳисоббаробаркунии байни андозсупоранда ва дебитори он бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

- номи андозсупоранда ва дебитори он, рақамҳои мушаххаси андозсупорандаи онҳо;
- номи мақоми андозе, ки андозсупоранда ва дебитори он дар қайд аст;
- маълумотҳои суратҳисобҳои андозсупоранда ва дебитори он;
- маблағи қарзи дебитор дар назди андозсупоранда;
- маълумотҳои ҳуқуқӣ, мӯҳр ва имзои андозсупоранда ва дебитори он;
- санаи тартиб додани санади муқоисавӣ;

3) дар асоси санади муқоисавии ҳисоббаробаркунӣ мақоми андозе, ки андозсупоранда дар баҳисобгирии бақайдгирии он мебошад, ба суратҳисоби (суратҳисобҳои) дебитор оид ба ситонидани қарзи андози андозсупоранда фармоиши инкассавӣ мегузорад;

4) бонк ё дигар муассисаи молиявию кредитии дебитор ӯҳдадор аст фармоиши инкассавӣ оид ба ситонидани қарзи андози андозсупорандаро мувофиқи талаботи пешбининамудаи қисми 2 ҳамин модда иҷро намояд.

**Моддаи 98. Масъулияти шахсоне, ки активҳои андозсупорандаро бо нархҳои ғайрибозорӣ дастрас намудаанд**

Ҳангоме, ки ӯҳдадории андози андозсупоранда баъди фурӯши амволи ҳабсшуда иҷро намегардад, шахсе, ки активҳои андозсупорандаро дар рафти амалиёти бо шартҳои ғайрибозорӣ амалишуда гирифтааст ва ин амалиёт дар ҷараёни се сол то санаи татбиқи расмиёти ҳабс ҷой дошта бошад, оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои андози андозсупоранда дар ҳаҷми арзиши активҳои гирифта, бо тарҳи ҳама гуна маблағи барои гирифтани чунин активҳо масрафнамудааш масъул мебошад.

**Моддаи 99. Аз ҳисоб баровардани қарзҳои беэътимод оид ба андоз**

Қарзҳои беэътимод доир ба андоз, ҷарима ва фоизҳо мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоб бароварда мешаванд.

## БОБИ 11. ҲАЛЛИ БАҲСҲО

**Моддаи 100. Ҳуқуқ барои шикоят намудан**

1. Андозсупорандае, ки санади санҷиши андоз, маблағи ҳисобшудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо, инчунин дигар қарорҳои мақоми андозро мавриди баҳс қарор додааст, метавонад ба мақоми андозе, ки қарорҳои дахлдорро қабул кардааст, ба мақоми болоии андоз, ба мақоми ваколатдори давлатӣ ё ба суд дар хусуси аз нав дида баромадани онҳо бо ариза (шикоят) муроҷиат намояд. Дар ариза (шикоят) бояд далелҳо ва ҳуҷҷатҳое нишон дода шаванд, ки тибқи онҳо андозсупоранда хоҳиши худро дар мавриди аз нав баррасӣ намудани қарорҳои нисбат ба ӯ қабулгардида асоснок мекунад.

Пешниҳоди ариза (шикоят) ба ҳама гуна мақомоти андози дар боло зикргардида ҳуқуқи андозсупорандаро барои ҳамзамон ё минбаъд пешниҳод намудани чунин аризаи шабеҳ ба мақоми андози сатҳи нисбатан баланд (мақоми болоии андоз) ё суд истисно наменамояд.

2. Шикоятҳои (аризаҳои даъвоии) андозсупоранда ба санадҳои санҷишҳои андоз, ҳисоби маблағҳои андоз, ҷарима ва фоизҳо, инчунин дигар қарорҳои мақомоти андоз, ки ба суд пешниҳод шудаанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ~~мурофиавии гражданӣ, мурофиавии хоҷагии~~ Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва ҳал карда мешаванд.

**Моддаи 101. Тартиб ва мӯҳлати пешниҳод ва баррасии шикоят дар мақомоти андоз**

1. Шикоят ба санади санҷиши андоз, ҳисоб намудани маблағҳои андоз, ҷарима ва фоизҳо, инчунин дигар қарорҳои мақоми андоз метавонад дар ҷараёни 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи аз ҷониби андозсупоранда гирифтани санади санҷиши андоз, огоҳнома дар бораи ҳисоб намудани маблағҳои андоз, ҷарима ва фоизҳо, инчунин дигар қарор ё қабул накардани (нагирифтани) қарор вобаста ба моҳияти шикояташ дар ҳамон мӯҳлат пешниҳод карда шавад.

Дар сурати гузаронидани мӯҳлати пешниҳоди шикоят бо сабабҳои узрнок дар доираи мӯҳлати даъво, ки ҳамин Кодекс муқаррар намудааст, тибқи аризаи шахси шикоятнамуда ин мӯҳлат метавонад аз ҷониби мақоми болоии андоз, мақоми ваколатдори давлатӣ ё суд барқарор карда шавад.

2. Шикоят дар шакли хаттӣ пешниҳод карда мешавад.

3. Шикояти андозсупоранда баррасӣ гардида, нисбати он қарор қабул карда мешавад ва оид ба қарори қабулгардида мақоми андоз дар шакли хаттӣ шахси шикоятнамударо дар мӯҳлати на бештар аз 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи гирифтани шикоят аз ҷониби мақоми андоз огоҳ менамояд.

**Моддаи 102. Оқибати пешниҳоди ариза (шикоят) нисбати ҳисобкунии маблағи андоз, ҷарима ва фоизҳо**

То ба охир расидани баррасии ариза (шикоят) нисбати ҳисобкунии маблағи андоз, ҷарима ва фоизҳо, инчунин дигар қарорҳо, ки ба мақомоти андоз ё суд мутобиқи моддаҳои 100 ва 101 ҳамин Кодекс пешниҳод шудааст, тибқи расмиёти муқаррарнамудаи боби 10 ҳамин Кодекс танҳо он қисми ӯҳдадориҳои андоз бояд пардохта ва ситонида шавад, ки аз ҷониби андозсупоранда таҳти баҳс қарор нагирифтааст. Боз доштани пардохти маблағи ҳамаи ӯҳдадориҳои андоз ё як қисми он вобаста ба баррасии шикоят андозсупорандаро аз пардохти фоизҳо барои сари вақт нагузаронидани маблағ ба буҷет, аз ҷумла фоизҳое, ки дар давраи аз санаи пешниҳоди шикоят то қабули қарор вобаста ба он ҳисоб шудааст, озод намекунад.

Ҳамзамон фоизҳо танҳо ба маблағи андозе, ки дар натиҷаи баррасии шикоят бояд ба буҷет пардохт шавад, ҳисоб карда мешаванд.

## БОБИ 12. ҶАВОБГАРӢ

**Моддаи 103. Мафҳуми ҳуқуқвайронкунии андоз**

Ҳуқуқвайронкунии андоз – ин амали ё беамалии зиддиқонунии (хилофи қонунгузории андоз) шахси воқеӣ ё ҳуқуқие мебошад, ки содир намудани он боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун мегардад.

**Моддаи 104. Ҳолатҳои истиснокунандаи ҷавобгарии шахс барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии андоз**

Ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ шахсро барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии андоз дар ҳолатҳои зайл ба ҷавобгарӣ кашидан мумкин нест:

1) аз ҷониби андозсупоранда ё агенти андоз иҷро намудани дастурҳо ва тавзеҳоти хаттии мақоми андоз ё дигар мақоми давлатӣ, ё шахсони мансабдори онҳо, ки дар доираи салоҳияташон додаанд;

2) аз ҳисоб баровардани бақияпулӣ аз дигар андозҳо аз ҳисоби маблағҳои барои ҳама гуна дигар андозҳо барзиёд пардохтшуда, аз ҷумла андозҳои пардохтаи агенти андоз;

3) бартараф намудани ҳуқуқвайронкунии андоз бо роҳи пешниҳоди эъломияи иловагии андоз мутобиқи қисми 5 моддаи 73 ҳамин Кодекс;

4) агар дар субъекти хоҷагидори (андозсупорандаи) навтаъсисёфта, ки супорандаи андоз буда, бо низоми соддакардашуда андоз месупорад, ҳуқуқвайронкунии андоз дар рафти аввалин санҷиши маҷмӯӣ ё мавзӯии андоз, ки пас аз 30 моҳи пурраи тақвимӣ аз рӯзи қайди давлатии он гузаронидашуда, ошкор гардида бошад.

**Моддаи 105. Мӯҳлати даъвои ба ҷавобгарӣ кашидан барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии андоз**

1. Шахсро барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии андоз ба ҷавобгарӣ кашидан мумкин нест, агар аз рӯзи содир намудан ё аз рӯзи дигари баъди ба охир расидани давраи андоз, ки дар давоми он чунин ҳуқуқвайронкунии андоз содир шуда буд, се сол гузашта бошад (мӯҳлати даъво).

2. Ҳисоби мӯҳлати даъво аз рӯзи содир намудани ҳуқуқвайронкунии андоз барои ҳамаи ҳуқуқвайронкунии содиргаштаи андоз, ба истиснои дар қисми 3 ҳамин модда пешбинишуда, истифода мегардад.

3. Ҳисоби мӯҳлати даъвои ҳуқуқвайронкунии андоз аз рӯзи ояндаи баъди рӯзи ба охир расидани давраи андоз, ки дар давоми он ҳуқуқвайронкунии андоз содир гашта буд, нисбати ҳуқуқвайронкуниҳои андози дар бандҳои 1)-43) қисми 1 моддаи 106 ҳамин Кодекс пешбинишуда анҷом дода мешавад.

**Моддаи 106. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андоз**

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мутобиқи Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар ҳолатҳои зайл ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд:

1) сари вақт пешниҳод накардани эъломияи андоз;

2) кам нишон додани маблағи андозҳо;

3) вайрон кардани қоидаҳои пардохти андоз аз арзиши иловашуда;

4) монеъ шудан ба гузаронидани санҷиши андоз;

5) вайрон кардани мӯҳлати ба баҳисобгирии бақайдгирӣ гузоштан дар мақомоти андоз;

6) зикр накардан ё нодуруст зикр кардани рақами мушаххаси андозсупоранда дар эъломияҳои андоз ва гумрук, ҳисобнома-фактураҳо;

7) вайрон кардани тартиби нигоҳ доштани андоз дар манбаи пардохт ё нигоҳ надоштани он;

8) кушодани суратҳисобҳои ҳисоббаробаркунӣ ва дигар суратҳисобҳо (ба истисноии суратҳисобҳои амонатии (дипозитии) шахсони воқеӣ мутобиқи моддаи 76 ҳамин Кодекс) ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бе пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи рақами мушаххаси андозсупоранда;

9) вайрон кардани мӯҳлати огоҳ намудани мақомоти андози маҳали баҳисобгирии бақайдгирии худ дар бораи аз ҷониби шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ кушодани суратҳисобҳои ҳисоббаробаркунӣ ва дигар суратҳисобҳо (ба истисноии суратҳисобҳои амонатии (депозитии) шахсони воқеӣ мутобиқи моддаи 76 ҳамин Кодекс);

10) пешниҳод накардан ё сари вақт пешниҳод накардани санади муқоисавии ҳисоббаробаркуниҳои мутақобила ба мақоми андоз;

11) иҷро накардан ё сари вақт иҷро накардани фармоишҳои инкассавии мақомоти андоз мутобиқи моддаи 97 ҳамин Кодекс, ки барои гузаронидан мутобиқи навбати муқаррарнамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз суратҳисобҳои шахсони сеюм – дебиторҳои андозсупоранда (аз ҷумла аз суратҳисобҳои худи андозсупоранда дар бонк ё дигар муассисаи молиявию кредитӣ, ки дар он ба ҳамин андозсупоранда хизматрасонӣ сурат мегирад) маблағҳои пулӣ ба ҳисоби пӯшонидани қарзи андози андозсупоранда;

12) ғайриқонунӣ монеъ шудан ба даромадани шахси мансабдори мақоми андоз ба ҳудуди корхона ё бино;

13) риоя накардани тартиби соҳибӣ, истифода ва (ё) ихтиёрдории амволе, ки мақоми андоз ба ҳабс гирифтааст;

14) вайрон кардани тартиби истифодаи мошинаҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ;

15) ба мақоми андоз пешниҳод накардани маълумоти зарурӣ;

16) аз тарафи бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявию кредитӣ саривақт гузаронида нашудани маблағи андозҳо аз рӯи супоришномаҳои пардохтии андозсупорандагоне, ки дар ин ташкилотҳо суратҳисоб доранд.

2. Шахсони воқеӣ барои содир намудани ҷиноят дар соҳаи қонунгузории андоз мутобиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

3. Агар ҳуқуқвайронкунии андоз дар субъекти хоҷагидори (андозсупорандаи) навтаъсис, ки супорандаи андоз буда, бо низоми соддакардашуда андоз месупорад, дар рафти аввалин санҷиши маҷмӯӣ ё мавзӯии андоз, ки пас аз 30 моҳи пурраи тақвимӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатии он гузаронида шудааст, ошкор шуда бошад, нисбати чунин андозсупоранда танҳо огоҳии маъмурӣ татбиқ карда мешавад. Ҳамзамон андозсупоранда ӯҳдадор аст бо дарназардошти ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоргардидаи андоз, дар давоми 5 рӯзи корӣ аз лаҳзаи додани қарор дар бораи огоҳии маъмурӣ ба мақоми андоз ҳисоботи андози ислоҳшударо пешниҳод намояд ва дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоргардидаи андозро бартараф намояд, аз ҷумла андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳои аз рӯи онҳо насупоридаро пардохт намояд.

## ФАСЛИ III. ВАЗЪ ВА СОХТОРИ МАҚОМОТИ АНДОЗ ВА ВОҲИДҲОИ ПОЛИСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## БОБИ 13. МАҚОМОТИ АНДОЗ

### Моддаи 107. Вазифаҳои асосии мақомоти андоз

Вазифаҳои асосии мақомоти андоз аз инҳо иборатанд:

1) таъмини иҷро ва риоя намудани қонунгузории андоз, таҳияи механизмҳои маъмурияти андоз бо мақсади таъмини воридоти саривақтӣ ва пурраи андозҳо ба буҷетҳои тамоми сатҳҳо;

2) иштирок дар таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба масъалаҳои андозбандӣ, аз ҷумла шартномаҳо бо дигар давлатҳо;

3) ба андозсупорандагон тавзеҳ додани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳояшон;

4) сари вақт огоҳ намудани андозсупорандагон оид ба тағйирот дар қонунгузории андоз.

**Моддаи 108. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти андоз ва воҳидҳои полиси андоз**

Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти андоз ва воҳидҳои полиси андозро Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, ҳамин Кодекс ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Моддаи 109. Принсипҳои фаъолияти мақомоти андоз ва воҳидҳои полиси андоз**

1. Мақомоти андоз ва воҳидҳои полиси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои зерин фаъолият менамоянд:

1) қонуният;

2) риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

3) таҳти назорат ва ҳисоботдиҳанда будан ба мақомоти болоӣ.

2. Дар системаи мақомоти андоз ва воҳидҳои полиси андоз таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки ҳадафҳои сиёсӣ доранд, иҷозат дода намешавад. Кормандони мақомоти андоз ва воҳидҳои полиси андоз наметавонанд иҷрои фаъолияти хизматии худро бо қарорҳои ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ маҳдуд намоянд.

3. Мақомоти андоз ва воҳидҳои полиси андоз фаъолияти худро дар ҳамбастагӣ бо дигар мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон, инчунин мақомоти андози дигар давлатҳо дар асоси шартномаҳо ва ӯҳдадориҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

**Моддаи 110. Вазъ ва сохтори мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - “мақомоти андоз”) аз мақоми ваколатдори давлатӣ ва воҳидҳои дахлдори ҳудудии он – раёсатҳои андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, нозироти андоз дар шаҳру ноҳияҳо ва ноҳияҳои шаҳрҳо, нозироти андози андозсупорандагони калони назди

мақоми ваколатдори давлатӣ бо шӯъбаҳо дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе (минбаъд – “мақомоти андози ҳудудҳо”) иборат буда, системаи ягонаи мутамаркази мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ мақоми марказии давлатии иҷроия буда, татбиқи амалии вазифаҳои мақомоти андозро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ - берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда, системаи мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро идора менамояд ва мустақиман ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон итоат мекунад.

Мақомоти андози ҳудудҳо воҳидҳои сохтории мақоми ваколатдори давлатӣ дар маҳалҳо мебошанд ва мустақиман ба таври амудӣ (вертикалӣ) ба мақомоти дахлдори болоии андоз итоат менамоянд.

3. Мақоми ваколатдори давлатӣ ба системаи марказии мақоми ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад.

4. Мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти андози ҳудудҳо шахси ҳуқуқӣ, дорои балanси мустақил, суратҳисобҳои махсус дар Хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти он дар маҳалҳо, мӯҳр бо акси Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сабти номи худ ба забони давлатӣ мебошад.

5. Роҳбарони мақомоти андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, нозироти андоз дар ноҳияҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои шаҳрҳо, нозироти андозсупорандагони калон бо шӯъбаҳо дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе иҷрои вазифаҳои ба зиммаи мақомоти андоз гузошташударо дар ҳудудҳои дахлдор таъмин намуда, фаъолияти воҳидҳои тобеашонро ташкил, ҳамоҳанг ва назорат мекунанд.

6. Мақомоти андоз дар масъалаҳои таъмини назорати давлатии пардохти пурра ва саривақтии андозҳо, ба истисноИ ҳолатҳое, ки ҳамин Кодекс ситонидани андозҳоро ба дигар мақомот вогузор менамояд, дорои тамоми ваколатҳо мебошанд.

**Моддаи 111. Ваколатҳои роҳбари якуми мақоми ваколатдори давлатӣ**

Роҳбари якуми мақоми ваколатдори давлатӣ:

1) фаъолияти мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти андози ҳудудҳо, дигар воҳидҳоеро, ки ба системаи мақоми ваколатдори давлатӣ дохиланд, оид ба иҷрои вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои ба зиммаи ин мақомот ва сохторҳо гузошташуда таъмин менамояд ва барои натиҷаи ин фаъолият ҷавобгар мебошад;

2) ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани муовинони худ, оид ба тасдиқи ҳайати шахсии аъзои коллегияи мақоми ваколатдори давлатӣ таклифҳо пешниҳод менамояд;

3) мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда оид ба музди меҳнат ҷадвали штатӣ ва сметаи хароҷотро барои нигоҳдории мақомоти андоз, дигар корхона, ташкилот ва

воҳидҳои тобеи мақоми ваколатдори давлатӣ, ба истиснои воҳидҳои полиси андоз, тасдиқ менамояд, ки онҳо дар мақомоти молия ба қайд гирифта мешаванд;

4) вазифаҳои функсионалии муовинони худро муайян мекунад, низомномаҳои идораҳо, шӯъбаҳои мустақил ва дигар воҳидҳои мақоми ваколатдори давлатиро, ба истиснои воҳидҳои полиси андоз, тасдиқ менамояд ва тибқи тартиби муқарраргардида фармонҳо, нишондодҳо, дастуруламалҳо ва тавсияҳои методӣ мебарорад;

5) роҳбарони якуми мақомоти андози ҳудудҳоро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

6) номгӯи мансабҳои кормондони мақомоти андоз, дигар корхона ва ташкилотҳои тобеи мақоми ваколатдори давлатиро, ба истиснои воҳидҳои полиси андоз, ки аз ҷониби роҳбари якуми мақоми ваколатдори давлатӣ ва роҳбарони мақомоти андози ҳудудҳо таъин ва озод карда мешаванд, муайян мекунад;

~~7) тибқи тартиби муқарраргардида ба кормандони мақомоти андоз рутбаҳои дараҷавии то сармушовири мақомоти андози дараҷаи I ва ба кормандани полиси андоз рутбаҳои махсус аз майор то полковники полиси андоз медиҳад;~~

~~8) ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси ба ҳайати олии афсарони полиси андоз додани рутбаҳои махсус ва ба кормандони мақомоти андоз додани рутбаҳои дараҷавӣ - мушовири генералӣ ва сармушовири мақомоти андоз тавсиянома пешниҳод менамояд;~~

7) тибқи тартиби муқарраргардида ба кормандони мақомоти андоз рутбаҳои дараҷавӣ ва ба кормандони полиси андоз рутбаҳои махсус медиҳад;

8) тибқи тартиби муқарраргардида ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси ба ҳайати олии афсарони полиси андоз додани рутбаҳои махсус ва ба кормандони мақомоти андоз додани рутбаҳои дараҷавӣ тасвиянома пешниҳод менамояд;

9) фармонҳо, дастуруламалҳо ва нишондодҳои роҳбарони мақомоти андози поёнӣ ва воҳидҳои полиси андозро, ки хилофи ҳамин Кодекс ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, бекор менамояд;

10) мутобиқи қонунгузории амалкунанда ба мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати бартараф намудани ҳолатҳое, ки ба содиршавии ҷинояту ҳуқуқвайронкуниҳои андоз мусоидат мекунанд, пешниҳодот ирсол медорад, ки баррасиашон ҳатмӣ мебошад;

11) дигар вазифаҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаро ичро менамояд.

**Моддаи 112. Маблағгузорӣ ва таъминоти моддию техникии мақомоти андоз ва воҳидҳои полиси андоз**

1. Маблағгузории хароҷоти мақомоти андоз ва воҳидҳои полиси андоз аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ анҷом дода мешавад.

2. Тартиб ва меъёри таъминоти моддию техникии мақомоти андоз ва воҳидҳои полиси андозро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

3. Амволи мақомоти андоз ва воҳидҳои полиси андоз моликияти давлатӣ мебошанд. Амволи номбаршуда хусусӣ гардонида намешавад.

**Моддаи 113. Корманди мақоми андоз**

1. Ба вазифаҳои кормандони мақомоти андози тамоми сатҳҳо шахсоне таъин мешаванд, ки ба талаботи тахассусӣ ҷиҳати ишғоли мансабҳое, ки мақоми ваколатдори давлатӣ бо тартиби муқарраргардида тасдиқ менамояд, ҷавобгӯ мебошанд.

2. Ба корманди мақоми андоз мутобиқи тартиби муқарраршуда рутбаи дараҷавӣ дода мешавад.

3. Рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти андоз~~, низомнома оиди тартиби додани онҳо, ҳаҷми иловапулӣ барои рутбаҳои дараҷавӣ~~ аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд. Низомнома дар бораи тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони мақомоти андоз аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

4. Ба кормандони мақомоти андоз либоси расмӣ дода шуда, намуна ва меъёри додани онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

5. Ба кормандони мақомоти андоз барои тасдиқи ваколатҳояшон шаҳодатномаи хизматӣ дода мешавад, ки намунаи онро мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ менамояд.

**Моддаи 114. Хизмат дар мақомоти андоз**

1. Хизмат дар мақомоти андоз тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин Кодекс танзим мегардад.

2. Кормандони мақомоти андоз мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз аттестатсия мегузаранд.

~~3. Ба кормандони мақомоти андоз дар баробари вазифаи асосӣ ҳамзамон иҷрои дигар кори музднок (ба истисноӣ фаъолияти илмӣ, эҷодӣ ва омӯзгорӣ) ва машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ манъ аст.~~

3. Ба кормандони мақомоти андоз манъ аст:

1) дар баробари вазифаи асосӣ ҳамзамон иҷрои дигар кори музднок (ба истисноӣ фаъолияти илмӣ, эҷодӣ ва омӯзгорӣ) ва машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ;

2) дахолат намудан ба фаъолияти андозсупоранда доир ба масъалаҳое, ки ба мавзӯи санҷиш ё назорат алоқаманд нест;

3) аз андозсупоранда ба пули нақдӣ рӯёнидани андозҳо, ҷаримаҳо, фоизҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ба истисноӣ ҳолатҳои муқаррарнамудаи моддаи 87 ҳамин Кодекс;

4) истифода бурдани далели мавҷудияти вайронкунии андоз ба сифати асос барои дахолат кардан ё маҳдуд намудани дигар фаъолияти қонунии андозсупоранда;

5) талаб намудани пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, баёнот ва маводе, ки ба мавзӯи санҷиши андоз дахл надорад;

6) истифода бурдан ва пахн намудани иттилооти дар чараёни санчиши андоз дар бораи андозсупоранда бадастоварда ба максадхои дар хамин Кодекс пешбининагардида ва дигар амалхои хилофи санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон.

**Моддаи 115. Муносибати байнихамдигарии макомоти андоз ва вохидхои полиси андоз бо макомоти хокимияти давлатӣ**

1. Макомоти андоз ва вохидхои полиси андоз вазифахои конунии худро новобаста аз макомоти ичроияи марказӣ ва махаллии хокимияти давлатӣ, макомоти хифзи хукук, молия ва дигар макомоти давлатӣ ичро мекунанд ва бо ин макомот хамкорӣ менамоянд.

2. Макомоти хокимияти давлатӣ вазифадоранд ба макомоти андоз ва вохидхои полиси андоз ёрӣ расонанд ва бо дархости онхо бо максади таъмини ичрои конунгузории андоз ва мукаррар намудани назорати пардохти андозхо маълумот пешниход намоянд. Агар конунгузорӣ тартиби дигарро мукаррар накарда бошад, дахолати ин макомот ба фаъолияти макомоти андоз ва вохидхои полиси андоз манъ аст.

3. Макомоти гумрук ва Фонди хифзи ичтимоии ахолии назди Хукумати Чумхурии Точикистон вазифадоранд мунтазам бо тартиби мукарраршуда ба макомоти андоз маълумоти барои ичрои конунгузории андоз зарурии дар ихтиёрашон бударо пешниход намоянд.

**Моддаи 116. Ба дигар шахс додани ваколатхо аз чониби рохбар**

Рохбари макоми андоз метавонад ба шахси мансабдори макомоти андоз ваколатхо ё ӯхдадорихои ба ӯ боваршуда ё тибки конунгузорӣ ба зиммааш гузошташударо интикол дихад, ба истисноии ваколатхое, ки дар кисми 2 моддаи 120 хамин Кодекс пешбинӣ шудаанд.

**Моддаи 117. Хисоботи солона**

1. Дар чараёни шаш мохи баъди анчоми хар як соли молиявӣ макоми ваколатдори давлатӣ дар нашрияи дастраси умум нашри хисоботро оид ба фаъолияти системаи андози Чумхурии Точикистон таъмин менамояд.

2. Хисобот бояд маълумоти зайлро дар бар гирад:

1) маблаги андозхои чамъовардаи макомоти андоз, бо нишон додани намуди андозхое, ки мувофики онхо чамъоварӣ шудаанд ва нозироти андози нохияхо (шахрхо), ки андозхо ба онхо пардохта шудаанд (аз чониби онхо чамъоварӣ шудаанд);

2) маблаги карзи андозхо (бакияпулихо), бо назардошти таксимот мутобики банди 1) хамин кисм;

3) харочотхои макомоти андоз дар рафти чамъоварии андозхо;

4) маълумоти оморӣ оид ба фарохам овардани имтиёзхои андоз ва батаъхиргузории бакияпулихо, аз чумла дар давоми соли хисоботии молиявӣ;

5) инъикоси комёбихо ва норасоихо дар фаъолияти системаи макомоти андоз;

6) рӯйхати насаб ва номи шахсони вокеӣ, номи шахсони хукукӣ, ки андозхои хисобшуда, вале насупоридаи онхо аз 5000 музди мехнати мохонаи хадди акал зиёд аст, инчунин бо зикри хачми бакияпулӣ.

# БОБИ 14. ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲОИ МАҚОМОТИ АНДОЗ

**Моддаи 118. Ҳуқуқҳои мақомоти андоз**

1. Агар ҳамин Кодекс тартиби дигаре муқаррар накарда бошад, мақомоти андоз мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд:

1) мутобиқи ҳамин Кодекс санҷишҳои андоз гузаронанд;

2) ҳангоми гузаронидани санҷишҳои андози андозсупоранда ё агенти андоз ҳуҷҷатҳоро, ки ба содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои андоз вобастаанд, гиранд ва доир ба ин амалҳо мувофиқи тартиби муқарраршуда ҳуҷҷат тартиб диҳанд. Ҳамзамон ҳуҷҷат оид ба гирифтани ҳуҷҷатҳо тартиб дода мешавад ва аз ҷониби шахси мансабдори санҷишкунандаи мақоми андоз ва андозсупоранда (агенти андоз) имзо карда мешавад ва як нусхаи он дар дасти андозсупоранда (агенти андоз) мемонанд;

3) дар асоси огоҳномаи хаттӣ андозсупоранда ё агенти андозро ба мақомоти андоз барои додани маълумот вобаста ба пардохти андозҳо (нигоҳ доштан, гузаронидан) аз ҷониби онҳо ё вобаста ба санҷиши андоз, инчунин дигар мақсадҳои марбут ба иҷрои қонунгузории андоз даъват намоянд. Ҳамзамон андозсупоранда ё агенти андоз бояд на дертар аз 5 рӯзи корӣ аз рӯзи бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс додани огоҳнома ба мақоми андоз ҳозир шавад;

4) маблағи андозҳоеро, ки андозсупоранда бояд ба буҷет пардозад, тибқи ҳолат ва тартиби муқаррарнамудаи қисми 3 моддаи 44 ҳамин Кодекс бо роҳи ҳисоб кардан (бо истифодаи тарзҳои баҳодиҳии мустақим ва ғайримустақим) муайян намоянд;

5) дар рафти гузаронидани санҷиши андози шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тамоми ҳуҷҷатҳои молиявӣ, китобҳои муҳосибӣ, ҳисобот, сметаҳо, маблағҳои нақд, қоғазҳои қиматнок ва дигар арзишҳои дар даст буда, ҳисобномаҳо, эъломияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳоро санҷанд, аз шахсони мансабдор ва дигар кормандони корхона (ташкилот) ва шахсони воқеӣ оид ба масъалаҳои дар рафти гузаронидани чунин санҷишҳо пайдошуда маълумот ва тавзеҳоти шифоҳӣ ва хаттӣ гиранд;

6) мутобиқи қисми 2 моддаи 77 ҳамин Кодекс тамоми биноҳои истеҳсолӣ, анборҳо, биноҳои савдо ва дигар бинои корхонаҳо ва шахсони воқеиро, новобаста аз маҳали ҷойгиршавӣ, ки барои гирифтани даромад ё барои нигоҳдории объетҳои андозбандӣ истифода мешаванд, аз назар гузаронанд ва бо усули хронометраж ва дигар усулҳо ташхис намоянд;

7) ба роҳбарон ва дигар кормандони мансабдори корхона, инчунин шахсони воқеӣ ҷиҳати бартараф намудани вайронкуниҳои ошкоршудаи қонунгузории андоз ~~ва фаъолияти соҳибкорӣ~~ супоришҳо диҳанд, ки барои иҷро ҳатмӣ мебошанд ва иҷрои онҳоро назорат намоянд;

8) барои вайрон кардани қонунгузории андоз нисбати корхонаҳо, кормандони мансабдор ва шахсони воқеӣ муҷозоти андозӣ ва

ҷаримаҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро истифода баранд;

9) мутобиқи ҳамин Кодекс аз корхонаҳо, шахсони мансабдори онҳо ва шахсони воқеӣ андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳо ситонанд, аз ҷумла тавассути даъво ба суд;

10) оид ба далелҳои ҳуқуқвайронкунии андоз аз ҷониби шахсони мансабдори корхонаҳо ё шахсони воқеӣ протоколҳо тартиб диҳанд~~ ва қарорҳои дахлдор қабул намоянд~~;

11) дар рафти гузаронидани санҷиши андоз мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ, ки бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шудааст, инвентаризатсияи амволи андозсупорандаро (ба истисноИ амволи биноҳои истиқоматӣ) гузаронанд;

12) аз шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ оид ба фаъолияти соҳибкорӣ ва амалиёти корхонаҳо ва шахсони воқеии санҷишшаванда танҳо барои мақсадҳои хизматӣ ва барои муайян кардани ӯҳдадориҳои андоз маълумот, маълумотнома ва ҳуҷҷатҳоро гиранд;

13) тибқи тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ дар хусуси бекор намудани қарорҳояшон ва қарорҳои мақомоти поёнии онҳо, ки хилофи қонунгузории амалкунандаи андоз мебошанд, таклифҳо пешниҳод намоянд;

14) дар бораи баҳабсгирии амвол ва ситонидани маблағҳо аз суратҳисобҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи тартиби муқарраргардида ба суд муроҷиат намоянд;

15) ҳангоми мавҷудияти ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 94 ҳамин Кодекс амалиёти хароҷотии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро бо суратҳисобҳои ҷорӣ ва дигар суратҳисобҳо, аз ҷумла бо арзи хориҷӣ, ба истисноИ амалиёти хароҷотӣ бо мақсади иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ, дар муассисаҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз доранд;

16) дар рафти гузаронидани санҷиши андозӣ худи бонкҳо санҷиши ҳаракати воситаҳои пулӣ дар суратҳисобҳои мизоҷони бонкҳоро танҳо дар асоси қарори суд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун анҷом диҳанд;

17) аз бонкҳо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи иҷрои супоришҳои пардохтии тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузоштаШудаи андозсупорандагон ва агентҳои андоз ва супоришҳои инкассавии (амрномаҳои) мақомоти андозро оид ба гузаронидани маблағи андозҳо аз суратҳисобҳои андозсупорандагон ва агентҳои андоз, инчунин ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс боздоштани амалиёти хароҷотӣ бо суратҳисобҳои андозсупорандагон ва агентҳои андоз мутобиқи банди 4) моддаи 76 ҳамин Кодекс талаб намоянд;

18) оид ба масъалаҳо марбут ба андозбандии андозсупорандаи санҷишшаванда аз бонкҳо ё дигар муассисаҳои молиявию кредитӣ дар бораи мавҷудият ва рақамҳои суратҳисобҳои бонкӣ, дар бораи бақия ва

ҳаракати пулҳо дар ин суратҳисобҳо, бо риояи талаботи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фош накардани маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ, бонкӣ, андоз ва дигар сирри қонунан ҳифзшаванда мутобиқи банди 4) моддаи 76 ҳамин Кодекс маълумот гиранд;

19) барои гузаронидани назорати андоз мутахассисон, коршиносон ва тарҷумонҳоро ҷалб (даъват) намоянд;

20) ба сифати шоҳид шахсонеро, ки барояшон ҳолатҳои барои гузаронидани назорати андоз аҳамиятдошта маълуманд, даъват намоянд;

~~21) оид ба бекор намудан ё боз доштани амали иҷозатнома ба ҳуқуқи иҷрои намудҳои алоҳидаи фаъолият, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дода шудаанд, дархост диҳанд;~~

21) дар асоси протоколҳо аз рӯи ҳодисаҳои вайронкунии қонунгузории андоз аз ҷониби шахсони мансабдори корхонаҳо ё шахсони воқеӣ қарори дахлдор қабул намоянд;

22) мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс анборҳои андоз ва дидбонгоҳҳои аксизӣ таъсис диҳанд;

23) ба судҳо вобаста ба масъалаҳои иҷро кардани (накардани) қонунгузории андоз аз ҷониби андозсупорандагон ва (ё) агентҳои андоз даъво пешниҳод намоянд;

~~24) мутобиқи ҳамин Кодекс санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таҳия, тасдиқ ва нашр намоянд;~~

24) мутобиқи ҳамин Кодекс санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия намоянд, ки аз ҷониби роҳбари аввали мақоми ваколатдори давлатӣ ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда тасдиқ карда мешаванд ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр мегарданд;

25) оид ба пайдоиш, иҷро ва қатъи ӯҳдадориҳои андоз дар доираи салоҳияташон тавзеҳот диҳанд;

26) дурустии истифодаи мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалиро назорат кунанд;

27) мақомоти андоз инчунин дорои дигар ҳуқуқҳое мебошанд, ки ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, ки амалӣ гардидани онҳо наметавонад барои шахсони сеюм хусусияти ҳатмӣ дошта бошад.

2. Ҳуқуқҳои мақомоти андоз, ки дар ҳамин модда зикр шудаанд, аз ҷониби воҳидҳои полиси андоз метавонанд танҳо бо супориши хаттии роҳбарони якуми мақомоти андоз ё муовинони ваколатдори онҳо татбиқ карда шаванд.

**Моддаи 119. Ӯҳдадориҳои мақомоти андоз**

1. Мақомоти андоз ӯҳдадоранд:

1) Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамин Кодекс, қонунҳои конститутсионӣ ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, инчунин шаҳрвандонро риоя намоянд;

2) татбиқи сиёсати давлатии андозро таъмин намоянд;

3) баҳисобгирии пурра ва саривақтии андозсупорандагон, аз ҷумла супорандагони андоз аз арзиши иловашуда ва объектҳои андозбандӣ, баҳисобгирии андозҳои ҳисобшуда, пардохтшуда ва бақияпулиҳо, назорати ҳисобкунии дуруст, пурра ва саривақтии пардохти андозҳоро ба буҷет таъмин намоянд;

4) оид ба воридоти андозҳо ба буҷет ҳисобот тартиб диҳанд, баҳисобгирӣ ва ҳисоботро оид ба маблағҳои имтиёзҳои додашудаи андоз аз рӯи гурӯҳҳои андозсупорандагон, намудҳои андозҳо ва имтиёзҳо, инчунин минтақаҳо таъмин намоянд;

5) муҷозоти молиявӣ ва дигар муҷозот, ҷаримаҳо ва фоизҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро татбиқ намоянд ва сари вақт ситонанд;

6) мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ санҷиши андозсупорандагонро гузаронанд;

7) нишондодҳои дастурӣ ва методӣ доир ба масъалаҳои таҳти салоҳияташон қарордошта, инчунин мавод, китобча ва овезаҳо таҳия кунанд, дар воситаи ахбори умум оид ба ин масъалаҳо ахбори машваратӣ ва тавзеҳотӣ нашр намоянд;

8) ба андозсупорандагон оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои андоз тибқи мӯҳлат ва ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс огоҳнома супоранд;

9) тибқи аризаи андозсупоранда дар мӯҳлати на дертар аз даҳ рӯз аз ҳисобномаи шахсии ӯ оид ба вазъи ҳисоббаробаркунӣ бо буҷет дар бораи иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ нусха пешниҳод намоянд;

10) чораҳои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои андозро татбиқ намоянд ва қарзи андози андозсупорандаро мутобиқи ҳамин Кодекс ситонанд;

11) ба андозсупорандагон нусхаи санади санҷиши андоз ва қарори дахлдори мақоми андозро оид ба натиҷаи санҷиши андоз пешниҳод намоянд;

12) феҳристи давлатӣ ва баҳисобгирии мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалиро пеш баранд;

13) бо тартиби муқарраршуда мактубҳо, шикояту аризаҳоро оид ба масъалаҳои таҳти салоҳияти мақомоти андоз қарордошта баррасӣ намоянд;

14) ҳар моҳ ба мақомоти молия оид ба маблағҳои андози воқеан ба буҷет дохилшуда маълумот пешниҳод намоянд;

15) якҷоя бо мақомоти молия иҷрои қисми даромади буҷетро назорат намоянд;

16) оид ба иҷро ва ҳуқуқвайронкунии андоз маълумотро ҷамъоварӣ ва таҳлил кунанд, зуҳуроти манфии вобаста ба андозбандии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро пешбинӣ намоянд ва дар ин бора ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ диҳанд;

17) якҷоя бо дигар мақомоте, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор намудааст, назорати асъориро анҷом диҳанд;

18) мувофиқи муқаррароти моддаи 89 ҳамин Кодекс маблағҳои аз андозҳои ҳисобшуда барзиёд супоридаи андозсупорандагонро ба ҳисоб гиранд ва (ё) ба андозсупорандагон баргардонанд;

19) сирри маълумоти оид ба андозсупорандагонро мувофиқи муқаррароти моддаи 123 ҳамин Кодекс нигоҳ доранд;

20) оид ба татбиқи қонунгузории андоз корҳои тавзеҳотиро анҷом диҳанд, ба андозсупорандагон шаклҳои ҳисоботи андозро пешниҳод кунанд ва тарзи тартибдиҳии онҳоро фаҳмонанд, аз ҷумла дар шакли хаттӣ тартиби ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳоро шарҳ диҳанд;

21) дар давоми 6 соли баъди ба охир расидани соли андоз нигоҳдории ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла нусхаи ҳуҷҷатҳоеро, ки ба андозсупоранда дода шудаанд (квитансия ва ғайра) ва далели иҷрои ӯҳдадориҳои андози андозсупорандаро оид ба пардохти андозҳо ба буҷети давлатӣ тасдиқ мекунанд, таъмин намоянд;

22) ҳангоми дар рафти санҷиши андоз, аз ҷумла бо иштироки намояндаи воҳиди полиси андоз гузаронидашуда, муайян намудани далелҳое, ки дорои аломатҳои ҷиноятҳои вобаста бо саркашӣ аз пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет мебошанд ва қонунгузорӣ онҳоро ба тобеияти воҳидҳои полиси андоз гузоштааст, инчунин дорои аломатҳои дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои иқтисодӣ мебошанд, ба онҳо маводро дар давоми 10 рӯзи кории баъди тасдиқи санади санҷиши андоз барои чораҷӯӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристанд;

23) фаъолияти мақомоти поёнии андоз ва корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои тобеъро назорат намоянд;

24) то оғози санҷиши андоз ҳуқуқ ва вазифаҳои андозсупоранда, инчунин ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худро, ки ба гузарондан ва натиҷаҳои санҷиши андоз алоқаманд аст, фаҳмонанд;

25) таъмин намудани дастрасии андозсупорандагон бо иттилооти ба масъалаҳои андозбандии онҳо алоқамандбуда, аз ҷумла бо тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» бо роҳи дар ҷойҳои кушодаю намудори мақомоти андоз (дар лавҳаи эълонҳо) ҷойгир кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии масъалаҳои андозбандиро танзимкунанда;

~~24~~26) инчунин дигар ӯҳдадориҳои пешбининамудаи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намоянд.

2. Муқаррароти бандҳои 3), 4), 5), 6), 8), 9), 10), 11), 12), 14), 15), 17), 18), 20), 21), 22), 23), 24), 25) қисми 1 ҳамин модда нисбати воҳидҳои полиси андоз татбиқ намегарданд.

**Моддаи 120. Тартиби татбиқи ҳуқуқҳои ба мақомоти андоз додашуда**

1. Ҳуқуқҳои мақомоти андоз, ки дар бандҳои 1), 2), 5), 6), 10), 11), 12), 16), 17), 18), 20), 26) қисми 1 моддаи 118 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд, ба ҳамаи кормандони мақомоти андоз дода мешаванд.

2. Ҳуқуқҳои мақомоти андоз, ки дар бандҳои 3), 7), 8), 9), 13), 14), 15), 19), 21), 22), 23), 24) ва 25) қисми 1 моддаи 118 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд, ба роҳбари якуми мақоми ваколатдори давлатӣ, муовини аввали он ва муовинони ваколатдор, муовинони роҳбари департаменти андози мақоми ваколатдори давлатӣ, роҳбарони якум ва муовинони роҳбарони якуми мақомоти андози ҳудудҳо дода мешаванд.

3. Ҳуқуқҳои мақомоти андоз, ки дар қисми 1 моддаи 118 ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда, дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда номбар нашудаанд, ба ҳамаи кормандони мақомоти андоз, ки мансабҳои сарнозир ва болотар аз онро ишғол менамоянд, дода мешаванд.

4. Дастуруламал оид ба татбиқи ҳуқуқҳои ба мақомоти андоз додашуда аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ таҳия, тасдиқ ва нашр карда мешавад.

**Моддаи 121. Ҷавобгарии шахсони мансабдори мақомоти андоз**

1. Кормандони мақомоти андоз барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби вазифаҳояшон, риоя накардани муқаррароти қонунгузорӣ оид ба сирри давлатӣ, хизматӣ, андоз, тиҷоратӣ ва сирри пасандозҳо, суиистифода аз мансаби хизматӣ ва дигар амалҳои хилофи қонун мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ ё ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

2. Зараре, ки ба андозсупоранда дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунии кормандони мақомоти андоз расонида шудааст, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

**Моддаи 122. Ихтилофи манфиатҳо**

Ба корманди мақоми андоз анҷом додани вазифаҳои хизматӣ дар ҳолатҳои зайл манъ аст, агар:

1) корманди мақоми андоз бо андозсупоранда алоқаи хешу таборӣ дошта бошад; ё

2) нисбати корманди мақоми андоз андозсупоранда ё хеши вай манфиати мустақим ё ғайримустақими молиявӣ дошта бошад.

**Моддаи 123. Сирри маълумот (сирри андоз)**

1. Мақомоти андоз, агентҳои андоз ва тамоми шахсоне, ки кормандони онҳо буданд ё мебошанд, вазифадоранд, ки сирри ҳама гуна маълумотро оид ба андозсупорандагон (ба истиснои маълумот дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда ва дигар маълумоти вобаста ба баҳисобгирии бақайдгирии андозсупорандагон), ки ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои хизматиашон гирифтаанд, пинҳон нигоҳ доранд. Мақомоти андоз ва агентҳои андоз ҳуқуқ доранд чунин маълумотро тибқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ танҳо ба шахсони зерин пешниҳод намоянд:

1) ба дигар кормандони мақомоти андоз ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва бо мақсадҳои иҷрои ин вазифаҳо;

2) ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо мақсади тибқи қонун тафтиш намудани шахсе, ки қонунгузории андозро вайрон намудааст ё ҷиноят содир кардааст;

3) ба судҳо ҳангоми баррасии парванда оид ба муайян намудани ӯҳдадориҳои андози андозсупоранда ё ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андоз ё содир намудани ҷинояти вобаста ба андоз ё дигар ҷавобгарии ҷиноятӣ;

4) ба мақомоти андози дигар давлатҳо мутобиқи шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

5) ба мақомоти молия ва Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамон ҳаҷме, ки барои таъмини иҷрои қонунгузорӣ оид ба буҷет ва таъминоти иҷтимоӣ зарур аст;

6) ба мақомоти гумрук барои татбиқи қонунгузории гумрук, инчунин ба мақомоте, ки мутобиқи ҳамин Кодекс барои мақсадҳои амалӣ намудани андозбандӣ дорои ҳуқуқи ситонидани андозҳо мебошанд.

2. Шахсоне, ки мутобиқи қисми 1 ҳамин модда маълумот гирифтаанд, мутобиқи муқаррароти ҳамин модда махфияти маълумотро нигоҳ медоранд, ба истисноӣ ҳадди ақале, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои вобаста ба пешниҳоди маълумоти иҷозат додашуда зарур аст.

3. Ба истисноӣ ҳолатҳои гирифтани маълумот мутобиқи қисмҳои 1 ё 4 ҳамин модда шахсе, ки маълумотро мегирад ва додани онро ҳамин модда танзим менамояд, наметавонад маълумотро фош кунад ва ӯҳдадор аст ҳуҷҷатҳои дорои маълумотро ба мақомоти андоз баргардонад.

4. Маълумоти марбут ба андозсупорандаро танҳо бо розигии хаттии андозсупоранда ба шахси дигар додан мумкин аст.

## БОБИ 15. ВОҲИДҲОИ ПОЛИСИ АНДОЗ

### Моддаи 124. Воҳидҳои полиси андоз

Полиси андоз воҳиди ҳифзи ҳуқуқии мақоми ваколатдори давлатӣ буда, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолият оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои андоз ба мақсадҳои таъмини воридоти саривақтӣ ва пурраи андозҳо ба буҷет таъин гардидааст.

### Моддаи 125. Сохтори воҳидҳои полиси андоз

1. Воҳидҳои полиси андози мақоми ваколатдори давлатӣ аз Саридораи полиси андози мақоми ваколатдори давлатӣ, идораҳои полиси андози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, идораи полиси андоз дар нақлиёт, шӯъбаҳои полиси андози шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ иборат мебошад.

Саридораи полиси андоз ба мақоми ваколатдори давлатӣ ва воҳидҳои полиси андози минтақаҳо - ба воҳидҳои болоии полиси андоз итоат менамоянд.

2. Саридораи полиси андоз ва воҳидҳои полиси андози минтақаҳо шахси ҳуқуқӣ буда, дорои мӯҳр бо акси Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва штампҳо ба забони давлатӣ, тавозуни мустақил доранд ва ба онҳо аз суратҳисоби ягонаи хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат расонда мешавад.

3. Саридораи полиси андози мақоми ваколатдори давлатиро сардори он роҳбарӣ менамояд, ки ҳамзамон муовини роҳбари якуми мақоми ваколатдори давлатӣ мебошад.

4. Дар Саридораи полиси андози мақоми ваколатдори давлатӣ комиссияи аттестатсионӣ таъсис дода мешавад, ки ҳайати онро Сардори Саридораи полиси андоз дар асоси низомномаи тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 126. Ваколатҳои сардори саридораи полиси андоз**

Сардори Саридораи полиси андози мақоми ваколатдори давлатӣ:

1) фаъолияти воҳидҳои полиси андози ҳамаи сатҳҳоро ташкил менамояд ва барои иҷрои вазифа ва ӯҳдадориҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда ҷавобгар мебошад;

2) дар бораи ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани муовини аввал ва муовинони худ ба ҳайати мушовираи мақоми ваколатдори давлатӣ таклиф пешниҳод менамояд, ӯҳдадориҳои вазифавии онҳоро муайян мекунад;

3) сардорони идораҳо, шӯъба ва дигар воҳидҳо, инчунин дигар кормандони Саридораи полиси андоз, сардорони идораҳои полиси андози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, идораи полиси андоз дар нақлиёт, шӯъбаҳои полиси андози шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳуриро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

4) мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пардохти музди меҳнат ҷадвали штатӣ ва сметаҳои хароҷоти таъминоти воҳидҳои полиси андозро, ки дар мақомоти молия ба қайд гирифта мешаванд, тасдиқ менамояд;

5) низомномаи идораҳо ва шӯъбаҳои саридораи полиси андоз, воҳидҳои минтақавии полиси андозро тасдиқ менамояд, фармонҳо содир мекунад, дастуруламал ва тавсияномаҳои методиро тасдиқ мекунад;

6) номгӯи мансабҳои кормандони полиси андозро, ки таъин ва озод кардани онҳо тавассути сардорони воҳидҳои минтақавии полиси андоз сурат мегиранд, муайян менамояд;

7) то капитани полиси андоз рутбаҳои махсус медиҳад;

8) фармонҳо, дастуруламалҳо ва амрҳои сардорони воҳидҳои поёнии полиси андозро, ки хилофи ҳамин Кодекс мебошанд, бекор менамояд;

9) дигар ваколатҳои муқаррарнамудаи қонунгузориро иҷро менамояд.

**Моддаи 127. Вазифаҳои асосии воҳидҳои полиси андоз**

1. Вазифаҳои асосии воҳидҳои полиси андоз аз инҳо иборатанд:

1) ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани ҷинояту ҳуқуқвайронкуниҳои андоз, ки таҳти пешбурди воҳидҳои полиси андоз қарор доранд, аз ҷумла ҷиноятҳои мансабӣ дар мақомоти андоз ва воҳидҳои полиси андоз;

2) таъмини амнияти худии фаъолияти мақомоти андоз ва воҳидҳои полиси андоз, ҳимояи кормандони онҳо аз кирдорҳои ғайриқонунӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ.

2. Воҳидҳои полиси андоз ҳангоми иҷрои вазифаҳои асосии худ тибқи тартиби муқарраргардида дар бораи ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои иқтисодӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқро хабардор менамоянд.

**Моддаи 128. Ҳуқуқҳои воҳидҳои полиси андоз**

1. Агар ҳамин Кодекс тартиби дигар пешбинӣ накарда бошад, ба полиси андоз ҳангоми иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда ҳуқуқ дода мешавад, ки:

1) бо дархости хаттии роҳбари якуми мақоми андоз дар санҷишҳои андоз иштирок намояд; қарори судро дар бораи ба ҳабс гирифтани амвол иҷро кунад;

2) ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти шаҳрвандон ва шахсони мансабдорро, агар барои гумонбар донистани онҳо дар қонуншикании андоз асосҳои кофӣ мавҷуд бошад, санҷад;

3) дар ҳолатҳои таъхирнопазир воситаҳои алоқа ва воситаҳои нақлиёти корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо ё иттиҳодияҳои ҷамъиятиро (ба истиснои воситаҳои алоқа ва воситаҳои нақлиёти намояндагиҳои дипломатӣ, косулгарӣ ва дигар муассисаҳои давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва соҳибони шахсӣ) барои пешгирии ҷиноятҳои андоз, тафтишу кофтуков ва дастгир намудани шахсе, ки ҷиноятҳои андоз содир намудааст ё дар содир намудани онҳо гумонбар шудааст, истифода барад. Воҳидҳои полиси андоз дар чунин ҳолатҳо ба соҳибони воситаҳои алоқа ва нақлиёт хароҷот ва зарари расонидашударо ҷуброн менамоянд;

4) ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунии андоз мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгиркунии (боздошти) маъмуриро анҷом медиҳад;

~~5) ҳангоми мавҷудияти асосҳои кофие, ки аз аломатҳои содиршавии ҷиноят вобаста ба ҳуқуқвайронкунии андоз гувоҳӣ медиҳад, ҷиҳати гузаронидани санҷиши муштараки андоз якҷоя бо мутахассисони ҳамин мақом ё мақоми болоии андоз ба роҳбари якуми мақоми андоз дархост пешниҳод менамояд. Чунин санҷиши муштарак дар асоси фармоиши хаттии роҳбари якуми мақоми андози дахлдор гузаронида мешавад. Оид ба натиҷаи санҷиши муштараки андоз санади санҷиши андоз таҳия мегардад, ки дар асоси он қарори дахлдори мақоми андоз қабул карда мешавад. Оид ба натиҷаи ин қарор ва санади санҷиши андоз воҳиди полиси андоз дар мӯҳлати муқарраршуда яке аз чунин қарорҳоро қабул менамояд:~~

~~- ҳангоми ошкор намудани ҳуқуқвайронкунии андоз, ки дорои аломати ҷиноят мебошад, - оид ба андешидани чорабиниҳои дахлдор барои оғози парвандаи ҷиноятӣ;~~

~~- ҳангоми ошкор намудани ҳуқуқвайронкунии андоз, ки дорои аломати ҷиноят намебошад, - оид ба радди андешидани чораҳо барои оғози парвандаи ҷиноятӣ ва супоридани (фиристодани) ҳуҷҷатҳои санҷиш ба мақомоти андози ҷои бақайдгирии андозсупоранда барои андешидани чораҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс;~~

5) ҳангоми мавҷудияти асосҳо, ки аз аломатҳои содиршавии ҷиноят гувоҳӣ дода, ба вайрон кардани қонунгузории андоз аз ҷониби андозсупорандаи мушаххас алоқаманд мебошанд, ҷиҳати иштирок мутобиқи талаботи ҳамин Кодекс дар гузаронидани санҷиши дарпешистодаи андоз дар ин андозсупорандаи мушаххас, ба роҳбари аввали мақоми ваколатдори давлатӣ ё шахси ваколатдори ӯро ивазкунанда ба таври хаттӣ муроҷиат намояд;

6) амалӣ намудани баҳисобгирии шахсон, мавод ва далелҳо дар доираи ваколати полиси андоз;

7) мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи милитсия» яроқи оташфишони табелиро нигоҳ дорад, бо худ дошта бошад ва мавриди истифода қарор диҳад, воситаҳои махсус ва қувваи ҷисмониро мавриди истифода қарор диҳад;

8) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои фаврию ҷустуҷӯӣ гузаронад ва бо мақсади ошкор ва тафтиш, пешгирӣ ва бартараф намудани ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои андоз, инчунин таъмини амнияти фаъолияти мақомоти андоз таҳқиқ ва тафтиши пешакиро анҷом диҳад.

2. Тартиби татбиқи ҳуқуқҳои воҳидҳои полиси андозро сардори саридораи полиси андоз мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

**Моддаи 129. Ӯҳдадориҳои воҳидҳои полиси андоз**

Полиси андоз мувофиқи вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда ӯҳдадор аст:

1) ариза, иттилоот ва дигар маълумотро дар бораи ҷинояту ҳуқуқвайронкуниҳои андоз қабул кунад, қайд намояд ва мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун онҳоро санҷад;

2) амнияти фаъолияти мақомоти андоз, ҳимояи кормандони онҳоро ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои хизматиашон ва амнияти худро таъмин намояд;

3) дар доираи салоҳияти худ қарори судро дар бораи ҳабси амвол, дигар қарорҳои судҳо, амрномаҳои хаттии прокурорҳо ва муфаттишонро дар иҷрои амалҳои пешбининамудаи қонун доир ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии андоз иҷро намояд;

4) ба мақомоти прокуратура, вазоратҳои корҳои дохилӣ, амният ва дигар мақомоти давлатӣ дар ошкор намудани дигар ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат намояд;

5) сирри давлатӣ ва хизматӣ, аз ҷумла сирри андозро нигоҳ дорад;

6) тадбирҳои фаврию ҷустуҷӯӣ гузаронад ва бо мақсади ошкор ва тафтиш намудани ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии андоз таҳқиқ ва тафтиши пешакиро анҷом диҳад;

7) ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳоро вобаста ба напардохтани андозҳо, пинҳон доштан ё кам нишон додани фоида (даромад), пинҳон доштани объектҳои андозбандӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва дигар шаклҳои саркашӣ аз пардохти андозҳо, инчунин дигар ҷиноят ва

ҳуқуқвайронкуниҳоро, ки ба давлат дар натиҷаи ворид нашудани андозҳо зиён мерасонанд, ошкор ва пешгирӣ намояд.

**Моддаи 130. Хизмат дар воҳидҳои полиси андоз**

1. Ба хизмат дар полиси андоз шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнашон на хурдтар аз 20 ва на калонтар аз 35 сола буда, аз хизмати ҳарбӣ гузаштаанд ва ҷавобгӯи талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансабе, ки мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ намудааст, қабул карда мешаванд. Ҳангоми таъин ба мансабҳои роҳбарикунандаи полиси андоз синну соли ниҳоии дар ҳамин қисм зикргардида ба эътибор гирифта намешавад. Ба хизмат дар полиси андоз шахсе, ки барои содир намудани ҷиноят маҳкум шудааст, қабул карда намешавад.

2. Ба корманди полиси андоз тибқи тартиби муқарраргардида рутбаи махсус дода мешавад. Рутбаҳои махсуси кормандони полиси андоз аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд. Низомнома ва тартиби додани рутбаҳои махсус ба кормандони мақомоти полиси андозро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд. Кормандони полиси андоз Савганд ёд мекунанд. Матни Савганд ва тартиби қабули онро Ҳукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

3. Шахсони ӯҳдадори ҳарбие, ки ба мансабҳои ҳайати аттестатсияшудаи полиси андоз таъин мешаванд, мувофиқи тартиби муқарраргардида аз қайди ҳарбӣ бароварда шуда, ба қайди махсуси воҳидҳои полиси андоз гузошта мешаванд.

4. Тартиби адои хизмат дар воҳидҳои полиси андоз тибқи Низомномаи тартиби адои хизмат дар воҳидҳои полиси андоз, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд, танзим мегардад.

5. Барои хизмат дар маҳалҳои баландкӯҳ ва ноҳияҳои шароити иқлимиашон вазнин мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маош иловапулӣ муқаррар карда мешавад.

6. Ҳангоми ба воҳидҳои полиси андоз ба кор гузаронидани шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, амният ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки унвони ҳарбӣ, махсус, рутбаҳои дараҷавӣ доранд, собиқаи кориашон дар ҷои кори пештара ба собиқаи меҳнат барои таъини унвони махсус, нафақа ва иловапулиҳо барои хизмати дарозмуддат ба ҳисоб гирифта мешаванд.

7. Барои кормандони полиси андоз мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон давомнокии умумии вақти корӣ муқаррар карда мешавад. Ҳангоми зарурат тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кормандони полиси андоз илова ба вақти муқарраршуда, инчунин шабона, дар рӯзҳои истироҳат ва ид ба иҷрои ӯҳдадориҳои хизматӣ ҷалб карда мешаванд.

8. Ба кормандони полиси андоз мутобиқи Низомномаи тартиби адои хизмат дар воҳидҳои полиси андоз рухсатии навбатии ҳарсола ва рухсатиҳои иловагии пулакӣ, инчунин дигар намудҳои рухсатӣ дода мешаванд.

## БОБИ 16. ҲИФЗИ ҲУҚУҚӢ ВА ИҶТИМОИИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ АНДОЗ ВА ВОҲИДҲОИ ПОЛИСИ АНДОЗ

**Моддаи 131. Ҳифзи ҳуқуқии кормандони мақомоти андоз ва воҳидҳои полиси андоз**

1. Кормандони мақомоти андоз ва воҳидҳои полиси андоз намояндагони ҳокимияти давлатӣ буда, таҳти ҳимояи давлат қарор доранд. Талаботи қонунии онҳо дар доираи салоҳияташон барои иҷро аз ҷониби шаҳрвандон ва шахсони мансабдор ҳатмӣ мебошад.

2. Монеъ шудан ба иҷрои ӯҳдадориҳои хизматии кормандони мақоми андоз ва воҳиди полиси андоз, таҳқири шаъну эътибори онҳо, таҳдид, зӯроварӣ ё суиқасд ба ҳаёт, саломатӣ ва амволи онҳо вобаста ба фаъолияти хизматиашон боиси ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

3. Ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, шаъну эътибор ва амволи аъзои оилаи кормандони мақомоти андоз ва воҳидҳои полиси андоз аз кирдорҳои ҷиноятӣ вобаста ба иҷрои вазифаи хизматиашон тибқи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои қонунгузорӣ ва (ё) меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мегардад.

**Моддаи 132. Таъминоти моддӣ ва иҷтимоию маишии кормандони мақомоти андоз, воҳидҳои полиси андоз ва аъзои оилаи онҳо**

1. Давлат ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти андоз ва воҳидҳои полиси андозро кафолат медиҳад.

2. Таъминоти моддӣ ва иҷтимоию маишии кормандони мақомоти андоз ва аъзои оилаи онҳо тибқи шарт, тартиб ва ҳаҷми барои хизматчиёни давлатӣ муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизмати давлатӣ анҷом дода мешавад.

3. Намудҳо ва ҳаҷми таъминоти моддӣ, аз ҷумла намуд ва андозаи маоши кормандони мақомоти андоз ва воҳидҳои полиси андозро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

4. Ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони полиси андоз тибқи шарт, тартиб ва ҳаҷме, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи милитсия муқаррар намудааст, амалӣ мегардад.

5. Таъминоти нафақаи (ҳисоб намудани ҳаҷми нафақаи кормандоне, ки аз хизмат бо фаро расидани синни нафақавӣ, касалӣ ё собиқаи корӣ озод шудаанд) кормандони воҳидҳои полиси андоз ва оилаи онҳо тибқи меъёр ва тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъминоти нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ” сурат мегирад.

# ҚИСМИ II. ҚИСМИ МАХСУС

## ФАСЛИ IV. АНДОЗИ ДАРОМАД АЗ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

## (АНДОЗ АЗ ДАРОМАДИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ)

## БОБИ 17. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 133. Андозсупорандагон**

Шахсони воқеии резидент ва ғайрирезидент, ки мутобиқи моддаи 134 ҳамин Кодекс объекти андозбандишаванда доранд, супорандагони андоз аз даромад мебошанд.

**Моддаи 134. Объекти андозбандӣ**

1. Барои резидентҳо ба сифати объекти андозбандии даромад даромади андозбандишавандаи онҳо ба ҳисоб меравад, ки он ҳамчун фарқи байни даромади умумӣ дар соли тақвимӣ ва маблағи тарҳшудаи хароҷоти пешбининамудаи ҳамин Кодекс барои ҳамин давра муайян карда мешавад.

2. Андозсупоранда – ғайрирезидент, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи доимӣ фаъолият менамояд, нисбати даромади андозбандишавандае, ки ба муассисаи доимӣ алоқаманд аст ва ҳамчун фарқи байни даромади умумии соли тақвимӣ аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба муассисаи доимӣ (банди 3) қисми 8 моддаи 34 ҳамин Кодекс) ва маблағи нигоҳдошташудаи (хароҷоти) пешбининамудаи ҳамин Кодекс нисбати чунин даромад барои ҳамин давра муайян карда мешавад, супорандаи андоз аз даромад мебошад.

3. Даромади умумии ғайрирезидент, ки дар қисми 2 ҳамин модда зикр нашудааст, бояд аз манбаи пардохт бе нигоҳ доштани маблағ (бе тарҳкунии хароҷот), агар ин дар моддаи 164 ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда бошад, андозбандӣ карда шавад.

4. Шахси воқеи-ғайрирезидент, ки аз манбаи воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз меҳнати кироя ё аз фурӯш ё додани амволе, ки ба муассисаи доимиаш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд намебошад, даромад мегирад, нисбати даромади умумии чунин намуд дар соли тақвимӣ бо кам кардани он ба маблағи нигоҳдошташудаи (хароҷоти) пешбининамудаи ҳамин Кодекс ва марбут ба чунин даромад барои ҳамин давра, супорандаи андоз аз даромад ба ҳисоб меравад.

**Моддаи 135. Даромади умумӣ**

1. Даромади умумии андозсупоранда-резидент аз даромадҳое иборат мебошад, ки вай аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтааст.

2. Даромади умумии андозсупоранда-ғайрирезидент аз даромадҳое иборат мебошад, ки вай аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтааст.

3. Ҳамаи намуди даромадҳои гирифташуда, ҳам дар шакли пулӣ ва ҳам дар шакли асл (натуралӣ), ба истисноӣ даромадҳо, ки мувофиқи ҳамин Кодекс аз андози даромад (андози фоида) озод карда шудаанд, ба даромади умумӣ дохил карда мешаванд, аз ҷумла:

1) даромадҳое, ки ҳамчун музди меҳнат гирифта шудаанд;

2) даромадҳо аз фаъолияте, ки кори кироя ҳисоб намешаванд;

3) ҳама гуна даромадҳои дигар.

**Моддаи 136. Даромадҳое, ки дар шакли музди меҳнат гирифта мешаванд**

1. Ҳама гуна пардохт ё манфиат, ки шахси воқеӣ аз кори кироя гирифтааст, аз ҷумла дар шакли натуралӣ, даромади дар шакли музди меҳнат гирифташуда ба ҳисоб меравад, аз ҷумла, даромадҳо аз кори кирояи пешина дар шакли нафақа ё дигар шакл гирифташуда ё даромадҳо аз кори минбаъдаи кироя.

2. Барои мақсадҳои қисми 1 ҳамин модда арзиши манфиат аз кори кироя ба маблағи дар поён овардашуда, бо назардошти тарҳи ҳама гуна пардохтҳои корманд барои гирифтани ин манфиат баробар мебошад:

1) ҳангоми гирифтани қарз тибқи меъёри фоизи пасттар аз меъёри бозорӣ барои чунин намуди қарзҳо — маблағи баробар ба фоизҳое, ки бояд тибқи меъёри бозорӣ пардохта шаванд;

2) ҳангоми аз ҷониби корфармо ба корманди худ фурӯхтан ё ройгон додани молҳо, корҳо ё хизматрасониҳо — арзиши бозории чунин молҳо, корҳо ё хизматрасониҳо;

3) ҳангоми гирифтани кӯмак барои таҳсили корманд ё шахсони дар таъминоти он қарордошта (ба ғайр барномаҳои тайёрӣ, ки бевосита ба иҷрои ӯҳдадориҳои корманд алоқамананданд) — арзиши кӯмак барои корфармо дар гирифтани маълумот;

4) ҳангоми ҷуброни хароҷоти корманд — маблағи ҷуброн;

5) ҳангоми бахшидани қарз ё ӯҳдадории корманд дар назди корфармо — маблағи қарз ё ӯҳдадории бахшидашуда;

6) ҳангоми пардохти подоши суғуртавӣ тибқи шартномаҳои суғуртаи ҳаёт ва саломатӣ ва дигар маблағҳои шабеҳ аз ҷониби корфармо — арзиши чунин подоши суғуртавӣ ё маблағҳо барои корфармо;

7) дар дигар ҳолатҳо — арзиши бозории манфиат мутобиқи моддаи 32 ҳамин Кодекс.

3. Даромади умумӣ ҷуброни хароҷоти сафарҳои хизматиро мутобиқи меъёрҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарраршуда, инчунин ҷуброни хароҷоти сафарҳои хизматиро аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ва муассисаҳои онҳо, фондҳо, ташкилотҳои ғайридавлатӣ - ғайрирезидент аз ҳисоби маблағҳои шахсони дар боло номбаршуда дар бар намегирад.

4. Даромади умумӣ пардохтҳои намояндагӣ ва дигар хароҷоти шабеҳро (барои гузаронидани ҷашнҳо, ҷойгиронии меҳмонон ва ғайра), ки шахси воқеӣ гирифтааст, дар бар намегирад.

5. Арзиш ва хароҷоте, ки дар қисми 2 ҳамин модда номбар шудаанд, аксизҳо, андоз аз арзиши иловашуда ва дигар андозеро дар бар мегиранд, ки корфармо бояд вобаста ба аҳди арзишдошта супорад.

6. Даромади умумии шахси воқеӣ андози иҷтимоиро, ки корфармо ва ин шахс мутобиқи фасли IX ҳамин Кодекс мепардозанд, дар бар намегирад.

**Моддаи 137. Даромадҳо аз фаъолияте, ки ба меҳнати кироя мансуб намебошад**

1. Даромадҳои зерин даромад аз фаъолияте мебошанд, ки ба меҳнати кироя мансуб нестанд:

1) даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла:

- фоида аз фурӯш ё додани активҳое, ки мутобиқи моддаи 194 ҳамин Кодекс барои мақсадҳои фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешаванд;

- даромаде, ки барои розигӣ додан ҷиҳати маҳдуд намудани фаъолияти соҳибкорӣ ё бастани корхона гирифта мешавад;

- маблағҳое, ки аз фурӯши воситаҳои асосӣ гирифта шуда, мутобиқи қисми 7 моддаи 153 ҳамин Кодекс ба даромад дохил карда шудаанд;

- хароҷоти ҷуброншаванда мутобиқи моддаи 193 ҳамин Кодекс;

2) даромад аз фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ, аз ҷумла:

- даромади фоизҳо;

- суди саҳмияҳо (дивидендҳо);

- даромад аз иҷора ё кирояи амвол;

- роялти;

- маблағи қарзи ба андозсупоранда бахшидаи қарздиҳанда;

- фоида аз фурӯш ё додани активҳое, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда намешавад;

3) ҳама гуна дигар даромад, ки дорои маънои афзоиши арзиши софи активҳои андозсупоранда мебошад, ба истиснои музди меҳнат.

2. Соҳибкорони инфиродӣ, ба истисноИ супорандагони андоз аз арзиши иловашуда, метавонанд дар асоси патент ё дигар низоми соддакардашуда, тибқи тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти андоз аз даромад қарор дода шаванд. Шакли патентии андозбандӣ, агар соҳибкори инфиродӣ амалан кирояи қувваи кориро бо мақсади иҷрои фаъолияти соҳибкорӣ анҷом диҳад, сарфи назар аз он, ки чунин кори кироя ҳуҷҷатӣ ба расмият дароварда шудааст ё на, татбиқ намегардад.

3. Соҳибкорони инфиродӣ, ки мутобиқи қисми 2 ҳамин модда супорандаи андоз аз даромад дар асоси патент ё дигар низоми соддакардашуда нестанд, бояд мутобиқи муқаррароти фаслҳои IV ва VI ҳамин Кодекс бо ин андоз фаро гирифта шаванд. Дар ин ҳолат ба соҳибкори инфиродӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодатнома дар хусуси бақайдгирӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ дода мешавад.

**Моддаи 138. Тасҳеҳи даромади умумӣ**

Суди саҳмияҳо ва фоизҳое, ки шахсони воқеӣ гирифтаанд ва қаблан дар манбаи пардохт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаҳои 162 ё 163 ҳамин Кодекс андозбандӣ шудаанд, бояд аз даромади умумӣ хориҷ карда шаванд.

**Моддаи 139. Ҳуқуқ ба тарҳкуниҳои шахсӣ**

1. Шахси воқеӣ ҳуқуқ дорад барои ҳар моҳи соли андозӣ дар ҳаҷми як музди меҳнати ҳадди ақали моҳона маблағ тарҳ намояд. Агар шахси воқеӣ корманд бошад, тарҳи маблағ танҳо нисбати музди меҳнат дар ҷои кори асосиаш иҷозат дода мешавад.

Даромади шахси воқеӣ, ки дар як сол аз 12 музди меҳнати ҳадди ақали моҳона ё ба ҳисоби миёна аз як музди меҳнати ҳадди ақали моҳона барои як моҳи тақвимӣ зиёд набошад, бо андоз аз даромад андозбандӣ намегардад.

2. Шахсони воқеии зерин ҳуқуқ доранд барои ҳар моҳи соли андозӣ дар ҳаҷми 10 музди меҳнати ҳадди ақали моҳона тарҳ намоянд:

1) Қаҳрамонони Иттиҳоди Шӯравӣ ва Қаҳрамонони Тоҷикистон, шахсоне, ки бо ҳамаи се дараҷаи ордени Шараф мукофотонида шудаанд, инчунин маъюбон аз давраи кӯдакӣ ва маъюбони гурӯҳи 1 ва 2;

2) иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни дигар амалиёти ҳарбӣ доир ба муҳофизати ИҶШС аз ҷумлаи хизматчиёни ҳарбие, ки дар қисмҳои ҳарбӣ, ситодҳо ва муассисаҳои ба ҳайати артиши амалкунанда шомилбуда хизмат кардаанд, собиқ партизанҳо, ҷанговарони интернатсионалист;

3) шаҳрвандони беморшуда ва мубталои бемории шуоъ, ки дар натиҷаи оқибатҳои садамаҳо дар объектҳои атомӣ рух додааст; шахсони дар рафъи оқибатҳои чунин садамаҳо дар доираи минтақаи ҷудокунӣ иштирокдошта; шахсоне, ки дар давраи бартараф намудани оқибатҳои садамаҳо дар корҳои баистифодабарӣ ё дигар корҳо дар объектҳои атомӣ иштирок намудаанд.

3. Шахси воқеӣ ҳуқуқ дорад андози иҷтимоиро, ки мутобиқи боби 35 ҳамин Кодекс анҷом додааст, тарҳ намояд.

4. Шахси воқеӣ ба тарҳи яке аз маблағҳои нисбатан калонтари дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда муқарраршуда ҳуқуқ дорад.

**Моддаи 140. Меъёрҳои андоз аз даромад**

1. Даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ аз рӯи меъёрҳои зерин аз даромад андозбандӣ мешавад:

| №№ | Микдори даромади андозбандишаванда (ба ҳисоби миёна дар як моҳ) | Меъёр ва маблағи андоз |
|---|---|---|
| 1. | На зиёда аз музди меҳнати ҳадди ақалли моҳона | Аз даромад андозбандӣ намешавад (меъёри сифрӣ) |
| 2. | Зиёда аз музди меҳнати ҳадди ақалли моҳона то 100 сомонӣ | 8 фоиз аз маблағи даромади андозбандишавандаи зиёда аз музди меҳнати ҳадди ақалли моҳона |
| 3. | Зиёда аз 100 сомонӣ | Маблағи андози сатри 2 ҷамъ 13 фоиз аз маблағи даромади андозбан-дишавандаи зиёда аз 100 сомонӣ |

2. Барои мақсадҳои андозбандӣ ҳам маблағи даромади андозбандишаванда ва ҳам маблағи тарҳшаванда аз аввали сол ба тариқи афзоянда ҳисоб карда мешавад.

**Моддаи 141. Озодкунӣ**

Аз намудҳои зерини даромади шахсони воқеӣ андоз аз даромад гирифта намешавад:

1) даромад аз фаъолияти расмии дипломатӣ ё консулии шахсе, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад;

2) даромад аз меҳнати кироян шахсе, ки резидент ё шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад ва дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли андозӣ камтар аз 90 рӯз истиқомат дошт, агар чунин даромадро корфармо - ғайрирезидент диҳад ё аз номи ё аз ҳисоби корфармое диҳад, ки резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад ва онро муассисаи доимии ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намепардозад;

3) арзиши амволи аз дигар шахси воқеӣ дар шакли тӯҳфа ё мерос гирифташуда, ба истиснои даромад аз чунин амвол ва амволе, ки дар шакли музди меҳнат гирифта шудааст;

4) арзиши тӯҳфаҳои аз шахсони ҳуқуқӣ гирифта, инчунин ҷоизаҳои (бурдҳои) дар намоиш ва мусобиқаҳо гирифташуда, аз ҷумла дар шакли пулӣ, ки агар:

-тӯҳфаҳои аз шахсони ҳуқуқӣ гирифташуда дар ҳаҷми аз 100 музди меҳнати ҳадди ақалли моҳона дар як сол зиёд нест;

-ҷоизаҳои (бурдҳои) дар намоишҳо ва мусобиқаҳои байналмилалӣ гирифташуда дар ҳаҷми аз 500 музди меҳнати ҳадди ақалли моҳона дар як сол зиёд нест;

-ҷоизаҳои (бурдҳои) дар намоишҳо ва мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ гирифташуда дар ҳаҷми аз 100 музди меҳнати ҳадди ақалли моҳона дар як сол зиёд нест;

5) нафақаҳои давлатӣ, стипендияҳои давлатӣ ва ҷубронпулиҳои давлатӣ, аз ҷумла пардохт ва ҷубронпулиҳо барои дафн, ҳомиладорӣ ва таваллуд, вобаста бо гум кардани қобилияти меҳнатӣ (аз ҷумла муваққатан), ва аз даст додани саробон;

6) алиментҳо аз ашхосе, ки онро мегиранд;

7) пардохтҳои якдафъаина, кӯмаки моддӣ аз ҳисоби буҷет, ки мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дода мешаванд, инчунин кӯмаки башардӯстона (гуманитарӣ), кӯмаки эҳсонкорӣ, аз ҷумла ҳангоми офатҳои табиӣ;

8) даромади шахси воқеӣ аз фурӯш ё супурдани амволи ғайриманқул, ки дар давоми панҷ соли охир ҷои асосии зисти андозсупоранда буд;

9) даромади шахси воқеӣ аз фурӯш ё супурдани амволи манқули моддӣ, ба истиснои амволе, ки андозсупоранда дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мебарад (бурдааст);

10) маблағи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

11) пардохтҳои суғуртавие, ки тибқи шартномаҳои дорои хусусиятҳои ҷамъшаванда ва баргардонидашаванда дар доираи маблағҳои ба ҳисоби

чунин шартномаҳо пардохтшуда гирифта шудаанд, дар ҳолате, ки подошҳои суғуртавӣ аз рӯи чунин шартномаҳо аз ҳисоби ин шахси воқеӣ пардохта шудаанд, ва пардохтҳои суғуртавие, ки дар натиҷаи фавти шахси суғурташуда гирифта шудаанд;

12) даромадҳои замбӯрпарварон аз фурӯши асали оилаи замбӯри шахсиашон;

13) даромадҳо аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар қитъаи замини наздиҳавлигӣ парвариш (истеҳсол) карда шудааст, бе коркарди саноатии он;

14) маблағи маош, подошпулиҳо ва дигар маблағҳои пардохташуда вобаста ба адои хизмат (иҷрои ӯҳдадориҳои хизматӣ) ба хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи системаи вазоратҳои мудофиа, корҳои дохилӣ, амният, ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани, Кумитаи ҳифзи Сарҳади давлатӣ, Саридораи полиси андоз ва Департаменти гумруки Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллӣ, инчунин ӯҳдадорони ҳарбии ба ҷамъомадҳои таълимӣ ва назоратӣ даъватшуда;

15) маблағҳое, ки барои супоридани хун гирифта мешаванд;

16) бурдҳо аз вомбаргҳои давлатӣ ва лотереяҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардааст. Бурдҳо аз вомбаргҳо ва лотореяҳо дар мавриди ифодаи арзиши ҳаҷми бурд на зиёда аз 50 сомонӣ ба як вомбарг ё лотерея;

17) кӯмаки иҷтимоии суроғавӣ, ёрдампулӣ ва ҷубронпулиҳо, ба истисноИ музди меҳнат, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ тибқи ҳаҷм ва тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дода мешаванд;

18) ҷуброни зарари ҷисмонӣ ё дигар намуди зарари ба саломатии корманд вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ ва хизматияш расонидашуда, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

19) арзиши либоси махсус ва (ё) либоси расмӣ ва пойафзол, воситаҳои ҳифзии инфиродӣ ва кӯмаки аввалияи тиббӣ, собун, воситаҳои безараркунӣ, шир ё дигар маҳсулоти истеъмолии ба он баробар барои истеъмоли табобатию профилактикӣ додашуда тибқи меъёрҳо ва вобаста ба соҳаи фаъолият, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст;

20) пардохтҳои суғуртавӣ тибқи шартномаҳои суғуртаи ҳатмии масъулияти корфармо (аз ҳисоби маблағҳои корфармо) барои расонидани (ҳангоми расонидани) зарар ба ҳаёт ва саломатии корманд ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ (хизматӣ);

21) маблағи ҷуброни зарари моддӣ, ки бо қарори суд муқаррар шудааст;

22) даромадҳои шахсони воқеие, ки мутобиқи дигар муқарраротИ ҳамин Кодекс озод карда мешаванд.

## ФАСЛИ V. АНДОЗ АЗ ФОИДАИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ

## БОБИ 18. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 142. Андозсупорандагон**

1. Супорандагони андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ (минбаъд - “андоз аз фоида”) корхонаҳои резидентӣ ва корхонаҳои хориҷӣ мебошанд.

2. Ҳама гуна субъекти хориҷие, ки шахси воқеӣ намебошад, барои мақсадҳои фасли мазкур ба сифати корхона баррасӣ мегардад, агар исбот накунад, ки вай бояд мутобиқи моддаи 189 ҳамин Кодекс чун соҳибии муштарак баррасӣ гардад.

**Моддаи 143. Объекти андозбандӣ**

1. Объекти андозбандии корхонаи резидентӣ фоидаи он мебошад. Фоида фарқи мусбии байни даромади умумии андозсупоранда ва маблағҳои тарҳшаванда мебошад, ки дар боби 19 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудааст. Барои мақсадҳои ҳамин модда даромади умумӣ мувофиқи муқаррароти моддаи 135 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад (аз ҷумла тамоми воридоте, ки боиси афзоиши активҳои софи андозсупоранда мегардад, ба истиснои воридоте, ки аз андоз аз фоида озод аст. Ҳамзамон амволе, ки ба сифати саҳм ба фонди оинномавӣ гирифта шудааст, ҳамчун даромад баррасӣ намегардад).

2. Объекти андозбандии корхонаи хориҷие, ки тавассути муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд, фоида аз чунин фаъолият ба ҳисоб меравад, яъне даромади умумии он аз манбаъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба муассисаи доимӣ, ки ба маблағи тарҳшаванда нисбати чунин даромад пешбининамудаи ҳамин Кодекс кам карда шудааст.

3. Намудҳои даромади умумии корхонаи хориҷии пешбининамудаи моддаи 164 ҳамин Кодекс, ки ба муассисаи доимии он алоқаманд нестанд, агар манбаи даромад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ бошад, бояд бе тарҳи хароҷот дар манбаи пардохт андозбандӣ гарданд.

4. Ҳангоми аз ҷониби корхонаи хориҷӣ гирифтани даромад аз фурӯш ё супурдани амвол, ки бо муассисаи доимии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд нест, объекти андозбандӣ фоидаи аз чунин фаъолият гирифтаи он мебошад, яъне чунин даромади умумии он аз манбаъҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли тақвимӣ мебошад, ки ба маблағи тарҳшавандаи нисбати чунин даромад пешбининамудаи ҳамин Кодекс кам карда шудааст ва ба чунин даромад дар ҳамин давра дахл дорад.

**Моддаи 144. Меъёрҳои андоз**

1. Бо назардошти қисмҳои 2 ва 3 ҳамин модда фоидаи корхона, ки тибқи муқаррароти моддаи 160 ҳамин Кодекс ба маблағи зарари ба давраи дигар гузаронидашуда кам карда шудааст, аз рӯи меъёри 25 фоиз андозбандӣ мегардад.

2. Намудҳои даромади умумии корхонаи хориҷӣ, ки дар қисми 3 моддаи 143 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд, тибқи меъёрҳои моддаи 164 ҳамин Кодекс андозбандӣ мешаванд.

3. Фоидаи корхонаи хориҷӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 4 моддаи 143 ҳамин Кодекс тибқи меъёри 25 фоиз андозбандӣ мешавад.

**Моддаи 145. Имтиёзҳо**

Аз андозбандӣ аз фоида инҳо озоданд:

1) ташкилотҳои динӣ, эҳсонкорӣ, буҷетӣ, созмонҳои байниҳукуматӣ ва байнидавлатии (байналмилалии) ғайритиҷоратӣ, ба истиснои фоидае, ки онҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ мегиранд. Ҳамзамон чунин ташкилотҳо бояд баҳисобгирии ҷудогонаи фаъолияти асосӣ (фаъолияте, ки аз андоз аз фоида озод аст) ва фаъолияти соҳибкориро пеш баранд;

2) маблағгузарониҳои ройгон ва амволи ройгон, аъзоҳаққиҳо, хайрия ва грантҳое, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мегиранд;

3) Бонки миллии Тоҷикистон ва муассисаҳои он;

4) суди саҳмияҳое (дивидендҳое), ки корхонаҳои резидентӣ аз корхонаҳои резидентӣ мегиранд;

5) корхонаҳое, ки дар онҳо дар як вақт дар соли ҳисоботии андоз:

а) на камтар аз 50% шумораи кормандонро маъюбон ташкил медиҳанд, ва

б) на камтар аз 50% маблағҳои музди меҳнат ва дигар таъминоти моддӣ, аз ҷумла натуралӣ, барои эҳтиёҷоти маъюбон сарф карда шудааст;

6) корхонаҳои наве, ки дар соҳаи истеҳсоли молҳо таъсис мёбанд, дар соли бақайдгирии давлатӣ ва аз соле, ки баъди соли бақайдгирии ибтидоии давлатӣ фаро мерасад, ҳангоми аз ҷониби муассиси онҳо бо назардошти ҳаҷмҳои ҳадди ақали инвеститсияхои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба фонди оинномавии чунин корхонаҳо ворид намудани ҳаҷмҳои дар поён зикргардидаи инвеститсияҳо ба мӯҳлати:

- 2 сол, агар ҳаҷми инвеститсияҳо баробари то 500 ҳазор доллари ИМА бошад;
- 3 сол, агар ҳаҷми инвеститсияҳо баробари бештар аз 500 ҳазор доллари ИМА то 2 миллион доллари ИМА бошад;
- 4 сол, агар ҳаҷми инвеститсияҳо баробари бештар аз 2 миллион то 5 миллион доллари ИМА бошад;
- 5 сол, агар ҳаҷми инвеститсияҳо баробари бештар аз 5 миллион доллари ИМА бошад.

Ҳангоми ҳисоби мӯҳлати (давомнокии) озодкунӣ аз андоз аз фоида (таътили андоз) мутобиқи ҳамин банд аз нав бақайдгирии корхона, тағйирёбии моликони корхона, тағйирот дар шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва монанди ин дигар чунин тағйирот ба инобат гирифта намешавад.

## ФАСЛИ VI. МУҚАРРАРОТИ УМУМИИ МАРБУТ БА АНДОЗ АЗ ФОИДА ВА АНДОЗИ ДАРОМАД

## БОБИ 19. ТАРҲҲО АЗ ДАРОМАДИ УМУМӢ

**Моддаи 146. Тарҳи хароҷот вобаста ба гирифтани даромад**

1. Аз даромади умумӣ тамоми хароҷоти дар давраи ҳисоботӣ (андоз) кардашуда (марбут ба давраи ҳисоботӣ), ки бо гирифтани чунин даромад алоқаманд аст, аз ҷумла хароҷоти пардохти андозҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс бо назардошти маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи моддаи 158 ҳамин Кодекс, хароҷоти музди меҳнат, фароҳам овардани неъматҳои моддӣ ва иҷтимоӣ ба кормандон, ки таҳти андоз аз даромад қарор доранд, хароҷоти харидани ашёи хом, мавод, энергия тарҳ карда мешавад, ба истиснои хароҷоти сохтмон, харидани воситаҳои асосӣ ва васли онҳо, инчунин дигар хароҷоти дорои хусусияти асосӣ мутобиқи моддаи 195 ҳамин Кодекс ва хароҷоте, ки мутобиқи моддаи 147 ҳамин Кодекс ва дигар муқаррароти ҳамин боб бояд тарҳ нашаванд.

2. Тарҳи хароҷотро андозсупоранда ҳангоми мавҷудияти ҳуҷҷатҳои ба таври лозимӣ ба расмият даровардашуда ва тасдиқкунандаи хароҷоти вобаста ба даромади умумии гирифта анҷом медиҳад.

3. Агар ҳамон як хароҷот дар якчанд моддаи хароҷот пешбинӣ шуда бошад, дар ин сурат ҳангоми ҳисоби фоидаи андозбандишаванда (даромади андозбандишаванда) ин хароҷот танҳо як маротиба тарҳ карда мешавад.

4. Ҷарима, фоизҳо (пеня), ноустувории ҳисобшуда ё қабулшудаи вобаста ба гирифтани даромади умумӣ, ки бояд аз ҳисоби андозсупоранда пардохта шаванд (шудаанд), ба истиснои онҳое, ки бояд ба буҷет ворид гарданд, тарҳ карда мешаванд.

**Моддаи 147. Хароҷоте, ки тарҳ карда намешавад**

1. Тарҳ нисбати хароҷоте, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нест, иҷозат дода намешавад. Тарҳ нисбати хароҷоти вобаста ба сохтмон, истифодабарӣ ва нигоҳдории объектҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолоти асосӣ) алоқаманд нестанд, сурат намегирад.

2. Тарҳи маблағҳои пешбининамудаи ҳамин боб иҷозат дода намешавад, агар он ҷавобгӯи талаботи моддаи 146 ҳамин Кодекс набошад.

3. Ҳеҷ гуна тарҳ нисбати хароҷоти намояндагӣ ва дигар хароҷоти шабеҳ (гузаронидани ҷашнҳо, ҷойгиронии меҳмонон ва ғайра) иҷозат дода намешавад.

4. Қисми 3 ҳамин модда нисбати андозсупорандае, ки фаъолияти соҳибкориаш дорои хусусияти фароғатӣ мебошад, татбиқ намегардад, агар хароҷот дар доираи чунин фаъолият анҷом дода шавад.

5. Тарҳ нисбати ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравӣ танҳо мувофиқи муқаррароти моддаҳои 150 ва 151 ҳамин Кодекс анҷом дода мешавад.

6. Шахси воқеӣ наметавонад тарҳи хароҷотро барои истеъмоли шахсӣ ё хароҷоти вобаста бо меҳнати кирояи худ анҷом диҳад.

7. Тарҳ нисбати арзиши амволи ройгон (хайрия) додашуда, корҳо ва хизматрасониҳои ройгон (эҳсонкорона), ба истиснои ҳолати пешбининамудаи моддаи 148 ҳамин Кодекс, анҷом дода намешавад.

8. Тарҳ нисбати хароҷоти марбут ба мошинҳои сабукрав, ки дар ҳама давра дар ҷараёни давраи андоз дар ихтиёри кормандон ё саҳҳомон (иштирокчиёни андозсупоранда) қарор дошт, аз ҷумла истифодаи он барои кашондани кормандон ба ҷои кор ва баръакс, анҷом дода намешавад.

**Моддаи 148. Тарҳ барои пардохтҳои эҳсонкорӣ**

Сарфи назар аз муқаррароти моддаи 147 ҳамин Кодекс, тарҳи пардохтҳо барои ташкилоти эҳсонкорӣ ва иҷрои фаъолияти эҳсонкорӣ мутобиқи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 17 ҳамин Кодекс дар ҳаҷми воқеии маблағҳои пардохтшуда, аммо на бештар аз 5 фоизи фоидаи (даромади) андозбандишавандае, ки бе назардошти маблағҳои мутобиқи ин модда тарҳшуда муайяншаванда (муайяншуда) иҷозат дода мешавад. Ҳангоми пардохтҳои эҳсонкорӣ дар шакли амвол маблағи воқеии пардохтҳои эҳсонкорӣ хурдтарини яке аз ин ду бузургиҳо - арзиши бозории амвол ё арзиши аслии он ба ҳисоб меравад.

**Моддаи 149. Маҳдудияти тарҳи маблағҳо нисбати фоизҳо**

1. Агар дар қисми 2 ҳамин модда тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ҳаҷми дар асл пардохтшудаи (ҳангоми истифодаи усули ҳисобу замкунӣ пардохтшавандаи) фоизҳо барои ҳар як кредит (қарз) тарҳ карда мешавад, аммо ба андозаи на бештар аз маблағи секаратаи фоизҳои бо истифодаи меъёри азнавмаблағгузории (рефинансирование) Бонки миллии Тоҷикистон ҳисобшуда (бояд ҳисоб карда шавад), ки дар давраи андоз амал мекунад. Ҳамин банд нисбати фоизҳои супоридашаванда тибқи шартномаҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) низ татбиқ мегардад.

2. Нисбати корхона, агар зиёда аз 25 фоизи сармояи оинномавиаш мустақим ё ғайримустақим ба ғайрирезидентҳо ё шахсони ҳуқуқии аз андоз аз фоида озод таъаллуқ дошта бошад, доир ба ҳар як кредити (қарзи) истифодашуда, дар доираи давраи андоз фоизҳо мувофиқи қисми 1 ҳамин модда тарҳ карда мешаванд, аммо ҳамзамон маблағи ниҳоии фоизҳое, ки мувофиқи қисми 1 ҳамин модда метавонанд тарҳ шаванд, бо маблағҳои зерин маҳдуд мегарданд:

1) ҳама гуна даромади фоизии чунин корхона, ҷамъи

2) 50 фоизи бузургие, ки дар натиҷаи кам кардани даромади умумии (ғайр аз даромади фоизии) ин корхона ба тарҳҳои мутобиқи боби мазкур иҷозатшуда, ба истиснои тарҳ нисбати фоизҳо, ҳосил шудааст.

**Моддаи 150. Тарҳ нисбати қарзҳои беэътимод (шубҳанок)**

1. Андозсупорандагон нисбати қарзҳои беэътимоди (шубҳаноки) вобаста ба таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо ба тарҳ ҳуқуқ доранд, агар даромади марбут ба онҳо қаблан ба даромади умумие, ки аз фаъолияти соҳибкорӣ гирифта шудааст, дохил карда шуда бошад.

2. Тарҳ нисбати қарзи беэътимод (шубҳанок) ҳангоми чун қарзи беарзиш аз дафтарҳои муҳосибавии андозсупоранда аз ҳисоб баровардани он иҷозат дода мешавад.

3. Бонкҳо, ширкатҳои кредитӣ ва ташкилотҳои амонатии кредитии хурд тибқи тартиби муқарраршуда таъсисёфта ба тарҳи

ҳиссаҷудокуниҳо ба захира барои пӯшонидани талафҳои эҳтимолӣ доир ба кредитҳо (қарзҳо) (минбаъд дар ин қисм - захира) мувофиқи қоидаҳои ташаккули ин захира ва таснифи кредитҳои (қарзҳои) муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд. Тарҳи маблағ нисбати ҳиссаҷудокуниҳо ба захира доир ба тамоми гурӯҳҳои кредитҳо (қарзҳо), ба истиснои ҳиссаҷудокуниҳо аз рӯи кредитҳои (қарзҳои) стандартӣ иҷозат дода мешавад. Маблағи тарҳи иҷозатшуда 90 фоизи бузургиеро ташкил мекунад, ки аз рӯи ҳиссаҷудокуниҳо доир ба тамоми гурӯҳҳои кредитҳо (қарзҳо), ба истиснои ҳиссаҷудокуниҳо доир ба кредитҳои (қарзҳои) стандартӣ бо чунин тартиб муайян мегардад: бузургии захира дар охири сол тарҳи бузургии захира дар аввали сол ҷамъи ҳиссаҷудокуниҳо дар давоми сол ба захира вобаста ба кредитҳои (қарзҳои) беэътимоди аз ҳисоб баровардашуда тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо дар давоми сол ба захира доир ба кредитҳои (қарзҳои) воқеан баргардонидашуда. Дастуруламал оид ба муайян намудани маблағи иҷозатшавандаи тарҳро мақоми ваколатдори давлатӣ бо мувофиқаи Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

**Моддаи 151. Тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғурта**

Шахси ҳуқуқие, ки ба фаъолияти суғуртавӣ машғул аст, ҳуқуқ дорад тарҳи ҳиссаҷудокуниҳоро ба фондҳои захиравии суғуртавӣ мувофиқи тартиб ва меъёрҳое, ки бо пешниҳоди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдори давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, анҷом диҳад.

**Моддаи 152. Тарҳ нисбати хароҷот барои тадқиқоти илмӣ, корҳои лоиҳакашӣ ва таҷрибавию конструкторӣ**

Тарҳ нисбати хароҷот барои тадқиқоти илмӣ, корҳои лоиҳакашӣ ва таҷрибавию конструктории вобаста ба гирифтани даромади умумӣ, ба истиснои хароҷот барои харидани воситаҳои асосӣ, васли онҳо ва дигар хароҷоти дорои хусусияти асосӣ, анҷом дода мешавад. Асос барои тарҳи ин хороҷот ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ, санади корҳои иҷрошуда ва дигар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда оид ба анҷом додани корҳои дахлдори тадқиқоти илмӣ, лоиҳакашӣ ва таҷрибавию конструкторӣ ба ҳисоб мераванд.

**Моддаи 153. Ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ ва тарҳ доир ба воситаҳои асосӣ**

1. Ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ доир ба воситаҳои асосие, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешаванд, бояд мувофиқи муқаррароти ҳамин модда тарҳ карда шаванд.

Барои мақсадҳои ҳамин Кодекс ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ доир ба воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешаванд (дар фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ истифода мешаванд) ҳисоб ва тарҳ карда намешаванд.

2. Ба активҳои истеҳлокшаванда замин, асарҳои санъат, захираҳои молию моддӣ, аз ҷумла сохтмони нотамом ва таҷҳизоти насб нашуда, амволе, ки арзиши онҳо дар соли ҷорӣ ҳангоми муайян намудани

фоидаи андозбандишаванда пурра тарҳ карда мешавад ва дигар активҳои фарсуданашуда дохил намешаванд.

3. Воситаҳои асосии истеҳлокшаванда ба гурӯҳҳои дорои меъёрҳои зерини истеҳлокӣ тақсим мешаванд:

| Гурӯҳ | Намуди амвол | Меъёри ниҳоии истеҳлокӣ (бо фоиз) |
|---|---|---|
| 1. | Техникаи автотрактории роҳсозӣ; асбобу анҷом ва лавозимоти махсус; мошинаҳои электронии ҳисоббарор, дастгоҳу воситаҳои маҳалии коркарди маълумот, таҷҳизоти электронӣ ва воситаҳои алоқа. | 20 |
| 2. | Автомобилҳои боркаш, автобусҳо, автомобилҳои махсус ва автопритсепҳо, нақлиёти ҳавоӣ. Мошинаҳо ва таҷҳизот барои тамоми соҳаҳои саноат, истеҳсолоти рехтагарӣ; таҷҳизоти оҳангарию прессҳо; таҷҳизоти сохтмон; мошинаҳо ва таҷҳизоти кишоварзӣ; автомобилҳои сабукрав; мебели идора. | 15 |
| 3. | Воситаҳои нақлиёти роҳи оҳан, баҳрӣ ва дарёӣ; мошинаҳо ва таҷҳизоти қуввадиҳанда; таҷҳизоти гармидиҳандаи техникӣ, таҷҳизоти турбинӣ, муҳаррикҳои электрикӣ ва генераторҳои дизелӣ. Воситаҳои интиқоли барқ; хатҳои қубур. | 8 |
| 4. | Бино, иншоот ва иморатҳо. | 7 |
| 5. | Активҳои истеҳлокшавандае, ки ба дигар гурӯҳ шомил нашудаанд. | 10 |

4. Ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ доир ба ҳар гурӯҳи воситаҳои асосӣ (минбаъд - “гурӯҳ”) бо роҳи татбиқи меъёри дар қисми 3 ҳамин модда нишондодашуда, аммо на бештар аз меъёри ниҳоӣ, нисбат ба баланси арзиши гурӯҳ дар охири соли андоз ҳисоб карда мешавад.

5. Ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ барои бино, иншоот ва иморатҳо (минбаъд - “иморат”) на аз рӯи гурӯҳ, балки барои ҳар як иморат алоҳида ҳисоб карда мешавад.

6. Баланси арзиши гурӯҳ дар охири соли андозӣ ба маблағе баробар аст, ки бо тариқи зайл муайян карда мешавад (вале бояд аз сифр кам (манфӣ) набошад):

1) балanси арзиши гурӯҳ дар охири соли гузашта, бо назардошти тарҳи маблағҳои истеҳлокӣ барои соли гузашта, инчунин маблағе, ки дар қисмҳои 8 ва 9 ҳамин модда пешбинӣ шудааст; ҷамъи

2) арзиши воситаҳои асосӣ мутобиқи моддаи 195 ҳамин Кодекс, ки дар давоми сол ба гурӯҳ ҷамъ мешавад; тарҳи

3) маблағи ҳангоми фурӯши воситаҳои асосӣ дар давоми соли андозӣ гирифташуда, ки дар асоси нархи фурӯш муқаррар мешавад.

7. Агар маблағи ҳангоми фурӯши воситаҳои асосии гурӯҳи муайян дар давоми соли андозӣ гирифташуда аз балanси арзиши гурӯҳ дар охири сол зиёд бошад, маблағи зиёдатӣ ба даромад дохил гардида, балanси арзиши гурӯҳ ба сифр баробар карда мешавад.

8. Агар балanси арзиши гурӯҳ дар охири сол камтар аз 50 музди меҳнати ҳадди ақалли моҳонаро ташкил намояд, маблағи балanси арзиши гурӯҳ бояд тарҳ карда шавад.

9. Агар тамоми воситаҳои асосии гурӯҳ фурӯхта, дода ё барҳам дода шуда бошад, балanси арзиши гурӯҳ дар охири соли андозӣ бояд тарҳ карда шавад.

10. Арзиши воситаҳои асосии барои иҷораи молиявӣ (лизинг) додашуда (аз рӯи иҷораи молиявӣ (лизинг) гирифташуда) дар тавозуни (балanси) арзиши гурӯҳи дахлдори иҷорагиранда ҳисоб карда мешавад.

11. Барои иҷорадиҳанда маблағи асосие, ки барои воситаҳои асосии ба иҷораи молиявӣ (лизинг) додашуда ба ӯ пардохта шудааст, ҳамчун маблағе баррасӣ мегардад, ки ҳангоми фурӯши чунин воситаҳои асосӣ барои мақсадҳои банди 3) қисми 6 ҳамин Кодекс гирифта шудааст, агар воситаҳои асосӣ ба балanси арзиши гурӯҳ то интиқоли онҳо ба иҷораи молиявӣ (лизинг) дохил карда шуда бошанд. Барои иҷорагиранда маблағи асосие, ки он ба иҷорадиҳанда мепардозад, ҳамчун нархи хариди воситаҳои асосӣ баррасӣ мегардад.

12. Гузаронидани истеҳлоки суръатнок доир ба гурӯҳҳои воситаҳои асосӣ тавассути татбиқи коэффисиентҳои афзоянда, вале на зиёда аз коэффисиенти 2 нисбати меъёрҳои ниҳоии истеҳлок иҷозат дода мешавад.

Истеҳлоки суръатнок нисбати воситаҳои асосие, ки баъди 31 декабри соли 2004 ҷорӣ шудаанд, иҷозат дода мешавад. Ҳамзамон чунин воситаҳои асосӣ гурӯҳҳои мустақилро ташкил медиҳанд.

**Моддаи 154. Тарҳҳо нисбати хароҷоти таъмири воситаҳои асосии истеҳлокшаванда**

1. Тарҳи маблағ нисбати ҳар як гурӯҳ оид ба хароҷоти таъмири воситаи асосии шомили ҳамин гурӯҳ иҷозат дода мешавад.

2. Тарҳи маблағ мувофиқи қисми 1 ҳамин модда доир ба хароҷоти таъмир дар ҳаҷми воқеии маблағҳои чунин таъмир, вале на бештар аз 10 фоизи балanси арзиши гурӯҳ дар охири соли андоз, иҷозат дода мешавад.

3. Маблағи воқеии хароҷоти таъмир зиёда аз 10 фоизи балanси арзиши гурӯҳ ба афзоиши балanси арзиши гурӯҳ дохил карда мешавад.

4. Ҳангоми истеҳлоки суръатнок ҷиҳати муайян намудани хароҷоти ниҳоӣ барои таъмир, ки тарҳи он иҷозат шудааст, андозаи баланси арзиши гурӯҳ тарзе муайян мегардад, ки агар воситаҳои асосӣ таҳти истеҳлоки суръатнок қарор нагирифта, истеҳлоки онҳо дар асоси меъёрҳои пешбининамудаи қисми 3 моддаи 153 ҳамин Кодекс сурат гирифта бошанд.

**Моддаи 155. Тарҳи хароҷот нисбати саҳмҳои суғуртавӣ**

Саҳмҳои суғуртавӣ, ки суғуртакунандагон дар асоси шартномаҳои суғурта месупоранд, ба истиснои саҳмҳои суғуртавӣ тибқи шартномаҳои дорои хусусияти ҷамъшаванда ва баргардонидашаванда, бояд тарҳ карда шаванд.

**Моддаи 156. Хароҷот барои корҳои ҷустуҷӯию геологӣ ва омодагӣ ба истихроҷи захираҳои табиӣ**

1. Хароҷот оид ба корҳои ҷустуҷӯию геологӣ ва омодагӣ ба истихроҷи захираҳои табиӣ, ки бояд аз даромади умумӣ дар шакли ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокшавӣ тибқи меъёрҳои истеҳлокӣ воситаҳои асосии гурӯҳи 2 тарҳ карда шаванд, гурӯҳи алоҳидаро ташкил медиҳанд.

2. Ҳамин модда ҳамчунин нисбати хароҷоти андозсупоранда барои активҳои ғайримоддии вобаста ба гирифтани ҳуқуқ барои иҷрои корҳои ҷустуҷӯию геологӣ, коркард ё истифодаи захираҳои табиӣ татбиқ мегардад.

**Моддаи 157. Хароҷот барои активҳои ғайримоддӣ**

1. Ба активҳои ғайримоддӣ хароҷоти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои объектҳои ғайримоддӣ (объектҳои моликияти ғайримоддӣ ба монанди литсензия, патенти ихтироотӣ, тамғаи савдо, ҳуқуқи муаллифӣ, шартнома оид ба истифодаи номи шахси ҳуқуқӣ, таъминоти барномавӣ ва ғайра), ки дар давоми на камтар аз дувоздаҳ моҳ истифода мегарданд, дохил мешаванд, агар мӯҳлати истифодабарии хизматии онҳо маҳдуд бошад.

2. Хароҷот барои активҳои ғайримоддӣ, ки бояд дар шакли ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокшавӣ тибқи меъёри истеҳлоки воситаҳои асосии гурӯҳи 5 тарҳ карда шаванд, гурӯҳи алоҳидаро ташкил медиҳанд.

3. Ба арзиши активҳои ғайримоддии истеҳлокшаванда хароҷот барои харид ё истеҳсоли онҳо дохил карда намешавад, агар онҳо ҳангоми ҳисоби фоидаи андозбандишавандаи андозсупоранда тарҳ шуда бошад.

4. Ҳамин модда нисбати активҳои ғайримоддие, ки дар моддаи 156 ҳамин Кодекс зикр шудаанд, татбиқ намегардад.

**Моддаи 158. Маҳдудияти тарҳ нисбати андозҳо ва ҷаримаҳо**

Тарҳ оид ба андозҳо ва ҷаримаҳо танҳо нисбати инҳо иҷозат дода намешавад:

1) андоз аз даромад ё андоз аз фоидае, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар дигар давлатҳо супорида шудаанд;

2) ҷаримаҳо ва фоизҳое, ки ба буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон ё буҷети дигар давлат пардохта шудаанд (бояд пардохта шаванд);

3) андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо.

**Моддаи 159. Зарар ҳангоми фурӯш ё супоридани амволе, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешавад**

Зараре, ки аз фурӯш ё супоридани амвол (ба истиснои амволе, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад ё амволе, ки фоидаи фурӯш ё супоридани онҳо аз андоз озод аст) расонида мешавад, аз ҳисоби фоидаи фурӯш ё супоридани чунин амволи дигар ҷуброн мегардад. Агар ҷуброни зарар дар ҳамон сол имконнопазир бошад, он ба давраи минбаъдаи то 3 солро дарбаргиранда гузаронида мешавад ва аз ҳисоби фоидаи аз фурӯш ё супоридани дигар чунин амвол гирифташуда ҷуброн мегардад. Зарари дар ҳамин модда пешбинишуда набояд аз даромади умумӣ барои мақсадҳои андоз аз фоида ё андоз аз даромад тарҳ карда шавад.

**Моддаи 160. Ба давраи дигар гузаронидани зарар**

1. Нисбати корхона барзиёдии тарҳҳои имконпазир нисбат ба даромади умумӣ (зарар аз фаъолияти соҳибкорӣ) ба давраи минбаъдаи давомнокиаш то 3 солро дарбаргиранда гузаронида мешавад ва аз ҳисоби фоидаи то андозбандишавандаи давраҳои минбаъда пӯшонида мешавад.

2. Нисбати шахси воқеӣ бошад барзиёдии тарҳҳои имконпазир аз даромади умумӣ аз фаъолияте, ки меҳнати кироя намебошад, нисбати чунин даромади умумӣ аз музди меҳнати ин шахс тарҳ шуда наметавонад, вале мумкин аст ба давраи минбаъдаи давомнокиаш то 3 солро дарбаргиранда барои пӯшонидан аз ҳисоби даромади умумии давраҳои минбаъда аз фаъолияте, ки меҳнати кироя намебошад, гузаронида шавад.

## БОБИ 20. СИТОНИДАНИ АНДОЗ ДАР МАНБАИ ПАРДОХТ

**Моддаи 161. Тартиби ситонидани андоз дар манбаи пардохт**

1. Шахсони зерин (агентҳои андоз) вазифадоранд андозро дар манбаъҳои пардохт ситонанд:

1) шахсони ҳуқуқӣ, инчунин дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс, воҳидҳои махсуси онҳо, ки ба шахсони воқеии кироякор маблағ медиҳанд;

2) шахсони воқеӣ – соҳибкорони инфиродӣ, ки ба шахсони воқеии кироякори худ ҳақ пардохт менамоянд;

3) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба дигар шахсон нафақа, стипендия ва кӯмакпулӣ медиҳанд, ба истиснои нафақа, стипендия ва кӯмакпулиҳои давлатӣ;

4) шахсони ҳуқуқӣ - резидентҳо, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ суди саҳмия мепардозанд;

5) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ фоизҳо мепардозанд;

6) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки маблағҳои дар моддаи 164 ҳамин Кодекс пешбинишударо мепардозанд;

7) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки бурдҳоро оид ба вомбаргҳо, лотереяҳо, оид ба натиҷаҳои озмунҳо ва мусобиқаҳо мукофот (бурдҳо, тӯҳфаҳо) медиҳанд.

2. Шахси воқеӣ ва ҳуқуқие, ки даромад пардохт менамояд, барои ситонидан ва ба буҷет гузаронидани андозҳо ҷавобгар мебошад. Агар маблағи андоз ситонида нашавад, шахси даромад пардохткунанда ӯҳдадор аст маблағи андози ситониданашуда, ҷарима ва фоизҳои дахлдорро аз ҳисоби худ ба буҷет гузаронад.

3. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки мутобиқи қисми 1 ҳамин модда андозро дар манбаи пардохт меситонанд (ҳисоб мекунанд), аз ҷумла шахсоне, ки барои пардохти музди меҳнат аз бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявию кредитии анҷомдиҳандаи амалиёти алоҳидаи бонкӣ маблағ мегиранд, вазифадоранд:

1) андозҳои ситонидашуда (ҳисобшуда), аз ҷумла андози иҷтимоиро мутобиқи боби 35 ҳамин Кодекс ба буҷет ҳамзамон бо гирифтани маблағҳо барои музди меҳнат ва дар дигар ҳолатҳо – дар давоми 5 рӯзи бонкии баъди ба охир расидани моҳе, ки дар он пардохтҳо (маблағҳо) супорида шуда буданд, гузаронанд;

2) ҳангоми пардохти музди меҳнат ба шахсони воқеие, ки даромад мегиранд, бо дархости онҳо, бо зикри насабу ном, маблағ ва намуди даромад ва андозҳои ситонидашуда (агар андоз нигоҳ дошта шавад), маълумотнома диҳанд;

3) дар давоми 30 рӯзи баъди ба охир расидани соли андоз ҳатман ба мақомоти андози ҷои баҳисобгирии бақайдгириашон, инчунин ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки мутобиқи қисми 1 ҳамин модда даромад мегиранд (гирифтаанд), бо дархости онҳо дар давоми 10 рӯз, бо зикри рақами мушаххаси андозсупоранда, номгӯи (насаб, ном ва номи падарӣ) шахс, маблағи умумии даромад ва маблағи умумии андози ситонидашуда дар соли ҳисоботӣ маълумотнома пешниҳод кунанд.

4. Корфармое, ки корфармои асосии андозсупоранда намебошад, вазифадор аст аз музди меҳнат тибқи меъёри 13 фоиз, бе татбиқ кардани тарҳҳои пешбининамудаи моддаи 139 ҳамин Кодекс, андоз аз даромадро ситонад.

**Моддаи 162. Ситонидани андоз аз суди саҳмияҳо дар манбаи пардохт**

1. Суди саҳмияҳое, ки корхонаҳои резидентӣ мепардозанд, ба истисноӣ суди саҳмияҳое, ки ба корхонаҳои резидентӣ пардохта мешаванд, бояд дар манбаи пардохт тибқи меъёри 12 фоиз андозбандӣ шаванд.

2. Суди саҳмияҳое, ки мутобиқи қисми 1 ҳамин модда андозбандӣ мегарданд, ба даромади умумии шахси гирандаи онҳо дохил карда намешаванд ва минбаъд андозбандӣ намегарданд.

**Моддаи 163. Ситонидани андоз аз фоизҳо дар манбаи пардохт**

1. Фоизҳое, ки резидент ё муассисаи доимии ғайрирезидент медиҳанд, ё аз номи чунин муассиса дода мешаванд, дар манбаи пардохт тибқи меъёри 12 фоиз аз маблағи додашаванда андозбандӣ мегарданд, агар даромад аз манбаи воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи

34 ҳамин Кодекс гирифта шавад, ба истиснои ҳолатҳои қисми 2 ҳамин модда.

2. Фоизҳо, аз ҷумла тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг), ки ба бонкҳои резидентӣ, ба дигар муассисаҳои (ташкилотҳои) резидентии молиявию кредитӣ, аз ҷумла ба ташкилотҳои резидентии маблағгузориҳои хурд, ширкатҳои резидентии иҷораи молиявӣ (лизингӣ) пардохта мешаванд, дар манбаи пардохт андозбандӣ намешаванд.

3. Фоизҳое, ки мутобиқи қисми 1 ҳамин модда андозбандӣ шуданд, ба даромади умумии гирандаи онҳо – шахси воқеӣ дохил намешаванд ва дар оянда баъди пардохти онҳо ба ин шахс андозбандӣ намегарданд.

4. Шахсӣ ҳуқуқӣ – резидент, ки фоидаи он бояд андозбандӣ гардад, ҳангоми гирифтани фоизҳои мутобиқи қисми 1 ҳамин модда андозбандишуда, ба даромади умумии худ тамоми маблағи даромади фоизиро бе тарҳи андози ситонидашуда дохил менамояд ва ҳуқуқ дорад ин андози дар манбаи пардохт нигоҳдошташударо ҳангоми мавҷудияти ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи нигаҳдошти андоз дар манбаи пардохт ба ҳисоб гирад.

**Моддаи 164. Ситонидани андоз аз даромади ғайрирезидентҳо дар манбаи пардохт**

1. Даромади ғайрирезидент аз манбаи воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи моддаи 34 ҳамин Кодекс муайян гардида, ба муассисаи доимии ҳамин ғайрирезидент дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут намебошад, дар манбаи пардохт ҳамчун даромади умумӣ, бе тарҳи хароҷот (ба истиснои тарҳи дар ҳолати андозбандӣ мутобиқи моддаи 220 ҳамин Кодекс аз маблағи умумие, ки андоз аз арзиши иловашударо дар бар мегирад ва бояд ба ғайрирезидент дода шавад, андози аз арзиши иловашуда аз ҳамин маблағи умумӣ дошташуда), бояд тибқи меъёрҳои муайяннамудаи қисми 6 ҳамин модда андозбандӣ гардад.

2. Таҳти мафҳуми пардохти даромад супоридани пул дар шакли нақд ва (ё) ғайринақдӣ, қоғазҳои қиматнок, молҳо, дигар амвол, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо фаҳмида мешаванд.

3. Пардохтҳо ба манфиати ғайрирезидентҳо мутобиқи қисми 1 ҳамин модда, вобаста бо таҳвили молҳо ҳангоми амалиёти тиҷорати хориҷӣ (вобаста бо воридоти молҳо) ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар манбаи пардохт бояд андозбандӣ нагардад.

4. Андозбандии даромадҳои ғайрирезидент дар манбаи пардохт, сарфи назар аз ихтиёрдории ин ғайрирезидент нисбати даромадҳои худ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд, ба манфиати шахсони сеюм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) воҳидҳои махсуси худ дар дигар давлатҳо, анҷом дода мешавад.

5. Андоз аз даромади ғайрирезидент аз манбаи воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакл ва маҳали пардохти даромад ситонида мешавад.

6. Бо назардошти муқаррароти ҳамин модда даромадҳои ғайрирезидент аз манбаҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо муассисаи доимии ин ғайрирезидент дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд намебошад, бояд дар манбаи пардохт ҳамчун даромади умумӣ, бе тарҳи хароҷот (ба истисноӣ тарҳи дар ҳолати андозбандӣ мутобиқи моддаи 220 ҳамин Кодекс аз маблағи умумие, ки андоз аз арзиши иловашударо дар бар мегирад ва бояд ба ғайрирезидент дода шавад, андози аз арзиши иловашуда аз ҳамин маблағи умумӣ дошташуда), тибқи меъёрҳои зайл андозбандӣ шаванд:

1) суди саҳмияҳо — мутобиқи моддаи 162 ҳамин Кодекс;

2) фоизҳо — мутобиқи моддаи 163 ҳамин Кодекс;

3) саҳмҳои суғуртавие, ки корхонаи резидентӣ ё соҳибкори инфиродӣ - резидент мутобиқи шартномаҳои суғурта ва азнавсуғуртакунии таваккалҳо мепардозанд — тибқи меъёри 4 фоиз;

4) маблағҳое, ки корхонаи резидентӣ ё соҳибкори инфиродӣ – резидент барои хизматрасонии телекоммуникатсионӣ ё нақлиёт ҳангоми алоқа ё боркашонии байналмилалӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳо мепардозанд, ба истисноӣ маблағҳо оид ба фрахти баҳрӣ - тибқи меъёри 4 фоиз, маблағҳо оид ба фрахти баҳрӣ - тибқи меъёри 6 фоиз;

5) даромадҳо дар шакли музди меҳнат, инчунин даромадҳои пешбининамудаи бандҳои 8), 17), 18), 19), 20), 21), 22), 24) қисми 8 моддаи 34 ҳамин Кодекс, ки корхонаи резидентӣ ё соҳибкори инфиродӣ – резидент мепардозад, — тибқи меъёри дар қисми 1 моддаи 140 ҳамин Кодекс зикргардида;

6) даромадҳои дар қисми 8 моддаи 34 ҳамин Кодекс муайяншударо, ки корхонаи резидентӣ ё соҳибкори инфиродӣ – резидент мепардозад, ба истисноӣ даромадҳои:

- дар бандҳои 1), 2), 3), 4), 5) ҳамин қисм зикргардида;

- дар бандҳои 12), 13), 26) қисми 8 моддаи 34 ҳамин Кодекс зикргардида;

- аз фурӯш ё супурдани амвол, ки дар банди 11) қисми 8 моддаи 34 ҳамин Кодекс зикр гардидааст – тибқи меъёри 15 фоиз.

7. Барои мақсадҳои ҳамин модда маблағҳои пардохтаи муассисаи доимии ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё аз номи чунин муассиса пардохтшуда ҳамчун маблағҳои супоридаи корхонаи резидентӣ баррасӣ мегарданд.

**Моддаи 165. Пешниҳоди ҳисоботи андози оид ба ситонидани андоз дар манбаи пардохт**

Агентҳои андоз, ки дар моддаи 161 ҳамин Кодекс зикр гардидаанд, вазифадоранд як маротиба дар нимсола, на дертар аз санаи 15 –уми моҳе, ки баъди нимсолаи ҳисоботӣ фаро мерасад ва дар он ӯҳдадории ситонидани андоз дар манбаи пардохт ба вуҷуд омадааст, ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии бақайдгириашон ҳисоботи андози дар

манбаи пардохт ситонидашударо тибқи шакл ва тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ пешниҳод намоянд.

## БОБИ 21. АНДОЗБАНДИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

### Моддаи 166. Андозбандии фоидаи софи муассисаи доимии шахси ҳуқуқии хориҷӣ

Илова ба андоз аз фоидаи муассисаи доимии шахси ҳуқуқии хориҷӣ аз фоидаи софи ин муассисаи доимӣ тибқи меъёри 8 фоиз андоз гирифта мешавад.

### Моддаи 167. Баҳисобгирии андози хориҷӣ

1. Маблағи андози даромад ё андоз аз фоида, ки берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта шудааст, ҳангоми дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтани ин андозҳо, дар сурати тасдиқ шудани пардохти андоз берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ, ба ҳисоб гирифта мешавад.

2. Ҳаҷми баҳисобгирӣ, ки дар қисми 1 ҳамин модда пешбинӣ шудааст, набояд аз маблағи андозе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба чунин даромад ё фоида тибқи меъёрҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ҳисобида шудааст, зиёд бошад.

### Моддаи 168. Даромаде, ки дар мамлакатҳои дорои андозбандии имтиёзнок гирифта шудааст

1. Агар резидент мустақим ё ғайримустақим дорои зиёда аз 10 фоизи фонди оинномавӣ ё зиёда аз 10 фоизи саҳмияҳо бо ҳуқуқи овози корхонаи хориҷӣ бошад, ки вай дар навбати худ дар мамлакати дорои андозбандии имтиёзнок даромад мегирад, як қисми чунин даромад, ки ба резидент тааллуқ дорад, ба даромади (фоидаи) андозбандишавандаи вай (резидент) дохил карда мешавад.

2. Давлати хориҷӣ ҳангоме давлати дорои андозбандии имтиёзнок ҳисобида мешавад, ки агар меъёри андоз дар он нисбат ба меъёри мувофиқи ҳамин Кодекс муқарраршуда 30 фоиз кам бошад ё қонунҳое дошта бошад, ки дар бораи махфӣ нигоҳ доштани маълумоти молиявӣ ё маълумот дар бораи ширкатҳо, ки барои нигоҳ доштани сирри соҳиби воқеии амвол ё даромадгиранда (фоидагиранда) имконият медиҳанд, вуҷуд дошта бошанд.

## БОБИ 22. МУҚАРРАРОТИ МАХСУС ДОИР БА ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

### Моддаи 169. Шартҳои татбиқи шартномаи байналмилалӣ

1. Муқаррароти шартномаи байналмилалӣ дар хусуси бартараф намудани андозбандии дукарата ва пешгирии саркашиҳо аз пардохтани андозҳо аз даромад ва амвол (сармоя), ки яке аз тарафҳои он Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд барои мақсадҳои моддаҳои 169-180 ҳамин Кодекс – “шартномаи байналмилалӣ”) мебошад, нисбати шахсоне татбиқ

мегардад, ки резиденти як ё ҳардуи давлатҳое мебошанд, ки чунин шартнома бастаанд.

2. Муқаррароти қисми 1 ҳамин модда нисбати резиденти давлате, ки бо он шартномаи байналмилалӣ баста шудааст, татбиқ намегардад, агар ин резидент муқаррароти шартномаи байналмилалиро ба манфиати дигар шахс истифода барад ва ин шахс резиденти давлате, ки бо он шартномаи байналмилалӣ баста шудааст, набошад.

3. Барои мақсадҳои ҳамин боб андозбандии даромад, мутобиқи ҳамин Кодекс, вобаста ба матни (маънои) шартномаи байналмилалӣ, маънои андозбандии фоида ё даромадро дорад.

**Моддаи 170. Тартиби татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ**

Татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи мақоми ваколатдори давлатӣ мутобиқи муқаррароти моддаҳои 169-180 ҳамин Кодекс амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 171. Усулҳои тарҳи хароҷоти идоракунӣ ва умумимаъмурии шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент бо мақсади андозбандии даромадҳо аз манбаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Агар дар муқаррароти шартномаи байналмилалӣ ҳангоми муайян намудани даромади андозбандишавандаи шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент аз фаъолияташ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи доимӣ тарҳи хароҷоти идоракунӣ ва умумимаъмурии бо мақсади ба даст овардани чунин даромади андозбандишаванда ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз қаламрави он ба амал омада дар назар дошта шуда бошад, дар ин сурат маблағи чунин хароҷот бо яке аз чунин усулҳо муайян карда мешавад:

1) усули тақсимоти мутаносиби хароҷот;

2) усули бевоситаи (мустақими) тарҳи хароҷот.

2. Шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент мустақилона яке аз ду усули тарҳи хароҷоти идоракунӣ ва умумимаъмуриро интихоб менамояд.

3.Усули интихобшудаи намудаи тарҳи хароҷоти идоракунӣ ва умумимаъмурӣ (аз ҷумла тартиби муайянкунии нишондиҳандаи ҳисобӣ, ки ҳангоми усули тақсимоти мутаносиби хароҷот истифода бурда мешавад) нисбати муассисаи доимӣ ҳар сол татбиқ мегардад ва тағйир додани он танҳо бо мувофиқаи мақоми андози дахлдор имконпазир мебошад.

**Моддаи 172. Усули тақсимоти мутаносиби хароҷот**

1. Ҳангоми истифодаи усули тақсимоти мутаносиби хароҷот маблағи хароҷоти идоракунӣ ва умумимаъмурӣ, ки дар моддаи 171 ҳамин Кодекс зикр шудааст ва муассисаи доимӣ бояд аз даромадаш тарҳ намояд, ҳамчун ҳосили зарби чунин хароҷот ва нишондиҳандаи ҳисобӣ муайян карда мешавад.

2. Нишондиҳандаи ҳисобӣ бо яке аз усулҳои зерин муайян карда мешавад:

1) таносуби маблағи солонаи даромади умумии аз тарафи шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент аз фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути

муассисаи доимӣ  дар соли андоз гирифташуда нисбати даромади солонаи умумии шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент аз фаъолият ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи зикргардидаи  андоз;

2) муайянкунии андозаи миёна аз рӯи се нишондиҳанда:

- таносуби маблағи солонаи даромади умумии аз тарафи шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент аз фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи доимӣ дар соли андоз гирифташуда нисбати даромади солонаи умумии шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент аз фаъолият ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи номбаршудаи андоз;

- таносуби арзиши воситаҳои асосии муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири давраи андоз дар ҳисоботи молиявиаш ҳисобшуда ба арзиши умумии воситаҳои асосии шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент дар маҷмӯъ ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чунин давраи андоз;

- таносуби ҳаҷми фонди музди меҳнати ҳайати кормандоне, ки дар муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунанд, дар охири давраи андоз ба ҳаҷми умумии фонди музди меҳнати ҳайати кормандони шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент дар маҷмӯъ ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чунин давраи андоз.

Шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент яке аз усулҳои зикршудаи ҳисоб намудани нишондиҳандаи ҳисобиро мустақилона  интихоб менамояд.

3. Маблағи хароҷоти идоракунӣ ва умумимаъмурӣ, ки бо роҳи ҳисобкунӣ муайян шудааст, танҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда аз муассисаи доимӣ тарҳ карда мешавад.

4. Ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда инҳо мебошанд:

1) нусхаи ҳисоботи молиявии шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент, ки дар он вобаста ба нишондиҳандаи ҳисобии муайянкардаи шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент инҳо шарҳ дода мешаванд:

- маблағи умумии даромади умумии солона дар маҷмӯъ;

- маблағи умумии фонди музди меҳнат дар маҷмӯъ;

- арзиши аввалия ва интиҳоии воситаҳои асосӣ дар маҷмӯъ;

- маблағи умумии хароҷот бо тақсимоти модда ба моддаи он, аз ҷумла маблағи умумии хароҷоти идоракунӣ ва умумимаъмурӣ бо тақсимоти модда ба моддаи онҳо;

2) нусхаи хулосаи аудиторӣ оид ба аудити ҳисоботи молиявии шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент (ҳангоми гузаронидани аудити ҳисоботи молиявии чунин шахс).

5. Ҳисоби хароҷоти номбаршуда, ки тарҳи он ба муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таалluқ дорад, ба эъломияи андози даромади корпоративӣ (андоз аз фоида), ки ба мақомоти дахлдори андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад, замима карда мешавад.

6. Ҳангоми дар ҳисоботи молиявӣ дарҷ нашудани маблағи хароҷоти идоракунӣ ва умумимаъмурӣ, ки бояд мутаносибан тақсим шаванд,

барои тарҳи чунин хароҷот ба муассисаи доимӣ роҳ дода намешавад.

**Моддаи 173. Усули бевоситаи (мустақими) ҳисоббарии хароҷот**

1. Ҳангоми истифодаи усули бевоситаи (мустақими) ҳисоббарии хароҷоти идоракунӣ ва (ё) умумимаъмурии ғайрирезидент чунин хароҷот ба хароҷоти муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда мешаванд, агар онҳо мустақиман муайян ва бевосита барои ба даст овардани даромадҳо аз фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи доимӣ алоқаманд бошанд.

Хароҷоти мазкур танҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои мавҷудбудаи тасдиққунанда аз маблағи муассисаи доимӣ тарҳ карда мешавад.

2. Ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда инҳо мебошанд:

1) ҳуҷҷатҳои муҳосибавие, ки хароҷоти шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидентро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мақсади гирифтани даромад аз фаъолият тавассути муассисаи доимӣ тасдиқ менамоянд;

2) нусхаи ҳуҷҷатҳои муҳосибавие, ки хароҷоти шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидентро берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани даромад аз фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи доимӣ тасдиқ менамоянд.

**Моддаи 174. Тартиби пардохтани андоз аз даромади ғайрирезидентҳо аз фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки боиси таъсиси муассисаи доимӣ намегардад**

1. Тартиби пардохтани андозе, ки дар ҳамин модда пешбинӣ шудааст, нисбати даромади ғайрирезидент аз фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мувофиқи муқаррароти шартномаи байналмилалӣ боиси таъсиси муассисаи доимӣ намегардад, ба истиснои даромадҳое, ки дар моддаҳои 175-178 ҳамин Кодекс зикр шудаанд, татбиқ мегардад, агар ҳамин моддаҳо тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд.

2. Ғайрирезиденти дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда, ки аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегирад, ҳуқуқ дорад тартиби пардохти андози пешбининамудаи ҳамин моддаро истифода барад. Ҳангоми татбиқ накардани муқаррароти ҳамин модда агенти андоз ӯҳдадор аст андозро дар манбаи пардохт нигоҳ дорад ва мутобиқи тартиби умумии муқарраршуда ба буҷети давлатӣ гузаронад.

3. Ғайрирезиденте, ки даромад мегирад, агенти андоз, инчунин бонк-резиденте (минбаъд – “бонк”), ки агенти андоз муайян намудааст, оид ба пасандози шартии бонкӣ тибқи шакли мувофиқанамудаи иштирокчиёни шартнома, бо назардошти муқаррароти ҳамин модда шартнома мебанданд.

4. Агенти андоз ӯҳдадор аст дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи ба имзо расидани шартнома оид ба пасандози шартии бонкӣ дар мақоми дахлдори андоз ин шартномаро аз қайд гузаронад, нусхаи чунин шартнома, инчунин нусхаи ҳуҷҷати пардохтро, ки супоридани андозро ба пасандози шартии бонкӣ тасдиқ мекунад, ба мақоми дахлдори андоз пешниҳод намояд.

5. Муқаррароти ҳамин модда танҳо нисбати шартномаҳои оид ба пасандози шартии бонкие татбиқ мегардад, ки дар мақоми дахлдори андоз ба қайд гирифта шудаанд. Ҳамзамон шартномаҳои оид ба пасандози шартии бонкие ба қайд гирифта мешаванд, ки шартҳои онҳо хилофи муқаррароти ҳамин модда намебошанд.

6. Агенти андоз дар лаҳзаи пардохти даромад ба ғайрирезидент ӯҳдадор аст дар манбаи пардохт тибқи меъёрҳои муайяннамудаи моддаи 164 ҳамин Кодекс андозро ситонад ва маблағи андози ситонидашударо ба пасандози шартии бонкӣ дар бонк ба фоидаи ғайрирезидент гузаронад.

7. Ҳангоми иҷрои шартҳои шартномаи байналмилалӣ ғайрирезидент бо мақсади баргардонидани маблағи андози қаблан ситонидашуда ба мақоми дахлдори андоз тибқи тартиб ва шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ ариза пешниҳод менамояд.

8. Мақоми андоз дар давоми 15 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи гирифтани ариза ин ариза ва ҳуҷҷатҳои заруриро баррасӣ намуда, оид ба он қарор қабул мекунад ва аз натиҷааш ба ғайрирезидент ва бонк хабар медиҳад.

9. Ҳангоми гирифтани ариза барои баргардонидани андози ситонидашуда, ки мақоми андоз онро тасдиқ намудааст, бонк ба ғайрирезиденте, ки чунин ариза додааст, ҳуқуқ медиҳад, ки маблағҳои дар пасандози шартии бонкӣ ҷойгирнамудаашро дар доираи маблағи дар ариза нишондодашуда, бо назардошти фоизҳои ҳисобшудаи бонкӣ ихтиёрдорӣ намояд.

10. Ҳангоми норозигӣ бо қарори манфии мақоми андоз ғайрирезидент ҳуқуқ дорад дар давоми даҳ рӯзи тақвимӣ аз рӯзи гирифтани чунин қарор ба мақоми ваколатдори давлатӣ ( ҳангоми зарурат бо ҷалби мақоми салоҳиятдори мамлакати резидентӣ) бо ариза ҷиҳати баррасии такрории масъала нисбати қонунӣ будани татбиқи муқаррароти шартномаи байналмилалӣ муроҷиат намояд ва ҳамзамон мақоми андозро дар мавриди шикоят нисбати қарори он огоҳ намояд.

11. Ҳангоми аз ҷониби мақоми андоз қабул шудани қарори манфӣ оид ба ариза ва дар сурати дар давоми мӯҳлати даҳрӯзае, ки дар қисми 10 ҳамин модда муқаррар шудааст, нагирифтани ҷавоби ғайрирезидент вобаста ба арзи шикоят нисбати қарори мақоми андоз ин мақоми андоз ба бонк ҷиҳати ба буҷет гузаронидани маблағи дар ариза нишондодашуда ва дар пасандози шартии бонкӣ ҷойгиршуда бо фоизҳои ҳисобшуда бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи радди аз андозбандӣ озод намудани даромадҳои ғайрирезидент фармоиши инкассавӣ пешниҳод менамояд.

12. Бонк ӯҳдадор аст дар давоми рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани ҳуҷҷатҳои мақоми андоз, ки дар қисми 11 ҳамин модда номбар шудаанд, маблағи андози дар пасандози шартии бонкӣ ҷойгиршударо бо фоизҳои бонкии ҳисобшуда ба буҷет гузаронад.

Чунин маблағи андози ситонидашуда ба ҳисоби пардохти ӯҳдадориҳои ғайрирезидент дар назди буҷет бояд ба ҳисоб гирифта шавад.

13. Пасандозҳои шартии бонкӣ бо арзи миллӣ ё хориҷӣ кушода мешаванд. Ҳангоми кушодани пасандозҳои шартии бонкӣ бо арзи хориҷӣ маблағи андозҳо ба буҷет ва фоизҳои бонкӣ бо арзи миллӣ, бо қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар лаҳзаи пардохти андоз аз нав ҳисоб карда шудаанд, супорида мешаванд.

14. Ғайрирезидент ва агенти андоз то қабул шудани қарори дахлдори мақоми андоз ҳуқуқи ихтиёрдории маблағи андозеро, ки дар пасандози шартии бонкӣ ҷойгир шудааст, надоранд.

15. Ҳангоми вайрон намудани шартҳои шартнома оид ба пасандози шартии бонкӣ ва сари вақт нагузаронидани маблағи андоз ба буҷет, ки бо гуноҳи бонк содир шудааст, бонк мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

16. Ҳангоми аз ҷониби бонк ғайриимкон будани иҷрои ӯҳдадориҳо оид ба гузаронидани маблағи андози дар пасандози шартии бонкӣ ҷойгиршуда, ӯҳдадории ба буҷет гузаронидани андоз дар манбаи пардохт, фоизи бонк ва ҷаримаҳо барои сари вақт нагузаронидани андоз ба буҷет ба зиммаи агенти андоз гузошта мешавад.

17. Мақомоти андоз ӯҳдадоранд баҳисобгирии маблағҳои андози зеринро амалӣ намоянд:

1) дар пасандозҳои шартии бонкӣ ҷойгиршуда;

2) маблағҳои пардохтшуда ба ғайрирезидентҳое, ки ҳуқуқи татбиқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалиро доранд;

3) ба буҷет гузаронидашуда.

**Моддаи 175. Тартиби татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ нисбати андозбандии даромадҳо аз расонидани хизматҳои нақлиётӣ дар боркашонии байналмилалӣ**

1. Даромадҳои гирифташуда аз хизматрасонии нақлиётӣ дар боркашонии байналмилалӣ, ки яке аз тарафҳои он Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезиденти дорои ҳуқуқ барои татбиқи муқаррароти шартномаи байналмилалӣ мебошад, бояд бе пешниҳоди ариза оид ба татбиқи муқаррароти шартномаи байналмилалӣ дар асоси ҳуҷҷате, ки резидентии вайро тасдиқ менамояд, аз андозбандӣ озод карда шавад, агар ин шахси ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба чунин фаъолият муассисаи доимӣ дошта бошад.

Ҳамзамон шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент ӯҳдадор аст баҳисобгирии алоҳидаи маблағи даромадҳоро аз хизматрасонии нақлиётӣ дар боркашонии байналмилалӣ (ки бояд мутобиқи шартномаи байналмилалӣ андозбандӣ нашаванд) ва аз хизматрасонии нақлиётӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон (андозбандишаванда) таъмин намуда, инчунин ин даромадҳоро дар эъломияи андоз аз фоида бояд дарҷ намояд.

Маблағи умумии фоидаи андозбандишаванда (даромади андозбандишаванда) дар эъломияи дар боло зикршуда ба маблағи фоидаи андозбандишавандае (даромади андозбандишавандае), ки мутобиқи шартномаи байналмилалӣ аз андозбандӣ бояд озод карда шавад, дар асоси баҳисобгирии алоҳида кам карда мешавад.

Ҳангоми ғайриҳуқуқӣ татбиқ намудани муқаррароти шартномаи байналмилалӣ, ки боиси насупоридан ё нопурра пардохтани андоз ба буҷет гардидааст, андозсупоранда мутобиқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

2. Даромади шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент, ки воситаҳои нақлиётро дар боркашонии байналмилалие, ки яке аз тарафҳои он Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, бе таъсиси муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебарад ва ҳуқуқи татбиқи муқаррароти шартномаи байналмилалиро дорад, бояд аз андозбандӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 174 ҳамин Кодекс озод карда шавад.

### Моддаи 176. Тартиби татбиқи шартномаи байналмилалӣ нисбати андозбандии суди саҳмияҳо, фоизҳо, роялтӣ

1. Агенти андоз ҳуқуқ дорад дар лаҳзаи пардохти даромад ба ғайрирезидент дар шакли суди саҳмияҳо, фоизҳо, роялти муқаррароти шартномаи байналмилалии дахлдорро бе пешниҳоди ариза аз ҷониби ғайрирезидент ҷиҳати татбиқи муқаррароти шартномаи байналмилалӣ дар асоси ҳуҷҷати тасдиқкунандаи резидентӣ татбиқ намояд, агар чунин ғайрирезидент гирандаи охирини даромад бошад ва барои татбиқи муқаррароти шартномаи байналмилалӣ ҳуқуқ дошта бошад.

2. Агенти андоз ӯҳдадор аст дар ҳисоби андоз дар манбаи пардохт, ки ба мақоми андоз пешниҳод мешавад, маблағи даромади супоридашуда (ҳисобшуда) ва андозҳои ситонидашударо мутобиқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ, меъёрҳои андоз ва номи шартномаҳои байналмилалӣ дарҷ намояд.

3. Ҳангоми татбиқи ғайриҳуқуқии муқаррароти шартномаи байналмилалӣ, ки боиси насупоридан ё нопурра пардохтани андоз ба буҷет гардидааст, агенти андоз мутобиқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

### Моддаи 177. Тартиби татбиқи шартномаи байналмилалӣ нисбати андозбандии фоидаи соф (даромади соф) ҳангоми фаъолият тавассути муассисаи доимӣ

1. Ғайрирезидент ҳуқуқ дорад муқаррароти шартномаи байналмилалиро нисбати андозбандии фоидаи соф (даромади соф) аз фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи доимӣ бе пешниҳоди ариза барои татбиқи муқаррароти шартномаи байналмилалӣ, дар асоси ҳуҷҷати тасдиқкунандаи резидентӣ амалӣ намояд, агар чунин ғайрирезидент гирандаи охирини фоидаи соф (даромади соф) ва дорои ҳуқуқи татбиқи муқаррароти шартномаи байналмилалӣ бошад.

2. Шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент дар эъломия оид ба андоз аз фоида ӯҳдадор аст меъёри андоз, маблағи андоз аз фоидаи соф (даромади соф) ва номи шартномаи байналмилалиро, ки дар асоси он меъёри дахлдори андоз татбиқ шудааст, зикр намояд.

3. Ҳангоми татбиқи ғайриҳуқуқии муқаррароти шартномаи байналмилалӣ, ки боиси насупоридан ё нопурра пардохтани андоз ба буҷет гардидааст, андозсупоранда мутобиқи санадҳои қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

**Моддаи 178. Тартиби татбиқи шартномаи байналмилалӣ нисбати андозбандии дигар даромадҳо аз манбаъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ғайрирезиденте, ки аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегирад,ба истиснои ҳолатҳои дар моддаҳои 174-177 ҳамин Кодекс зикр шуда, ҳуқуқ дорад ба мақоми андози ҷои қайди агенти андоз тибқи шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба татбиқи муқаррароти шартномаи байналмилалӣ то пардохти даромад ариза пешниҳод намояд.

2. Мақоми андоз дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ аризаро баррасӣ намуда, дар ҳолати дуруст будани маълумоти дар ариза зикргардида онро тасдиқ менамояд.

3. Дар ҳолати ғайриқонунӣ будани татбиқи муқаррароти шартномаи байналмилалӣ мақоми андоз ба ғайрирезидент раддияи асоснок пешниҳод менамояд.

4. Дар ҳолати розӣ нашудан бо қарори манфии мақоми андоз ғайрирезидент ҳуқуқ дорад ба мақоми ваколатдори давлатӣ (ҳангоми зарурӣ бо ҷалби мақоми салоҳиятдори мамлакати резидентӣ) бо ариза ҷиҳати баррасии такрории масъалаи қонунӣ будани татбиқи шартномаи байналмилалӣ муроҷиат намояд.

**Моддаи 179. Талаботи умумӣ ҳангоми пешниҳоди ариза барои татбиқи**

**муқаррароти шартномаи байналмилалӣ**

Аризаро барои татбиқи муқаррароти шартномаи байналмилалӣ мақоми андоз тибқи шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар мавриди иҷрои талаботи зерин қабул менамояд:

1) бо ариза пешниҳод намудани:

- нусхаи қарордодҳо (шартномаҳо, созишномаҳо) барои иҷрои корҳо (хизматрасониҳо) ё барои дигар мақсадҳо;
- нусхаҳои ҳуҷҷатҳои таъсисӣ;
- шарҳи маблағи даромадҳо аз хизматрасонии нақлиётӣ дар боркашонии байналмилалӣ ва дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- санади корҳои иҷрошуда – ҳангоми аз ҷониби ғайрирезидент ба иҷро расидани намудҳои гуногуни корҳо, санади қабули истифодабарии объект – ҳангоми иҷрои корҳои сохтмон, ҳисобнома ё дигар ҳуҷҷати пардохт, ки гирифтани даромадро аз хизматрасонӣ тасдиқ менамоянд;

2) аз ҷониби агенти андоз пешниҳоди ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ, ки маблағи ҳисобшуда ва (ё) пардохтшудаи даромадҳо ва андозҳои ситонидашударо тасдиқ менамояд;

3) тасдиқи резидент будани аризадиҳанда аз ҷониби мақоми салоҳиятдор ё ваколатдори давлати аризадиҳандае, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он шартномаи байналмилалӣ бастааст (дар варақаи расмии аризаи мазкур ё бо замимаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи резидентӣ). Ҳамзамон барои мақсадҳои ҳамин модда ва моддаҳои 174-178 ҳамин Кодекс ғайрирезиденте, ки дорои ҳуқуқи татбиқи муқаррароти

шартномаи байналмилалии дахлдор мебошад, ҳангоми тағйир ёфтани нишондиҳандаҳои бақайдгирӣ дар мамлакати резидентӣ ӯҳдадор аст тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин моддаҳо ҳуҷҷати тасдиққунандаи резидентиро бо назардошти маълумоти тағйирёфта пешниҳод намояд;

4) тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаи байналмилалӣ, ки яке аз тарафҳои он Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ба расмиятдарории дипломатӣ ё консулии имзо ва мӯҳри мақомеро, ки резидентии ғайрирезидентро (ҳуҷҷатеро, ки резидентиро шаҳодат медиҳад) тасдиқ намудааст, амалӣ гардонад.

**Моддаи 180. Маълумотнома оид ба маблағҳои андозҳои ситонидашуда ва пардохтшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Бо талаби ғайрирезидент мақоми андоз, тибқи шакл ва тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ, оид ба маблағҳои даромади аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифташуда ва андозҳои ситонидашуда маълумотнома пешниҳод менамояд.

## БОБИ 23. ҚОИДАҲОИ БАҲИСОБГИРИИ АНДОЗ

**Моддаи 181. Давраи (соли) андоз**

Давраи (соли) андоз соли тақвимӣ ба ҳисоб меравад.

**Моддаи 182. Тартиби баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷотҳо**

1. Андозсупоранда вазифадор аст баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷотҳоро дар асоси маълумотҳои бо ҳуҷҷатҳо асоснокшуда аниқ ва саривақт пеш барад ва даромадҳо ва хароҷотҳоро ба давраҳои ҳисоботии дахлдоре, ки дар зарфи он онҳо гирифта ё пардохта шудаанд, вобаста ба усули баҳисобгирии тибқи ҳамин боб истифодашаванда ҷиҳати дуруст нишон додани даромади (фоидаи) андозбандишаванда ба роҳ монад. Таҳти усули баҳисобгирӣ, ки андозсупоранда истифода мебарад, ҳамаи омилҳои вақт ва тартиби баҳисобгирии маблағҳои воридшуда ва хароҷот, ба монанди истифодаи усули баҳисобгирӣ дар асоси кассавӣ ё дар асоси ҳисобу замкунӣ, усули баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ ва дигар хароҷоти сармоя фаҳмида мешавад.

2. Андозсупоранда вазифадор аст баҳисобгирии ҳамаи амалиёти марбут ба фаъолияташро, ки барои муайян кардани оғоз, ҷараён ва ба охиррасии он имконият медиҳанд, таъмин намояд.

3. Агар дар ҳамин модда тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, даромади (фоидаи) андозбандишаванда бояд тибқи ҳамон усули баҳисобгирӣ, ки андозсупоранда дар ҳисоботи муҳосибавӣ истифода мебарад, бо ислоҳоти зарурӣ барои риояи муқаррароти ҳамин Кодекс, ҳисоб карда шавад.

4. Агар дар ҳамин модда тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, андозсупоранда метавонад бо мақсади андозбандӣ баҳисобгириро тибқи усули кассавӣ ё тибқи усули ҳисобу замкунӣ ба роҳ монад, ба шарте агар

андозсупоранда дар давоми соли андозбандӣ ҳамон як усулро истифода барад.

5. Андозсупоранда бояд баҳисобгириро тибқи усули ҳисобу замкунӣ дар соли андоз пеш барад, агар:

1) амалиёти вай дар соли гузашта назар ба ҳаҷми амалиёти андозбандишаванда, ки барои бақайдгирӣ бо мақсади андоз аз арзиши иловашуда муқаррар гардидааст, 5 маротиба зиёд шуда бошад; ё

2) вай мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои баҳисобгирии муҳосибавӣ тибқи усули қайди дубора вазифадор бошад.

Андозсупорандае, ки барои баҳисобгирӣ аз рӯи усули ҳисобу замкунӣ тибқи муқаррароти ҳамин қисм бори аввал вазифадор шудааст, баҳисобгириро тибқи усули ҳисобу замкунӣ бояд барои ҳамаи солҳои минбаъда низ пеш барад.

6. Бонкҳо, ширкатҳои кредитӣ ва ташкилотҳои амонатии кредитии хурд вазифадоранд баҳисобгириро тибқи усули ҳисобу замкунӣ аз оғози фаъолияти худ пеш баранд.

Ташкилотҳои қарзи хурд ва фондҳои қарзи хурд барои мақсадҳои андозбандӣ ҳисобро аз оғози фаъолияти худ, сарфи назар аз муқаррароти ҳамин модда, тибқи усули кассавӣ пеш мебаранд.

7. Барои шахси воқеӣ талаботи баҳисобгирӣ тибқи усули ҳисобу замкунӣ танҳо нисбати даромад ва тарҳҳои вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ татбиқ мегардад.

8. Дар сурати тағйир ёфтани усули баҳисобгирӣ, ки андозсупоранда истифода мебарад, тағйирёбӣ нисбати баҳисобгирии даромад, хароҷот ва дигар унсурҳое, ки ба маблағи андоз таъсир мерасонанд, бояд дар соли тағйир додани усули баҳисобгирӣ дохил карда шаванд, то ин, ки ҳеҷ яке аз ин унсурҳо сарфи назар нагарданд ё дубора ба ҳисоб гирифта нашаванд.

9. Нисбати супорандагони андоз аз арзиши иловашуда даромаду хароҷот бе андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоб гирифта мешавад, ба истиснои хароҷоте, ки нисбати он ба ҳисоб гирифтани андоз аз арзиши иловашуда иҷозат дода намешавад.

**Моддаи 183. Принсипҳои баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷотҳо тибқи усули кассавӣ**

Андозсупорандае, ки тибқи усули кассавӣ баҳисобгириро пеш мебарад, бояд мутобиқи моддаҳои 184 ва 185 ҳамин Кодекс даромадро дар санаи гирифтани он ҳисоб карда, тарҳи хароҷотҳоро дар санаи амалӣ намудани он анҷом диҳад.

**Моддаи 184. Лаҳзаи гирифтани даромад дар ҳолатҳои ҷудогона бо истифодаи усули кассавӣ**

1. Агар андозсупоранда маблағҳои пулӣ гирад, лаҳзаи гирифтани маблағҳои пулии нақд ва ҳангоми пардохти ғайринақдӣ бошад, лаҳзаи ба суратҳисоби бонкии вай ё дигар суратҳисобе, ки вай ихтиёрдорӣ карда метавонад ё ҳуқуқи аз он гирифтани маблағҳои мазкурро дорад, лаҳзаи гирифтани даромад ба ҳисоб меравад.

2. Дар сурати бекор кардан ё пӯшонидани ӯҳдадории молиявии андозсупоранда, аз ҷумла ҳангоми ҳисоббаробаркунии байниҳамдигарӣ, лаҳзаи гирифтани даромад лаҳзаи бекор кардан ё пӯшонидани ӯҳдадорӣ ба ҳисоб меравад.

**Моддаи 185. Лаҳзаи хароҷот намудан дар ҳолатҳои ҷудогона бо истифодаи усули кассавӣ**

1. Лаҳзаи хароҷот намудан, агар дар ҳамин модда тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, лаҳзаи аз тарафи андозсупоранда воқеан анҷом додани хароҷот ба ҳисоб меравад.

2. Агар андозсупоранда маблағҳои пулӣ супорад, лаҳзаи хароҷот намудан лаҳзаи пардохти маблағҳои пули нақд ба ҳисоб рафта, ҳангоми пардохти ғайринақдӣ бошад, лаҳзаи хароҷот намудан ин лаҳзаи аз тарафи бонк гирифтани супоришномаи андозсупоранда дар бораи гузаронидани маблағҳои пулӣ (дар ҳолате, ки дар суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда маблағҳои кофӣ мавҷуд бошанд) дониста мешавад.

3. Ҳангоми бекор кардан ё пӯшонидани ӯҳдадории молиявӣ дар назди андозсупоранда, аз ҷумла ҳангоми баҳисобгирии байниҳамдигарӣ, лаҳзаи хароҷот намудан лаҳзаи бекор кардан ё пӯшонидани ӯҳдадории молиявӣ дониста мешавад.

4. Ҳангоми пардохтани фоизҳо тибқи ӯҳдадории қарз ё додани маблағ барои иҷораи амвол, агар мӯҳлати ӯҳдадорӣ ё шартномаи иҷора якчанд давраи андозро дар бар гирад, маблағи фоизҳои пардохташуда (пардохти иҷора), ки амалан барои давраи андоз нигоҳ дошта мешавад, маблағи фоизҳое (пардохти иҷорае) мебошад, ки бояд дар ин давра супорида шавад.

**Моддаи 186. Принсипҳои баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷотҳо ҳангоми истифодаи усули ҳисобу замкунӣ**

Андозсупорандае, ки тибқи усули ҳисобу замкунӣ баҳисобгириро пеш мебарад, бояд даромаду хароҷотро мутобиқи моддаҳои 187 ва 188 ҳамин Кодекс мутаносибан аз лаҳзаи гирифтани ҳуқуқ ба даромад ё пайдо шудани ӯҳдадории пардохт, сарфи назар аз вақти воқеии гирифтани даромад ё иҷрои пардохт, ба ҳисоб гирад.

**Моддаи 187. Лаҳзаи гирифтани даромад ҳангоми истифодаи усули ҳисобу замкунӣ**

1. Ҳуқуқи гирифтани даромад ҳангоме пайдошуда ба ҳисоб меравад, ки агар маблағи дахлдор бояд бегуфтугӯ ба андозсупоранда пардохта шавад ё андозсупоранда тамоми ӯҳдадориҳояшро тибқи муомилот ё шартнома иҷро кардааст.

2. Агар андозсупоранда корро иҷро кунад ё хизмат расонад, ҳуқуқи гирифтани даромад дар лаҳзаи иҷрои ниҳоии кор ё хизматрасонии дар муомилот ё шартнома пешбинишуда ба даст овардашуда ба ҳисоб меравад.

Агар аҳд ё шартнома иҷрои кор ё хизматрасониро марҳала ба марҳала пешбинӣ намояд, ҳуқуқи гирифтани даромад дар ҳар марҳала дар лаҳзаи ниҳоии иҷрои кор ё хизматрасонии ин марҳала пайдо мешавад, агар моддаи 190 ҳамин Кодекс тартиби дигаре пешбинӣ

накарда бошад.

3. Агар андозсупоранда даромад гирад ё ҳуқуқи гирифтани даромад дар шакли фоиз ё даромад барои ба иҷора додани амволро дошта бошад, ҳуқуқи гирифтани даромад дар лаҳзаи ба охир расидани мӯҳлати ӯҳдадории қарз ё шартномаи иҷора ба даст овардашуда хисоб мешавад. Агар мӯҳлати ӯҳдадории қарз ё шартномаи иҷора якчанд давраи андозро дар бар гирад, даромад тибқи ин давраҳои андоз мутобиқи тартиби ҳисоби он тақсим карда мешавад.

**Моддаи 188. Лаҳзаи хароҷот намудан ҳангоми истифодаи усули ҳисобу замкунӣ**

1. Лаҳзаи хароҷот намудан вобаста ба аҳд (шартнома) лаҳзаи иҷрои ҳамаи шартҳои зайл ҳисобида мешавад, ба шарте агар ҳамин модда муқаррароти дигаре пешбинӣ накарда бошад:

1) ҳангоми аз тарафи андозсупоранда бечунучаро эътироф шудани ӯҳдадории молиявӣ;

2) ҳангоми ба қадри кифоя дақиқ баҳо додан ба ҳаҷми ӯҳдадории молиявӣ;

3) агар ҳамаи тарафҳои дар аҳд ё шартнома иштирокдошта воқеан тибқи аҳд ё шартнома ӯҳдадориҳояшонро иҷро кунанд ва маблағҳои дахлдор бечунучаро пардохта шаванд.

2. Вобаста ба шартҳои дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда ӯҳдадории молиявӣ маънои ӯҳдадориеро дорад, ки андозсупоранда мутобиқи аҳд (шартнома) қабул кардааст ва тарафи дигари дар аҳд (шартнома) иштирокдошта бо мақсади иҷрои он вазифадор аст, ки даромади дахлдорро дар шакли пулӣ ё шакли дигар ба андозсупоранда пешниҳод намояд.

3. Ҳангоми пардохти фоизҳо тибқи ӯҳдадории қарз ё пардохт барои амволи ба иҷора гирифташуда лаҳзаи хароҷот намудан лаҳзаи ба охир расидани мӯҳлати ӯҳдадории қарз ё шартномаи иҷора ҳисобида мешавад. Агар мӯҳлати ӯҳдадории қарз ё шартномаи иҷора якчанд давраи андозро дар бар гирад, хароҷот тибқи ин давраҳои андоз мувофиқи тартиби ҳисоби он тақсим карда мешавад.

**Моддаи 189. Соҳибии муштарак**

Ҳангоми аҳду паймон (ҳам хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ) барои соҳибии муштараки амвол ё якҷоя анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар аҳду паймон, ки на камтар аз ду соҳибро бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ мекунанд, даромад ва тарҳҳо тибқи аҳду паймон нисбати ҳар як соҳиб сурат гирифта, онҳо мувофиқи ҳиссаи иштирокашон андозбандӣ карда мешаванд.

**Моддаи 190. Даромадҳо ва тарҳҳо аз рӯи қарордодҳои дарозмуддат**

1. Дар сурати аз тарафи андозсупоранда истифода бурдани баҳисобгирӣ тибқи усули ҳисобу замкунӣ даромад ва тарҳҳо марбут ба қарордодҳои дарозмуддат оид ба ҳар як соли андоз мутобиқи ҳаҷми иҷрои амалии онҳо нишон дода мешаванд.

2. Ҳаҷми иҷрои қарордод тавассути муқоисаи хароҷоти дар давоми соли андоз суратгирифта бо хароҷоти умумии баҳогузории тибқи чунин

қарордод пешбинишуда муайян мегардад.

3. Таҳти мафҳуми "қарордоди дарозмуддат" қарордод барои истеҳсол, насб ё сохтмон, ё хизматрасонии дахлдор, ки дар доираи соли андоз, ки дар он кори дар қарордод пешбинишуда оғоз гардида, ба охир расонида нашудааст, ба истиснои қарордодҳое, ки тибқи пешбиниҳо бояд дар доираи 6 моҳи баъди оғози корҳои мувофиқи қарордод пешбинигардида ба анҷом расанд, фаҳмида мешавад.

**Моддаи 191. Тартиби баҳисобгирии захираҳои молию моддӣ**

1. Баҳисобгирии захираҳои молию моддӣ бо мақсадҳои андозбандӣ танҳо тибқи муқаррароти амалкунандаи баҳисобгирии муҳосиботӣ, ки дар асоси қонунгузории оид ба баҳисобгирии муҳосиботӣ таҳия гардидаанд, ба анҷом расонида мешавад.

2. Ҳангоми баҳисобгирии захираҳои молию моддӣ андозсупоранда вазифадор аст, ки арзиши молҳои истеҳсолнамуда ё харидаашро, ки мутаносибан дар асоси хароҷоти истеҳсолӣ (арзиши аслӣ) ё нархи хариди онҳо муайян карда мешавад, дар ҳисоботи андоз нишон диҳад. Аз он ҷумла, андозсупоранда вазифадор аст ба арзиши ин молҳо хароҷоти нигоҳдорӣ ва интиқоли онҳоро ҳамроҳ кунад.

3. Ҳангоми ба ҳисоб гирифтани захираҳои молию моддӣ андозсупоранда ҳақ дорад, ки арзиши мол ё маҳсулоти нуқсондор, маънан кӯҳнашуда ё аз мӯд баромадаро, ки аз ҳамин сабаб ё бо сабабҳои шабеҳ бо нархи зиёдтар аз хароҷоти барои истеҳсоли (нархи хариди) онҳо сарфшуда фурӯхтан мумкин нест, дар асоси нархе, ки онҳоро фурӯхтан мумкин аст, баҳо диҳад.

4. Нисбати молҳое, ки андозсупоранда оид ба онҳо баҳисобгирии инфиродӣ пеш намебарад, вай ҳақ дорад, ки барои баҳисобгирии захираҳои молию моддӣ яке аз се усулҳои зеринро истифода барад:

1) усули ФИФО, ки мутобиқи он дар давраи ҳисоботӣ дар аввал молҳои дар аввали давраи ҳисоботӣ ба захираҳои молию моддӣ дохилгардида, фурӯхташуда (истифодашуда) ҳисоб карда шуда, баъд молҳое, ки дар давоми давраи ҳисоботӣ истеҳсол (харида) шудаанд, мувофиқи навбати истеҳсол (харид) ҳисоб карда мешаванд;

2) усули ЛИФО, ки мутобиқи он дар давраи ҳисоботӣ дар аввал молҳое, ки охирин истеҳсол (харид) шудаанд, фурӯхташуда (истифодашуда) ҳисоб карда мешаванд;

3) усули баҳо додан тибқи арзиши аслии миёна.

**Моддаи 192. Баҳисобгирӣ ҳангоми иҷораи молиявӣ (лизинг)**

1. Агар иҷорадиҳанда то оғози иҷораи молиявӣ (лизинг) соҳиби амволи моддии истеҳлокшаванда бошад, муомилот ҳамчун фурӯши амвол аз тарафи иҷорадиҳанда ва харидани он аз ҷониби иҷорагир дониста мешавад.

2. Амволи моддии истеҳлокшавандае, ки тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ба иҷора дода мешавад, дар давраи амали шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бояд дар баланси иҷорагир ба ҳисоб гирифта шавад, ки ин ба иҷорагир ҳуқуқ медиҳад тарҳҳоро вобаста ба предмети лизинг (аз ҷумла истеҳлок ва хароҷоти таъмир) амалӣ намояд.

**Моддаи 193. Тарҳҳои ҷуброншаванда ва ихтисори захираҳо**

1. Агар маблағи хароҷот, зарар ва қарзҳои шубҳаноки пештар тарҳшуда ҷуброн гардад, маблағи гирифташуда даромади он давраи андозбандие ҳисоб карда мешавад, ки ҷуброн анҷом дода шудааст.

2. Агар захираҳое, ки нисбати онҳо пештар мутобиқи қисми 3 моддаи 150 ва моддаи 151 ҳамин Кодекс тарҳ сурат гирифта шудааст, ихтисор шаванд, маблағи чунин ихтисор ба даромад дохил карда мешавад.

**Моддаи 194. Фоида ва зарар ҳангоми фурӯш ё супоридани активҳо**

1. Фоида аз фурӯш ё супоридани активҳо фарқи мусбии байни маблағҳои аз фурӯш ё супоридани активҳои бадастомада ва арзиши активҳо, ки мутобиқи моддаи 195 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад, иборат мебошад. Ҳангоми дар асоси ройгон ё бо нархҳои тахфифӣ супоридани активҳо фоидаи шахсе, ки активҳоро додааст, ҳамчун фарқи мусбии байни нархи бозории амволи ба ҳамин тарз супоридашаванда ва арзиши он, ки мутобиқи моддаи 195 ҳамин Кодекс муқаррар мегардад, муайян карда мешавад.

2. Зарари аз фурӯш ё супоридани активҳо расонидашуда фарқи манфии байни маблағҳои аз фурӯш ё супоридани активҳо воридгардида ва арзиши активҳо мебошад, ки мутобиқи моддаи 195 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

3. Қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда нисбати активҳои тибқи гурӯҳҳо истеҳлокшаванда, инчунин нисбати захираҳои молию моддӣ татбиқ намегарданд.

**Моддаи 195. Арзиши активҳо**

1. Ба арзиши активҳо хароҷот барои харидани онҳо, истеҳсол, сохтмон, васл ва насб, инчунин дигар хароҷоте, ки арзиши онҳоро зиёд мекунад,ба истиснои хароҷот, ки нисбати онҳо андозсупоранда барои тарҳ ҳуқуқ дорад, дохил карда мешаванд.

2. Агар танҳо як қисми активҳо фурӯхта ё дода шаванд, пас арзиши активҳо дар лаҳзаи фурӯш  ё додан байни қисмҳои боқимонда ва қисмҳои фурӯхта ё додашуда тақсим карда мешавад.

**Моддаи 196. Эътироф накардани фоида ё зарар**

1. Дар ҳолатҳои зайл ҳеҷ гуна фоида ё зарар ҳангоми муайян кардани даромади (фоидаи) андозбандишаванда ба эътибор гирифта намешавад:

1) додани активҳо байни зану шавҳар;

2) додани активҳо байни собиқ ҳамсарон ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ; ё

3) беғаразона нобуд кардани актив ё бегона кардани он бо реинвеститсияи маблағҳо (масалан, ҷубронпулии суғуртавии гирифташуда ҳангоми беғаразона нобуд сохтани актив) дар активҳои шабеҳи онҳо ё дар активҳои дорои ҳамон хусусият то ба охир расидани соли дуюми баъди соле, ки актив нобуд ё бегона карда шудааст.

2. Арзиши активи ивазшаванда, ки дар банди 3) қисми 1 ҳамин модда зикр шудааст, бо назардошти (дар сатҳи) арзиши активи ивазкардашуда дар лаҳзаи нобуд ё бегона кардани он ба афзоиши арзиши активи ивазшаванда ба фарқи мусбии байни хароҷоти андозсупоранда барои

реинвеститсия ва бузургии мадохилот мутобиқи банди 3) қисми 1 ҳамин модда муайян карда мешавад.

3. Арзиши активе, ки дар натиҷаи аҳд ба даст омадааст ва ҳангоми он фоида мувофиқи бандҳои 1) ва 2) қисми 1 ҳамин модда барои мақсадҳои андозбандӣ ба ҳисоб гирифта намешавад, аз арзиши актив барои тарафи супорандаи он дар рӯзи аҳд иборат мебошад.

4. Ҳамин модда нисбати активҳое, ки аз рӯи гурӯҳҳо истеҳлок мешаванд, татбиқ намегардад, ба истиснои бандҳои 1) ва 2) қисми 1 ҳамин модда, ки онҳо ҳангоме татбиқ мегарданд, ки ҳамаи активҳои гурӯҳ дар як вақт дода шаванд.

## БОБИ 24. МУҚАРРАРОТИ МАЪМУРӢ

### Моддаи 197. Пешниҳоди эъломия

1. Андозсупорандагони зерин эъломияро оид ба андози даромад ва андози фоида то 1 апрели баъди соли ҳисоботӣ ба мақомоти андоз месупоранд:

1) шахсони ҳуқуқӣ - резидентҳо;

2) шахсони воқеӣ – резидентҳое, ки дар манбаи пардохти воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромади андозбандинашаванда доранд, ба истиснои даромадҳое, ки аз фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар асоси патенти харидашуда тибқи моддаи 137 ҳамин Кодекс ба даст меоранд;

3) шахсони воқеӣ - резидентҳое, ки дар суратҳисобҳояшон дар бонкҳои хориҷии воқеъ берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои пулӣ доранд, инчунин онҳое, ки берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегиранд;

4) шахсоне, ки мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаашон вазифаи пешниҳоди эъломия оид ба андоз аз даромад ва эъломия оид ба вазъи амволӣ гузошта шудааст. Тартиб, мӯҳлати пешниҳод ва шакли эъломияро, ки ин шахсон пешниҳод мекунанд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд;

5) шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ - ғайрирезидентҳое, ки аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромаде, ки бояд андозбандӣ карда шавад мегиранд, аммо дар манбаи пардохт андоз намесупоранд.

2. Ҳангоми қатъ гардидани фаъолияти соҳибкории андозсупоранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вай дар мӯҳлати 30 рӯз ба мақоми андози дахлдор эъломияи андоз пешниҳод мекунад.

3. Ҳангоми барҳам додани шахси ҳуқуқӣ комиссияи барҳамдиҳӣ ё андозсупоранда фавран дар ин бора ба мақоми андоз огоҳномаи хаттӣ мефиристанд. Комиссияи барҳамдиҳӣ вазифадор аст, ки эъломияи андозро ба мақоми дахлдори андоз мутобиқи қисми 7 моддаи 71 ҳамин Кодекс пешниҳод намояд.

4. Шахси воқеие, ки аз вай пешниҳод кардани эъломияи андоз талаб карда намешавад, метавонад дар бораи аз нав ҳисоб кардани андоз ва баргардонидани маблағ эъломияи андоз пешниҳод кунад.

### Моддаи 198. Пардохтҳои ҷории (пешпардохти) андоз

1. Шахсони ҳуқуқие, ки тибқи усули соддакардашуда андозсупоранда ба ҳисоб намераванд, вазифадоранд дар мӯҳлати на дертар аз рӯзи 15-уми ҳар моҳ пардохти ҷориро ба буҷет анҷом диҳанд. Маблағи ҳар кадом пардохти ҷории моҳона дар давраи 12-моҳа, ки ҳар 15-уми апрел оғоз меёбад, бояд як фоизи даромади умумии моҳи ҳисоботиро мутобиқи моддаи 321 ҳамин Кодекс ташкил намояд, ки ба ҳисоби пардохти андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо ҳисоб карда мешавад (ба ҳисоб гирифта мешавад). Ҳамзамон, агар аз дувоздаҳ як қисми андоз аз фоида барои соли гузаштаи андоз, ки ба коэффисиенти 1,1 зиёд карда шудааст, аз як фоизи даромади умумии моҳи ҳисоботии дар боло зикргардида зиёд бошад, ба ҳисоби пардохтҳои ҷорӣ оид ба андоз аз фоида дар ҳамон мӯҳлат бояд фарқияти байни ба коэффисенти 1,1 зиёдкардаи аз дувоздаҳ як қисми маблағи андоз аз фоида барои соли гузаштаи андоз ва маблағи як фоизи даромади умумии моҳи ҳисоботӣ, ки ба буҷет пардохта шудааст ва ҳамчун андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо ба ҳисоб гирифта шудааст, пардохта шавад.

Дигар шахсони ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, ба истиснои шахсони воқеӣ-резидентҳо, ки дар асоси патент ё дигар системаи соддакардашуда мутобиқи қисми 2 моддаи 137 ҳамин Кодекс аз даромад андозбандӣ мешаванд ва шахсони ҳуқуқие, ки супорандаи андоз тибқи усули соддакардашуда мебошанд, вазифадоранд пардохти ҷориро ба буҷет барои семоҳаи гузашта на дертар аз 15 апрел, 15 июл, 15 октябри соли ҷорӣ ва 15 январи соли оянда анҷом диҳанд. Маблағи ҳар кадом пардохти ҷории семоҳа дар давраи 12 моҳе, ки ҳар 15 апрел оғоз меёбад, бояд нисбати шахсони ҳуқуқӣ як фоизи даромади умумии семоҳаи ҳисоботиро мутобиқи моддаи 321 ҳамин Кодекс ташкил диҳад, ки ба ҳисоби пардохти андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо ба ҳисоб гирифта мешавад (ҳисоб карда мешавад). Ҳамзамон агар аз чор як қисми маблағи андоз аз фоида барои соли гузаштаи андоз, ки ба коэффисиенти 1,1 зиёд карда шудааст, аз як фоизи даромади умумии семоҳаи ҳисоботии дар боло зикргардида зиёд бошад, ба ҳисоби пардохтҳои ҷорӣ оид ба андоз аз фоида дар ҳамон мӯҳлат бояд фарқияти байни ба коэффисиенти 1,1 зиёдкардаи аз чор як қисми маблағи андоз аз фоида барои соли гузаштаи андоз ва маблағи 1 фоизи даромади умумии семоҳаи ҳисоботӣ, ки ба буҷет пардохта шуда, ҳамчун андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо ба ҳисоб гирифта шудааст, пардохта шавад. Нисбати шахсони воқеии дар боло зикргардида маблағи пардохти ҷории ҳар як семоҳа барои давраи дувоздаҳмоҳа, ки ҳар 15 апрел оғоз меёбад, бояд аз чор як қисми маблағи андозро барои соли гузаштаи андоз, ки ба коэффисиенти 1,1 зиёд карда шудааст, ташкил диҳад.

2. Маблағи пардохтҳои ҷории андоз метавонад ҳамчун таснифи ҳаҷми даромади умумии (бидуни маблағҳои тарҳшудаи) андозсупоранда дар ин моҳ (семоҳа) ба коэффисиенте, ки он вазни қиёсии маблағи солонаи ин андозро дар даромади умумии (бидуни маблағҳои тарҳшудаи) андозсупоранда дар соли гузашта нишон медиҳад, муайян

карда шавад. Ҳамзамон нисбати андозсупоранда – шахси ҳуқуқӣ коэффисиенте татбиқ мегардад, ки бо назардошти маблағи умумии андози солона, ки андозсупоранда бояд ба ҳисоби андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо ва андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ бо назардошти баҳисобгирии гузаронидашуда мутобиқи моддаи 323 ҳамин Кодекс пардозад, муайян шудааст. Андозсупоранда дар ҷараёни сол метавонад яке аз ду усули имконпазири муайян кардани маблағҳои пардохти ҷорӣ андозро, ки дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда зикр шудааст, истифода барад.

3. Пардохтҳои ҷории андоз ба маблағи андозе, ки аз андозсупоранда дар соли андозбандӣ гирифта мешавад, ҳисоб карда мешаванд. Ҳама гуна пардохтҳои барзиёдатии ҷории андоз аз фоида дар муқоиса бо ӯҳдадориҳо доир ба ин андоз барои соли андозбандишаванда ба ҳисоби ӯҳдадорӣ оид ба андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо барои ҳамин сол ҳисоб карда шуда, барзиёдатии боқимонда (муқобили ӯҳдадорӣ оид ба андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо) мувофиқи моддаи 89 ҳамин Кодекс ба ҳисоби ӯҳдадориҳо оид ба дигар андозҳо гузаронида ё ба андозсупоранда баргардонида мешавад.

4. Барои сари вақт напардохтани маблағҳои ҷории андоз фоизҳо мувофиқи моддаи 93 ҳамин Кодекс ҳисоб карда мешаванд.

**Моддаи 199. Пардохти андоз аз рӯи ҷамъбасти сол**

Андозсупорандагон ҳисобу китоби ниҳоиро анҷом дода, андозро дар мӯҳлати на дертар аз 10 апрели соле, ки баъди соли ҳисоботии андоз фаро мерасад, месупоранд.

## ФАСЛИ VII. АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА

## БОБИ 25. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 200. Мафҳуми андоз аз арзиши иловашуда**

Андоз аз арзиши иловашуда, минбаъд - ААИ, шакли ба буҷет гирифтани қисми арзиши дар ҷараёни истеҳсол ва муомилоти мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон иловашуда, инчунин қисми арзиши тамоми молҳои андозбандишавандаи ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда мебошад. Андоз аз арзиши иловашуда ҳамчун андози ғайримустақим бояд дар тамоми марҳилаҳои истеҳсолот, муомилоти молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ пардохта шавад.

Маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки бояд аз амалиёти андозбандишаванда пардохта шавад, ҳамчун фарқи байни маблағи андоз, ки аз чунин муомилот ҳисобу зам карда шудааст ва маблағи андозе, ки мутобиқи муқаррароти ҳамин фасл бояд тибқи ҳисобнома - фактураҳои андоз оид ба андоз аз арзиши иловашуда ҳисоб карда шавад, муайян мегардад. Маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки бояд аз воридоти андозбандишаванда пардохта шавад, бо роҳи зарби воридоти андозбандишаванда ба меъёри андоз аз арзиши иловашуда

муайян карда мешавад.

## БОБИ 26. АНДОЗСУПОРАНДАГОН

**Моддаи 201. Андозсупорандагон**

1. Супорандаи андоз аз арзиши иловашуда шахсе мебошад, ки ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта шудааст ё ӯҳдадор аст ба чунин сифат ба қайд гирифта шавад.

2. Шахси ба қайд гирифташуда аз лаҳзаи эътибор пайдо кардани бақайдгирӣ оид ба андоз аз арзиши иловашуда андозсупоранда ба ҳисоб меравад. Шахси ба қайд гирифтанашудае, ки ӯҳдадор аст барои бақайдгирӣ ариза диҳад, аз аввали давраи ҳисоботие, ки баъди давраи ба миён омадани ӯҳдадории додани аризаи бақайдгирӣ фаро мерасад, оид ба андоз аз арзиши иловашуда андозсупоранда мебошад.

3. Ба ғайр аз шахсоне, ки тибқи қисми 1 ҳамин модда супорандагони андоз аз арзиши иловашуда мебошанд, ҳамаи шахсоне, ки воридоти андозбандишавандаи молҳоро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд, оид ба чунин воридот супорандагони андоз аз арзиши иловашуда ҳисобида мешаванд.

4. Шахси ғайрирезидент, ки бидуни қайд барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ба иҷрои корҳо ва хизматрасоние, ки бояд мувофиқи моддаи 220 ҳамин Кодекс андозбандӣ шавад, машғул аст, оид ба чунин кору хизматрасониҳо супорандаи андоз аз арзиши иловашуда мебошад.

5. Ду ё зиёда шахсоне, ки фаъолияти соҳибкориро муштарак, бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, дар асоси шартномаи фаъолияти якҷоя мувофиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бе шартномаи хаттӣ анҷом медиҳанд ва дар натиҷаи он ҳаҷми амалиёти андозбандишаванда дар давраи пешинаи давомнокиаш на зиёдтар аз 12 моҳи муттасили (пай дар пайи) пурраи тақвимӣ аз дараҷаи ҳадди ақали муқарраркардаи қисми 1 моддаи 202 ҳамин Кодекс зиёд шавад, бояд барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта шаванд. Ҳамзамон ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда нисбати муомилоте, ки дар рафти фаъолияти муштарак анҷом дода шудааст, дар мақоми андози маҳали фаъолияти муштарак яке аз шахсони дар чунин фаъолият иштироккунанда бояд ба қайд гирифта шавад.

6. Амалӣ гардондани фаъолияти муштараки соҳибкорӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ бояд ба мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда новобаста аз ҳаҷми амалиётҳои андозбандишаванда ба қайд гирифта шавад, агар ҳатто яке аз иштирокчиёни фаъолияти муштарак супорандаи андоз аз арзиши иловашуда бошад. Ҳамзамон ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда нисбати амалиётҳое, ки дар рафти фаъолияти муштарак анҷом дода мешаванд, яке аз шахсоне, ки супорандаи андоз аз арзиши иловашуда мебошад, дар маҳали қайди ибтидоӣ (асосӣ) оид ба андоз аз арзиши иловашуда бояд ба қайд гирифта шавад.

**Моддаи 202. Талабот оид ба додани ариза барои бақайдгирӣ**

1. Шахсе, ки машғули фаъолияти соҳибкорӣ буда, ҳаҷми амалиёти

андозбандишавандааш дар давраи пешинаи давомнокиаш на зиёда аз 12 моҳи пурраи муттасили (паи дар пайи) тақвимӣ аз 20048 ҳазор сомонӣ бештар мебошад, ӯҳдадор аст ба мақоми андози маҳалли баҳисобгирии бақайдгирии худ мувофиқи моддаҳои 45 ва 46 ҳамин Кодекс, агар ҳамин Кодекс ё дигар санадҳои қонунгузории андоз тартиби дигаре муқаррар накарда бошанд, ҷиҳати бақайдгирӣ барои андоз аз арзиши иловашуда на дертар аз 30 рӯзи баъди ба охир расидани ин давра ариза диҳад.

2. Барои мақсадҳои ҳамин модда таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ аз тарафи ғайрирезидент ҳангоми муайян кардани арзиши умумии амалиёти андозбандишаванда ба эътибор гирифта мешаванд, агар онҳо танҳо тавассути муассисаи доимии ин ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шаванд.

3. Ворисi ҳуқуқии андозсупоранда, ки фаъолияти андозсупорандаро давом медиҳад, вазифадор аст ҷиҳати бақайдгирӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда дар давоми 30 рӯзи баъди ба даст овардани ҳуқуқ ариза диҳад.

**Моддаи 203. Бақайдгирии ихтиёрӣ**

Шахсе, ки барои бақайдгирӣ бо мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ӯҳдадор нест, метавонад барои чунин бақайдгирӣ ихтиёран ба мақомоти андоз ариза диҳад. Дар айни ҳол шахси воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро ба ҷо намеоварад, наметавонад ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта шавад.

**Моддаи 204. Бақайдгирӣ**

1.Шахсе, ки ҷиҳати бақайдгирӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ариза медиҳад, ӯҳдадор аст ин амалро мувофиқи тартиб ва шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ анҷом диҳад.

2.Ҳангоми аз тарафи шахси машғули амалиёти андозбандишаванда додани ариза ҷиҳати бақайдгирӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда, мақоми андоз вазифадор аст чунин шахсро дар феҳристи супорандагони андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта, дар давоми 10 рӯзи баъди супоридани ариза дар мавриди оид ба андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта шуданаш шаҳодатнома диҳад ва дар он номи пурра (ному насаб) ва дигар маълумоти дахлдорро дар бораи андозсупоранда, санаи додани шаҳодатнома, санае, ки аз он бақайдгирӣ эътибор пайдо мекунад ва рақами мушаххаси андозсупорандаро зикр намояд.

Варақаи шаҳодатномаи байқайдгирӣ доир ба андоз аз арзиши иловашуда варақаи ҳисоботии қатъӣ мебошад ва ба андозсупоранда ройгон дода мешавад.

Шаҳодатномаи бақайдгирӣ оид ба андоз аз арзиши иловашударо андозсупоранда бо худ нигоҳ медорад ва ҳангоми бекор шудани бақайдгирӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда дар давоми 10 рӯзи баъди бекор шудани бақайдгирӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ба мақоми андози дахлдор бояд баргардонад.

Шакли варақа, тартиби супоридан ва гирифтани шаҳодатномаи бақайдгирӣ оид ба андоз аз арзиши иловашударо мақоми ваколатдори

давлатӣ муқаррар менамояд.

3. Бақайдгирӣ дар яке аз санаҳои зерин, вобаста аз он, ки кадоме аз ин сана пештар фаро мерасад, эътибор пайдо мекунад:

1) ҳангоми бақайдгирии ҳатмӣ - дар рӯзи якуми давраи ҳисоботии баъди моҳе, ки дар он барои додани ариза барои бақайдгирӣ ӯҳдадорӣ пайдо шудааст;

2) дар сурати бақайдгирии ихтиёрӣ - дар рӯзи аввали давраи ҳисоботӣ, ки баъди моҳи додани ариза барои бақайдгирӣ фаро мерасад;

3) дар санае, ки андозсупоранда дар аризаи бақайдгирӣ зикр намудааст;

4) нисбати вориси ҳуқуқӣ - дар лаҳзаи ба даст овардани ҳуқуқ.

4. Мақомоти андоз вазифадоранд тибқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ феҳристи супорандагони андоз аз арзиши иловашударо, ки он дар бораи ҳамаи шахсони барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифташуда маълумоти муфассалро дар бар мегирад, кушоянд ва пеш баранд.

Мақоми ваколатдори давлатӣ барои мақсадҳои бақайдгирӣ ва назорат феҳристи умумидавлатии супорандагони андоз аз арзиши иловашударо пеш мебарад.

5. Агар шахс ӯҳдадор бошад, ки барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта шавад ва ӯ барои бақайдгирӣ ариза надода бошад, мақомоти андоз бо ташаббуси худ ин андозсупорандаро ба қайд гирифта, ба вай ҳуҷҷатҳои дахлдор мефиристанд.

6. Шахсе, ки барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта шудааст, ӯҳдадор аст аз санаи эътибор пайдо кардани бақайдгирӣ оид ба андоз аз арзиши иловашуда дар бораи амалиётҳои андозбандишавандаи худ ҳисобнома-фактураҳо таҳия намояд, дар тамоми ҳисобнома - фактураҳои оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва тамоми эъломияҳо, инчунин мактубҳои расмие, ки ба мақомоти андоз мефиристад, рақами мушаххаси андозсупорандаро нишон диҳад.

7. Мақоми ваколатдори давлатӣ тибқи аризаи андозсупорандаи андози арзиши иловашуда метавонад воҳидҳои махсуси вайро ба сифати супорандаи мустақили андоз аз арзиши иловашуда баррасӣ намояд.

**Моддаи 205. Бекор кардани бақайдгирӣ**

1. Андозсупоранда метавонад дар ҳама ҳолат баъди гузаштани 24 моҳи эътибор пайдо кардани бақайдгирии охирин барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ҷиҳати бекор кардани бақайдгирӣ ба мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда бо ариза муроҷиат намояд, агар ҳаҷми умумии амалиёти андозбандишавандаи андозсупоранда дар 12 моҳи пурраи муттасили (пай дар пайи) тақвимӣ пеш аз додани чунин ариза аз 200~~48~~ ҳазор сомонӣ зиёд набошад. Бекор кардани бақайдгирӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда аз рӯзи якуми давраи андозбандӣ, ки баъди давраи (моҳи) барои бекор кардани бақайдгирӣ ба мақомоти андоз ариза додани шахс фаро мерасад, эътибор пайдо мекунад.

2. Ҳангоми барҳам додани шахси ҳуқуқӣ, ки супорандаи андоз аз арзиши иловашуда мебошад, чунин шахс аз рӯзи хориҷ шуданаш аз феҳристи давлатии андозсупорандагон аз қайд оид ба андоз аз арзиши иловашуда (яъне бекор кардани бақайдгирӣ барои мақсадҳои ААИ нисбати ин шахс эътибор пайдо мекунад) бароварда мешавад.

Дар ҳолати вафот кардани шахси воқеӣ бекоршавии бақайдгирӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда нисбати чунин шахс аз рӯзи вафот кардани ин шахс, ки мақоми дахлдори давлатӣ расман тасдиқ менамояд, эътибор пайдо мекунад.

3. Агар бақайдгирии шахс барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда бекор карда шавад, мақомоти андоз ӯҳдадоранд номи (ному насаби) шахс ва дигар маълумотро дар бораи вай аз феҳристи супорандагони ААИ хориҷ намуда, барои хориҷ кардани ин шахс аз феҳристи умумидавлатии супорандагони андоз аз арзиши иловашуда чораҳо андешанд, инчунин шаҳодатномаи бақайдгирӣ доир ба андоз аз арзиши иловашударо тибқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ аз вай гиранд.

4. Бекор намудани бақайдгирӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда мутобиқи ҳамин Кодекс тибқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ анҷом дода мешавад.

## БОБИ 27. ОБЪЕКТҲОИ АНДОЗБАНДӢ

### Моддаи 206. Объектҳои андозбандӣ

1. Объектҳои андозбандӣ аз арзиши иловашуда амалиёти андохбандишаванда ва воридоти андозбандишаванда мебошанд.

2. Таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ, ба истиснои таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ, ки аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод шудаанд ва дар доираи фаъолияти соҳибкории мустақилонаи шахсон анҷом дода мешаванд, агар онҳо мутобиқи моддаҳои 218 ва 219 ҳамин Кодекс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрошаванда эътироф гарданд, амалиёти андозбандишаванда мебошанд. Амалиёти андозбандишаванда мутобиқи моддаи 219 ҳамин Кодекс хизматрасониҳо ё иҷрои корҳои берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар намегирад.

3. Агар андозсупоранда молҳоро (корҳоро, хизматрасониҳоро) бо пардохти андоз аз арзиши иловашуда харад ва маблағи дахлдорро ба ҳисоб гирад (ё ҳуқуқи ба ҳисоб гирифтан дошта бошад), истифодаи чунин молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) ё натиҷаи истифодаи молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) барои фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ амалиёти андозбандишаванда ҳисобида мешавад.

4. Таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасонии андозсупоранда ба кормандони худ, аз ҷумла ройгон, амалиёти андозбандишаванда мебошад.

5. Таҳвили молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасонӣ, агар онҳо тибқи муқаррароти ҳамин Кодекс аз андоз аз арзиши иловашуда озод

набошанд, аз ҷониби як воҳиди махсус ба воҳиди махсуси дигари як шахси ҳуқуқӣ, ки тибқи қисми 7 моддаи 204 ҳамин Кодекс супорандагони мустақили андоз аз арзиши иловашуда ба шумор мераванд, инчунин чунин таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ ба шахсони тарафи дигар амалиёти андозбандишаванда ба ҳисоб мераванд.

6. Сарфи назар аз дигар муқаррароти ҳамин модда таҳвили молҳо аз тарафи шахсе, ки ин молҳоро дар натиҷаи амалиёти аз арзиши иловашуда андозбандишаванда харидааст, аммо мувофиқи моддаи 226 ҳамин Кодекс ҳангоми харидани ин молҳо барои баҳисобгирии маблағ тибқи андоз аз арзиши иловашуда ҳуқуқ надошт, ҳамчун амалиёти андозбандишаванда ҳисобида намешавад. Агар ҳангоми харидани молҳо баҳисобгирӣ қисман иҷозат нашуда бошад, дар ин сурат андозаи амалиёти андозбандишаванда мутаносибан ба ҳиссаи баҳисобгирии иҷозатнашуда кам карда мешавад.

7. Арзиши бастаҳое (зарфҳое), ки бояд тибқи шарт ва мӯҳлати муқарраркардаи шартномаи (қарордоди) таҳвили молҳо баргардонда шаванд, ба истиснои ҳолатҳои фурӯши чакана, ба маблағи андозбандишаванда дохил карда намешавад. Чаканафурӯшон метавонанд ҳаҷми амалиёти андозбандишавандаро ба маблағе, ки онҳо ба сифати ҳаққи ҷуброни баргардонидани бастаҳо (зарфҳо) ба мизоҷон пардохтаанд, кам кунанд.

8. Агар бақайдгирии андозсупоранда бекор карда шавад, молҳои дар лаҳзаи бекоркунӣ дар ихтиёри он қарордошта ҳамчун молҳои дар доираи амалиёти андозбандишаванда таҳвилшуда баррасӣ мегарданд.

9. Дар ҳолати истеҳсоли молҳо, иҷрои кор ва хизматрасониҳо аз ашё ва маводи фармоишгар, ҳангоме, ки соҳиби ашё, мавод ва маҳсули коркард худи фармоишгар аст, амалиёти андозбандишаванда барои коркардкунанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) хизматрасонӣ (корҳо) доир ба коркарди ашё ва мавод барои молҳо (кору хизматрасониҳо) ба ҳисоб меравад.

10. Молҳои ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда ё воридшуда (ба истиснои молҳое, ки мутобиқи моддаи 211 ҳамин Кодекс аз андоз аз арзиши иловашуда озод шудаанд), ки мутобиқи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар эъломия зикр шаванд, воридоти андозбандишаванда ба ҳисоб мераванд.

**Моддаи 207. Фурӯш ё супоридани корхона**

1. Аз тарафи як супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба дигар супорандаи андоз аз арзиши иловашуда дар доираи як амалиёт фурӯхтан ё супоридани корхона дар маҷмӯъ чун комплекси амволӣ ё воҳиди мустақили амалкунандаи корхона амалиёти андозбандишаванда ҳисоб карда намешавад.

2. Дар мавриди қисми 1 ҳамин модда харидор ё гиранда ҳуқуқ ва ӯҳдадории фурӯшандаи дар ҳамин фасл зикршударо қабул менамояд, ки ба корхонаи фурӯхта ё додашуда ё воҳиди мустақили амалкунандаи корхона вобаста мебошанд.

3. Ҳамин модда танҳо ҳангоме татбиқ мегардад, ки агар тарафҳои фурӯшанда (супоранда) ва гиранда дар мӯҳлати на дертар аз 30 рӯзи тақвимии баъди фурӯш (супоридан) мақомоти андозро дар бораи қарор оид ба татбиқи муқаррароти ҳамин модда ба таври хаттӣ огоҳ намоянд.

## БОБИ 28. МУАЙЯН КАРДАНИ МУОМИЛОТИ АНДОЗБАНДИШАВАНДА ВА ВОРИДОТИ АНДОЗБАНДИШАВАНДА

### Моддаи 208. Арзиши амалиёти андозбандишаванда

1. Арзиши амалиёти андозбандишаванда дар асоси маблағе (арзиш, аз ҷумла дар шакли натуралӣ), ки андозсупоранда аз мизоҷ ё аз ҳар шахси дигар мегирад ё ҳуқуқи гирифтанро дорад, аз ҷумла ҳама гуна боҷҳо, андозҳо ва (ё) дигар пардохтҳо, бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фурӯши чакана, муайян мегардад.

2. Агар андозсупоранда бар ивази амалиёти андозбандишаванда молҳо, корҳо ё хизматрасониҳоро ба даст орад ё ҳуқуқи гирифтани онҳоро дошта бошад, арзиши амалиёти андозбандишаванда нархи бозории ин молҳо, корҳо ва хизматрасониҳоро (аз ҷумла ҳама гуна боҷ, андоз ё дигар пардохтҳоро), бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фурӯши чакана, дар бар мегирад.

3. Дар ҳолате, ки агар андозсупоранда бар ивази амалиёти андозбандишаванда ҳеҷ сарвате нагирад ё ҳуқуқи гирифтанро надошта бошад, арзиши амалиёти андозбандишаванда ба арзиши бозории молҳои таҳвилкардашуда, корҳои иҷрошуда, ё хизматрасонии андозсупоранда дар рафти чунин амалиёти андозбандишаванда (аз ҷумла ҳама гуна боҷ, андоз ва дигар пардохтҳо), бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фурӯши чакана, баробар аст.

4. Дар сурати бо мақсадҳои ғайритиҷоратӣ истеъмол ё истифода бурдани молҳо (корҳо ё хизматрасониҳо) тибқи қисми 3 моддаи 206 ҳамин Кодекс, инчунин ҳангоми таҳвили молҳо (иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо) ба кормандони худ мувофиқи қисми 4 моддаи 206 ҳамин Кодекс, арзиши амалиёти андозбандишаванда ба нархи бозории ин молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо (аз ҷумла ҳама гуна боҷ, андоз ва дигар пардохтҳо), бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фурӯши чакана, баробар аст.

5. Ҳангоми таҳвили мол бо шарти пардохти мӯҳлатнок арзиши амалиёти андозбандишаванда мутобиқи қисми 1 ҳамин модда бо назардошти тамоми маблағҳои пардохтшаванда мувофиқи ҷадвали мӯҳлат, ки дар шартнома, аз ҷумла шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг), ба истиснои пардохтҳои фоизӣ, муқаррар шудааст, муайян карда мешавад.

6. Ҳангоми гарави амвол (мол) арзиши чунин амалиёти андозбандишавандаи гаравдиҳанда бо назардошти маблағи қарзи барои гарави чунин амвол (мол) гирифта шуда, бе илова намудани андоз аз арзиши иловашуда (яъне бе илова намудани андоз аз арзиши иловашуда

ба арзиши амволи (моли) ба гарав гузошта ё ба маблағи қарзгирифта) муайян мегардад.

7. Нисбати корхонаҳои савдои яклухт ва чакана, корхонаҳои захиракунандае, ки супорандаи андоз оид ба ААИ мебошанд, дар сурати аз ҷониби онҳо харида шудани мол аз шахсоне, ки супорандаи ААИ намебошанд ва минбаъд таҳвил намудани чунин молҳо аз ҷониби ин андозсупорандагон арзиши амалиёти андозбандишаванда ба фарқияти мусбии байни арзиши таҳвили чунин молҳо бе назардошти ААИ ва арзиши харидани онҳо аз шахсе, ки супорандаи ААИ намебошад, баробар дониста мешавад.

Ҳангоми фарқияти манфӣ арзиши амалиёти андозбандишаванда барои ҳисобкунии андоз аз арзиши иловашуда баробари сифр қабул карда мешавад.

**Моддаи 209. Тасҳеҳи муомилоти андозбандишаванда**

1. Ҳамин модда нисбати амалиёти андозбандишавандаи андозсупоранда дар ҳолатҳои зерин татбиқ мегардад:

1) бекор кардани амалиёт;

2) тағйир ёфтани хусусияти амалиёт;

3) тағйир ёфтани ҷуброни мувофиқашуда барои амалиёт ҳам аз сабаби пастшавии нарх ва ҳам ҳама гуна сабабҳои дигар; ё

4) пурра ё қисман баргардонидани молҳо ба андозсупоранда (қабул накардани корҳо ё хизматрасониҳои анҷомдодаи андозсупоранда):

5) тарҳи қарзҳои беэътимод (шубҳанок) мувофиқи қисми 20 моддаи 34 ва қисмҳои 1 ва 2 моддаи 150 ҳамин Кодекс.

2. Агар андозсупоранда дар натиҷаи яке аз сабабҳои дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда:

1) оид ба андоз аз арзиши иловашуда ҳисобнома - фактура пешниҳод кунад, ки дар он маблағи андоз аз арзиши иловашуда нодуруст нишон дода шудааст; ё

2) дар эъломияи андоз аз арзиши иловашуда маблағи андоз аз арзиши иловашударо нодуруст зикр карда бошад,

пас мувофиқи қисми 2 моддаи 225 ё қисми 8 моддаи 226 ҳамин Кодекс ба он ислоҳ дароварда мешавад.

3. Тасҳеҳи амалиёти андозбандишаванда дар асоси ҳисобнома-фактураи иловагӣ оид ба андоз аз арзиши иловашуда ё дигар ҳуҷҷатҳо, ки фаро расидани ҳолатҳои дар қисми 1 ҳамин модда зикршударо баъди содир гардидани амалиёти ибтидоии андозбандишаванда тасдиқ менамояд, гузаронда мешавад.

**Моддаи 210. Арзиши воридоти андозбандишаванда**

1. Арзиши воридоти андозбандишаванда арзиши гумрукии молҳо, ки мутобиқи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд, инчунин ҷамъи маблағи боҷҳо ва андозҳое, ки ҳангоми воридоти молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд супорида шаванд, аммо бе назардошти ААИ, мебошад.

2. Ҳангоми хизматрасониҳое, ки мутобиқи қисми 2 моддаи 222 ҳамин Кодекс ҳамчун қисми воридоти молҳо баррасӣ мегарданд, арзиши онҳо

бе ААИ ба арзиши дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида зам карда мешавад.

## БОБИ 29. ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗ

**Моддаи 211. Озод кардан аз андоз**

1. Озод кардан аз андоз аз арзиши иловашуда чунин маънӣ дорад, ки таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои аз андоз аз арзиши иловашуда озод кардашуда амалиёти андозбандишаванда намебошанд ва арзиши онҳо аз ҷониби андозсупоранда ба муомилоти андозбандишаванда дохил карда намешавад, ва воридоти аз андоз аз арзиши иловашуда озодкардашуда ба арзиши воридоти андозбандишаванда дохил намегардад. Ҳамзамон мутаносибан арзиши чунин таҳвили молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо ва чунин воридоти молҳо барои аз ҷониби андозсупоранда тибқи моддаи 224 ҳамин Кодекс ҳисоб кардани андоз аз арзиши иловашуда асос шуда наметавонад.

2. Таҳвили молҳои зерин (ба ғайр аз содироти молҳо), иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд:

1) фурӯш, супоридан ё иҷораи амволи ғайриманқул, ба ғайр аз:

- фурӯш ё супоридани бинои меҳмонхонаҳо ё манзилгоҳ барои истироҳаткунандагон;
- фурӯш ё супоридани биноҳои истиқоматии аз нав сохташуда, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки бино чун манзили истиқоматӣ камаш дар давоми 2 сол истифода шудааст;

2) хизматрасонии молиявӣ (дар қисмати иҷораи молиявӣ (лизинг) мутобиқи моддаи 33 ҳамин Кодекс озод намудан танҳо нисбати фоизҳо пешбинӣ мешавад ва ба маблағи аз ҷониби иҷорагиранда ба манфиати лизингдиҳанда пардохтшуда ба ҳисоби пардохти арзиши предмети иҷораи молиявӣ (лизинг) (қарзи асосӣ) татбиқ намегардад);

3) таҳвили асъори миллӣ ва (ё) хориҷӣ (ба ғайр аз мақсадҳои нумизматӣ), инчунин коғазҳои қиматнок;

4) хизматрасонии динӣ ва маросимӣ аз ҷониби ташкилоти динӣ;

5) хизматрасонии тиббӣ, ба истиснои хизмати косметологӣ;

6) хизматрасонӣ дар соҳаи:

- таълиму тарбияи томактабӣ;
-таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ;
-таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
-таҳсилоти иловагӣ ва махсус.

Намудҳои фаъолияти пешбининамудаи бандҳои 5) ва 6) ҳамин қисм аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд танҳо агар онҳоро шахсони дорои иҷозатномаҳои (литсензияҳои) дахлдори давлатӣ барои иҷрои намудҳои мазкури фаъолият, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, анҷом диҳанд;

7) таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо ба сифати кӯмаки

башардӯстона;

8) таҳвили молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасонӣ, ки мустақиман муассисаҳои пенитенсиарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё корхонаҳои давлатие, ки ба системаи пенитенсиарии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд, истеҳсол намудаанд (иҷро кардаанд, хизмат расонидаанд);

9) таҳвили рӯзномаю маҷаллаҳо, адабиёти бадеӣ, адабиёти бачагона, асарҳои илмию техникӣ, адабиёти таълимӣ, инчунин иҷрои корҳо оид ба нашри онҳо.

Имтиёзҳои пешбининамудаи ҳамин банд нисбати навъҳои эротикӣ ва дорои хусусияти рекламавии махсусгардонидашудаи маҳсулоти дар боло зикргардида татбиқ намегарданд;

10) таҳвили молҳои (либос ва пойафзол, кулоҳ, маҳсулоти ҷуроб) навъҳои кӯдакона тибқи номгӯи муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

11) таҳвили маҳсулоти махсуси истифодаи фардӣ барои маъюбон мувофиқи номгӯе, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад;

12) хизматрасонии санаторию курортӣ

13) таҳвили маҳсулоти ҳунарҳои нафисаи ҳалқӣ ва асбобҳои мусиқӣ тибқи номгӯе, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Номгӯи муассисаҳоеро (ташкилотҳоеро), ки чунин хизматрасониро анҷом медиҳанд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

3. Таҳвили алюминийи аввалия~~, пахтаи коркарднашуда~~ ва нахи пахта, аз ҷумла барои содирот аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад.

Таҳвили пахтаи коркарднашуда, ба истиснои содирот, аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад. Содироти пахтаи коркарднашуда бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ карда мешавад.

Таҳвили тилло, нуқра, платина, палладий (родий, иридий, рутений, осмий) ба Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин таҳвили тилло, нуқра, платина, палладий (родий, иридий, рутений, осмий), алмосҳои табиӣ (коркардашуда ва коркарднашуда), сапфир, зумуррад, рубин, александрит, гавҳар, шпинел ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Хазинаи давлатии сарватҳо ва ба дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, таҳвили маснуоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад.

4. Намудҳои зерини воридот аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд:

1) воридоти асъори миллӣ ва (ё) хориҷӣ (ба ғайр аз мақсадҳои нумизматӣ), инчунин коғазҳои қиматнок;

2) воридоти тилло, нуқра, платина, палладий (родий, иридий, рутений, осмий) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон,инчунин воридоти тилло, нуқра, платина, палладий (родий, иридий, рутений, осмий), алмосҳои табиӣ (коркардшуда ва коркарднашуда), сапфир, зумуррад, рубин, александрит, гавҳар, шпинел аз ҷониби Вазорати молияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Хазинаи давлатии сарватҳо;

3) воридоти молҳо ба сифати кӯмаки башардӯстона, инчунин воридоти молҳое, ки ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ ба мақсади бартараф кардани оқибатҳои офатҳои табиӣ, садама ва фалокатҳо ройгон дода мешаванд ва воридоти молҳое, ки ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ройгон дода мешаванд;

~~4) воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии (комплектии) онҳо (ки маҷмӯи ягонаро ташкил медиҳанд, яъне бе онҳо кори таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ имконнопазир аст) барои ташаккул ё пурра кардани фонди оинномавии корхонаҳо ё азнавтаҷҳизонии техникии истеҳсолоти амалкунанда ба шарте, ки ин амвол мустақиман дар истеҳсоли молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисии корхона истифода гардад ва ба категорияи молҳои тахти аксизӣ қарор нагирад, инчунин амволи шахсие, ки кормандони хориҷии корхонаҳои дорои инвеститсияҳои хориҷӣ мустақиман барои эҳтиёҷоти худ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид менамоянд. Дар сурати барҳам дода шудани чунин корхона, ё аз ҷониби ин корхона дар давоми чор сол аз лаҳзаи воридот ба ҷумҳурӣ истифода нашудан, ё ба шахси дигар фурӯхтани таҷҳизоти истеҳсолии технологӣ ва маҳсулоти такмилие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд, андоз аз арзиши иловашуда, ки мутобиқи ҳамин банд пардохта нашудааст, бояд ба буҷет ситонида шавад. Додани ин имтиёзот ва ба таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ мансуб намудани чунин таҷҳизот тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад;~~

4) воридоти воситаҳои асосӣ, ба истисноии молҳои зераксизӣ, барои ташаккул ё пурра кардани фонди оиномавии корхона мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисии ӯ дар муддати 3 сол аз рӯзи бақайдгирии давлатии (азнавбақайдгирӣ бинобар зиёд шудани фонди оиномавии) корхонае, ки фонди оиномавиаш дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми на зиёда аз 7 миллион сомонӣ ба қайд гирифта шудааст ва дар давоми 5 сол нисбати корхонае, ки фонди оиномавии он дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми зиёда аз 7 миллион сомонӣ ба қайд гирифта шудааст, инчунин амволи шахсие, ки кормандони хориҷии корхонаҳои дорои инвеститсияҳои хориҷӣ мустақиман барои эҳтиёҷоти худ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид менамоянд. Дар ин сурат рӯзи ворид намудани молҳо рӯзи оғози ба расмиёти гумрукӣ даровардани онҳо мутобиқи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобида мешавад.

Дар сурати барҳам дода шудани чунин корхона ё дар давоми 5 сол аз лаҳзаи дохил шудан (воридот) ба ҷумҳурӣ дар ҷараёни истеҳсоли молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) истифода нашудан, ё аз ҷониби ин корхона ба шахси дигар таҳвил дода шудани воситаҳои асосии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардидаи дар боло нишондодашуда маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки мутобиқи ҳамин банд пардохта нашудааст, бояд ба буҷет бе амалисозии баҳисобгирӣ мутобиқи моддаи

226 ҳамин Кодекс ситонида шавад.

Дар ҳама гуна ҳолат, новобаста аз миқдори ҳолатҳои азнавбақайдгирии корхона бинобар зиёд шудани фонди оинномавии он, озодкунии пешбининамудаи ҳамин банд нисбати корхонаҳои навтаъсисёфта (нав) аз рӯзи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ ва нисбати корхонаҳои дар лаҳзаи мавриди амал қарор додани ҳамин банд мавҷудбуда аз лаҳзаи мавриди амал қарор додани ҳамин имтиёз вобаста ба андозаи фонди оинномавии корхона ба мӯҳлати на зиёда аз 3 ё 5 сол пешниҳод карда мешавад.

~~5) воридоти техникаи кишоварзӣ ва қисмҳои эҳтиётии он мутобиқи номгӯи муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин доруворӣи тиббӣ;~~

5) воридоти техникаи кишоварзӣ, доруворӣи тиббӣ, таҷҳизоти тиббӣ, фармасевтӣ ва асбобҳои тиббӣ мувофиқи номгӯи муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

6) воридоти молҳое, ки барои татбиқи лоиҳаҳои мақсадноки маъқулдонистаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби (дар доираи) маблағи грантҳо ва (ё) кредитҳо (қарзҳо), ки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, давлатҳои хориҷӣ, ҳукуматҳои давлатҳои хориҷӣ ё ташкилотҳои байналмилалӣ додаанд, амалӣ мешавад;

7) воридоти молҳо барои сохтмони объектҳои махсусан муҳим. Номгӯи чунин молҳо ва объектҳои махсусан муҳимро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

8) воридоти намудҳои асосии ашёи хом (ба истиснои молҳои зераксизӣ), масолеҳ, захираҳои энергетикӣ ва таҷҳизот тибқи номгӯй ва ҳаҷми муайянкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бевосита заводи алюминийи Тоҷикистон барои истеҳсоли алюминийи аввалия анҷом медиҳад;

9) воридоти маҳсулоти махсуси истифодаи фардӣ барои маъюбон мувофиқи номгӯе, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 212. Андозбандии боркашонии байналмилалӣ ва транзитӣ**

1. Хизматрасонии нақлиётӣ ё дигар хизматрасониҳо ё иҷрои корҳои бевосита марбут ба ҳамлу нақли бор ва мусофиркашонии байналмилалӣ, инчунин таҳвили масолеҳи сӯзишворию равғанҳои молиданӣ ва дигар маводи истеъмолӣ, ки ба дохили киштии ҳавоӣ барои истеъмол дар вақти парвозҳои байналмилалӣ бор карда мешаванд, аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд. Таҳти мафҳуми ҳамлу нақли байналмилалӣ кашондани бор ва мусофирон фаҳмида мешавад, ки нуқтаи сафар ё нуқтаи таъиноти онҳо (яке аз ин нуқтаҳо) берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

2. Барои мақсадҳои ҳамин модда ба корҳо ва хизматрасониҳое, ки бинобар ҳамлу нақли байналмилалӣ анҷом дода мешаванд, инҳо марбутанд:

1) корҳо, хизматрасониҳои нақлиётӣ (боркашонӣ, ҳамлу нақл), борбардорӣ, борфарорӣ, боргирии барзиёд, ирсоли молҳое, ки аз

қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон содир мешаванд, инчунин молҳое, ки тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарзи транзит интиқол дода мешаванд;

2) корҳо, хизматрасониҳои нақлиётӣ вобаста ба интиқоли почта, мусофирон, бағоҷ берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) хизматрасонии техникӣ, тиҷоратӣ, аэронавигатсионӣ, фурудгоҳии рейсҳои байналмилалии ҳавоӣ.

3. Дар ҳолати иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои дар банди 1) қисми 2 ҳамин модда пешбинишуда озод намудан аз ААИ ҳангоми риояи шартҳои зерин татбиқ мегардад:

1) мавҷудияти шартнома (қарордод) оид ба иҷрои корҳо, хизматрасониҳо, ки бевосита бо таҳвилкунандаи молҳои содиротӣ (содиркунандаи молҳо) баста шудааст;

2) ба расмият даровардани боркашонӣ бо ҳуҷҷатҳои ягонаи байналмилалии боркашонӣ;

3) нисбати борҳои транзитӣ – мавҷудияти эъломияи гумрукии молҳое, ки ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, таҳти низоми транзит ба расмият дароварда шудаанд.

4. Дар ҳолати иҷро намудани корҳо ва хизматрасониҳои дар бандҳои 2) ва 3) қисми 2 ҳамин модда пешбинишуда озод намудан аз ААИ ҳангоми риоя намудани шартҳои зерин татбиқ мегардад:

1) мавҷуд будани шартнома (қарордод) оид ба иҷрои корҳо, хизматрасониҳо, ки бевосита бо қабулкунандаи (фармоишгари) корҳо, хизматрасониҳои номбаршуда баста шудааст;

2) барасмиятдарории боркашонӣ бо ҳуҷҷатҳои ягонаи байналмилалӣ.

5. Интиқол ва хизматрасонии борфиристониҳои транзитие, ки дар банди 3) қисми 1 моддаи 213 ҳамин Кодекс зикр шудаанд, аз ААИ озод карда мешаванд.

6. Ҳамин модда нисбати давлатҳое, ки оид ба хизматрасонии нақлиётӣ ё дигар хизматрасониҳо ё иҷрои корҳои мустақиман вобаста ба боркашонӣ ва мусофиркашонии байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми андозбандӣ аз арзиши иловашударо истифода мебаранд, татбиқ намегардад.

**Моддаи 213. Хусусиятҳои андозбандӣ ҳангоми гузарондани молҳо тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ҳангоми воридоти молҳо ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аз низоми гумрукии интихобшуда ва риояи шартҳои он андозбандӣ тибқи тартиби зайл сурат мегирад:

1) ҳангоми таҳти низоми гумрукии барориш барои амалиёти озод қарор додани молҳо андоз дар ҳаҷми пурра пардохта мешавад;

2) ҳангоми таҳти низоми гумрукии реимпорт қарор додани молҳо андозсупоранда маблағҳои андозҳоеро, ки аз пардохти онҳо озод шуда буд ё вобаста ба содироти молҳо мутобиқи ҳамин Кодекс онҳо ба вай баргардонда шудаанд, тибқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мепардозад;

3) ҳангоми таҳти низоми гумрукии транзит, анбори гумрукӣ,

реэкспорт, мағозаи савдои бебоҷ, коркард таҳти назорати гумрукӣ, минтақаи озоди гумрукӣ, анбори озод, нобуд сохтан ва даст кашидан ба фоидаи давлат қарор додани молҳо андоз супорида намешавад;

4) дар мавриди таҳти низоми гумрукии коркард дар қаламрави гумрукӣ қарор додани молҳо андоз ҳангоми ворид намудани чунин молҳо ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта шуда, ҳангоми баровардани маҳсулоти коркардашуда аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи андози пардохтшуда баргардонда мешавад;

5) ҳангоми таҳти низоми гумрукии воридоти муваққатӣ қарор додани молҳо тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон озодкунӣ аз пардохти андоз пурра ё қисман анҷом дода мешавад;

6) ҳангоми ворид намудани маҳсулоти коркарди молҳое, ки таҳти низоми гумрукии коркард берун аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон озодкунӣ аз пардохти андоз пурра ё қисман анҷом дода мешавад.

2. Ҳангоми аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани молҳо андозбандӣ тибқи тартиби зерин амалӣ мегардад:

1) дар сурати таҳти низоми гумрукии баровардан берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор додани молҳо андоз пардохта намешавад ё маблағҳои пардохтшудаи андоз мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин Кодекс аз ҷониби мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонида (ба ҳисоб гирифта) мешавад.

Тартиби дар ҳамин банд нишондодашуда инчунин нисбати баровардани молҳо берун аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи низоми гумрукии содирот нисбати он молҳое, ки дар лаҳзаи содирот таҳти низоми гумрукии анбори гумрукӣ, анбори озод ё минтақаи озоди гумрукӣ қарор доранд, истифода бурда мешавад;

2) ҳангоми баровардани молҳои хориҷии таҳти низоми гумрукии реэкспорт қарордошта маблағи андозҳои ҳангоми воридот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтшуда (бо сабаби гузаштани мӯҳлати ҳатмии мувофиқи қонунгузории гумрукӣ муайянкардашудаи баровардани молҳои хориҷии таҳти низоми реэкспорт қарордошта), тибқи тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозсупоранда баргардонида мешавад;

3) ҳангоми аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи низоми дигари гумрукӣ нисбат ба тартиби дар бандҳои 1) ва 2) ҳамин қисм нишондодашуда баровардани молҳо озод кардан аз пардохти андоз ва ё баргардонидани маблағҳои пардохтшудаи андоз ба амал бароварда намешавад, агар дар қонунгузории гумрук тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

3. Ҳангоми аз ҷониби шахсони воқеӣ тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани молҳои барои фаъолияти

истеҳсолӣ ё дигар фаъолияти соҳибкорӣ пешбининагардида метавонад тартиби соддакардашуда ё имтиёзноки пардохти андоз истифода гардад. Ҳамзамон арзиши молҳои харидашудаи барои истифодаи шахсӣ пешбинишуда набояд аз маблағи муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд бошад. Маблағи зиёдатӣ тибқи тартиби умумии муқарраршуда (беимтиёз) таҳти андозбандӣ қарор мегирад. Нисбат ба чунин амалиёт татбиқ кардани низоми соддакардашуда ё имтиёзноки андозбандӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

4. Андозсупоранда ҳангоми риоя накардани шартҳои интихобкардаи низоми гумрукӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи андоз, инчунин фоизҳои ба ин маблағ ҳисобшударо мепардозад.

## БОБИ 30. АМАЛИЁТҲОЕ, КИ ТИБҚИ МЕЪЁРИ СИФР АНДОЗБАНДӢ МЕШАВАНД

**Моддаи 214. Андозбандии содироти молҳо**

1. Содироти молҳо, ба ғайр аз пахтаи коркарднашуда, нахи пахта ва алюминийи аввалия, металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, маснуоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо мутобиқи қисми 3 моддаи 211 ҳамин Кодекс бо андоз аз арзиши иловашуда тибқи меъёри сифр андозбандӣ карда мешавад.

2. Ҳангоми тасдиқ нашудани содироти молҳо мутобиқи моддаи 215 ҳамин Кодекс дар ҷараёни ~~30~~120 рӯзи тақвимӣ аз санаи сабти мақоми гумрук, ки молҳоро таҳти низоми содирот анҷом медиҳад ва ё ҳангоми баровардани молҳо таҳти низоми содирот бо воситаи хатҳои интиқоли қувваи барқ ё бо истифодаи расмиёти эъломияи нопурраи даврагӣ – аз санаи сабти мақоми гумрук, ки расмиёти гумрукиро анҷом медиҳад, таҳвили ин молҳо бояд аз арзиши иловашуда тибқи меъёри мусбии дар қисми 1 моддаи 224 ҳамин Кодекс зикршуда андозбандӣ гардад.

**Моддаи 215. Тасдиқи содироти молҳо**

1. Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи содироти молҳо инҳо мебошанд:

1) шартномаи (қарордоди) таҳвили молҳои содиршаванда;

2) эъломияи гумрукии бор бо қайди мақоми гумрукӣ, ки молҳоро бо низоми содирот баровардааст ва ҳангоми баровардани молҳо тибқи низоми содирот бо хатҳои интиқоли қувваи барқ ё бо истифодаи расмиёти эъломияи нопурраи давравӣ эъломияи пурраи гумрукии бор бо сабти мақоми гумрукие, ки барасмиятдарории гумрукро анҷом додааст;

3) нусхаи ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунандаи молфиристонӣ бо сабти мақоми гумрук, ки дар нуқтаи гузаргоҳ дар сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардидааст;

4) ҳуҷҷатҳои маблағсупорӣ ва навиштаҷоти бонк (нусхаи навиштаҷот), ки воридоти воқеии даромади арзиро аз таҳвили молҳо ба содирот ба суратҳисобҳои андозсупоранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

(ё) ба суратҳисобҳои ӯ дар бонкҳои дар хориҷа, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода шудаанд, тасдиқ менамояд.

Дар ҳолате, ки агар шартнома (қарордод) ҳисобу китобро бо маблағҳои нақдии пулӣ пешбинӣ карда бошад, андозсупоранда навиштаҷоти бонкро (нусхаи навиштаҷотро), ки ба суратҳисоби дар бонки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) ба суратҳисобҳои дар бонкҳои дар хориҷа мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кушодашудаи ӯ гузаронидани маблағҳои ба дастовардашро тасдиқ мекунад, инчунин нусхаҳои ордери хазинавии даромадро, ки воридоти воқеии даромадро (маблағро) аз шахси хориҷӣ – харидори молҳои содиршуда тасдиқ мекунад, пешниҳод менамояд.

Дар ҳолати анҷом додани амалиёти иқтисодии хориҷӣ доир ба мубодилаи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) (амалиётҳои бартерӣ) андозсупоранда ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи воридоти молҳоро (иҷрои корҳо, хизматрасониҳоро) ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯи амалиётҳои зикргардида гирифта шудаанд ва ба ҳисоб гирифтани онҳоро пешниҳод мекунад.

Дар ҳолати баровардани молҳо таҳти низоми содирот тавассути хатҳои интиқоли қувваи барқ санади қабулу супоридани молҳо низ пешниҳод карда мешавад.

2. Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи содироти молҳо ба давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамсарҳаданд, ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки дар қисми 1 ҳамин модда зикр шудаанд, инчунин нусхаи эъломияи гумрукии бор, ки дар мамлакати воридоти молҳои аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти низоми содирот баровардашуда ба расмият дароварда шудаанд.

Мутобиқи шартномаи байналмилалӣ мақоми ваколатдори давлатӣ метавонад тартиби дигари тасдиқкунандаи содироти молҳо ба давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро муқаррар намояд.

3. Ҳангоми содироти минбаъдаи молҳое, ки қаблан берун аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти низоми коркард берун аз қаламрави гумрукӣ бароварда шудаанд ё маҳсулоти коркарди онҳо, тасдиқи содирот мутобиқи қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда, инчунин дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин анҷом дода мешавад:

1) эъломияи гумрукии бор, ки мутобиқи он низоми коркард ба низоми содирот тағйир дода мешавад;

2) эъломияи гумрукии бор, ки таҳти низоми коркарди молҳо берун аз қаламрави гумрукӣ ба расмият дароварда шудааст;

3) нусхаи эъломияи гумрукии бор, ки ҳангоми воридоти бор ба қаламрави давлати хориҷӣ таҳти низоми коркарди молҳо дар қаламрави гумрукӣ (коркарди молҳо таҳти назорати гумрукӣ) ба расмият дароварда шуда, мақоми гумрукии ин барасмиятдарориро анҷомдода тасдиқ кардааст;

4) нусхаи эъломияи гумрукии бор, ки таҳти низоми содирот ҳангоми баровардани молҳо ё маҳсулоти коркарди онҳо аз қаламрави давлати

коркарди мол ба расмият дароварда шудааст ва онро мақоми ба расмият дароварда тасдиқ кардааст.

4. Ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи содироти молҳо ба мақоми андози маҳали бақайдгирӣ дар ҷараёни 180 рӯзи тақвимӣ аз санаи сабти мақоми гумруке, ки дар банди 2) қисми 1 ҳамин модда зикр шудааст, андозсупоранда ҳуқуқ дорад андозеро, ки мутобиқи қисми 2 моддаи 214 ҳамин Кодекс ҳисоб шудааст, баргашта гирад. Дар акси ҳол андозсупоранда барои баргашта гирифтани андозе, ки мутобиқи қисми 2 моддаи 214 ҳамин Кодекс ҳисоб шудааст, ҳуқуқ надорад.

5. Низомнома оид ба тартиб ва мӯҳлати тасдиқи содироти молҳо бо назардошти талаботи ҳамин модда бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

~~**Моддаи 216. Таҳвили тилло, металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо ба Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазинаи давлатии сарватҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**~~

~~Таҳвили тилло, нуқра, платина, палладий (родий, иридий, рутений, осмий) ба Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин таҳвили тилло, нуқра, платина, палладий (родий, иридий, рутений, осмий), алмосҳои табиӣ (коркардшуда ва коркарднашуда), сапфир, зумуррад, рубин, александрит, гавҳар, шпинел ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Хазинаи давлатии сарватҳо тибқи меъёри сифр андозбандӣ карда мешавад.~~

## БОБИ 31.ВАҚТ ВА МАҲАЛИ АНҶОМ ДОДАНИ АМАЛИЁТИ АНДОЗБАНДИШАВАНДА ВА ҚОИДАҲОИ МАХСУС

**Моддаи 217. Вақти анҷом додани амалиёти андозбандишаванда**

1. Амалиёти андозбандишаванда ҳангоми пешниҳод кардани ҳисобнома - фактура оид ба андоз аз арзиши иловашуда нисбат ба ҳамин амалиёт ба ҳисоб меравад, агар ҳамин модда тартиби дигареро пешбинӣ накунад.

2. Агар дар давоми панҷ рӯзи баъди мӯҳлати дар ҳамин қисм зикршуда оид ба андоз аз арзиши иловашуда ҳисобнома - фактура пешниҳод карда нашавад, қисми 1 ҳамин модда татбиқ намегардад ва амалиёти андозбандишаванда дар ҳолатҳои зерин анҷом дода мешавад:

1) дар лаҳзаи қабул, фурӯхтан ё супоридани молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо; ё

2) дар ҳолати таҳвили молҳое, ки ҳамлу нақли молҳоро дар назар дорад, дар лаҳзаи боркунӣ.

3. Ҳангоме, ки пардохт то фарорасии мӯҳлати дар бандҳои 1) ё 2) қисми 2 ҳамин модда зикршуда анҷом дода мешавад, агар ҳисобнома - фактура оид ба андоз аз арзиши иловашуда дар давоми панҷ рӯзи баъди пардохт пешниҳод нашавад, қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда татбиқ карда намешаванд ва амалиёти андозбандишаванда ҳангоми пардохт анҷом

дода мешавад.

4. Барои мақсадҳои қисми 3 ҳамин модда, ба истисноиҳолатҳои пешбининамудаи қисми 5 ҳамин модда, агар барои амалиёти андозбандишаванда ду ва ё зиёда аз он пардохт сурат гирифта бошад, ҳар як пардохт ҳамчун пардохти барои амалиёти алоҳида ба андозаи маблағи пардохт анҷомдодашуда ҳисоб карда мешавад.

5. Агар хизматрасонӣ дар асоси мунтазам ё доимӣ анҷом дода шавад, пас хизматрасонӣ ҳамчун амали ҳар дафъа дар лаҳзаи пешниҳоди ҳисобнома - фактура оид ба андоз аз арзиши иловашуда (ҳисобнома барои пардохт) вобаста ба ҳама гуна қисми ин амалиёт ё агар пардохт пештар сурат гирад, дар лаҳзаи пардохти ҳама гуна қисми амалиёт анҷомдодашуда ба ҳисоб меравад.

Дар ҳар ҳолат новобаста аз дигар муқаррароти ҳамин модда барои мақсадҳои ҳамин қисм ҳисобнома-фактура оид ба андоз аз арзиши иловашуда (ҳисобнома барои пардохт) ба таври ҳатмӣ барои ҳар моҳ на дертар аз рӯзи 10 моҳе, ки бевосита баъди моҳи ҳисоботӣ фаро мерасад, бояд пешниҳод карда шавад. Агар ҳисобнома-фактура (ҳисобнома барои пардохт) дар мӯҳлати зикршуда пешниҳод нагардад, чунин шуморида мешавад, ки хизматрасонӣ дар рӯзи охирини моҳи ҳисоботӣ сурат гирифтааст.

6. Ҳангоми татбиқи қисми 3 моддаи 206 ҳамин Кодекс лаҳзаи анҷом додани амалиёти андозбандишаванда лаҳзаи оғози истифодабарӣ ё истеъмоли молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо дониста мешавад.

7. Дар ҳолати дар қисми 4 моддаи 206 ҳамин Кодекс зикршуда лаҳзаи анҷом додани амалиёти андозбандишаванда лаҳзаи таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасонӣ ба кормандон мебошад.

8. Лаҳзаи анҷом додани амалиёти андозбандишаванда оид ба таҳвили қувваи барқ, қувваи гармӣ, газ ё об мувофиқи қоидаҳои нисбат ба хизматрасонӣ дар асоси мунтазам ё доимӣ амалкунанда муайян карда мешавад.

9. Нисбати андозсупорандагоне, ки усули кассавии баҳисобгирии муҳосибавиро барои андоз аз фоида истифода мебаранд, амалиёти андозбандишаванда дар лаҳзаи ворид шудани маблағ барои моли таҳвилшуда (таҳвилшаванда), кори иҷрошуда (иҷрошаванда), хизмати расондашуда (расондашаванда) сурат мегирад.

**Моддаи 218. Маҳалли таҳвили мол**

1. Агар шартҳои таҳвили мол ҳамлу нақли молро пешбинӣ намоянд, таҳвили мол дар маҳали саршавии ҳамлу нақли молҳо ба амал бароварда мешавад. Дар дигар ҳолатҳо таҳвили мол дар маҳали супоридани он анҷом дода мешавад.

2. Таҳвили қувваи барқ, гармӣ ва газ дар ҷои гирифтани молҳо ба амал бароварда мешавад. Дар ҳолати аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани чунин молҳо таҳвил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷомдодашуда ба ҳисоб меравад.

**Моддаи 219. Маҳалли иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо**

1. Барои мақсадҳои ҳамин фасл маҳали иҷрои корҳо ё

хизматрасониҳо инҳо мебошанд:

1) маҳалли ҷойгиршавии амволи ғайриманқул, агар корҳо (хизматрасониҳо) бевосита бо ин амвол алоқаманд бошанд;

2) маҳалли иҷрои амалии корҳо (хизматрасониҳо), агар онҳо бо амволи манқул алоқаманд бошанд;

3) маҳали хизматрасониҳои амалӣ, агар онҳо дар соҳаҳои фарҳанг, санъат, маориф, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ё дигар соҳаи фаъолияти шабеҳи ин расонида шаванд;

4) маҳали воқеии анҷом додани ҳамлу нақл, агар корҳо (хизматрасониҳо) бо ин ҳамлу нақл алоқаманд бошанд. Барои мақсадҳои моддаи 212 ҳамин Кодекс чунин амалиёти вобаста ба иҷрои корҳо ё хизматрасониҳои андозсупоранда берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷомдодашуда ба ҳисоб меравад;

5) маҳали ҷойгиршавии муассисаи доимии харидори хизматрасониҳо, ки ин хизматрасониҳо бештар бо он (муассисаи доимӣ) алоқаманд мебошанд.

Муқаррароти ҳамин банд нисбат ба хизматрасониҳои зерин татбиқ карда мешаванд:

- ба моликият додан ё гузашт кардани патентҳо, иҷозатномаҳо, тамғаҳои савдо, ҳуқуқҳои муаллифӣ ва дигар ҳуқуқҳои шабеҳи он;
- гузаронидани машваратҳо, расонидани хизматрасониҳои ҳуқуқӣ, муҳосибавӣ, муҳандисӣ ё рекламавӣ, инчунин хизматрасониҳои коркарди маълумот ва хизматрасониҳои шабеҳи он;
- хизматрасонӣ оид ба пешниҳоди кормандон;
- ба иҷора додани амволи манқул (ба истиснои воситаҳои нақлиёти корхонаҳои нақлиётӣ);
- хизматрасонии агенте, ки шахсро (корхона ё шахси воқеиро) аз номи иштирокчии асосии қарордод барои иҷрои хизматрасониҳои пешбининамудаи ҳамин банд киро мекунад;

6) маҳалли анҷом додани фаъолияти соҳибкории шахси иҷрокунандаи корҳо ё хизматрасонӣ.

2. Ҳангоми истифодаи қисми 1 ҳамин модда маҳалли иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо, ки дар зиёда аз як банди қисми 1 ҳамин модда нишон дода шудааст, маҳалли якуми тартибии яке аз ин бандҳо ба ҳисоб меравад.

**Моддаи 220. Андозбандии бо бозгашт**

1. Агар шахсе, ки резидент намебошад ва барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта нашудааст, барои агенти андози дар қисми 2 ҳамин модда зикршуда дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат расонад ё корҳоро иҷро кунад, барои мақсадҳои ҳамин фасл чунин иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо мувофиқи ҳамин модда андозбандӣ мешавад.

2. Барои мақсадҳои ҳамин модда ҳар шахси дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мақсади андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифташуда ва ҳар ашхоси ҳуқуқӣ - резидент агенти андоз дониста

мешавад.

3. Дар сурати татбиқ намудани қисми 1 ҳамин модда, агенти андоз аз маблағе, ки бояд ба ғайрирезидент пардозад, андоз мегирад. Маблағи андоз бо роҳи татбиқи меъёри мусбати андоз мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 224 ҳамин Кодекс нисбати маблағе, ки бояд баъди нигоҳ доштани андоз ба ғайрирезидент пардохта шавад, муайян мегардад.

4. Агар агенти андоз барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта шуда бошад, андози нигоҳдошташуда бояд ба буҷет дар як вақт бо амалӣ намудани пардохти маблағ ба ғайрирезидент супорида шавад ва ба эъломияи андоз аз арзиши иловашуда барои моҳе, ки дар он амалиёт сурат гирифтааст, чун маблағи пардохтшаванда (чун маблағи ҳисобу замшуда) дохил карда шавад. Ин ба агенти андоз барои ба ҳисоб гирифтани чунин маблағи андоз аз арзиши иловашуда мутобиқи муқаррароти моддаи 226 ҳамин Кодекс ҳуқуқ медиҳад.

5. Агар агенти андоз барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта нашуда бошад, вай ӯҳдадор аст, ки андози нигоҳдошташударо мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар давоми панҷ рӯз аз рӯзи пардохт ба ғайрирезидент ба буҷет супорад.

6. Дар сурати воридоти амволи ба ғайрирезидент тааллуқдошта барои супоридан ба агенти андоз ба иҷора ҳангоми ситонидани андоз аз арзиши иловашуда аз пардохтҳои иҷора мувофиқи ҳамин модда бо розигии молик - ғайрирезидент агенти андоз метавонад баҳисобдарории маблағи андоз аз арзиши иловашударо, ки аз воридот пардохта шудааст, талаб кунад. Дар ин ҳолат агенти андоз ҳамчун андозсупоранда дониста шуда, ҳангоми таҳвили минбаъдаи амвол (ба истиснои содироти он) барои пардохти андоз аз арзиши иловашуда ҷавобгар мебошад.

**Моддаи 221. Вақти воридот**

Воридоти мол дар вақти аз молҳо мувофиқи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани боҷи гумрукӣ ҷойдошта ба ҳисоб меравад. Агар молҳо аз супоридани боҷи гумрукӣ озод карда шуда бошанд, воридоти молҳо дар вақте ҷойдошта ба ҳисоб меравад, ки боҷи гумрукӣ бояд пардохта шуда бошад, агар молҳо аз супоридани боҷ озод карда нашуда бошанд.

**Моддаи 222. Амалиётҳои омехта**

1. Таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо, ки нисбат ба таҳвили асосии молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо хусусияти ёридиҳанда доранд, ҳамчун қисми таҳвили асосии молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо дониста мешаванд.

2.Иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо, ки нисбати воридоти молҳо дорои хусусияти ёридиҳанда ҳастанд, қисми воридоти молҳо мебошанд.

3. Амалиёти андозбандишавандае, ки унсурҳои мустақилро дар бар гирифта, як ё якчандтои онҳо таҳвили алоҳидаи молҳо, хизматрасониҳо ё иҷрои корҳои озодшуда аз андоз аз арзиши иловашударо пешбинӣ менамоянд, ҳамчун амали иборат аз амалиётҳои алоҳида ба ҳисоб мераванд. Амалиёти аз ААИ озоде, ки унсурҳои мустақилро дар бар

гирифта, як ё якчандтои онҳо таҳвили алоҳидаи молҳо, хизматрасониҳо ё иҷрои корҳои бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандишавандаро пешбинӣ мекунанд, ҳамчун амали иборат аз амалиётҳои алоҳида ба ҳисоб мераванд.

**Моддаи 223. Амалиётҳое, ки агент анҷом медиҳад**

1. Таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо аз тарафи шахсе, ки агенти (шахси бовариноки) шахси дигар (ваколатдиҳанда) мебошад ва аз номи вай ва бо супориши ин шахси дигар (ваколатдиҳанда) анҷом дода мешавад, амалиёти иҷронамудаи шахси ваколатдиҳанда ба ҳисоб меравад.

2. Қисми 1 ҳамин модда нисбат ба хизматрасониҳои агент ба шахси ваколатдиҳанда татбиқ карда намешавад.

3. Қисми 1 ҳамин модда нисбат ба таҳвили молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби агенти резидентии шахсе, ки резидент набуда ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта нашудааст, татбиқ намегардад. Дар ин ҳолат барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда таҳвил аз тарафи агент анҷомдодашуда ба ҳисоб меравад.

## БОБИ 32.ТАРТИБИ ҲИСОБКУНӢ ВА ПАРДОХТИ АНДОЗ

**Моддаи 224. Меъёрҳои андоз аз арзиши иловашуда ва тартиби ҳисоби он**

1. Меъёри андоз аз арзиши иловашуда, ба истиснои содирот, 20 фоизи муомилоти андозбандишаванда ва (ё) 20 фоизи воридоти андозбандишавандаро ташкил медиҳад.

Бо меъёри сифр амалиётҳои андозбандишавандаи дар боби 30 ҳамин Кодекс зикршуда андозбандӣ карда мешаванд.

2. Муомилоти андозбандишаванда аз арзиши умумии амалиётҳои андозбандишаванда дар давраи ҳисоботӣ (ҳам бо меъёри мусбат, ҳам бо меъёри сифр андозбандишаванда) иборат мебошад.

3. Маблағи андози аз муомилоти андозбандишаванда ҳисобшуда ҳамчун ҳосили зарби арзиши муомилоти андозбандишаванда ба меъёри дахлдори андоз мутобиқи қисми 1 ҳамин модда муайян карда мешавад.

4. Маблағи андози аз воридоти андозбандишаванда ҳисобшуда чун ҳосили зарби арзиши воридоти андозбандишаванда мувофиқи моддаи 210 ҳамин Кодекс ба меъёри дахлдори андоз тибқи қисми 1 ҳамин модда муайян карда мешавад.

5. Ҳисоби андоз аз арзиши иловашуда маънои иҷро намудани амалҳои пешбининамудаи қисмҳои 3 ва (ё) 4 ҳамин моддаро дорад.

**Моддаи 225. Андоз аз арзиши иловашуда, ки бояд аз муомилоти андозбандишаванда ба буҷет пардохта шавад**

1. Маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки бояд мувофиқи моддаи 217 ҳамин Кодекс аз муомилоти андозбандишаванда дар давраи ҳисоботӣ ба буҷет пардохта шавад, ҳамчун фарқи байни маблағи андоз,

ки мутобиқи моддаи 224 ҳамин Кодекс аз муомилоти андозбандишаванда ҳисоб шудааст бо назардошти (иловаи) маблағи андоз, ки тибқи қисми 4 моддаи 220 ҳамин Кодекс ҳисоб шудааст ва маблағи андоз, ки мутобиқи моддаи 226 ҳамин Кодекс бояд ба ҳисоб гирифта шавад, муайян мегардад.

2. Дар ҳолатҳои дар моддаи 209 ҳамин Кодекс зикршуда, вақте, ки андоз аз арзиши иловашудаи пардохтшаванда нисбат ба маблағи воқеан нишондодаи андозсупоранда дар эъломия оид ба андоз аз арзиши иловашуда зиёд аст, маблағи зиёдатӣ ҳамчун андоз аз арзиши иловашудаи пардохташавандаи давраи ҳисоботӣ, ки дар он ҳолати дар моддаи 209 зикршуда ба миён омадааст, баррасӣ гардида, ба маблағи андози мувофиқи қисми 1 ҳамин модда дар давраи ҳисоботӣ пардохтшаванада илова мегардад.

**Моддаи 226. Андоз аз арзиши иловашуда, ки ҳангоми муайян намудани пардохтҳо ба буҷет ба ҳисоб гирифта мешавад**

1. Агар дар ҳамин модда тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, маблағи андози аз арзиши иловашудаи ба ҳисоб гирифташаванда маблағи андозе мебошад, ки андозсупоранда тибқи ҳисобнома - фактураҳои оид ба андоз аз арзиши иловашуда ба вай пешниҳодшуда, бо назардошти фаро расидани вақти амалиёти андозбандишаванда тибқи амалиёти зерин бояд пардозад (пардохт):

1) воридоти молҳо дар давоми давраи ҳисоботӣ тибқи моддаи 221 ҳамин Кодекс; ва

2) амалиётҳои андозбандишаванда, ки таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳоро пешбинӣ намуда, тибқи моддаи 217 ҳамин Кодекс дар давраи ҳисоботӣ иҷрошуда ҳисобида мешаванд.

Ҳамзамон баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда танҳо дар ҳолате иҷозат дода мешавад, ки агар молҳо, корҳо ва ё хизматрасониҳои дар бандҳои 1) ва 2) ҳамин қисм зикршуда барои мақсадҳои фаъолияти соҳибкории андозсупоранда истифода шаванд ё бояд истифода гарданд, ҳатто агар ин молҳо, корҳо ё хизматрасониҳо ба хароҷоти истеҳсолӣ дохил карда нашаванд. Барои ба ҳисоб гирифтани андоз аз арзиши иловашуда оид ба воридоти молҳо чунин андоз аз арзиши иловашуда бояд воқеан ба буҷет пардохта шавад.

2. Маблағҳои андоз аз арзиши иловашуда, ки тибқи қисми 1 ҳамин модда баҳисобгирифта дониста шудаанд, инҳо мебошанд:

1) маблағи андозе, ки бояд ба таҳвилкунандагон тибқи ҳисобнома-фактурҳо, бо ҷудо кардани андоз аз арзиши иловашуда, пардохта шавад;

2) маблағи андозе, ки дар эъломияи гумрукии бор мутобиқи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шуда, нишон дода шудааст ва тибқи тартиби муқарраршуда ба буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта шудааст ва мутобиқи шартҳои низоми гумрукӣ бояд баргардонида нашавад;

3) маблағи андозе, ки мутобиқи моддаи 220 ҳамин Кодекс бояд ба эъломияи андоз аз арзиши иловашуда дохил карда шавад (андозбандии бо бозгашт);

4) маблағи андози дар чиптаи сафар зикршуда, ки дар нақлиёти роҳи оҳан ё ҳавоӣ дода мешавад;

5) маблағи андозе, ки дар ҳуҷҷатҳои аз ҷониби таҳвилкунандагони хизматҳои коммуналӣ истифодашаванда зикр шудааст ва ҳисобу китоби онҳо тавассути бонкҳо анҷом дода мешавад.

3. Андоз аз арзиши иловашуда, ки бояд ба таҳвилкунандагони молҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда пардохта шавад ва нисбати онҳо мутобиқи шартномаи байналмилалӣ тартиби дигари андозбандии содироту воридоти молҳо татбиқ мегардад, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешавад.

4. Андоз аз арзиши иловашуда дар ҳамон давраи андозбандӣ, ки молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) гирифта шудаанд, тибқи тартиби муқарраркардаи қисми 2 ҳамин модда ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар сурати ҳисобкунии андоз аз арзиши иловашуда мутобиқи моддаи 220 ҳамин Кодекс андози ҳисобшуда дар ҳамон давраи андоз ба ҳисоб гирифта мешавад, ки дар он амалиёт гузаронида шудааст.

Нисбати андозсупорандагони дар қисми 9 моддаи 217 ҳамин Кодекс номбаршуда андоз аз арзиши иловашуда бо назардошти муқаррароти ҳамин модда дар ҳамон давраи андоз, ки дар он андозсупорандагон воқеан пардохтро анҷом додаанд, ба ҳисоб гирифта мешавад, яъне вақти баҳисобгирӣ мувофиқи усули кассавӣ муайян карда мешавад.

5. Нисбати андоз аз арзиши иловашудае, ки андозсупоранда тибқи ҳисобнома - фактураҳои ба вай пешниҳодшудаи андоз аз арзиши иловашуда барои воридоти мол ва амалиёти андозбандишаванда, ки қисман барои фаъолияти соҳибкории андозсупоранда ва қисман барои дигар мақсадҳо пешбинӣ шудааст, бояд пардозад (пардохтааст), ба ҳисоб гирифтани андоз аз арзиши иловашуда дар асоси вазни қиёсии истифодабарии онҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ анҷом дода мешавад (агар муайян намудани вазни қиёсии мақсадҳои истифодабарии молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) ба воситаи воридот ва дар доираи дигар амалиётҳои андозбандишаванда ба даст омада бевосита дар давоми давраи андоз, ки онҳо гирифта шудаанд, имконпазир бошад).

6. Дар ҳолатҳои зерин ба ҳисоб гирифтани андоз аз арзиши иловашудае, ки пардохт шудааст (бояд пардохт шавад), иҷозат дода намешавад:

1) автомобилҳои сабукрав, ба истиснои фурӯш ва ба прокат додани он аз ҷониби шахсе, ки фурӯш ва ба прокат додани автомобилҳо барои вай намуди асосии фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад;

2) хароҷоти фароғат ё намояндагӣ, хароҷот барои мақсадҳои эҳсонкорӣ ва ё иҷтимоӣ;

3) ҳисобнома-фактураҳо оид ба андоз аз арзиши иловашуда, ки дар онҳо маблағи андоз аз арзиши иловашудаи аз амалиётҳои андозбандишавандаи мазкур ситонидашаванда дар ин ҳисобнома-фактураҳо мутобиқи моддаи 231 ҳамин Кодекс ба маблағи алоҳида ҷудо карда (нишон дода) нашудааст.

7. Дар ҳолатҳое, ки агар андозсупоранда амалиёти андозбандишаванда ва амалиёти аз андоз аз арзиши иловашуда озод дошта бошад, барои ба ҳисоб гирифтан оид ба андоз аз арзиши иловашуда маблағи андоз аз арзиши иловашудае, ки мутобиқи моддаи 228 ҳамин Кодекс муайян шудааст, қабул карда мешавад. Агар андозсупоранда танҳо муомилоти озод дошта бошад, ба ҳисоб гирифтан иҷозат дода намешавад. Қисми 5 ҳамин модда қабл аз истифодаи ҳамин қисм бо назардошти муқаррароти моддаи 227 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешавад.

8. Дар ҳолатҳои дар моддаи 209 ҳамин Кодекс зикргардида, вақте ки андоз аз арзиши иловашуда дар ҳисобнома - фактура ё эъломияи андоз аз арзиши иловашуда нисбат ба андоз аз арзиши иловашуда, ки бояд андозсупоранда пардозад, зиёд бошад, ба андозсупоранда ба ҳисоб гирифтани маблағи зиёдатӣ дар давраи ҳисоботӣ, ки дар он ҳолати дар қисми 1 моддаи 209 ҳамин Кодекс зикршуда ҷой дошт, иҷозат дода мешавад (яъне кам кардани ӯҳдадориҳои андозсупоранда оид ба андоз ба ҳаҷми маблағи зиёдатӣ иҷозат дода мешавад).

**Моддаи 227. Тасҳеҳи маблағҳои андоз аз арзиши иловашуда, ки ба ҳисоб гирифта мешаванд**

1. Андоз аз арзиши иловашудае, ки қаблан ба ҳисоб гирифта шуда буд, бояд дар ҳолатҳои зерин аз маблағҳои ба ҳисоб гирифташавандаи минбаъдаи андоз аз арзиши иловашуда бароварда шавад:

1) доир ба молҳое (корҳо, хизматрасониҳое), ки ~~барои мақсадҳои ғайрисоҳибкорӣ~~ на ба мақсадҳои муомилоти андозбандишаванда истифода шудаанд;

2) доир ба молҳо, аз ҷумла воситаҳои асосӣ, ҳангоми вайрон ва гум шудани онҳо (ба истиснои ҳолатҳое, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои фавқулодда рух додаанд). Вайрон, гум шудани молҳо дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулодда бо хулосаи мақоми дахлдори давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулодда, ки бояд дар мӯҳлати на дертар аз 30 рӯзи тақвимии баъди санаи рух додани ҳолатҳои фавқулодда таҳия ва ба мақоми дахлдори андоз на дертар аз мӯҳлати зикргардида пешниҳод гардад, тасдиқ карда шавад;

3) ҳангоми риоя накардани муқаррароти пешбининамудаи моддаи 231 ҳамин Кодекс.

2. Барои мақсадҳои ҳамин Кодекс вайрон шудани мол (амвол) маънои бад шудани ҳамаи сифатҳои (хусусиятҳои) мол ё сифатҳои (хусусиятҳои) алоҳидаи молро (амволро) дорад, ки дар натиҷаи он мол (амвол) барои мақсадҳои муомилоти андозбандишаванда истифода бурда намешавад.

Таҳти мафҳуми гум шудани мол (амвол) ҳолате фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи содир шудани он нобудшавӣ ва (ё) гумшавии мол (амвол) рух додааст. Дар ҳудуди меъёрҳои камшавии табиӣ, ки асноди меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, нест шудани моли (амволи) андозсупоранда маънои гум шуданро надорад.

3. Ҳангоми тағйирёбии арзиши молҳои (корҳо, хизматрасониҳои) қабулшуда дар ҳолатҳои дар қисми 1 моддаи 209 ҳамин Кодекс

зикргардида, бо тарзи дахлдор тасҳеҳи маблағи андоз аз арзиши иловашудаи қаблан ба ҳисоб гирифташуда анҷом дода мешавад.

4. Тасҳеҳи маблағҳои андоз аз арзиши иловашудаи ба ҳисоб гирифташуда дар ҳамон давраи андозбандие гузаронида мешавад, ки дар он ҳолатҳои дар қисмҳои 1 ва 3 ҳамин модда зикргардида рух додаанд.

**Моддаи 228. Тартиби ба ҳисоб гирифтани андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми мавҷудияти муомилоти аз андози арзиши иловашуда озодшуда (муомилоти озодкардашуда)**

1. Доир ба молҳое (корҳо, хизматрасониҳое), ки барои мақсадҳои муомилотҳои озодкардашуда истифода мешаванд, андоз аз арзиши иловашудае, ки бояд ба таҳвилкунандагон ва оид ба воридот пардохта шавад, ба ҳисоб гирифта намешавад.

2. Ҳангоми мавҷудияти муомилоти андозбандишаванда ва озодкардашуда бо интихоби андозсупоранда маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки бояд ба ҳисоб гирифта шавад, бо тарзи мутаносибӣ ё алоҳида муайян карда мешавад.

Тарзи интихобшудаи ба ҳисоб гирифтани маблағи андоз аз арзиши иловашуда дар давоми соли андоз тағйир дода намешавад.

Оид ба тарзи интихобшудаи ба ҳисоб гирифтан андозсупоранда ба таври хаттӣ ба мақоми дахлдори андози ҷои бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда то пешниҳоди эъломияи якум оид ба андоз аз арзиши иловашуда хабар медиҳад. Оид ба нақшаи тағйир додани тарзи баҳисобгирӣ андозсупоранда ба таври хаттӣ мақоми дахлдори андозро дар давоми 15 рӯзи тақвимии то оғози соли нави андоз огоҳ менамояд.

**Моддаи 229. Усули мутаносибӣ**

Бо усули мутаносибӣ маблағи андоз аз арзиши иловашудае, ки бояд ба ҳисоб гирифта шавад, дар асоси вазни қиёсии муомилоти андозбандишаванда дар маблағи умумии муомилот муайян карда мешавад.

**Моддаи 230. Усули алоҳидагӣ**

1. Ҳангоми муайян намудани маблағи андоз аз арзиши иловашудае, ки бояд бо тарзи алоҳида ба ҳисоб гирифта шавад, супорандаи андоз аз арзиши иловашуда баҳисобгирии алоҳидаи хароҷот ва маблағи андоз аз арзиши иловашударо оид ба молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) гирифташуда пеш мебарад, ки онҳо барои мақсадҳои муомилоти андозбандишаванда ва озодкардашуда истифода мешаванд.

2. Нисбати хароҷоте, ки тибқи он андоз аз арзиши иловашударо дар асоси баҳисобгирии алоҳида тақсим кардан имконнопазир аст, маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки ба ҳисоб гирифта мешавад, дар асоси усули мутаносибӣ тибқи моддаи 229 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

**Моддаи 231. Ҳисобнома-фактураҳо оид ба андоз аз арзиши иловашуда**

1. Агар қисми 5 ҳамин модда тартиби дигареро пешбинӣ накунад, шахси ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифташуда, ки амалиёти андозбандишавандаро иҷро менамояд, аз рӯзи амалӣ гардидани бақайдгирӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ӯҳдадор аст ба қабулкунандаи молҳо, корҳо ё хизматрасониҳо ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашударо пешниҳод намояд. Шахсе, ки барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда дар қайд нест, ҳуқуқ надорад, ки ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашударо пешниҳод намояд.

2. Ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ҳуҷҷатест, ки мутобиқи моддаи 226 ҳамин Кодекс барои ба ҳисоб гирифтани андоз аз арзиши иловашуда асос мебошад ва дар шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ таҳия гардида, дорои маълумоти зерин мебошад:

1) номи (ному насаби) андозсупоранда ва харидор (фармоишгар), инчунин номи тиҷоратии андозсупоранда, агар он аз номи ҳуқуқӣ фарқ кунад;

2) рақами мушаххаси андозсупоранда ва харидор (фармоишгар);

3) рақам ва санаи додани шаҳодатнома дар хусуси бақайдгирӣ барои андоз аз арзиши иловашуда;

4) номи молҳои интиқолшуда, корҳои иҷрошуда ё хизматрасониҳо;

5) маблағи амалиёти андозбандишаванда;

6) маблағи андози аксиз аз молҳои зераксизӣ;

7) маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки аз ин амалиёти андозбандишаванда гирифта мешавад;

8) санаи додани ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда;

9) рақами тартибии ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда.

Ҳисобнома-фактура дар се нусха тартиб дода (навишта) мешавад. Нусхаи якуми ҳисобнома-фактура ба қабулкунандаи (харидор, фармоишгари) молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) пешниҳод шуда, нусхаи дуюм дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии андозсупоранда (шахсе, ки ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашударо навиштааст), нигоҳ дошта мешавад ва нусхаи сеюм якҷоя бо эъломия оид ба ААИ ба мақоми андози дахлдор ирсол мегардад. Ҳисобнома-фактураи таҳиягардидаи (навишташудаи) андоз аз арзиши иловашуда дар дафтари бақайдгирии ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашудаи навишташуда ва қабулнамудаи андозсупоранда қайд карда мешавад. Шакли ин дафтар ва тартиби пеш бурдани онро мақоми ваколатдори давлатӣ муайян мекунад.

Ҳисобнома–фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо ҳуҷҷатҳои ҳисоботи қатъӣ шуморида шуда, силсила ва рақами дахлдор дошта, дар матбааҳои махсус тибқи фармоиши мақоми ваколатдори давлатӣ интишор карда мешаванд ва бо нархе, ки хароҷоти интишор кардан, нигоҳдорӣ ва тақсимоти онҳоро мепӯшонад, аз рӯи дархости супорандагони ААИ ва аксизҳо ба онҳо аз ҷониби мақомоти андози дахлдор фурӯхта мешаванд.

Супорандагони андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо арзиши ҳисобнома–фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои харидаашонро ҳамчун маблағи андоз аз арзиши иловашуда тибқи муқаррароти моддаи 226 ҳамин Кодекс ба ҳисоб мегиранд.

3. Андозсупоранда ӯҳдадор аст ҳангоми таҳвил ё дар мӯҳлати на дертар аз 5 рӯзи баъди таҳвил ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашударо ба харидори мол (фармоишгари корҳо, хизматрасониҳо) пешниҳод намояд.

Ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда бо имзои роҳбар ва сармуҳосиби таҳвилгар ё дигар шахсони мансабдори барои ин кор ваколатдори таҳвилдиҳанда тасдиқ карда мешавад.

4. Агар ҳамин қисм тартиби дигареро муқаррар накарда бошад, ҳаҷми амалиёти андозбандишаванда дар ҳисобнома-фактура оид ба ҳар як номгӯи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) алоҳида нишон дода мешавад.

Агар ба чунин ҳисобнома-фактура номгӯи молҳои (корҳо, хизматрасониҳои) таҳвилшаванда замима шавад, ҳаҷми умумии амалиёти андозбандишаванда дар он зикр мегардад. Ҳамзамон дар ҳисобнома-фактура бояд рақам ва санаи ҳуҷҷати замимашаванда, инчунин номи он нишон дода шавад.

5. Ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда танҳо ҳангоми иҷрои амалиётҳои андозбандишаванда пешниҳод карда мешаванд. Агар таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва (ё) хизматрасониҳо мувофиқи муқаррароти ҳамин фасл аз андоз аз арзиши иловашуда озод бошанд, ҳисобнома-фактураҳо пещниҳод карда намешаванд.

6. Ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ба амалиёти содиротӣ бояд дорои чунин нишондодҳо бошад:

1) сабт дар бораи он, ки ҳисобнома-фактура ба амалиёти содиротӣ тааллуқ дорад;

2) мамлакат ва нуқтаи таъиноти содирот;

3) меъёри татбиқшудаи андоз аз арзиши иловашуда ба амалиёти содиротӣ.

7. Дар ҳолатҳои зерин тартиб додани ҳисобнома-фактураҳо талаб карда намешавад:

1) ҳисоббаробаркунӣ барои хизматрасониҳои коммуналӣ, хизматрасониҳои алоқа ба аҳолӣ тавассути бонкҳо, бо истифодаи ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, ки барои муҳосиботи бухгалтерӣ асос мебошанд;

2) бо чиптаи роҳкиро ба расмият даровардани ҳамлу нақли мусофирон;

3) ҳангоми пешниҳоди молҳое (корҳо, хизматрасониҳое), ки аз андоз аз арзиши иловашуда озод мебошанд.

8. Ҳангоми таҳвили чаканаи молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо ба харидороне, ки супорандагони андоз аз арзиши иловашуда нестанд, бар ивази ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда мумкин аст квитансия ё ҳисобнома-фактураи дар шакли соддаи муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ ё чеки мошинаи назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ дода шавад.

9. Дастуруламал оид ба тартиби ~~тахия ва пешниҳод намудани~~ интишор намудан, байни мақомоти андоз тақсим кардан ва ба супорандагони ААИ ва аксизҳо фурӯхтан, таҳия (навиштан), пешниҳод, баҳисобгирӣ, ҳисоботдиҳӣ, нигоҳдорӣ, нест кардан ва дигар ҷиҳатҳои истифодабарӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ, муқаррар намудани нархи фурӯши ҳисобномаҳо-фактураҳо (оид ба ААИ ва аксизҳо) аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ қабул карда мешавад.

**Моддаи 232. Тартиб додани ҳисобнома-фактураҳои иловагӣ ҳангоми тасҳеҳи муомилоти андозбандишаванда**

1. Ҳангоми тасҳеҳи ҳаҷми муомилоти андозбандишаванда ҳисобнома-фактураи иловагӣ тартиб дода шуда, дар он нишондиҳандаҳои зерин сабт мешаванд:

1) рақами тартибӣ ва санаи таҳияи ҳисобнома-фактураи иловагӣ;

2) рақами тартибӣ ва санаи таҳияи ҳисобнома-фактурае, ки нисбати он ҳисобнома-фактураи иловагӣ тартиб дода мешавад (тааллуқ дорад);

3) ном, суроға ва рақами мушаххаси андозсупоранда - таҳвилкунанда ва қабулкунандаи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо);

4) тасҳеҳи ҳаҷми муомилоти андозбандишаванда бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда;

5) маблағи андоз аз арзиши иловашуда.

2. Ҳисобнома-фактураи иловагӣ аз ҷониби таҳвилкунандаи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) таҳия шуда аз ҷониби қабулкунандаи чунин молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) тасдиқ мешавад.

**Моддаи 233. Қоидаҳои махсус**

Муайян кардани маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки бояд ҳангоми гузаронидани бозиҳои шавқовар, лотереяҳо, хизматрасонии агентҳои сайёҳӣ, фурӯши комиссионӣ, фурӯши молҳои нигоҳдошташуда (қисман истифодашуда) ва дигар намудҳои фаъолият сурат гирад ва вобаста ба иҷрои онҳо мустақиман (бевосита) муайян кардани манбаи андоз ва дигар омилҳои андозбандӣ дар асоси қоидаҳои умумӣ душвор аст, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

## БОБИ 33. МУҚАРРАРОТИ МАЪМУРӢ ВА ХОТИМАВӢ

**Моддаи 234. Пешниҳоди эъломияҳо ва пардохти андоз аз арзиши иловашуда**

1. Ҳар як андозсупоранда вазифадор аст:

1) ба мақоми дахлдори андоз дар бораи андоз аз арзиши иловашуда барои ҳар як давраи ҳисоботӣ эъломия пешниҳод намояд;

2) барои ҳар як давраи ҳисоботӣ дар мӯҳлати на дертар аз мӯҳлати барои пешниҳод намудани эъломияи андоз аз арзиши иловашуда муқаррargardida ба буҷет андозро пардохт намояд.

2. Агар ҳамин фасл тартиби дигаре муқаррар накарда бошад, эъломияи андоз аз арзиши иловашуда барои ҳар як давраи ҳисоботӣ на

дертар аз рӯзи 15-уми моҳи баъд аз давраи ҳисоботӣ пешниҳод карда мешавад.

Ҳамзамон бо эъломияи андоз аз арзиши иловашуда нусхаҳои сеюми ҳисобнома-фактураҳои оид ба ААИ навиштаи ин андозсупоранда барои давраи ҳисоботӣ ва нусхаҳои ҳисобнома-фактураҳои оид ба андоз аз арзиши иловашудаи гирифтаи ҳамин андозсупоранда оид ба молҳои (корҳо, хизматрасониҳои) харидашуда дар давраи ҳисоботӣ пешниҳод карда мешавад.

3. Ҳангоме ки бақайдгирӣ ретроактивӣ, яъне бо санаи гузашта доир мегардад, мутобиқи банди 3) қисми 3 моддаи 204 ҳамин Кодекс, андозсупоранда ӯҳдадор аст андоз аз арзиши иловашударо аз амалиёти андозбандишаванда, ки дар давраи аз лаҳзаи мавриди амал қарор ёфтани бақайдгирӣ иҷро шудааст, супорад ва ҳуқуқ дорад маблағи андозро тибқи тартиби барои андозсупорандагон муқарраршуда ба ҳисоб гирад. Ба ғайр аз ин, амалиётҳои дахлдор бояд дар эъломияи якуме, ки аз ҷониби андозсупоранда пешниҳод карда мешавад, дарҷ карда шаванд ва чунин амалиётҳо дар давоми як моҳе, ки барои он эъломия супорида мешавад, содиршуда ба ҳисоб мераванд. Дар ин ҳолат андозсупоранда ҳуқуқ дорад нисбати амалиётҳои дар эъломия дарҷшуда ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда пешниҳод намояд.

4. Қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда нисбати шахсе, ки танҳо ҳангоми воридоти молҳо мутобиқи қисми 3 моддаи 201 ҳамин Кодекс андозсупоранда мебошад, татбиқ намегардад.

5. Агар ҳамин Кодекс тартиби дигаре муқаррар накарда бошад, андоз аз арзиши иловашударо оид ба воридоти андозбандишаванда мақомоти гумрук мутобиқи ҳамин Кодекс ва қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби барои пардохти гумрукӣ муқарраршуда ҳисоб мекунанд ва меситонанд.

**Моддаи 235. Давраи ҳисоботӣ (андоз) оид ба андоз аз арзиши иловашуда**

Давраи ҳисоботӣ (андоз) оид ба андоз аз арзиши иловашуда моҳи тақвимӣ мебошад.

**Моддаи 236. Амалиётҳо бо буҷет дар ҳолати зиёд будани маблағи андози ба ҳисоб гирифташаванда нисбати маблағи андозе, ки барои давраи ҳисоботӣ ҳисоб карда шудааст**

1. Нисбати андозсупорандае, ки на камтар аз 70 фоизи муомилоти андозбандишавандааш дар давраи ҳисоботӣ бояд тибқи меъёри сифр андозбандӣ шавад, барзиёдии маблағи андози ба ҳисоб гирифташаванда нисбат ба маблағи ҳисобкардашуда дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби мақоми молия якҷоя бо мақоми андоз дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи аз ҷониби мақоми андоз гирифтани аризаи андозсупоранда дар бораи баргардонидани маблағи зиёдатӣ, ки супорандаи андоз аз арзиши иловашуда дар шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ пешниҳод кардааст, аз буҷети дахлдор баргардонда мешавад.

Маблағи зиёдатии андози ба ҳисоб гирифташуда нисбати маблағи ҳисобкардашудаи андоз дар давраи ҳисоботӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин баргардонида мешавад:

1) эъломияи андоз аз арзиши иловашуда барои давраи андоз, ки тибқи тартиби муқарраршуда пешниҳод шудааст;

2) ҳуҷҷатҳое, ки мувофиқи моддаи 215 ҳамин Кодекс барои тасдиқ намудани содироти молҳо лозиманд;

3) хулосаи мақоми андоз дар хусуси тасдиқи ҳаққонӣ будани маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки барои баргардонидан пешниҳод шудааст.

2. Андоз аз арзиши иловашуда бо роҳи пай дар пай иҷро намудани амалҳои зерин баргардонида мешавад:

1) ба ҳисоб гирифтани андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоби пардохти андози мавҷудбудаи ин супорандаи андоз аз арзиши иловашуда доир ба қарзи дигар андозҳо, аз ҷумла қарзи андоз аз арзиши иловашуда барои давраҳои пешинаи андоз;

2) ҳисобкунӣ ба андоз аз арзиши иловашуда, ки ҳангоми воридоти молҳо бояд супорида шавад;

3) ба суратҳисоби бонкии супорандаи андоз аз арзиши иловашуда гузарондани пулҳое, ки баъди иҷрои амалҳои пешбиникардаи бандҳои 1) ва 2) ҳамин қисм боқӣ мондаанд.

3. Нисбати дигар андозсупорандагоне, ки дар қисми 1 ҳамин модда фаро гирифта нашудаанд, зиёдатии маблағи андози ба ҳисоб гирифташуда нисбати маблағи андози барои давраи ҳисоботӣ ҳисобшуда ба 6 давраи минбаъдаи ҳисоботӣ гузаронида мешавад ва ба ҳисоби ӯҳдадориҳои оид ба андоз барои ин давраҳо, инчунин ба ҳисоби пардохти қарздории супорандаи андоз аз арзиши иловашуда доир ба дигар андозҳо, аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда барои давраҳои пешинаи андоз гузаронида мешавад. Ҳама гуна бақияи зиёдатӣ дар давоми 30 рӯзи баъди гузаштани ин давраи 6-моҳа аз буҷет баргардонида мешавад.

4. Дар ҳама ҳолатҳо, агар аз ҷониби мақоми андоз ошкор шавад, ки маблағҳои муайян ба андозсупоранда иштибоҳан баргардонда шудаанд, мақоми андоз метавонад талаб намояд, ки чунин маблағҳо мувофиқи тартиби барои ҷамъоварии андозҳо муқарраршуда баргардонида шаванд.

5. Тартиби баргардонидани изофаи маблағи андози ба ҳисоб гирифташаванда нисбати маблағи ҳисобшудаи андоз дар давраи ҳисоботӣ бо назардошти муқаррароти ҳамин модда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**~~Моддаи 237. Баргардонидани андози пардохтгардида аз арзиши иловашуда оид ба молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), ки аз ҳисоби маблағҳои грантҳо, кредитҳо (қарзҳо) харида шудаанд~~**

~~1. Андоз аз арзиши иловашуда, ки ба таҳвилкунандагони молҳои (корҳо, хизматрасониҳои) аз ҳисоби маблағҳои грант, кредит (қарз)~~

харидашуда пардохт шудааст, аз буҷети дахлдор аз ҷониби мақоми молия якҷоя бо мақоми андоз дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи аз ҷониби мақоми андоз гирифтани аризаи грантгиранда (кредитгиранда) оид ба баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда баргардонда мешавад, агар дар як вақт шартҳои зерин риоя шаванд:

1) грантҳо, кредитҳое (қарзҳое), ки аз ҳисоби (дар доираи) маблағҳои онҳо молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) харида мешаванд, аз ҷониби давлатҳои хориҷӣ, ҳукуматҳои давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ дода шуда бошанд;

2) молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) танҳо барои татбиқи мақсадҳое, ки грант, кредит (қарз) дода шудаанд, харида шаванд;

3) таҳвили молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо мутобиқи шартномаи (карордоди) басташуда бо грантгиранда, кредитгиранда (қарзгиранда) ё ин ки бо иҷрокунандае, ки грантгиранда, кредитгиранда барои иҷрои мақсадҳои грант, кредит (қарз) таъин намудааст, амалӣ карда шавад.

2. Андоз аз арзиши иловашуда мувофиқи ҳамин модда тибқи тартиби муқаррарнамудаи қисми 2 моддаи 236 ҳамин Кодекс, дар асоси ҳуҷҷатҳое, ки супоридани андоз аз арзиши иловашударо аз маблағҳои грант, кредит (қарз) тасдиқ менамояд, ба грантгиранда, кредитгиранда (қарзгиранда) баргардонида мешавад.

Номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки супоридани андоз аз арзиши иловашударо аз маблағҳои грант, кредит (қарз) тасдиқ менамоянд, мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар мекунад.

3. Тартиби баргардонидани маблағи пардохтшудаи андоз аз арзиши иловашуда оид ба молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), ки аз ҳисоби (дар доираи) маблағҳои грант, кредит (қарз) харида шудаанд, бо назардошти муқаррароти ҳамин модда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 237. Аз андоз аз арзиши иловашуда озод кардани таҳвили молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо), ки аз ҳисоби маблағҳои грант, кредит (қарз) пардохта шуданд**

1. Аз андоз аз арзиши иловашуда озод кардани таҳвили молҳое (иҷрои корҳое, хизматрасониҳое),ки аз ҳисоби маблағҳои грант, кредит (қарз) пардохта шудааст, дар асоси аризаи (мактуби) грантгиранда (кредитгиранда) ё шахси бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколатдоркардаи он ба суроғаи (ба номи) молрасон, иҷрокунандаи корҳо ё хизматрасонӣ сурат мегирад, дар ҳолате, ки агар дар як вақт шартҳои зерин риоя гарданд:

1) грант, кредит (қарз), ки аз ҳисоби маблағи он молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) расонидашуда пардохта мешаванд, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби давлатҳои хориҷӣ, ҳукуматҳои давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ дода шуда бошад;

2) молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) танҳо бо мақсадҳое, ки барои татбиқи онҳо грант, кредит (қарз) дода шудааст, харида мешаванд;

3) таҳвили молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо мутобиқи шартнома (қарордод), ки бевосита ба грантгиранда, кредитгиранда ё бевосита бо иҷрокунандаи (шахси) барои иҷро намудани мақсадҳои грант, кредит (қарз) таъминнамудаи грантгиранда, кредитгиранда баста шудаанд, амалӣ мегардад.

2. Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда озод намудани таҳвили молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо), ки аз ҳисоби маблағҳои грант, кредит (қарз) пардохта шудааст, бо дарназардошти муқаррароти ҳамин модда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

~~3. Тибқи ҳар гранте, кредите (қарзе), ки талаботи қисми 1 ҳамин моддаро қонеъ мегардонад, барои мушаххас амалӣ гардидани талаботи тартиби мутобиқи қисми 2 ҳамин модда муқarrаргардида қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад. Дар акси ҳол озодкунӣ аз андози арзиши иловашуда, ки ҳамин модда муқаррар намудааст, сурат намегирад.~~

**Моддаи 238. Баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда ба намояндагиҳои дипломатӣ, консулгарӣ, намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашуда, инчунин ҳайати кормандони онҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия шудаанд**

1. Баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда ба намояндагиҳои дипломатӣ, консулгарӣ, намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашуда, инчунин ҳайати кормандони онҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия шудаанд, ба шарте амалӣ мегардад, ки агар чунин баргардониданро дар асоси дутарафа (мутақобили) шартномаҳои байналмилалӣ пешбинӣ карда бошанд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии онҳо бошад.

Андоз аз арзиши иловашуда, ки намояндагиҳои дипломатӣ, консулгарӣ, намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашуда ба таҳвилкунандагони молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) пардохтаанд ва онҳо барои истифодаи расмии намояндагиҳои дипломатӣ, консулгарӣ, намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашуда, инчунин истифодаи шахсии ҳайати кормандони дипломатӣ, маъмурию техникӣ ва хизматрасонии ин намояндагиҳо, аз ҷумла аъзои оилаи бо онҳо истиқоматдошта пешбинӣ шудааст, баргардонида мешавад.

2. Баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда ба намояндагиҳои дипломатӣ, консулгарӣ ва намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашуда, инчунин ҳайати кормандони онҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия шудаанд, дар асоси ведомостҳои ҷамъбастие (рӯйхатҳое), ки аз ҷониби ин намояндагиҳои дипломатӣ, консулгарӣ ва намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашуда тартиб дода мешаванд ва нусхаи ҳуҷҷатҳои (ҳисобнома-фактураҳо, чекҳо ва ғ.), ки далели супоридани андоз аз арзиши иловашударо тасдиқ мекунанд, амалӣ карда мешавад.

Ведомостҳои ҷамъбастӣ (рӯйхатҳо) дар шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ тайёр карда шуда, намояндагиҳои дипломатӣ, консулгарӣ ва намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашуда ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқи мубодилаи нотаҳо оид ба риоя намудани принсипи тарафайн ҳангоми пешниҳоди имтиёзҳо оид ба андозҳои ғайримустақим (андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз) мувофиқи муқаррароти шартномаи байналмилалӣ, пешниҳод мекунанд. Баъди тасдиқ шудан ведомостҳои (рӯихатҳои) ҷамъбастӣ ба мақоми андозе, ки мақоми ваколатдори давлатӣ барои баргардонидани маблағҳо муайян менамояд, пешниҳод карда мешаванд.

Агар дар ҳуҷҷатҳои ба ведомостҳои ҷамъбастӣ (рӯйхатҳо) замимашаванда маблағи андоз аз арзиши иловашуда дар сатри алоҳида ҷудо нашуда бошад, ҳуқуқ барои гирифтани маблағи баргардонидаи андоз танҳо ҳангоми аз ҷониби таҳвилгари молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) тасдиқ намудани дохилшавии андоз аз арзиши иловашуда дар ҳисобнома- фактура имконпазир аст.

3. Маблағи андоз аз арзиши иловашударо ба намояндагиҳои дипломатӣ, консулгарӣ ва намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашуда, инчунин ҳайати кормандони онҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия шудаанд, аз буҷети дахдор мақоми молия якҷоя бо мақоми андоз дар давоми 30 рӯзи тақвимии баъди ведомостҳои ҷамъбастиро (рӯихатҳоро) аз Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани мақоми ваколатдори давлатӣ бармегардонанд.

Маблағи ААИ, ки бояд аз буҷет баргардонида шавад, ба суратҳисобҳои дахлдори намояндагиҳои дипломатӣ, консулгарӣ ва намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашуда гузаронида мешавад.

4. Тартиби баргардонидани ААИ ба намояндагиҳои дипломатӣ, консулгарӣ, намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашуда, инчунин аъзои ҳайати кормандони онҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия шудаанд, бо назардошти мукаррароти ҳамин модда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

# ФАСЛИ VIII. АКСИЗҲО

## БОБИ 34. АКСИЗҲО

### Моддаи 239. Мафҳуми аксизҳо (андози аксиз)

1. Аксиз (андози аксиз) андози ғайримустақим буда, ба нархи фурӯши молҳои зераксизӣ дохил карда мешавад.

2. Истеҳсол дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) воридоти молҳои зераксизӣ, ба истиснои ҳолатҳои озод кардани онҳо аз ин андоз, бояд бо аксизҳо андозбандӣ шаванд.

### Моддаи 240. Андозсупорандагон

1. Агар фасли мазкур тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад, супорандагони аксизҳо тамоми шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки

молҳои зераксизиро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мекунанд ва (ё) ворид менамоянд.

2. Дар ҳолатҳое, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон молҳои зераксизӣ аз ҳисоби ашёи хоми таҳвилкардаи (додаи) фармоишгар истеҳсол мешаванд, супорандаи аксизҳо истеҳсолкунандаи молҳои зераксизӣ мебошад, ки он ӯҳдадор аст ба фармоишгар молҳои зераксизии аз ашёи хоми вай истеҳсолкардаашро (маҳсулоти тайёрро) бо нархи фурӯше, ки он аксизро мутобиқи ҳамин Кодекс дар бар мегирад, супорад, чуноне ки агар ин ашёи хоми додашуда ба молистеҳсокунанда тааллуқ дошта бошад.

3. Супорандагони аксизҳо ҳамчунин шахсони зерин мебошанд:

1) онҳое, ки молҳои зераксизии мусодирашуда, бесоҳиб, инчунин молҳои зераксизии тибқи ҳуқуқи меросгузорӣ гузашта ва ройгон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моликияти давлат дода шударо таҳвил медиҳанд;

2) онҳое, ки ба вайроншавӣ, нестшавии молҳои зераксизӣ роҳ додаанд.

4. Супорандагони аксизҳо бо назардошти муқаррароти ҳамин модда, инчунин шахсони ҳуқуқӣ-ғайрирезидентҳо ва воҳидҳои махсуси онҳо мебошанд.

**Моддаи 241. Объекти андозбандӣ**

Объекти андозбандӣ амалиётҳои андозбандишавандаи зерин мебошанд:

1) нисбати молҳои зераксизие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мешаванд, амалиёти андозбандишаванда баровардани молҳои зераксизӣ берун аз ҳудуди бинои истеҳсолӣ (сеххо) мебошад, аз ҷумла:

а) таҳвили молҳои зераксизӣ, ба истиснои таҳвил барои содирот;

б) супоридани молҳои зераксизӣ барои коркард дар асоси ашёи фармоишгар;

в) таҳвили (супоридани) молҳои зераксизие, ки маҳсулоти коркард аз ашёи хом ва маводи фармоишгар мебошанд, аз ҷумла ашёи хом ва маводи зераксизии додашуда;

г) саҳми молҳои зераксизӣ ба фонди (сармояи) оинномавӣ;

д) истифодаи молҳои зераксизӣ ҳамгоми пардохти натуралӣ;

е) фиристодани молҳои зераксизӣ аз ҷониби истеҳсолкунанда ба воҳидҳои махсуси худ;

ж) молҳои зераксизии истеҳсолкардаашро барои эҳтиёҷоти истеҳсолии худ истифода бурдани истеҳсолкунанда.

2) ҳангоми воридот амалиёти андозбандишаванда воридоти молҳои зераксизӣ ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории гумрукӣ мебошад;

3) таҳвили (супоридани) молҳои зераксизии мусодирашуда ва (ё) бесоҳиб, тибқи ҳуқуқи мерос ба давлат гузашташуда ва ройгон ба моликияти давлат супоридашуда;

4) вайроншавӣ, нобудшавии молҳои зераксизӣ.

**Моддаи 242. Ҳисоб кардани андози аксиз ва маблағи амалиёти андозбандишаванда**

1. Қисмҳои 2-4 ҳамин модда ҳангоме татбиқ мегарданд, ки ҳисобкунии маблағи аксиз ба арзиши молҳои зераксизӣ ва меъёри аксиз, ки бо фоиз (меъёри адвалорӣ) нисбати арзиш ифода шудааст, асос меёбад. Ҳангоми татбиқи меъёри адвалории аксиз ҳисобкунии маблағи андози аксиз бо роҳи зарби арзиши молҳои зераксизӣ мутобиқи қисмҳои 2-4 ҳамин модда ба меъёри адвалории муқарраршуда амалӣ мегардад. Дар дигар мавридҳо ҳисобкунии маблағи аксиз бо роҳи зарби меъёри аксиз, ки бо маблағи муайян (меъёрҳои махсус) ба воҳиди ченаки молҳо дар шакли натуралӣ ифода шудааст, ба шумораи дахлдори воҳиди молҳои зераксизӣ дар шакли натуралӣ амалӣ мешавад.

2. Нисбати молҳои зераксизӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мешаванд, маблағи амалиёти андозбандишаванда дар асоси музде, ки андозсупоранда аз мизоҷ ё ин ки ҳама гуна шахси дигар гирифтааст ё бояд гирад, ба истисноӣ маблағи андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз, инчунин андоз аз фурӯши чакана муайян карда мешавад, аммо дар ҳаҷми на камтар аз нархи бозор (бидуни андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз, инчунин андоз аз фурӯши чакана). Дар мавриди молҳои зераксизие, ки андозсупоранда дар савдои чакана мефурӯшад, маблағи амалиёти андозбандишаванда дар асоси нархи бозор (бидуни андоз аз арзиши иловашуда, аксиз, инчунин андоз аз фурӯши чакана) муайян карда мешавад.

3. Ҳангоми воридот маблағи амалиёти андозбандишаванда аз арзиши гумрукии молҳои зераксизӣ, ки мутобиқи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст (аммо дар ҳаҷми на камтар аз нархи бозор бидуни андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз), ҷамъ маблағи боҷҳо ва андозҳое, ки бояд ҳангоми воридоти молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ғайр аз андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз, супорида шаванд, иборат мебошад.

4. Нархи бастаҳо, ба ғайр аз бастаҳои баргардондашаванда, ҳангоми муайян намудани маблағи амалиёти андозбандишаванда ба инобат гирифта мешавад.

**Моддаи 243. Вақти анҷом додани амалиёти андозбандишаванда**

1. Агар ҳамин модда тартиби дигаре пешбинӣ накунад, ҳангоми истеҳсоли молҳои зераксизӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалиёти андозбандишаванда дар вақти баровардани молҳо берун аз бинои истеҳсолӣ содиршуда ба ҳисоб меравад, аз ҷумла дар ҳолати аз ҷониби истеҳсолкунанда таҳвил додани молҳои зераксизии истеҳсолкардааш тавассути шабакаи воҳидҳои махсуси худ ва ҳангоми супоридани молҳои додашудаи зераксизӣ ба пудратчӣ (коркардкунанда).

Ҳангоми тайёр кардани молҳои зераксизӣ аз молҳои фармоишгар, санаи содир гаштани амалиёт рӯзи супоридани молҳои зераксизии истеҳсолшуда ба фармоишгар ё шахси пешниҳоднамудаи фармоишгар ба ҳисоб меравад.

2. Ҳангоми истифодаи молҳои зераксизӣ барои эҳтиёҷоти истеҳсолии худ санаи содир шудани амалиёт рӯзи супоридани чунин молҳо барои чунин истифодабарӣ мебошад.

3. Ҳангоми вайроншавии маҳсулоти зераксизӣ санаи содир шудани амалиёт рӯзи тартиб додани санад дар хусуси аз ҳисоб баровардани маҳсулоти зераксизии вайроншуда ё рӯзи қабули қарор оид ба истифодаи минбаъдаи он дар раванди истеҳсолот ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми гумшавии маҳсулоти зераксизӣ санаи содир шудани амалиёт рӯзе ба ҳисоб меравад, ки молҳои зераксизӣ гум шудаанд.

4. Дар ҳолати воридоти молҳои зераксизӣ амалиёти андозбандишаванда ҳангоми амалӣ шудани воридот мутобиқи қонунгузории гумрук содиршуда ба ҳисоб меравад.

**Моддаи 244. Озодкунӣ**

1. Аз супоридани аксиз инҳо озод мебошанд:

1) нӯшокиҳои спиртдор, ки шахсони воқеӣ дар доираи номгӯй ва меъёри муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истеъмоли худӣ истеҳсол мекунанд;

2) ворид намудани як литр нӯшокии спиртӣ, як баста (200 дона) сигор аз тарафи шахси воқеӣ барои истеъмоли худӣ, инчунин сӯзишвории автомобил мувофиқи ғунҷоиши зарфи сӯзишвории автомобил барои шахсоне, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути автомобил ворид мешаванд;

3) молҳое, ки ба таври транзит тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон кашонида мешаванд;

4) воридоти муваққатии молҳо ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои молҳое, ки барои реэкспорт таъин шудаанд;

5) воридоти молҳои барои реэкспорт пешбинишуда, дар ҳолати таъминоти кафолати гарав тибқи тартиби пешбиникардаи қонунгузории гумрукӣ;

6) молҳои зераксизӣ, ба ғайр аз маснуоти спиртдор ва тамоку, ки дар доираи кӯмаки башардӯстона ворид мешаванд, инчунин молҳои воридшаванда барои беподош додан ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ ба мақсади бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ, садамаҳо, фалокатҳо ва барои беподош додан ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

7) содироти молҳои зераксизӣ, агар чунин содирот ҷавобгӯи талаботи муқаррарнамудаи моддаи 245 ҳамин Кодекс бошад.

2. Озодкунӣ аз аксиз, ки дар бандҳои 3)-6) қисми 1 ҳамин модда зикр шудааст, танҳо дар ҳолатҳое татбиқ мешавад, ки шартҳои озодкунӣ аз боҷи гумрукӣ ҳангоми низоми дахлдор мутобиқи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шаванд. Дар ин ҳолатҳо, агар барои мақсади ситонидани боҷи гумрукӣ воридот таҳти низоми баргардонидани боҷи гумрукӣ қарор гирад ё супоридани боҷи гумрукӣ дар ҳолати вайрон намудани шарти озодкунӣ талаб карда шавад, ҳамин низом нисбати ситонидани аксиз татбиқ мегардад.

**Моддаи 245. Тасдиқи содироти молҳои зераксизӣ**

1. Ҳангоми таҳвили молҳои зераксизӣ ба содирот барои тасдиқи асоснокии озодкунӣ мутобиқи моддаи 244 ҳамин Кодекс аз ҷониби андозсупоранда дар давоми ~~30~~120 рӯзи тақвимӣ аз санаи қайди мақоми гумруке, ки баровардани молҳои зераксизиро ба низоми содирот амалӣ намудааст, ба таври ҳатмӣ ба мақоми андози ҷои қайдаш ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1) шартнома (қарордод) ба таҳвили молҳои зераксизии содиршаванда;

2) эъломияи гумрукии бор ё нусхаи он, ки мақоми гумрук тасдиқ кардааст бо қайди мақоми гумруке, ки молҳои зераксизиро ба низоми содирот баровардааст, дар мавриди баровардани молҳои зераксизӣ таҳти низоми содирот бо шабакаи қубурҳои магистралӣ ё ин ки бо истифодаи қоидаҳои ба расмиятдарории нопурраи эъломияи даврагӣ, эъломияи гумрукии пурраи бор бо қайди мақоми гумруке, ки ба расмиятдарории гумрукиро анҷом додааст, асос мебошад;

3) нусхаи ҳуҷҷатҳои бо мол фиристодашаванда бо қайди мақоми гумруке, ки дар нуқтаи даромадан ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ аст, дар мавриди баровардани молҳои зераксизӣ таҳти низоми содирот бо шабакаи қубурҳои магистралӣ санади қабулу супоридани молҳо пешниҳод карда мешавад;

~~4) ҳуҷҷатҳои маблағсупорӣ ва навиштаҷоти бонк, ки дохилшавии аслии маблағро аз фурӯши молҳои зераксизӣ ба суратҳисобҳои мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кушодаи андозсупоранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамоянд.~~

4) ҳуҷҷатҳои маблағсупорӣ ва навиштаҷоти бонк (нусхаи навиштаҷот), ки воридоти воқеии даромади арзиро аз таҳвили молҳои зераксизӣ ба содирот ба суратҳисобҳои андозсупоранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) ба суратҳисобҳои ӯ дар бонкҳои хориҷа, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода шудаанд, тасдиқ менамояд.

Агар шартнома (қарордод) ҳисоббаробаркуниро бо пули нақд пешбинӣ карда бошад, андозсупоранда навиштаҷоти бонкро (нусхаи навиштаҷотро), ки ба суратҳисоби дар бонки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) ба суратҳисобҳои дар бонкҳои дар хориҷа мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кушодашудаи ӯ гузаронидани маблағҳои ба дастовардаашро тасдиқ мекунад, инчунин нусхаҳои ордери хазинавии даромадро, ки воридоти воқеии даромадро (маблағро) аз шахси хориҷӣ – харидори молҳои содиршуда тасдиқ мекунад, пешниҳод менамояд.

Дар ҳолати анҷом додани амалиёти иқтисодии хориҷӣ доир ба мубодилаи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) (амалиёти бартерӣ) андозсупоранда ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи воридоти молҳоро (иҷрои корҳо, хизматрасониҳоро) ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯи амалиётҳои зикргардида гирифта шудаанд ва ба ҳисоб гирифтани онҳоро пешниҳод мекунад.

2. Ҳангоми содироти молҳои зераксизӣ ба давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иловагӣ нусхаи эъломияи гумрукии бор, ки дар мамлакати воридоти молҳои зераксизии аз қаламрави гумрукии

Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти низоми содирот баровардашуда тартиб дода шудааст, пешниҳод карда мешавад.

3. Ҳангоми тасдиқ нашудани таҳвили молҳои зераксизӣ ба содирот мувофиқи қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда чунин таҳвил тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин фасл барои андозбандии таҳвили молҳои зераксизӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксизҳо бояд андозбандӣ карда шавад.

4. Ҳангоми ба мақоми андози ҷои қайд пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое, ки содироти молҳои зераксизиро тасдиқ менамоянд, дар давоми 180 рӯзи тақвимӣ аз санаи қайди мақоми гумрукӣ, ки дар қисми 1 ҳамин модда муқаррар шудааст, андозсупоранда ҳуқуқи баргардонида гирифтани андози мутобиқи қисми 3 ҳамин модда ҳисобшударо дорад. Дар акси ҳол андозсупоранда ҳуқуқи баргардонидани андози мутобиқи қисми 3 ҳамин модда ҳисобшударо надорад.

**Моддаи 246. Ба ҳисоб гирифтани аксиз барои захираҳои истеҳсолӣ**

1. Шахсе, ки молҳои (масолеҳи ашёи хоми) зераксизиро харида, барои истеҳсоли дигар молҳои зераксизии андозбандишаванда истифода мебарад, ҳуқуқ дорад маблағи аксизи ҳангоми харидани мол (масолеҳи ашёи хом) супоридаашро ҳамчун андози супоридашуда ба ҳисоб гирад ё баргардонидани маблағи аксизро барои чунин мол (масолеҳи ашёи хом) талаб намояд.

Муқаррароти ҳамин қисм ҳамчунин ҳангоми супоридани молҳои зераксизии аз молҳои (маводи ашёӣ) зераксизии додашуда тайёршуда татбиқ мегардад, ба шарте, ки супоридани аксиз аз ҷониби соҳиби молҳои (маводи ашёии) зераксизии додашуда тасдиқ гардад.

2. Ба ҳисоб гирифтан ё баргардонидани аксизи супоридашуда барои молҳои зераксизие, ки бо мақсадҳои тиббӣ муассисаҳои тиббӣ ва дорухонаҳо ва инчунин корхонаҳои фармасевтӣ ҳангоми истеҳсоли доруворӣ бо тартиб ва меъёри муқаррарнамудаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи мақоми ваколатдори давлатӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебаранд, иҷозат дода мешавад.

3. Ба ҳисоб гирифтан ё баргардонидани аксиз мувофиқи ҳамин модда танҳо дар мавриди пешниҳод намудани ҳисобнома-фактура, ки супоридани аксизро ҳангоми харидани молҳои зераксизӣ (ашёи хом) тасдиқ менамояд ё ба шарте, ки супоридани аксиз аз ҷониби соҳиби молҳои зераксизии додашуда (ашёи хом) тасдиқ шавад, ё дар ҳолати воридоти ашёи хом – ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдор, иҷозат дода мешавад. Маблағи аксиз ба андозсупоранда аз буҷети дахлдор аз ҷониби мақоми молия якҷоя ба мақоми андоз дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ баъди супоридани ҳуҷҷатҳо ба мақоми андоз баргардонида мешавад. Номгӯи ҳуҷҷатҳоеро, ки супоридани аксизро тасдиқ мекунанд, мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар менамояд.

4. Мувофиқи ҳамин модда ба ҳисоб гирифтан ё баргардонидани андоз (бо назардошти муқаррароти ҳамин Кодекс) нисбати маблағи аксизе, ки аз ҳаҷми (миқдори, арзиши) дар асл дар давраи андоз истифодашудаи

молҳои (ашёи хоми) зераксизии харидашуда (додашуда) барои истеҳсоли дигар молҳои зераксизӣ, мақсадҳои тиббӣ дар муассисаҳои тиббӣ ва дорухонаҳо, инчунин аз ҷониби корхонаҳои фармасевтӣ ҳангоми истеҳсоли дорувории тиббӣ муайян мешавад, сурат мегирад.

**Моддаи 247. Меъёрҳои андоз ва номгӯи молҳои зераксизӣ**

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ номгӯи молҳои зераксизиро муайян карда, меъёрҳои андози аксизро ба онҳо муқаррар менамояд.

2. Молҳои зераксизӣ инҳо мебошанд:

1) спирт, нӯшокиҳои беспирт ва спиртдор;

2) тамокуи коркардшуда ва маҳсулоти саноатии ивазкунандаи тамоку;

3) сӯзишвории минералӣ, нафт ва маҳсулоти коркарди онҳо; моддаҳои битуминозӣ; шамъҳои минералӣ;

4) шина ва покришкаҳои пневматикии резинии нав,

шина ва покришкаҳои пневматикии резинии барқароршуда ё пештар истифодашуда; шина ва покришкаҳои яклухт ё нимпневматикӣ, протекторҳои шинагӣ ва лентаҳои ҳошиядори резинӣ;

5) автомобилҳои сабукрав ва ҳама гуна васоити нақлиёти мотордоре, ки барои кашонидани одамон таъин шудаанд;

6) маҳсулоти ҷавоҳирот аз тилло, платина ё нуқра.

3. Меъёрҳои аксизҳо мумкин аст бо фоизҳо (адвалорӣ) нисбати арзиши молҳои зераксизӣ ва (ё) бо маблағи муайян (мутлақи) ба воҳиди ченаки молҳои зераксизӣ дар ифодаи натуралӣ муқаррар карда шаванд.

4. Меъёрҳои аксизҳо ба маҳсулоти спиртдор мутобиқи қисмҳои 1 - 3 ҳамин модда вобаста аз намуди чунин махсулот ё ин ки вобаста аз ҳаҷми спирти беоби дар таркибаш мавҷудбуда (садфоиза) тасдиқ карда мешаванд.

**Моддаи 248. Пардохти аксизҳо**

1. Ҳангоми истеҳсоли молҳои зераксизӣ аксизҳо аз амалиётҳои андозбандишавандае, ки дар ҳар як давраи ҳисоботӣ (андоз) содир шудаанд, на ~~дертар аз рӯзи 10-уми моҳи минбаъдаи давраи ҳисоботӣ~~ дертар:

- аз рӯзи 13 моҳ – барои даҳрӯзаи аввали моҳ;

- аз рӯзи 23 моҳ – барои даҳрӯзаи дуюми моҳ;

- аз рӯзи 3 моҳи минбаъда – барои қисми боқимондаи моҳи ҳисоботӣ бояд супорида шаванд.

2. ~~Давраи ҳисоботӣ (андоз) оид ба аксиз моҳи тақвимӣ мебошад.~~ Давраи ҳисоботи оид ба аксиз давраҳои дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида ба ҳисоб мераванд.

3. Андозсупоранда, ба истисноии низоми анбори андоз, ҳуқуқ надорад молҳоро аз ҳудуди биноҳои истеҳсолӣ бе супоридани аксиз тибқи ин молҳо берун барорад.

4. Ҳангоми воридоти молҳо аксиз аз ҷониби мақоми гумрук тибқи ҳамон тартибе, ки барои боҷи гумрукӣ муқаррар шудааст, ситонида мешавад.

**Моддаи 249. Низоми андозбандии маҳсулоти ~~спиртдор ва тамоку~~ зераксизии спиртдор, бе спирт ва тамоку**

1. Нигоҳдорӣ, интиқол ва аз ҳудуди бинои истеҳсолӣ (сех) мутобиқи банди 1) моддаи 241 ҳамин Кодекс баровардани маҳсулоти зераксизии спиртдор, бе спирт ва (ё) тамоку, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мешавад (минбаъд – «баровардан»), мувофиқи шартҳои низоми анбори андоз сурат мегирад.

2. Дар давраи нигоҳдории маҳсулоти ~~спиртдор ва (ё) тамоку~~ зераксизии спиртдор, бе спирт ва (ё) тамоку таҳти низоми анбори андоз ин маҳсулот ба беруни ҳудуди бинои истеҳсолӣ (сех) баровардашуда ҳисоб намеёбад ва нисбати чунин маҳсулот ӯҳдадории супоридани аксиз ба вуҷуд намеояд.

3. Ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон даровардани маҳсулоти зераксизии спиртдор ва (ё) тамоку таҳти низоми баровардани молҳо барои муомилоти озод аз ҷониби мақомоти гумрук танҳо баъди пешакӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ ба чунин маҳсулот гузоштани тамғаҳои аксизӣ берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад. Ба маҳсулоти зераксизии спиртдор ва (ё) тамоку гузоштани тамғаҳои аксизӣ аз ҷониби воридгари чунин маҳсулот таъмин карда мешавад. ~~Барои ба маҳсулоти зераксизии спиртдор ва (ё) тамокуи ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда гузоштани тамғаҳои аксизӣ бояд ин маҳсулот мутобиқи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти низоми анбори гумрукӣ эъломия карда шавад.~~

4. Эъломияи маҳсулоти зераксизии спиртдор ва (ё) тамоку бо низоми гумрукии баровардани молҳо барои муомилоти озод мумкин аст бо қисмҳои алоҳида мутаносибан ба ~~ҳаҷми маҳсулоти зераксизии спиртдор ва (ё) тамокуи тамғаҳои аксизӣ гузошташуда ва~~ маблағи супоридашудаи пардохтҳои гумрукие, ки қонунгузории андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, сурат гирад.

5. Бо мақсади амалӣ намудани назорати андозӣ воридкунандаи маҳсулоти зераксизии спиртдор ва (ё) тамоку дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қисми 1 моддаи 248 ҳамин Кодекс ба мақоми андози маҳали қайд тибқи тартиб ва шакле, ки мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар намудааст, дар мавриди баровардани маҳсулоти тамғазадаи зераксизии спиртдор ва (ё) тамоку бо назардошти моддаи 241 ҳамин Кодекс, бо замимаи нусхаи ҳисобнома-фактураҳои ба мизоҷон додашуда ё дигар ҳуҷҷатҳо барои баровардани маҳсулот ҳисобот пешниҳод менамояд.

6. Фурӯши маҳсулоти спиртдор ва (ё) тамоку дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи бандҳои 1) ва 2) қисми 1 моддаи 244 ҳамин Кодекс аз супоридани аксиз озод аст, манъ мебошад.

**Моддаи 250. Низоми анбори андоз**

1. Таҳти низоми анбори андоз маҷмӯи чораҳо ва чорабиниҳои назорати андозе дар назар дошта мешавад, ки аз ҷониби мақомоти андоз нисбати маҳсулоти ~~спиртдор ва (ё) тамоку~~ зераксизии спиртдор,

бе спирт ва (ё) тамоку аз лаҳзаи ба охир расидани истеҳсоли онҳо ва (ё) дохилшавӣ ба анбор (минбаъд – «анбори андоз») то лаҳзаи баровардани онҳо андешида мешавад.

2. Таҳти таъсири низоми анбори андоз ҳудуде мавҷуд аст, ки дар он биноҳои истеҳсолии аз ҷониби андозсупоранда барои истеҳсоли маҳсулоти ~~спиртдор ва (ё) тамоку~~ зераксизии спиртдор, бе спирт ва (ё) тамоку истифодашаванда ҷойгир шудаанд (онро бевосита ишғол менамоянд), инчунин берун аз ин ҳудуд барои нигаҳдории он анборҳои махсуси андоз барпо шудаанд. Нигоҳдории маҳсулоти номбаршуда то баровардани он мутобиқи қисми 1 моддаи 249 ҳамин Кодекс дар дигар ҷойҳо, ба истиснои анборҳои андоз ва воситаҳои нақлиёт дар рафти кашонидан (боркашонӣ), манъ аст.

3. Лаҳзаи баровардани маҳсулоти зераксизии спиртдор, бе спирт ва (ё) тамоку аз ҳудуде, ки дар он биноҳои истеҳсолӣ ҷойгир шудаанд (онро бевосита ишғол менамоянд) ва онҳоро андозсупоранда барои истеҳсоли маҳсулот истифода мебарад ё баровардани он аз анбори андоз лаҳзаи ба охир расидани амали низоми анбори андоз ба ҳисоб меравад.

4. Маҳсулоти ~~спиртдор ва (ё) тамокуи~~ зераксизии спиртдор, бе спирт ва (ё) тамокуи таҳти таъсири низоми анбори андоз қароргирифта таҳти назорати кормандони мақомоти андоз дар биноҳои махсуси (анборҳои андози) ҷудокардашуда ва таҷҳизонидашуда нигоҳ дошта мешавад, ки онҳо метавонанд ҳам дар ҳудуд ва ҳам берун аз ҳудуди биноҳои истеҳсолии аз ҷониби андозсупоранда барои истеҳсоли маҳсулоти ~~спиртдор ва (ё) тамоку~~ зераксизии спиртдор, бе спирт ва (ё) тамоку истифодашаванда воқеъ бошанд.

5. Анборҳои андоз аз ҷониби андозсупорандагон ҳангоми мавҷуд будани иҷозатномаи дахлдоре, ки мақоми ваколатдори давлатӣ медиҳад, ташкил карда мешаванд. Тартиби додани иҷозатнома барои барпо намудани анборҳои андоз, тартиби фаъолият, инчунин маҷмӯи чораҳои назорати андозе, ки нисбати чунин анборҳои андоз андешида мешаванд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

6. Ҳангоми ~~мавҷуд будани маҳсулоти спиртдор ва (ё) тамоку~~ мавҷуд будани маҳсулоти зераксизии спиртдор, бе спирт ва (ё) тамоку дар анборҳои андоз танҳо амалиёти вобаста бо таъмини нигоҳдорӣ, инчунин тайёрӣ ба баровардан ва интиқоли онҳоро гузаронидан мумкин аст (аз ҷумла ба маҳсулоти спиртдор ва (ё) тамоку гузоштани тамғаҳои аксизӣ).

Ҳамзамон тамғагузории маҳсулоти зераксизии спиртдор ва (ё) тамоку бо тамғаҳои аксизӣ метавонад танҳо дар ҳудуде сурат гирад, ки дар он ҷо (ки онро) биноҳои истеҳсолии барои истеҳсоли махсулоти зераксизии спиртдор ва (ё) тамоку истифодашаванда ҷойгир шудаанд (бевосита банд кардаанд). Содир намудани маҳсулоти зераксизии спиртдор ва (ё) тамокуи бо тамғаҳои аксизӣ тамғагузорӣ нашуда ба беруни ҳудуде, ки дар он ҷо (ки онро) биноҳои истеҳсолии барои истеҳсоли маҳсулоти зераксизии спиртдор ва (ё) тамоку истифодашаванда ҷойгир шудаанд (бевосита банд кардаанд), аз ҷумла ҷойгиркунонии чунин маҳсулот ба анбори берун аз ҳудуди истеҳсолии дар боло зикршуда манъ аст.

Ҳангоми вайрон кардани манъкунии дар боло зикршуда мақомоти андоз ҳуқуқ доранд чунин молҳои зераксизиро мутобиқи қисми 1 моддаи 256 ҳамин Кодекс мусодира намоянд.

7. Бо тартиб ва шартҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, мақомоти андоз дар корхонаҳои маҳсулоти спиртдор ва тамоку истеҳсолкунанда барои назорати ҳаҷми истеҳсолот ва таҳвили маҳсулоти зераксизии дар боло зикршуда ва маблағҳои андози аксизи ҳисобкардашуда дидбонгоҳҳо (постҳо) ташкил менамоянд.

**Моддаи 251. Вайрон ва гум шудани молҳои зераксизӣ**

1. Ҳангоми вайрон, гум шудани молҳои зераксизии истеҳсолшуда ва (ё) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда аксиз дар ҳаҷми пурра аз миқдори молҳои зераксизии вайроншуда ва (ё) гумшуда пардохта мешавад, ба ғайр аз мавридҳое, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулодда рух додаанд ва он тибқи тартиби муқаррарнамудаи банди 2) қисми 1 моддаи 227 ҳамин Кодекс тасдиқ карда шудааст.

Ҳамзамон нисбати молҳои зераксизии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда сархати мазкур дар он ҳодат истифода бурда мешавад, ки андозсупоранда имконияти супоридани аксизро барои молҳои зераксизии амалан воридшуда бевосита дар лаҳзаи воридшавии онҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти талаботи моддаи 363 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон надошта, нисбати молҳои зераксизии воридшуда расмиёт ва (ё) низомҳои насупоридани андозҳо пешбинишавандаро истифода бурдааст ва молҳои зераксизии воридшуда дар давраи таҳти расмиёт ва низомҳои фавқуззикр қарор доштанашон вайрон ва нобуд шуда бошанд.

2. Барои мақсадҳои ҳамин модда таҳти мафҳуми вайрон, гум шудани маҳсулоти зераксизӣ ҳолатҳои дар қисми 2 моддаи 227 ҳамин Кодекс зикршуда фаҳмида мешаванд.

**Моддаи 252. Маҳали супоридани аксиз**

1. Аксиз дар маҳали қайди супорандаи аксиз супорида мешавад, ба истисноии ҳолатҳое, ки дар қисми 2 ҳамин модда зикр шудаанд.

2. Супорандагони аксизи дорои воҳидҳои махсус аксизро дар ҷои воқеъшавии воҳидҳои махсус тибқи тартиби пешбининамудаи моддаи 253 ҳамин Кодекс месупоранд, агар ин воҳидҳои махсус маҳсулоти зераксизии спиртдор ва (ё) тамоку истеҳсол намоянд ва (ё) онро ба зарфҳо резанд (ба бастаҳо ҷойгир намоянд) ва минбаъд бароранд.

**Моддаи 253. Тартиби ҳисоб ва пардохти аксиз аз ҷониби андозсупорандагон барои воҳидҳои махсус**

1. Супорандаи аксизи дар қисми 2 моддаи 252 ҳамин Кодекс пешбинишуда, ки воҳидҳои махсус доранд, ӯҳдадоранд онҳоро дар мақомоти андози маҳали ҷойгиршавиашон ба қайд гузоранд ва ба мақоми андози маҳали бақайдгирии худашон дар хусуси ба қайд гузоштани воҳидҳои махсуси худ хабар диҳанд.

2. Маблағи аксизе, ки барои воҳидҳои махсус бояд супорида шавад, дар асоси ҳисобкунии аксиз доир ба воҳидҳои махсус муайян карда

мешавад ва он доир ба ҳар воҳиди махсус тибқи шакл ва тартиби мукаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ тартиб дода мешавад.

3. Ҳангоми ҳисоб кардани аксиз оид ба воҳидҳои махсус амалиёти бо аксиз андозбандишавандаи содирнамудаи воҳидҳои махсус дар давраи андоз ба ҳисоб гирифта мешавад.

4. Супорандагони аксиз ӯҳдадоранд ҳисоботи маблағи аксизро, ки барои воҳидҳои махсус супорида мешавад, ба мақоми андози маҳалли баҳисобгирии худ ва нусхаи ҳисоботро ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии воҳидҳои махсус дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи моддаи 248 ҳамин Кодекс пешниҳод намоянд.

5. Пардохти аксиз барои воҳидҳои махсус аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ–супорандаи аксиз дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи моддаи 248 ҳамин Кодекс бевосита аз суратҳисоби ҳисоббаробаркунии худ анҷом дода мешавад ё ба зиммаи воҳидҳои махсус гузошта мешавад.

**Моддаи 254. Пешниҳоди эъломия**

1. Дар ҳолатҳои дар қисми 1 моддаи 248 ҳамин Кодекс зикргардида андозсупоранда ӯҳдадор аст эъломияро тибқи тартиб ва шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ, дар мӯҳлатҳои барои супоридани андоз муқарраршуда, бо нишон додани амалиётҳои андозбандишаванда дар давраи ҳисоботӣ пешниҳод намояд.

2. Супорандагони аксиз, ки дар қисми 2 моддаи 252 ҳамин Кодекс зикр шудаанд, ҳамзамон бо эъломия ҳисобу китоби аксизро барои воҳидҳои махсус пешниҳод менамоянд.

3. Супорандаи аксиз барои ба ҳисоб гирифтани маблағи аксиз мутобиқи моддаи 246 ҳамин Кодекс аризаро якҷоя бо эъломияи пардохти аксиз пешниҳод мекунад. Шахсе, ки супорандаи аксиз намебошад, барои баргардонидани маблағи аксиз аризаи махсус пешниҳод менамояд, ки он метавонад дар ҳар вақт дар давоми як сол аз лаҳзаи пайдо шудани ҳуқуқ ба баргардонидани маблағ пешниҳод шавад.

Шакл ва тартиби навиштан ва пешниҳод намудани аризаро барои ба ҳисоб гирифтан ва аризаи махсусро барои баргардонидани маблағҳо мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар менамояд.

**Моддаи 255. Баргардонидани аксиз ҳангоми реэкспорт**

1. Нисбати молҳое, ки бо мақсади содироти минбаъда ворид карда шудаанд (яъне ҳангоми аз нав содир намудани молҳо), аксиз ҳангоми воридоти молҳо супорида шуда, баъдан аз ҷониби мақомоти молия, ки ба онҳо ҳангоми воридоти молҳо аксиз супорида шуда буд, якҷоя бо мақомоти дахлдори гумрук мутобиқи ҳаҷми аслии азнавсодирнамоӣ баргардонида мешавад. Баргардонидани маблағ тибқи тартиби муқарраргардида дар давоми 30 рӯзи баъди пешниҳод намудани аризаи хаттӣ анҷом дода мешавад.

2. Қисми 1 ҳамин модда нисбати молҳое, ки воридоти онҳо мутобиқи банди 5) қисми 1 моддаи 244 ҳамин Кодекс аз аксиз озод аст, татбиқ намегардад.

**Моддаи 256. Тамғаҳои аксиз**

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон молҳои зераксизӣ, ватанӣ ва воридотиро, ки бояд тамғаҳои акзисӣ гузошта шаванд, муқаррар менамояд. Воридот ва (ё) фурӯши чунин молҳои зераксизӣ бе тамғаҳои аксизӣ манъ аст. Мақомоти андоз ҳуқуқ доранд тибқи тартиби муқарраргардида чунин молҳои зераксизиро, ки ба фурӯш бе тамғаҳои аксизӣ баровaрда шудаанд, мусодира намоянд.

2. Тамғаҳои аксизӣ ҳуҷҷатҳои ҳисоботдиҳии қатъӣ буда, дорои дараҷаи муайяни ҳифозат мебошанд. Тартиби таҳия ва муомилоти онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Тартиби гузоштани тамғаҳои аксизӣ ба маҳсулоти зераксизӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда мешавад.

3. Агар дар ҳамин қисм тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад, ҳангоми вайрон шудан ё гум кардани тамғаҳои аксизӣ аксиз дар ҳаҷми хелҳои маҳсулоти зераксизӣ пардохта мешавад.

Ҳисоби аксиз вобаста ба тамғаҳои аксизии вайронгардида ё гумшуда (аз ҷумла дуздидашуда), ки барои тамғагузории маҳсулоти спиртдор ё тамоку мутобиқи муқаррароти ҳамин Кодекс пешбинӣ шудааст, бо назардошти меъёрҳои муқарраргардида, ки нисбати воҳиди ҳаҷми зарф (зарф, баста), ки дар тамға зикр шудааст, анҷом дода мешавад.

Ҳангоми дар тамға мавҷуд набудани зикри ҳаҷми воҳиди зарф (зарф, баста) ҳисоби аксиз вобаста ба тамғаҳои аксизии гум ё вайроншуда бо назардошти ҳаҷми нисбатан калони воҳиди зарф (зарф, баста), ки ба он андохтани (печонидани, бастубанди) маҳсулот дар ҷараёни давраи андозе, ки пеш аз давраи вайрон шудан ё гум кардани тамғаҳои аксиз сурат гирифтааст, муайян карда мешавад.

Ҳангоми вайрон шудан, гум кардани тамғаҳои аксизӣ дар ҳолатҳои зайл аксиз пардохта намешавад:

1) вайрон шудан ё гум кардани тамғаҳои аксизӣ дар натиҷаи рух додани ҳолатҳои фавқулодда, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи банди 2) қисми 1 моддаи 227 ҳамин Кодекс тасдиқ гардидаанд;

2) тамғаҳои аксизии вайроншуда аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси санади аз ҳисоб баровардан ҷиҳати нобудсозӣ қабул гардидаанд.

**Моддаи 257. Ҳисобнома-фактураҳои аксиз**

1. Агар қисми 3 ҳамин модда тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад, андозсупорандае, ки таҳвили моли зераксизӣ, аз ҷумла воридотро амалӣ менамояд, ӯҳдадор аст мутобиқи дастуруламалҳои мақоми ваколатдори давлатӣ ҳисобнома-фактураи аксизро навишта, ба қабулкунандагони молҳои зераксизӣ супорад.

2. Ҳисобнома-фактураи аксиз ҳисобнома-фактурае мебошад, ки тибқи шакл ва тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ таҳия карда мешавад ва дорои маълумоте мебошад, ки қисми 2 моддаи 231 ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст. Ба ҳисобнома-фактураҳои аксиз тамоми талаботи моддаи 231 ҳамин Кодекс дахл доранд.

3. Ҳангоми таҳвили чаканаи молҳои зераксизӣ мумкин аст ҳисобнома-фактураи аксизи шакли оддӣ, ки мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар намудааст, истифода бурда шавад.

# ФАСЛИ IX. АНДОЗИ ИҶТИМОӢ

## БОБИ 35. АНДОЗИ ИҶТИМОӢ

**Моддаи 258. Мафҳум ва нақши андози иҷтимоӣ**

Андози иҷтимоӣ маблағсупории ҳатмӣ мебошад, ки барои мақсадҳои суғуртаи иҷтимоӣ аз ҷониби супорандагони андози иҷтимоӣ мувофиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс нисбати маблағи музди меҳнат ё дигар манбаи андоз мутобиқи ҳамин боб пардохта мешавад.

**Моддаи 259. Андозсупорандагон**

1. Супорандагони андози иҷтимоӣ мутобиқи ҳамин фасл инҳо мебошанд:

1) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - корфармоён, аз ҷумла муассисаҳои доимии ғайрирезидентҳое, ки ба шахсони воқеӣ-резидентҳо, ки ҳамчун коргарони кироя дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунанд, музди меҳнат медиҳанд;

2) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла муассисаҳои доимии ғайрирезидентҳое, ки дар рафти фаъолияти соҳибкории худ ба шахсони воқеӣ-резидентҳо дар асоси шартномаҳои дорои хусусияти гражданию ҳуқуқӣ ё бе шартнома ҳаққи хизматашонро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад, медиҳанд;

3) шахсони воқеии дар бандҳои 1) ва 2) ҳамин қисм номбаршуда, ки пардохт мегиранд;

4) шахсони воқеӣ-резидентҳое, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти инфиродии соҳибкорӣ машғуланд, аз ҷумла онҳое, ки дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 137 ҳамин Кодекс номбар шудаанд.

2. Супорандагони дар банди 1) ва 2) қисми 1 ҳамин модда зикршуда минбаъд дар ҳамин боб суғуртакунандагон номида мешаванд, супорандагони дар банди 3) қисми 1 ҳамин модда зикршуда - суғурташудагон номида мешаванд.

3. Тибқи аризаи шахси ҳуқуқӣ воҳидҳои махсуси вай метавонанд аз ҷониби мақомоти андоз ба сифати супорандаи мустақили андози иҷтимоӣ баррасӣ гарданд.

**Моддаи 260. Объекти андозбандӣ**

1. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи банди 1) қисми 1 моддаи 259 ҳамин Кодекс объекти андозбандӣ маблағи супоридашавандаи музди меҳнат ба кормандони кироя мебошад, ки мутобиқи моддаи 136 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад. Дар ҳолатҳои дар банди 2) қисми 1 моддаи 259 ҳамин Кодекс пешбинишуда объекти андозбандӣ маблағи супоридашавандаи музди меҳнат ба шахсони воқеӣ мебошад, ки мутобиқи моддаи 136 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад, чуноне агар ин шахсони воқеӣ кормандон бошанд.

2. Барои супорандагони дар банди 4) қисми 1 моддаи 259 ҳамин Кодекс зикршуда, ки тибқи қисми 2 моддаи 137 ҳамин Кодекс аз даромад андозбандӣ мешаванд, объекти андозбандӣ даромад аз

фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки аз ҷониби онҳо ҳар моҳ мустақилона бо мақсади суғуртаи иҷтимоӣ (бо мақсади муайян намудани ҳаҷми андозҳои иҷтимоӣ), вале на камтар аз даромаде, ки ба мақсади суғуртаи иҷтимоӣ барои ин гурӯҳи андозсупорандагон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, эъломия карда мешавад.

3. Барои супорандагони дар банди 4) қисми 1 моддаи 259 ҳамин Кодекс зикршуда, ки тибқи қисми 3 моддаи 137 ҳамин Кодекс аз даромад андозбандӣ мешаванд, объекти андозбандӣ ~~даромади андозбандишаванда аз фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки мутобиқи фаслҳои IV ва VI ҳамин Кодекс муайян карда мешавад~~ даромад аз фаъолияти сохибкорӣ мебошад, ки аз ҷониби онҳо ҳар моҳ бо мақсадҳои суғуртаӣ иҷтимоӣ (бо мақсадҳои муайян намудани ҳаҷми андози иҷтимоӣ) ба таврӣ ихтиёрӣ декларатсия (эълон) карда мешавад, вале на камтар аз музди меҳнати миёнаи моҳонаи номиналии кироякорон, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли андози гузашта қарор дошт. Муайян намудани музди меҳнати миёнаи моҳонаи номиналии кироякорон, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли андози гузашта қарор дошт, аз ҷониби Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон амали мегардад ва ин ахбор ҳар сол то 1 апрел ба мақоми ваколатдори давлатӣ ва Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

**Моддаи 261. Озодкунӣ**

Аз супоридани андоз озод карда мешаванд (ба объекти андозбандӣ дохил карда намешаванд):

1) даромади шахсоне, ки дар муассисаҳои дипломатӣ ва (ё) консулгарӣ кор мекунанд ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд;

2) маблағҳое, ки ҳангоми корношоямии муваққатӣ аз маблағҳои буҷетии барои суғуртаи иҷтимоӣ ҷудошуда дода мешаванд.

**Моддаи 262. Меъёрҳои андоз**

1. Доир ба андози иҷтимоие, ки ба буҷет гузаронида мешавад, барои суғуртакунандагон меъёри 25 фоиз ва барои суғурташудагон 1 фоиз татбиқ мегардад.

2. Барои шахсони воқеии дар банди 4) қисми 1 моддаи 259 ҳамин Кодекс зикршуда меъёри андози иҷтимоӣ ба 20 фоиз баробар аст.

**Моддаи 263. Тартиби муайян кардан ва пардохтани андоз**

1. Ҳаҷми андози иҷтимоӣ, ки ба буҷет бояд гузаронда шавад, бо роҳи зарб задани объектҳои андозбандӣ мутобиқи моддаи 260 ҳамин Кодекс ба меъёрҳои дахлдори андозе, ки моддаи 262 ҳамин Кодекс муқаррар кардааст, муайян карда мешавад.

2. Андози иҷтимоӣ дар ҳолатҳои дар банди 1), 2) ва 3) қисми 1 моддаи 259 ҳамин Кодекс зикршуда тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 161 ҳамин Кодекс нисбати музди меҳнати кормандон нигоҳ дошта шуда ба буҷет гузаронда мешавад.

3. Супорандагони дар қисми 2 моддаи 260 ҳамин Кодекс зикршуда андози иҷтимоиро ҳамзамон бо гузаронидани маблағ ба буҷет барои

патент ё то ба охир расидани ҳар моҳе, ки барои он маблағи патент гузаронида шудааст, месупоранд.

~~4. Супорандагони дар қисми 3 моддаи 260 ҳамин Кодекс зикршуда андози ҷории (пешпардохти) иҷтимоиро дар мӯҳлати дар сархати дуюми қисми 1 моддаи 198 ҳамин Кодекс муқарраргардида дар ҳаҷми зерин месупоранд: 1) аз чор як қисми маблағи андоз барои соли гузашта мутобиқи эъломия, ки то 1 апрели соли баъди соли ҳисоботӣ фарорасанда ба мақомоти дахлдори андоз пешниҳод карда мешавад ва ба коэффисиенти 1,1 зиёд карда шудааст ё 2) мутобиқи қисми 2 моддаи 198 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.~~

4. Андозсупорандагоне, ки дар қисми 3 моддаи 260 ҳамин Кодекс зикр ёфтаанд, ҳар моҳ андози иҷтимоиро то рӯзи 10 – уми моҳи минбаъдаи ҳисоботӣ месупорад. Ҳамзамон пардохтҳои андози иҷтимоӣ барои давраи аз апрели соли ҷорӣ то марти соли оянда на камтар аз ҳаҷми ҳисобшуда бо дарназардошти музди меҳнати миёнаи моҳонаи номиналии кироякорон дар соли андози гузашта супорида мешаванд. Декларатсия дар бораи андози иҷтимоии пардохтнамудаи андозсупоранда барои соли андози ҳисоботӣ то 1 апрели соли минбаъдаи ҳисоботӣ ба мақоми андози маҳалли баҳисобгирии бақайдгирии супорандаи андози иҷтимоӣ пешниҳод карда мешавад.

## ФАСЛИ X. АНДОЗИ ЗАМИН

## БОБИ 36. АНДОЗИ ЗАМИН

**Моддаи 264. Андозсупорандагон**

Андози заминро заминистифодабарандагоне месупоранд, ки ба онҳо қитъаҳои замин барои истифодаи бемӯҳлат, мӯҳлатнок ва меросии якумра дода шудааст.

**Моддаи 265. Объекти андозбандӣ**

1. Андози замин бо назардошти сифату ҷойгиршавии қитъаи замин, арзиши кадастрии замин, таъиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаи замин муқаррар карда мешавад.

2. Асос барои муайян намудани андози замин бо назардошти муқаррароти қисми 1 ҳамин модда ҳуҷҷатҳои замину кадастрии истифодабарандаи замин мебошад.

Агар масоҳати замини амалан истифодашаванда назар ба масоҳати замини мутобиқи ҳуҷҷатҳои замину кадастрии андозсупоранда зиёд бошад, барои мақсадҳои андозбандӣ масоҳати замини амалан истифодашаванда қабул карда мешавад.

3. Маблағи андози замин аз натиҷаи фаъолияти хоҷагидории истифодабарандаи замин вобаста набуда, дар шакли пардохтҳои устувор барои воҳиди масоҳати замин ба ҳисоби як сол муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 266. Меъёрҳои андози замин барои заминҳои шаҳрҳо ва шаҳракҳо**

1. Меъёрҳои андоз барои заминҳои шаҳрҳо ва шаҳракҳо дар ҳаҷмҳои зерин муқаррар карда мешаванд:

1) дар шаҳри Душанбе - ~~400~~500 сомонӣ аз ҳар гектар;

2) дар шаҳрҳои Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб – ~~300~~375 сомонӣ аз ҳар гектар;

3) дар шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ, вилоятӣ ва шаҳри Хоруғ — ~~200~~250 сомонӣ аз ҳар гектар;

4) дар дигар шаҳр ва шаҳракҳо — ~~150~~180 сомонӣ аз ҳар гектар.

Заминҳои истифодаи кишоварзӣ ва зери ҷангалу буттазорҳои шаҳрҳо ва шаҳракҳо тибқи минтақаҳои кадастрии моддаҳои 267 ё 308 ҳамин Кодекс андозбандӣ карда мешаванд.

Ба истисноии заминҳои аз андоз озод, ба масоҳати андозбандишавандаи замин ҳамаи заминҳои вобасташуда, аз ҷумла заминҳои зери сохтмон, иншоотҳо, қитъаҳое, ки барои нигоҳубини онҳо заруранд, минтақаҳои санитарию муҳофизатии объектҳо, минтақаҳои техникӣ ва дигар минтақаҳо дохил мешаванд.

2. Замин барои сохтмони манзили истиқоматии шахсони воқеӣ дар шаҳр ва шаҳракҳо бояд тибқи тартиби зайл андозбандӣ гарданд:

1) майдони ҳар як қитъаи замине, ки ба истифодабарандаи замин тибқи ҳуҷҷати алоҳидаи (мустақили) муқарраркунандаи ҳуқуқ вобаста карда шудааст, бо мақсади андозбандӣ алоҳида баррасӣ мегардад, ба истисноии ҳолатҳое, ки ин қитъаҳои замин ҳамҳудуд мебошанд. Ҳангоми андозбандӣ майдони қитъаҳои замини ҳамҳудуд, ки ба як андозсупоранда дар асоси ҳуҷҷатҳои мухталифи (якчанд) муайянкунандаи ҳуқуқ вобаста карда шудаанд, ҷамъ карда шуда ва ин қитъаҳои ҳамҳудуди замин чун як қитъаи замин баррасӣ мегарданд;

2) ҳисоби маблағи андози замин тибқи тартиби зайл вобаста ба ҳаҷми қитъаи замин, ки ба истифодабарандаи замин вобаста карда шудааст, анҷом дода мешавад:

а) то 800 метри мураббаъ – тибқи меъёри муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда;

б) бештар аз 800 метри мураббаъ то 2000 метри мураббаъ – маблағи андоз, ки тибқи зербанди а) ҳамин банд ҳисоб шудааст, ҷамъи маблағи бо назардошти меъёри 2-каратаи андози муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда ҳисобшуда, барои майдоне, ки аз 800 метри мураббаъ зиёд аст;

в) беш аз 2000 метри мураббаъ – маблағи андозе, ки тибқи зербанди б) ҳамин банд ҳисоб карда шудааст, ҷамъи маблағи бо назардошти меъёри 5-каратаи андози муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда ҳисобшуда барои майдоне, ки аз 2000 метри мураббаъ зиёд аст.

**Моддаи 267. Меъёрҳои андози замин барои заминҳои берун аз шаҳрҳо ва шаҳракҳо**

~~1. Меъёрҳои миёнаи андоз аз як гектар замин дар минтақаҳои кадастрӣ ва намудҳои киштзор ба андозаҳои зерин муқаррар мешаванд (бо сомонӣ):~~

| ~~Намудҳои замин (қитъаҳо)~~ / ~~Номи минтақаи кадастрӣ~~ | ~~Заминҳои кишт ва дарахтзорҳои бисёрсола: обӣ/ лалмӣ~~ | ~~Чарогоҳ ва алафзорҳо~~ | ~~Роҳ, кӯчаҳо, иморати ҷамъиятӣ, бешаҳо, майдонҳо, каналҳо, ҷӯйҳо ва захбурҳо~~ | ~~Дигар заминҳое, ки дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода намешаванд~~ |
|---|---|---|---|---|
| ~~Суғд~~ | ~~30,0/5,5~~ | ~~4,0~~ | ~~12,0~~ | ~~3,75~~ |
| ~~Ҳисор~~ | ~~32,0/13,0~~ | ~~4,0~~ | ~~9,0~~ | ~~2,75~~ |
| ~~Рашт~~ | ~~26,0/19,0~~ | ~~4,0~~ | ~~6,0~~ | ~~1,25~~ |
| ~~Кӯлоб~~ | ~~33,0/15,5~~ | ~~4,0~~ | ~~9,0~~ | ~~2,75~~ |
| ~~Вахш~~ | ~~46,5/11,5~~ | ~~4,0~~ | ~~13,0~~ | ~~4,25~~ |
| ~~ВМКБ (бе минтақаи Мурғоб)~~ | ~~9,0/4,0~~ | ~~2,0~~ | ~~6,0~~ | ~~1,25~~ |

1. Меъёрҳои миёнаи андоз аз як гектар замин дар минтақаҳои кадастрӣ ва намудҳои замин, ғайр аз заминҳое, ки бо андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ андозбандӣ мешаванд, ба андозаи зерин муқаррар мешаванд (бо сомонӣ):

| Намудҳои замин (қитъаҳо) / Номи минтақаи кадастрӣ | Заминҳои кишт ва дарахтзор-ҳои бисёрсола: обӣ/ лалмӣ | Чаро-гоҳҳо | Алаф-зорҳо | Роҳ, кӯчаҳо, иморати ҷамъиятӣ, бешаҳо, майдонҳо, каналҳо, ҷӯйҳо ва захбурҳо | Дигар заминҳое, ки дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода намешаванд |
|---|---|---|---|---|---|
| Суғд, аз ҷумла минтақаҳои кӯҳӣ | 60,0/11,0 | 2<br>4 | 4<br>6 | 7<br>6 | 1<br>0,8 |
| Ҳисор, аз ҷумла минтақаҳои кӯҳӣ | 64,0/26,0 | 4<br>4 | 5<br>5 | 6<br>5 | 1<br>0,8 |
| Рашт | 52,0/38,0 | 4 | 6 | 6 | 0,8 |
| Кӯлоб, аз ҷумла минтақаҳои кӯҳӣ | 66,0/31,0 | 3<br>4 | 5<br>6 | 6<br>5 | 1<br>0,8 |
| Вахш, аз ҷумла минтақаҳои кӯҳӣ | 93,0/23,0 | 2<br>4 | 4<br>4 | 7<br>5 | 1<br>0,8 |
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (бе минтақаи Мурғоб) | 18,0/8,0 | 2 | 3 | 3 | 0,8 |

2. Меъёрҳои миёнаи андози заминро дар ҳудуди минтақаҳои кадастрӣ доир ба ноҳияҳои ҷумҳурӣ тибқи тартиби муқаррарнамуда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Кумитаи давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

3. Қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ бояд тибқи тартиби зайл андозбандӣ карда шаванд:

1) майдони ҳар як қитъаи замини наздиҳавлигӣ, ки ба истифодабарандаи замин тибқи ҳуҷҷати алоҳидаи (мустақили)

муқарраркунандаи ҳуқуқ вобаста карда шудааст, бо мақсади андозбандӣ алоҳида баррасӣ мегардад, ба истиснои ҳолате, ки ин қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ҳамҳудуд бошанд. Ҳангоми андозбандӣ майдони қитъаҳои замини наздиҳавлигии ҳамҳудуд, ки ба як истифодабарандаи замин дар асоси ҳуҷҷатҳои мухталифи (якчанд) муқарраркунандаи ҳуқуқ вобаста карда шудаанд, ҷамъ карда шуда, ин қитъаҳои замини наздиҳавлигии ҳамҳудуд ҳамчун як қитъаи замини наздиҳавлигӣ баррасӣ мегарданд;

2) ҳисоби маблағи андози замин тибқи тартиби зайл, вобаста ба андозаи қитъаи замини наздиҳавлигӣ, ки ба истифодабарандаи замин вобаста карда шудааст, анҷом дода мешавад:

а) агар андозаи қитъаи замини наздиҳавлигӣ дар доираи меъёри муқаррарнамудаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад – тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда;

б) агар андозаи қитъаи замини наздиҳавлигӣ аз доираи меъёри муқаррарнамудаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд бошад – маблағи андози тибқи зербанди а) ҳамин банд ҳисобшуда, ҷамъи маблағи бо назардошти меъёри 2-каратаи андози муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда ҳисобшуда барои майдоне, ки аз меъёри муқаррарнамудаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд аст.

4. Замини чарогоҳҳо, алафзорҳо ва бешаҳо, дигар заминҳое, ки дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода намешаванд ва барои бунёди боғҳо ва токзорҳо истифода шудаанд, дар давоми 5 сол аз соли бунёди ин боғҳо ва токзорҳо аз андозбандӣ озод мешаванд.

Дар бораи майдони воқеии боғҳо ва токзорҳое, ки дар мавсими шинондани ниҳолҳои бисёрсола дар замини чарогоҳҳо, алафзорҳо ва бешазорҳо, дигар заминҳое, ки дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода намешаванд, бунёд карда шудаанд, андозсупоранда ба таври хаттӣ ба мақоми андози ҳудудӣ дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи анҷом ёфтани ин кор ахборот медиҳад. Дар акси ҳол боғҳо ва токзорҳое, ки дар замини чарогоҳҳо, алафзорҳо ва бешазорҳо, дигар заминҳое, ки дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода намешаванд, бунёд карда шудаанд, бояд ҳамчун заминҳои бо дарахтҳои бисёрсола бандбуда, бе пешниҳоди давраи 5-солаи имтиёзноки дар боло зикргардида андозбандӣ карда шаванд.

5. Заминҳои дар бандҳои 7 ва 8 моддаи 271 ҳамин Кодекс нишондодашуда аз андозбандӣ озод мешаванд.

**Моддаи 268. Тартиби умумии ҳисоб кардан ва пардохтани андози замин**

1. Андози замин бо роҳи зарб задани объекти андозбандӣ (масоҳати қитъаи замин) ба меъёрҳои дахлдори андози замин алоҳида ба ҳар як қитъаи замин ҳисоб карда мешавад.

Меъёрҳои андози замин барои солиояндаи буҷетӣ нисбат ба меъёрҳои амалкунандаи соли ҷории буҷетӣ аз ҳисоби 0,7 пункти фоизӣ ба ҳар пункти фоизии таваррум, ки ҳангоми ташаккули буҷети давлатӣ

барои солиояндаи буҷетӣ ба назар гирифта мешавад, индексатсия карда мешаванд.

2. Андози замин аз моҳи минбаъдаи моҳе, ки дар он андозсупоранда ҳуқуқи истифода ё ҳуқуқи истифодаи меросии якумраи қитъаи заминро гирифтааст, ҳисоб карда мешавад.

3. Ҳангоми қатъ гаштани ҳуқуқи истифода ё ҳуқуқи истифодаи меросии якумраи қитъаи замин, андози замин барои шумораи моҳҳои дар асл истифода бурдани қитъаи замин, аз ҷумла моҳи қатъ гаштани ҳуқуқҳои номбаршуда ҳисоб карда мешавад.

4. Ҳангоми дар давоми соли андоз гузаронидани заминҳои маҳали аҳолинишин (қитъаи замин) аз як гурӯҳи маҳалли аҳолинишин ба гурӯҳи дигар, андози замин барои соли ҷорӣ аз андозсупорандагон тибқи меъёрҳои қаблан муқарраршуда барои чунин заминҳои маҳалли аҳолинишин (қитъаи замин), дар соли оянда бошад, тибқи меъёрҳое, ки барои гурӯҳи дигари заминҳои маҳали аҳолинишин муқаррар шудааст, ситонида мешавад.

5. Ҳангоми барҳам додани нуқтаи аҳолинишин ва дохил намудани ҳудуди он ба таркиби дигар нуқтаи аҳолинишин дар ҳудуди нуқтаи барҳамхӯрдаи аҳолинишин меъёри нав аз 1 январи соли минбаъдаи соле, ки дар он барҳамдиҳӣ ба вуқӯъ омадааст, татбиқ мешавад.

**Моддаи 269. Тартиби пешниҳоди ҳисобу китоби андоз**

1. Андозсупорандагон, ба ғайри шахсони воқеӣ, ҳар сол на дертар аз 1 марти соли ҷорӣ ба мақомоти андози маҳали ҷойгиршавии қитъаи замин ҳисоботи андози заминро, ки бояд дар соли ҷорӣ супоранд, пешниҳод менамоянд. Шакл ва тартиби ҳисоботи номбурдаро мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар менамояд.

2. Мақомоти андози маҳали ҷойгиршавии қитъаи замин андози замини шахсони воқеиро, ки бояд супоранд, ҳисоб менамоянд. Шакл ва тартиби ҳисоби номбурдаро мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар менамояд.

Шахси воқеӣ оид ба ӯҳдадориҳои андозиаш доир ба андози замин дар мӯҳлати на дертар аз 1 июни соли ҷорӣ аз ҷониби мақомоти андози дахлдор бояд огоҳонида шавад. Шакли огоҳнома оид ба ӯҳдадориҳои андози заминро мақоми ваколатдори андоз муқаррар менамояд.

3. Доир ба қитъаҳои замини аз нав ҷудокардашуда ҳисоби андози замин дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи ҷудокунӣ пешниҳод мешавад.

4. Мақомоти андоз супорандагони андози заминро ба ҳисоб гирифта, дурустии ҳисоби саривақтӣ ва супоридани андозро назорат мекунанд.

**Моддаи 270. Мӯҳлати пардохти андози замин**

1. Маблағи андози замин барои соли ҷории андоз дар асоси ҳисоботи пешниҳодшуда мутобиқи моддаи 269 ҳамин Кодекс, аз ҷониби андозсупорандагон, ба истисиои шахсони воқеӣ, дар мӯҳлатҳои зерин супорида мешавад:

~~1) доир ба заминҳои дар моддаи 266 ҳамин Кодекс зикршуда дар мӯҳлати на дертар аз 15 март, 15 июн, 15 сентябри соли ҷорӣ~~

~~мутаносибан дар ҳаҷми на камтар аз 25 фоиз ва 15 декабри соли ҷорӣ дар ҳаҷми қисми боқимондаи маблағи солона;~~

~~2) доир ба заминҳои дар моддаи 267 ҳамин Кодекс номбаршуда дар мӯҳлатҳои на дертар аз 15 март дар ҳаҷми на камтар аз 15 фоиз, на дертар аз 15 июн дар ҳаҷми на камтар аз 20 фоиз, на дертар аз 15 сентябр дар ҳаҷми на камтар аз 25 фоиз ва 15 декабри соли ҷорӣ дар ҳаҷми қисми боқимондаи маблағи солона.~~

1) доир ба заминҳои дар моддаи 266 ҳамин Кодекс зикршуда на дертар аз 15 феврал, 15 май, 15 август ва 15 ноябри соли ҷорӣ бо ҷамъбасти афзоянда аз оғози сол дар ҳаҷми мутаносибан на камтар аз 25 фоиз, 50 фоиз, 75 фоиз ва 100 фоизи маблағи солона;

2) доир ба заминҳои дар моддаи 267 ҳамин Кодекс зикршуда на дертар аз 15 феврал, 15 май, 15 август ва 15 ноябри соли ҷорӣ бо ҷамъбасти афзоянда аз оғози сол дар ҳаҷми мутаносибан на камтар аз 15 фоиз, 35 фоиз, 60 фоиз ва 100 фоизи маблағи солона.

2. Маблағи андози замин барои соли ҷории андоз аз ҷониби шахсони воқеӣ дар асоси огоҳномае, ки мақомоти андози дахлдор ба онҳо доир ба заминҳои дар моддаҳои 266 ва 267 ҳамин Кодекс зикршуда мерасонанд, дар мӯҳлатҳои ~~на дертар аз 15 июн дар ҳаҷми на камтар аз 33 фоиз, на дертар аз 15 сентябр дар ҳаҷми на камтар аз 33 фоиз ва 15 декабри соли ҷорӣ дар ҳаҷми қисми боқимондаи маблағи солона~~ на дертар аз 15 июн, 15 август ва 15 ноябри соли ҷорӣ бо ҷамъбасти афзоянда аз оғози сол дар ҳаҷми мутаносибан на камтар аз 33 фоиз, 66 ва 100 фоизи маблағи солона.

Агар бо ягон сабаб огоҳномаи мақомоти андоз оид ба ӯҳдадориҳои андози замин ба шахси воқеӣ то 1 июни соли ҷорӣ нарасида бошад, чунин шахси воқеӣ ӯҳдадор аст дар ин маврид мустақилона ба мақоми андози маҳали ҷойгиршавии қитъаи замин хабар диҳад ва ҳамаи маблағи андози заминро барои соли ҷории андоз дар мӯҳлати на дертар аз 15 декабри соли ҷорӣ супорад (бо назардошти маблағсупориҳои афзояндаи мӯҳлати супориданашон расида).

**Моддаи 271. Имтиёзҳо барои андози замин**

Аз андози замин инҳо озод мебошанд:

1) ҳудуди мамнӯъгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва дендрологӣ, ботаникӣ мутобиқи номгӯи чунин ташкилотҳо ва ҳаҷми ҳудудҳои онҳо, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гаридааст;

2) заминҳое, ки ташкилотҳои буҷетӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон ва муассисаҳои он барои татбиқи мақсад, вазифа ва амалҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисии чунин ташкилоту муассисаҳо дарҷ шудаанд, истифода мебаранд;

3) замини ташкилотҳое, ки дар онҳо биноҳои истифодабарандаи онҳо воқеъ гардида, аз ҷониби давлат ҳамчун ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва меъморӣ ҳифз карда мешавад, тибқи номгӯи ташкилотҳо ва ҳаҷми қитъаҳои замине, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст;

4) заминҳои барои истифода гирифташуда, ки мутобиқи хулосаи Кумитаи давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи мақоми ваколатдори давлатӣ вайроншуда (рекултиватсия талабкунанда) эътироф шудаанд ва заминҳое, ки дар зинаи азхудкунии кишоварзӣ мебошанд, дар соли барои истифода (азхудкунӣ) гирифташуда ва дар давоми 5 соли минбаъда аз соли қабул намудани (оғози азхудкунии) чунин заминҳо;

5) заминҳое, ки тахти хати мушоҳида дар тӯли сарҳади давлатӣ қарор доранд;

6) заминҳои истифодаи умумии нуқтаҳои аҳолинишин ва хоҷагиҳои коммуналӣ, аз ҷумла қабристонҳо, ба истиснои чунин заминҳо, ки дар онҳо фаъолияти соҳибкорӣ анҷом дода мешавад;

7) заминҳое, ки дар зери пиряххо, ярч, дарёҳо ва кӯлҳо воқеъ мебошанд;

8) заминҳои захираи озоди давлатӣ;

9) заминҳои таҳти роҳҳои автомобилии истифодаи умум ва роҳи оҳан, инчунин таҳти объектҳои давлатии обтаъминкунӣ ва таҷҳизоти обӣ қарордошта;

10) заминҳое, ки барои таъмини фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, инчунин барои таъмини мудофиа ва бехатарии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи ҷойгиркунӣ ва масоҳати муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд;

11) қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда ҷудо гардидаанд;

12) қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигие, ки ба шаҳрвандони аз дигар ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои зисти муқимӣ ба ноҳияҳои муайянкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд (муҳоҷир), ҷудо карда мешаванд, дар соли ҷудо намудан ва ба мӯҳлати 3 соли тақвимие, ки баъди аз соли ҷудо намудани чунин заминҳо фаро мерасад;

13) қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ ва заминҳои барои сохтмони манзил ба муаллимони дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонии деҳот коркунанда ҷудо кардашуда, дар давраи кори онҳо дар чунин муассисаҳо;

14) заминҳое, ки мустақиман барои мақсадҳои илмӣ ва таълимӣ, инчунин озмоиши навъҳои зироатҳои кишоварзӣ, дарахтҳои ороишӣ ва мевадиҳанда аз ҷониби ташкилотҳои илмӣ, хоҷагиҳои экспериментали ва илмию озмоишӣ, муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва муассисаҳои таълимии самтҳои кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал тибқи ҳаҷми замин ва мутобиқи номгӯи истифодабарандагони замин, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, истифода мегарданд;

15) қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил ба маъюбони ҳамаи гурӯҳҳо ҷудо карда шудаанд, дар ҳолати мавҷуд набудани аъзои оилаи қобили меҳнат;

16) қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ, ки ба шахсони дар банди 14) моддаи 141 ҳамин Кодекс, аъзои оилаи онҳо, инчунин афсарон,

прапорщикҳо, хизматчиёни ҳарбии зиёда аз мӯҳлат ва занон – хизматчиёни ҳарбӣ, ки вобаста ба саломатӣ ё дар натиҷаи ихтисори штат аз хизмат озод карда шуда, дорои собиқаи кории тақвимии 20-сола ва бештар аз он мебошанд, дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон;

17) заминҳое, ки барои корхонаю ташкилот ҷудо карда шудаанд, агар на камтар аз 50 фоизи кормандони онҳоро маъюбон ташкил диҳанд.

# ФАСЛИ XI. АНДОЗҲО АЗ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ ҚАЪРИ ЗАМИН

## БОБИ 37. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 272. Муносибатҳое, ки ҳамин фасл танзим менамояд**

1. Ҳамин фасл хусусиятҳои вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои андоз, ки аз қарордодҳо барои истифодаи қаъри замин бармеоянд ва тартиби ҳисоб ва супоридани маблағҳои махсуси истифодабарандагони қаъри заминро, ки бонусҳо (обунавӣ, дарёфти тиҷоратӣ, истихроҷӣ) ва роялтиро дар бар мегиранд, муайян менамояд.

2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки қарордодҳои истифодаи қаъри заминро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ (иҷро) менамоянд, дар баробари пардохтҳои махсуси истифодабарандагони қаъри замин супорандагони дигар андозҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс мебошанд, агар онҳо ба талаботи ҳамин Кодекс нисбати супорандагони дигар андозҳо ҷавоб дода тавонанд.

3. Тамоми намудҳои бонусҳо ва роялти барои мақсадҳои андоз аз фоида (андози даромади соҳибкорони инфиродӣ), аз даромади умумӣ тарҳ карда мешаванд.

**Моддаи 273. Супорандагон**

Супорандагони пардохтҳои махсуси истифодабарандагони қаъри замин (минбаъд – «пардохтҳои махсус») шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки амалиётро оид ба истифодаи қаъри замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – «истифодабарандагони қаъри замин») содир менамоянд, аз ҷумла истихроҷи канданиҳои фоиданок аз ташкилаҳои техногении минералӣ.

**Моддаи 274. Муқаррар намудани низоми андоз дар қарордодҳои оид ба истифодаи қаъри замин**

1. Низоми андоз, ки барои истифодабарандаи қаъри замин муқаррар карда мешавад, танҳо дар қарордод оид ба истифодаи қаъри замин (минбаъд–«қарордод»), ки тибқи тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон байни истифодабарандаи қаъри замин ва мақоми салоҳиятдори ваколатдорнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – «мақоми салоҳиятдор») имзо шудааст, муайян карда мешавад.

2. Низоми андозе, ки дар қарордод муқаррар карда мешавад, бояд ба талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи бастани (имзо намудани) қарордод мувофиқат намояд.

3. Масъалаҳои вобаста ба супоридани андозҳо ва пардохтҳои махсусро ба иҷозатномаҳо ва дигар асноде, ки бо истифодаи қаъри замин алоқаманд мебошанд, ҳамроҳ кардан манъ аст, ба истиснои қарордодҳо оид ба истифодаи қаъри замин.

4. Дар мавриде, ки истифодаи қаъри заминро бо як қарордод якчанд андозсупорандагон амалӣ менамоянд, низоми андози дар қарордод муқарраршуда барои ҳамаашон ягона мебошад.

Дар баробари ин фаъолияти якчанд андозсупорандае, ки дар доираи чунин қарордод иҷро мешавад, барои мақсади андозбандӣ ҳамчун андозсупорандаи ягона ҳисоб ёфта, онҳо ӯҳдадор мебошанд баҳисобгирии ягонаи муштаракро пеш баранд, ҳамаи андозҳо ва маблағҳои махсуси дар қарордод мутобиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршударо супоранд.

5. Истифодабарандагони қаъри замине, ки дар асоси зиёда аз як қарордод фаъолият мекунанд, даромад ва хароҷотро дар доираи қарордодҳои гуногун барои муайян намудани андозҳо ва пардохтҳои махсус наметавонанд якҷоя намоянд. Доир ба ҳар як қарордод бояд баҳисобгирии алоҳидаи даромадҳо ва хароҷот, инчунин баҳисобгирии алоҳидаи андозҳо ва пардохтҳои махсус пеш бурда шавад.

6. Муқаррароти қисми 5 ҳамин модда дар ҳолатҳое, ки истифодабарандагони қаъри замин дар асоси зиёда аз як қарордод фаъолият мекунанд ва ҳамаи ин қарордодҳо ба истихроҷи канданиҳои фоиданоки умумимаъмулӣ ва (ё) обҳои зеризаминӣ баста шудаанд, татбиқ намегардад, ба шарте агар ҳамаи чунин қарордодҳо истихроҷи дигар намуди канданиҳои фоиданокро дар бар нагиранд.

7. Истифодабарандаи қаъри замин ӯҳдадор аст баҳисобгирии алоҳидаро барои ҳисоби ӯҳдадориҳои андоз мутобиқи низоми андозе, ки қарордод пешбинӣ намудааст ва ҳисоб намудани ӯҳдадориҳои андоз оид ба фаъолияти аз доираи чунин қарордод берунро (бо истифодаи қаъри замин алоқаманд набуда) амалӣ намояд.

8. Муқаррароти қисми 7 ҳамин модда дар хусуси баҳисобгирии алоҳида дар ҳолатҳое, ки истифодабарандагони қаъри замин дар баробари фаъолият тибқи қарордоди истихроҷи канданиҳои фоиданоки умумимаъмулӣ ва (ё) обҳои зеризаминӣ, фаъолиятеро анҷом медиҳанд, ки аз доираи чунин қарордодҳо берун аст (новобаста бо истифодаи қаъри замин), татбиқ намегардад.

9. Ҳангоми бо мақсади соҳибкорӣ коркард намудани канданиҳои фоиданоки ҳамрадифи дар қарордод пешбининашуда истифодабарандаи қаъри замин доир ба онҳо мувофиқи муқаррароти боби 39 ҳамин Кодекс роялти месупорад.

### Моддаи 275. Низоми андоз оид ба амалиёте, ки ба истифодаи қаъри замин мансуб нест

Иҷрои ӯҳдадориҳои андоз доир ба фаъолият, ки дар доираи қарордод сурат мегирад, истифодабарандаи қаъри заминро аз иҷрои ӯҳдадориҳои андози пешбининамудаи ҳамин Кодекс барои фаъолияти берун аз қарордод (ки ба истифодаи қаъри замин мансуб намебошад) мутобиқи қонунгузории андоз, ки дар санаи пайдо шудани чунин ӯҳдадориҳо (ки ба истифодаи қаъри замин марбут намебошад) амал мекунад, озод наменамояд.

**Моддаи 276. Устувории низоми андоз**

1. Низоми андози муайяннамудаи қарордод, ки мутобиқи тартиби муқарраршуда баста шуда, аз экспертизаи ҳатмии андоз гузаштааст, ба истиснои ҳолати пешбининамудаи қисми 2 ҳамин модда, то охири мӯҳлати амали чунин қарордод бетағйир амал мекунад.

2. Ҳангоми ворид намудани тағйирот ба қонунгузории андоз баъди санаи имзои қарордод, ки боиси имконнопазирии риояи минбаъдаи шартҳои ибтидоӣ мегардад, истифодабарандаи қаъри замин ва намояндагони мақоми салоҳиятдор, мақоми ваколатдори давлатӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ба қарордод тағйирот ё иловаҳое ворид намоянд, ки барои барқарор намудани манфиатҳои иқтисодии тарафҳо мутобиқи ҳолате, ки дар лаҳзаи имзои қарордод мавҷуд буд, заруранд. Ин тағйирот ё ислоҳи шарти қарордод дар давоми шаст рӯз аз лаҳзаи ба таври хаттӣ ирсол намудани огоҳномаи хаттии мақоми ваколатдори давлатӣ ба истифодабарандаи қаъри замин ё ирсоли баръакси чунин огоҳнома ворид карда мешаванд.

3. Ҳангоми бекор кардани намудҳои алоҳидаи андозҳо ва пардохтҳои махсус, ки дар қарордод пешбинӣ шудаанд, истифодабарандаи қаъри замин супоридани онҳоро ба буҷет то ворид намудани тағйироти дахлдор ба қарордод бо мақсад ва тартиби пешбининамудаи қисми 2 ҳамин модда, тибқи тартиб ва ҳаҷми муқаррарнамудаи қарордод анҷом медиҳад.

**Моддаи 277. Анбозбандии гузашт намудани ҳуқуқҳо**

Даромадҳое, ки ҳангоми гузашт намудан аз ҳуқуқҳои фароҳамовардаи қарордод ба даст меоянд, бояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс андозбандӣ шаванд.

**Моддаи 278. Экспертизаи андоз**

1. Экспертизаи андоз – экспертизаи махсус буда, таҳлил ва баҳодиҳии лоиҳаи қарордоди байни истифодабарандаи қаъри замин ва мақоми салоҳиятдор басташуда, иловаю тағйироти онро дар бар мегирад, ки бо мақсади муайян намудани низоми андоз, аз ҷумла мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудани пардохтҳои махсус гузаронда мешавад.

2. Тамоми қарордодҳое, ки байни истифодабарандаи қаъри замин ва мақоми салоҳиятдор (тарафҳои аҳдкунанда) баста мешаванд, то лаҳзаи баста (имзо) шуданашон бояд тибқи тартиб ва мӯҳлати муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон экспертизаи ҳатмии андозро гузаранд. Ин муқаррарот нисбати тағйирот ва иловаҳое, ки ба қарордодҳои қаблан басташуда ворид карда мешаванд, низ татбиқ мегардад.

3. Ҳангоми тағйирёбии қонунгузории андоз дар давраи аз санаи гузаронидани экспертизаи андоз то санаи имзо намудани қарордод, низоми андоз бояд тавассути экспертизаи такрории андоз ба ин тағйирот мутобиқ гардонида шавад.

4. Низоми андоз, ки тибқи натиҷаи экспертизаи андоз муайян шудааст, бояд ҳатман ба матни ниҳоии қарордод бе ягон тағйирот ва тасҳеҳ дохил карда шавад.

## БОБИ 38. БОНУСҲО

**Моддаи 279. Муқаррароти умумӣ оид ба бонусҳо**

1. Бонусҳо пардохтҳои устуворонаи истифодабарандагони қаъри замин мебошанд ва дар шакли пулӣ, тибқи ҳаҷм ва тартиби дар қарордоди истифодаи қаъри замин муқарраргардида супорида мешаванд.

2. Истифодабарандагони қаъри замин, бо дарназардошти шартҳои инфиродии истифодаи қаъри замин намудҳои зерини бонусро месупоранд:

1) бонуси обунавӣ;

2) бонуси кашфи тиҷоратӣ;

3) бонуси истихроҷ.

3. Мутобиқи самаранокии иқтисодии қарордодҳои имзошаванда мумкин аст дар онҳо як ё якчанд намуди бонусҳо муқаррар карда шавад.

**Моддаи 280. Бонуси обунавӣ**

Бонуси обунавӣ пардохти яккаратаи устуворонаи истифодабарандаи қаъри замин барои ҳуқуқи фаъолият ҷиҳати истифодаи қаъри замин дар ҳудуди қарордодӣ мебошад ва ҳангоми бастани қарордод мувофиқи тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 281. Тартиби муқаррар намудан, ҳаҷм ва мӯҳлати пардохти бонуси обунавӣ**

1. Ҳаҷмҳои ибтидоии бонусҳои обунавиро, аз ҷумла мувофиқи шартҳои гузаронидани тендер, мақоми салоҳиятдор бо мувофиқаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдори давлатӣ муайян менамояд.

2. Ҳаҷми ниҳоии бонуси обунавӣ дар қарордод вобаста ба аҳамияти иқтисодии конҳои (ҳудудҳои) барои истифода супоридашаванда, аммо на пасттар аз ҳаҷмҳои ибтидоӣ муқаррар карда мешавад.

3. Мӯҳлати пардохти бонуси обунавиро қарордод дар мӯҳлати на дертар аз 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи бастани қарордод, муқаррар менамояд.

**Моддаи 282. Эъломияи андоз**

Эъломия оид ба бонуси обунавӣ аз ҷониби истифодабарандаи қаъри замин ба мақоми андози маҳалли баҳисобгирии худаш то рӯзи 15-уми моҳи минбаъдае, ки баъди моҳи фарорасии мӯҳлати пардохт омадааст, супорида мешавад.

**Моддаи 283. Бонуси кашфи тиҷоратӣ**

1. Бонуси кашфи тиҷоратӣ маблағсупорӣ барои ҳар як кашфи тиҷоратӣ дар ҳудуди қарордодӣ, аз ҷумла барои кашфи канданиҳои фоиданок дар рафти гузаронидани кофтукови иловагии конҳо мебошад, ки боиси афзоиши захираҳои дар ибтидо муқарраршудаи истихроҷшаванда мегардад, ба истисноии ҳолатҳое, ки дар қисми 2 ҳамин модда зикр шудаанд.

2. Бонуси кашфи тиҷоратӣ тибқи қарордодҳо барои кашфи конҳои канданиҳои фоиданоке, ки истихроҷи минбаъдаи онҳоро пешбинӣ намекунанд, муқаррар карда намешавад.

3. Кашфи тиҷоратӣ – ин захираҳои навъҳои алоҳидаи канданиҳои фоиданок мебошад, ки дар доираи ҳудуди қарордодӣ кашф шуда, мувофиқи тартиби муқарраршуда тасдиқ гардидаанд ва барои истихроҷ аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок мебошанд.

**Моддаи 284. Тартиби ҳисоб кардан ва ҳаҷми бонуси кашфи тиҷоратӣ**

1. Тартиби ҳисоб намудани бонуси кашфи тиҷоратиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

2. Ҳаҷми бонуси кашфи тиҷоратиро қарордод муқаррар менамояд.

**Моддаи 285. Эъломияи андоз ва мӯҳлати пардохт**

Эъломияи оид ба бонуси кашфи тиҷоратӣ аз ҷониби истифодабарандаи қаъри замин ба мақоми андози маҳали баҳисобгирии худ дар мӯҳлати на дертар аз 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи тасдиқ шудани кашфи тиҷоратӣ мувофиқи тартиби муқарраргардида пешниҳод гардида, бонуси кашфи тиҷоратӣ на дертар аз ҳамин мӯҳлат пардохта мешавад.

**Моддаи 286. Бонуси истихроҷ**

Бонуси истихроҷ пардохти устуворона буда, мунтазам, ҳангоми расидан ба дараҷаи ҳаҷми истихроҷ, ки дар қарордод муайян шудааст, аз ҷониби истифодабарандаи қаъри замин супорида мешавад.

**Моддаи 287. Тартиби ҳисобкунӣ, ҳаҷм ва мӯҳлати пардохти бонуси истихроҷ**

1. Тартиби ҳисоб намудани бонуси истихроҷро доир ба гурӯҳҳои канданиҳои фоиданок Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

2. Ҳаҷми бонуси истихроҷро қарордод барои истифодаи қаъри замин муқаррар менамояд.

3. Бонуси истихроҷ дар мӯҳлати на дертар аз рӯзи 15~~20~~-уми моҳи минбаъда, ки дар он дараҷаи ҳаҷми истихроҷи дар қарордод муайяншуда фаро расидааст, пардохта мешавад.

**Моддаи 288. Эъломияи андоз**

1. Эъломияи оид ба бонуси истихроҷ аз ҷониби истифодабарандаи қаъри замин ба мақоми андоз дар маҳалли баҳисобгирии худаш на дертар аз мӯҳлати муқарраршуда барои супоридани бонуси истихроҷ пешниҳод карда мешавад.

2. Шакли эъломияҳои андоз ва тартиби навиштани онҳоро доир ба бонуси обунавӣ, бонуси кашфи тиҷоратӣ ва бонуси истихроҷ мақоми

ваколатдори давлатӣ бо мувофиқаи мақоми салоҳиятдор муқаррар менамояд.

## БОБИ 39. РОЯЛТИ

**Моддаи 289. Муқаррароти умумӣ оид ба роялти**

1. Роялти пардохте мебошад, ки истифодабарандаи қаъри замин дар алоҳидагӣ, доир ба ҳар як намуди (доир ба тамоми намудҳои) канданиҳои фоиданоки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истихроҷшаванда месупорад, новобаста аз он, ки онҳо ба харидорон (қабулкунандагон) таҳвил (бор карда фиристода) шудаанд ё барои эҳтиёҷоти худӣ истифода гардидаанд.

2. Роялтие, ки дар қарордод барои истифодаи қаъри замин муқаррар шудааст, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 3 ҳамин модда, дар шакли пулӣ супорида мешавад.

3. Дар рафти фаъолият тибқи қарордод шакли пулии пардохти роялти бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар асоси созишномаи иловагии истифодабарандаи қаъри замин бо мақоми салоҳиятдор муваққатан пурра ё қисман ба шакли пардохти натуралӣ, ки ба шакли пулӣ баробар аст, иваз карда шавад. Ҳангоми бастани (имзои) созишномаи иловагӣ оид ба шакли натуралии пардохти роялти бояд муқаррароти моддаи 295 ҳамин Кодекс риоя карда шавад.

**Моддаи 290. Супорандагон**

Супорандагони роялти истифодабарандагони қаъри замине мебошанд, ки канданиҳои фоиданок, аз ҷумла канданиҳои фоиданокро аз ташкилаҳои минералии техногенӣ истихроҷ менамоянд, сарфи назар аз он, ки таҳвили (бор карда фиристодани) онҳо дар давраи ҳисоботӣ сурат гирифтааст ё на.

**Моддаи 291. Тартиби муқаррар намудани роялти**

1. Ҳаҷми роялти дар асоси объекти андозбандӣ, заминаи ҳисобкунӣ ва меъёр муайян карда мешавад.

2. Барои ҳисоб намудани роялти:

1) объекти андозбандӣ доир ба ҳамаи намудҳои канданиҳои фоиданок аз ҳаҷми истихроҷи канданиҳои фоиданок ё ҳаҷми маҳсулоти молии якуми аз истихроҷи аслии канданиҳои фоиданок гирифташуда, ки дар асоси воҳидҳои дахлдори натуралии ченак муайян шудааст, иборат мебошад.

Ҳамзамон маҳсулоти молии якум метавонанд инҳо бошанд:

а) худи канданиҳои фоиданок:

- нафт, гази табиӣ ва конденсати газ;
- ангишт ва слансҳои сӯзишворӣ;
- маъданҳои молӣ;
- обҳои зеризаминӣ, аз ҷумла аз коркарди аввалин гузашта;
- слюда, асбест, ашё барои истеҳсоли маводи сохтмон;
- ашёи хоми ғайримаъданӣ барои металлургия;

б) металлҳои қиматбаҳо ва (ё) металлҳои софи химиявӣ дар қум, маъданҳо, консентратҳо;

в) консентрати металлҳои сиёҳ, ранга, нодир ва радиоактивӣ, ашёи кимиёвии кӯҳӣ;

г) сангҳои қиматбаҳо, ашёи сангҳои ороишӣ ва пьезооптикии аз коркарди якум гузашта;

д) оид ба дигар канданиҳои фоиданок – ашёи минералии аз коркарди якум гузашта;

2) заминаи ҳисоби роялти арзиши канданиҳои фоиданок мебошад, ки тибқи моддаи 292 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад;

3) меъёри роялти дар ҳар як қарордод ба таври инфиродӣ, вобаста аз самаранокии иқтисодии лоиҳа алоҳида доир ба ҳар намуди (доир ба ҳамаи намудҳои) канданиҳои фоиданок, ба истиснои канданиҳои фоиданоки маъмулӣ ва обҳои зеризаминӣ, тибқи тартибе, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти муқаррароти қисмҳои 3, 4 ва 5 ҳамин модда муайян намудааст, муқаррар карда мешавад. Дар баробари ин меъёри ҳадди ақали роялти доир ба ҳама гуна канданиҳои фоиданок бояд на камтар аз 0,5 фоиз бошад.

3. Меъёри роялти нисбати карбогидридҳо тибқи ҷадвали тағйирёбанда (зинадор), чун фоизе мебошад, ки вобаста ба ҳаҷми истихроҷ бо воҳидҳои натуралии ченак ва (ё) аз арзиши ҳаҷми истихроҷ бо яке аз ду усули зерин муқаррар карда мешавад:

1) аз ҳаҷми истихроҷи ҷамъшуда ва (ё) арзиши истихроҷи ҷамъшудаи карбогидридҳо дар тамоми давраи фаъолияти дар қарордод пешбинишуда;

2) аз ҳаҷми истихроҷи ҷамъшуда ва (ё) арзиши истихроҷи ҷамъшуда дар ҳар соли алоҳидаи фаъолият тибқи қарордод.

4. Меъёрҳои роялти доир ба канданиҳои фоиданоки сахт, аз ҷумла тилло, нуқра, платина, дигар металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо бо фоизи муайяншуда барои тамоми давраи амали қарордод муқаррар карда мешаванд.

5. Меъёрҳои роялти доир ба канданиҳои фоиданоки маъмулӣ ва обҳои зеризаминӣ барои ҳамаи истифодабарандагони қаъри замин ягона мебошанд ва онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фоиз муқаррар мекунад.

Роялти доир ба канданиҳои фоиданоки маъмулӣ ва обҳои зеризаминиро истифодабарандаи қаъри замин сарфи назар аз он, ки онҳоро ба истеъмолкунандагон таҳвил додааст ё барои эҳтиёҷоти худӣ истифода бурдааст, месупорад, ба истиснои ҳолатҳои зерин, ки дар ҳамин қисм зикр шудаанд.

Роялти аз ҷониби инҳо пардохта намешавад:

1) аз ҷониби шахсони воқеӣ доир ба обҳои зеризаминие, ки дар қитъаҳои замини ба онҳо барои истифода вобасташуда ё истифодаи умрбоди меросӣ додашуда истихроҷ карда мешаванд, ба шарте агар чунин обҳо ба дигар шахс таҳвил дода ё барои истеҳсолот ва эҳтиёҷоти технологӣ ҳангоми фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда нашаванд;

2) аз ҷониби ташкилотҳои давлатие, ки обҳои зеризаминиро барои эҳтиёҷоти хоҷагидории худ истихроҷ менамоянд;

3) аз ҷониби истифодабарандагони қаъри замин ҳангоми баргашта бо обҳои зеризаминии ҳамроҳ истихроҷшуда пур кардани ҷои онҳо барои нигоҳдории фишори қишри замин.

6. Ҳангоми тибқи як қарордод истихроҷ намудани якчанд намуди канданиҳои фоиданок роялти доир ба ҳар як намуди канданиҳои фоиданок муқаррар гардида ва пардохта мешавад.

7. Ҳаҷми роялти, ки бояд ба буҷет пардохта шавад, ҳамчун ҳосили зарби арзиши ҳар як намуди канданиҳои фоиданоки истихроҷнамудаи истифодабарандаи қаъри замин дар давраи андоз ба меъёрҳои дахлдори роялти муайян карда мешавад.

**Моддаи 292. Тартиби муайян намудани арзиши канданиҳои фоиданоки истихроҷшуда**

1. Бо мақсади ҳисоби ҳаҷми роялти, ки бояд ба буҷет пардохта шавад, арзиши канданиҳои фоиданоки истихроҷнамудаи истифодабарандаи қаъри замин дар давраи андоз, ба истиснои тилло, нуқра ва платина, вобаста ба нархи миёнаи таҳвили канданиҳои фоиданоки истихроҷшуда ё маҳсулоти якуми молии аз канданиҳои фоиданоки истихроҷшуда бадастомада дар давраи андоз, бе назардошти андозҳои ғайримустақим муайян карда мешавад.

2. Арзиши тилло, нуқра ва платинаи истихроҷкардаи истифодабарандаи қаъри замин дар давраи андоз вобаста ба нархи миёнаи чунин металлҳо дар давраи андоз дар Биржаи металлҳои Лондон, тибқи тартиби бо мувофиқаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарварнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ ҳисоб карда мешавад.

**Моддаи 293. Тартиби пардохти роялти**

1. Давраи андоз (ҳисоботӣ) оид ба муайян кардан ва пардохтани роялти моҳи тақвимӣ мебошад.

2. Эъломияи (ҳисоби) роялтиро истифодабарандаи қаъри замин тибқи шакл ва тартиби бо мувофиқаи мақоми салоҳиятдор муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ ба мақоми андози маҳали баҳисобгирии худ то рӯзи даҳуми моҳи минбаъдаи давраи ҳисоботӣ пешниҳод менамояд.

3. Роялти доир ба тамоми навъҳои канданиҳои фоиданок дар мӯҳлати на дертар аз рӯзи 15-уми моҳи минбаъдаи давраи ҳисоботӣ пардохта мешавад.

**Моддаи 294. Муайян намудани арзиши канданиҳои фоиданоки истихроҷшуда ҳангоми анҷом надодани фурӯш (таҳвил)**

1. Ҳангоми дар давраи андоз анҷом надодани фурӯши маҳсулоти якуми молӣ ҳамчун нархи миёнаи фурӯш (бидуни андозҳои ғайримустақим), ба истиснои тилло, нуқра, платина, канданиҳои фоиданоки маъмулӣ ва обҳои зеризаминӣ, барои ҳисоби арзиши канданиҳои фоиданоки истихроҷшуда нархи миёнаи фурӯши (бидуни

андозҳои ғайримустақим) маҳсулоти молии давраи охирин, ки дар он фурӯш (таҳвил) анҷом дода шуда буд, ба ҳисоб гирифта мешавад.

2. Ҳангоми пурра анҷом надодани фурӯши маҳсулоти якуми молӣ, ба истиснои тилло, нуқра ва платина, барои ҳисоби арзиши канданиҳои фоиданоки дар давраи ҳисоботӣ истихроҷшуда ҳамчун нархи миёнаи фурӯш хароҷоти воқеии истихроҷи канданиҳои фоиданок қабул мешавад.

Дар ин ҳолат истифодабарандаи қаъри замин ӯҳдадор аст тасҳеҳи минбаъдаи маблағҳои ҳисобшудаи роялтиро тибқи ҳамон давраи андозе, ки фурӯши якум сурат гирифтааст, бо дарназардошти нархи воқеии фурӯши (бидуни андозҳои ғайримустақим) маҳсулоти якуми молӣ анҷом диҳад.

3. Ҳангоми анҷом надодани фурӯши канданиҳои фоиданоки маъмулӣ дар давраи андозбандӣ ё ҳангоми истифодаи пурраи онҳо барои эҳтиёҷоти худӣ, ба сифати нархи миёнаи фурӯши маҳсулоти якуми молӣ хароҷоти воқеии истифодабарандаи қаъри замин барои истихроҷ ва коркарди аввалини онҳо қабул карда мешавад, ки бо даромаднокии шартӣ дар ҳаҷми 10 фоизи маблағи хароҷоти зикргардида зиёд карда шудааст.

Ҳангоми истифодаи обҳои зеризаминӣ ба сифати унсури асосии маҳсулоти истеҳсолшаванда ва (ё) хизматрасониҳо ба сифати нархи миёнаи фурӯши маҳсулоти якуми молӣ дар давраи андоз маблағи хароҷоти аслии истифодабарандаи қаъри замин барои истихроҷ ва коркарди аввалини он қабул карда мешавад, ки бо даромаднокии шартӣ дар ҳаҷми 10 фоизи маблағи хароҷоти зикргардида зиёд карда шудааст.

**Моддаи 295. Тартиби муқаррар намудан ва пардохтани роялти дар шакли натуралӣ**

1. Ҳангоми бастани созишномаи иловагӣ ба қарордод барои пардохти роялти дар шакли натуралӣ то лаҳзаи имзои он бояд ҳатман экспертизаи ҳуқуқӣ ва андоз гузаронда шавад.

2. Шакли натуралии пардохти роялти бояд ба шакли пулии пардохт, ки дар қарордод барои пардохти роялти муқаррар шудааст, баробарарзиш бошад.

3. Ҳангоми муқаррар намудани шакли натуралии пардохти роялти, дар созишномаи иловагӣ ҳатман инҳо нишон дода мешаванд:

1) қабулкунандае, ки аз номи давлат қисми маҳсулоти ба роялти мувофиқро (минбаъд – «қабулкунанда») қабул мекунад;

2) нуқтаи қабул ва шартҳои таҳвил.

4. Мӯҳлати аз ҷониби истифодабарандаи қаъри замин супоридани маҳсулоте, ки ба ҳисоби пардохти роялти дода мешавад, дар созишномаҳои иловагӣ бояд ба мӯҳлатҳои пардохти роялти, ки дар қарордоди истифодаи қаъри замин барои пардохт дар шакли пулӣ муқаррар шудааст, мувофиқат намояд.

Дар ин ҳолат истифодабарандаи қаъри замин маҳсулотро ба қабулкунанда дар мӯҳлати на дертар аз мӯҳлати пардохти роялти, ки дар қарордоди истифодаи қаъри замин муқаррар шудааст, месупорад.

5. Қабулкунанда дар мӯҳлати пардохти роялти, ки қарордоди истифодаи қаъри замин дар шакли пулӣ супоридани роялтиро муқаррар намудааст, роялтиро дар шакли пулӣ ба буҷет мегузаронад, ки истифодабарандаи қаъри замин мувофиқи шартҳои қарордод ҳисоб намудааст, инчунин мустақилона сари вақт ва пурра аз ҷониби истифодабарандаи қаъри замин ба вай супоридани ҳаҷми дахлдори маҳсулотро дар шакли натуралӣ назорат менамояд.

6. Истифодабарандаи қаъри замин ва қабулкунанда тибқи шакл ва тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ ба мақоми дахлдори андоз оид ба супоридани роялти дар шакли натуралӣ дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қарордод ҳисобот пешниҳод менамоянд.

7. Қабулкунанда барои вайрон кардани мӯҳлатҳо ва пуррагии гузаронидани маблағҳо ба буҷет барои маҳсулоти гирифташуда ба ҳисоби пардохти роялти мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ дорад.

## ФАСЛИ XII. АНДОЗ АЗ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД

## БОБИ 40. АНДОЗ АЗ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД

### Моддаи 296. Андозсупорандагон

~~Супорандагони андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард супорандагони ААИ - шахсони зайли ҳуқуқӣ мебошанд:~~

~~1) корхонаҳои резидентӣ;~~

~~2) корхонаҳои хориҷие, ки фаъолияти соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаҳои доимии худ амалӣ мекунанд.~~

Супорандагони андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард шахсони зерин ба ҳисоб меравand, ки даромади умумиашон бе назардошти ААИ ва андоз аз фурӯши чакана дар оғози соли андоз аз 600 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад:

1) корхонаҳои резидентӣ;

2) корхонаҳои хориҷие, ки тавассути муассисаҳои доимиашон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд;

3) соҳибкорони инфиродӣ.

### Моддаи 297. Объекти андозбандӣ

~~Объекти андозбандӣ таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо, ки таҳти андозбандӣ аз андози арзиши иловашуда қарор меёбанд, аз ҷумла тибқи меъёри сифр андозбандишаванда ба ҳисоб мераванд. Таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳое, ки аз ААИ озод мебошанд, объекти андозбандӣ ба ҳисоб намераванд.~~

~~Ҳангоми воридот молҳое, ки бояд таҳти ААИ қарор гиранд, бо андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард андозбандӣ карда намешаванд.~~

~~Объекти андозбандӣ таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо эътироф карда мешаванд.~~

Объекти андозбандӣ маблағи таҳрҳои (хароҷоти) дар давраи ҳисоботии андоз кардашуда дар ҳаҷми пурра, бе назардошти маҳдудиятҳо ба таҳрҳо (хароҷот), ки боби 19 ҳамин Кодекс муқаррар намудааст, ба ҳисоб меравад.

**Моддаи 298. Имтиёзҳои андоз**

Бо ин андоз инҳо андозбандӣ карда намешаванд:

1) ташкилотҳои буҷетӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, аз ҷумла Бонки миллии Тоҷикистон ва муассисаҳои он;

2) иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои динӣ, ҷамъиятҳои миллию фарҳангӣ, ба истиснои фаъолияти соҳибкории онҳо.

**Моддаи 299. Меъёри андоз**

Меъёри андоз дар ҳаҷми 2 фоизи манбаи андоз муқаррар карда мешавад.

Меъёри андоз барои корхонаҳои савдо, маҳсулоттайёркунӣ, таъминотию фурӯш дар ҳаҷми 0,5 фоизи манбаи андоз муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 300. Манбаи андоз**

~~Манбаи андоз тибқи тартибе ҳисоб карда мешавад, ки барои муайян намудани муомилоти андозбандишаванда оид ба ААИ мутобиқи моддаи 208 ҳамин Кодекс муқаррар гардидааст ва амалиёти аз ААИ озодро дар бар намегирад.~~

~~Манбаи андоз арзиши (аз арзиши) молҳои таҳвилдодашуда, корҳои иҷрогардида ва хизматрасониҳо бе дарназардошти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фурӯши чакана дар бар мегирад (иборат аст).~~

Манбаи андоз бо роҳи ҷамъ намудани ҳамаи таҳрҳои (хароҷоти) дар давраи ҳисоботии андоз кардашуда дар ҳаҷми пурра, бе назардошти маҳдудиятҳо ба таҳрҳо (хароҷот), ки боби 19 ҳамин Кодекс муқаррар намудааст, ҳисоб карда мешавад.

**Моддаи 301. Тартиб ва мӯҳлати пардохти андоз**

Давраи андоз, мӯҳлати пардохт ва тартиби пешниҳоди эъломия ба монанди онест, ки барои андоз аз арзиши иловашуда муқаррар гардидааст.

## ФАСЛИ XIII. АНДОЗЕ, КИ ТИБҚИ НИЗОМИ СОДДАКАРДАШУДА ПАРДОХТА МЕШАВАД

## БОБИ 41. АНДОЗЕ, КИ ТИБҚИ НИЗОМИ СОДДАКАРДАШУДА ПАРДОХТА МЕШАВАД

**Моддаи 302. Супорандагон**

Супорандагони андозе, ки тибқи низоми соддакардашуда пардохта мешавад, корхонаҳое мебошанд, ки даромади умумии онҳо дар ғўзи соли андоз бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фурӯши чакана аз ҳадди 3-каратаи муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс

барои мақсадҳои бақайдгирӣ ба сифати супорандаи ААИ зиёд намебошад, ба истисноии чунин корхонаҳое, ки ба истеҳсоли молҳои зераксизӣ, таҳвили нахи пахта ва алюминийи аввалия қарордошта, онҳое, ки истифодабарандагони қаъри замин, дорои воҳидҳои махсус мебошанд, муассисаҳои суғуртакунӣ, фондҳои инвеститсионӣ, иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, ташкилотҳои кредитӣ.

**Моддаи 303. Объекти андозбандӣ**

1. Объекти андозбандӣ даромади умумии дар давраи ҳисоботӣ бадастомада мебошад~~, ки он ба маблағи тарҳшавандаи пешбининамудаи ҳамин Кодекс кам карда шудааст, ба истиснои маблағҳои тарҳшаванда, ки мутобиқи моддаи 136 ҳамин Кодекс музди меҳнат шуморида мешаванд (даромади софи умумӣ)~~. Даромади умумӣ дар асоси усули хазинавӣ чун маблағи фурӯш, ки аз таҳвили молҳо (кору хизмат), нархи фурӯши амволи дар давраи ҳисоботӣ таҳвилшуда ва даромадҳои ғайрифурӯшӣ дар доираи фаъолияти соҳибкорӣ бо тарҳи маблағи ААИ ва андоз аз фурӯши чакана ҳисоб карда мешавад. Даромади умумӣ ~~ва тарҳҳо~~ бояд дар асоси ҳуҷҷатҳои даромад~~ ва хароҷоте~~, ки тибқи тартиби муқарраршуда ба расмият дароварда шудаанд, тасдиқ гардад.

2. Корхонаҳое, ки тибқи низоми соддакардашуда андозбандӣ мегарданд, супорандагони андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ ва андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо, инчунин андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард намебошанд.

3. Андозсупорандагони дар боло зикрёфта доир ба андоз аз даромад нисбати кормандон агентҳои андоз ва доир ба андози иҷтимоӣ бошад, - ҳамзамон андозсупорандагон ва агентҳои андоз ба ҳисоб мераванд.

4. Супорандагони андозе, ки тибқи низоми соддакардашуда пардохта мешавад, баҳисобгирии оддии даромад, хароҷот ва ҳисоботро бо усули соддакардашуда, тибқи тартиби бо мувофиқаи мақоми ваколатдори давлатӣ муайяннамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш мебаранд.

5. Имтиёзҳои пешбининамудаи моддаи 145 ҳамин Кодекс барои мақсадҳои фасли мазкур татбиқ карда мешаванд.

**Моддаи 304. Меъёри андоз**

Меъёри андоз дар ҳаҷми 4 ~~12~~ фоизи объекти андозбандӣ муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 305. Тартиби истифодаи низоми соддакардашудаи андозбандӣ**

1. Давраи андоз (ҳисоботӣ) барои корхонаҳо ҳангоми истифодаи низоми соддакардашудаи андозбандӣ семоҳа мебошад.

2. Корхона ба мақоми андоз дар мӯҳлати то рӯзи 15-уми моҳи минбаъдаи давраи ҳисоботии андоз эъломияро оид ба маблағи пардохтшавандаи андоз пешниҳод менамояд ва дар ҳамин мӯҳлат андози дахлдорро мепардозад.

3. Супорандаи андозе, ки дар моддаи 302 ҳамин Кодекс зикр шудааст, ҳуқуқ дорад ба низоми умумии андозбандӣ гузарад. Чунин гузариш танҳо аз 1 январи ҳар сол амалӣ шуда метавонад. Дар ин ҳолат

андозсупоранда бояд мақоми андозро, ки дар он ба қайд гирифта шудааст, дар бораи гузаштан ба низоми умумии андозбандӣ то 15 январи соле, ки дар он чунин гузариш амалӣ мегардад, огоҳ намояд.

Андозсупорандае, ки мутобиқи ҳамин қисм ба низоми умумии андозбандӣ гузаштааст, метавонад гузариши баръаксро барои пардохти андоз тибқи боби мазкур дар мӯҳлати на пештар аз гузаштани 2 соли тақвимӣ аз лаҳзаи гузариши охирин ба низоми умумии андозбандӣ анҷом диҳад.

## ФАСЛИ XIV. АНДОЗИ ЯГОНА БАРОИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДАГОНИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

## БОБИ 42. АНДОЗИ ЯГОНА БАРОИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДАГОНИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

### Моддаи 306. Андозсупорандагон

1. Супорандагони андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (минбаъд – «андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ») шахсони ҳуқуқӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ширкатҳои хоҷагидорӣ ва (ё) кооперативҳои истеҳсолии дар заминаи онҳо таъсисёфта мебошанд, ки барои онҳо замин воситаи асосии истеҳсолот (минбаъд – «истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ») ба ҳисоб меравcovered.

~~Андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳолатҳои парвариш ва таҳвили чорво (дар соҳаи кишоварзӣ) татбиқ карда намешавад, агар яке аз шартҳои зерин ҷой дошта бошад: 1) бештар аз 50 фоизи заминаи асосии хӯрокаи (мутобиқи меъёрҳои воҳиди хӯрока, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст) чорво аз ҳисоби таҳвили хӯрока аз ҷои дигар таъмин карда шавад (на аз ҳисоби маҳсулоте, ки аз замини худи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба даст оварда шудааст); 2) миқдори миёнаи солонаи воҳидҳои шартии чорво мутобиқи коэффисиенти азнавҳисобкунии чорво ба воҳидҳои шартӣ, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, аз рӯи ҳисоби як гектар масоҳати замини истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ аз меъёри муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд бошад.~~

2. Андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ танҳо ба ҳамон қисми фаъолияти истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ татбиқ мегардад, ки ба истеҳсол ва таҳвили маҳсулоти кишоварзӣ (фаъолияти кишоварзӣ) алоқаманд аст.

3. Ҳангоми анҷом додани фаъолияти дигари ғайрикишоварзӣ нисбати чунин фаъолият истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бояд тибқи тартиби умумии муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс андозбандӣ карда шаванд ва оид ба даромад ва хароҷоти фаъолияти кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ ҳисоби алоҳидаро пеш мебаранд.

Дар айни замон арзиши маҳсулоти кишоварзии рӯёндаи истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ, ки худаш ба сифати ашёи хом барои коркарди минбаъда истифода мебарад, дар асоси нархи бозории чунин маҳсулоти кишоварзӣ муайян карда мешавад.

4. Андозсупорандагони дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида, ки дар таркиби худ воҳидҳои махсуси дар тавозуни мустақил қарорнадоштаро доранд, ки ба коркарди минбаъдаи маҳсулоти кишоварзии аз замини худ рӯёнида ва аз дигар истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бадастоварда машғуланд, ҳуқуқ доранд ба системаи андозбандии умумӣ гузаранд. Чунин гузариш танҳо аз 1 январи соли минбаъдаи соли ба таври хаттӣ муроҷиат намудан ба мақоми андози ҳудудӣ дар хусуси гузаштан ба системаи андозбандии умумӣ амалӣ мегардад.

Дар бораи мақсади гузаштан ба системаи андозбандии умумӣ андозсупоранда ба таври хаттӣ ба мақоми андози ҳудудӣ то 1 октябри соли ҷорӣ муроҷиат мекунад.

Ҳамзамон барои соли андозе, ки пеш аз соли гузариш ба системаи андозбандии умумӣ (яъне барои соли андозе, ки дар он ба мақоми андози ҳудудӣ дар хусуси гузариши дар боло зикршуда муроҷиати хаттӣ пешниҳод шуда буд) мебошад, андозсупоранда (истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ) ӯҳдадор аст ба мақоми андози ҳудудӣ мутобиқи моддаи 197 ҳамин Кодекс барои мақсадҳои амалӣ намудани пардохтҳои ҷории (пешпардохти) андоз мутобиқи моддаи 198 ҳамин Кодекс ва иҷрои дигар муқарраротии Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон эъломия пешниҳод менамояд. Дар мавриди гузариш ба системаи андозбандии умумӣ андозсупоранда (истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ) ҳуқуқи озодкунӣ аз андозҳо ва дигар имтиёзҳои боби 42 ҳамин Кодекс пешбининамударо аз даст медиҳад.

Бозгашт аз системаи андозбандии умумӣ ба низоми андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳамин тартиб сурат мегирад.

**Моддаи 307. Объекти андозбандӣ**

1. Объекти андозбандӣ масоҳати замини истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

2. Маблағи андози ягона аз натиҷаҳои фаъолияти хоҷагии истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ вобаста намебошад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки дар қисми 7 ҳамин модда муқаррар шудаанд ва дар шакли пардохтҳои устувор барои воҳиди масоҳати замин ба ҳисоби як сол муқаррар карда мешаванд.

3. Истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар қисми фаъолияте, ки бо андози ягона андозбандӣ мегарданд (фаъолияти кишоварзӣ), аз пардохти андозҳои зерин озод карда мешаванд:

- андоз аз арзиши иловашуда оид ба таҳвили маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар заминҳои бо андози ягона андозбандишаванда рӯёнда шудааст;

- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард оид ба таҳвили маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар заминҳои бо андози ягона андозбандишаванда рӯёнда шудааст;

- андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ;
- андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо;
- андози замин;
- андозе, ки тибқи низоми соддакардашуда супорида мешавад.

4. Маблағи андози ягона ҳамчун ҳосили зарби масоҳати қитъаи замини истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ ба меъёрҳои муқарраршудаи андози ягона муайян карда мешавад.

5. Даромади вобаста ба фаъолияти кишоварзӣ бадастовардаи аъзои хоҷагии деҳқонии (фермерии) бе шахси ҳуқуқӣ таъсисёфта, ки бояд бо андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ андозбандӣ шавад, аз андози даромад озод карда мешавад.

6. Аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), ки шахси ҳуқуқӣ намебошад, бояд суғуртаи иҷтимоӣ кардашуда, ба буҷет аз даромаде, ки мутобиқи қисми 5 ҳамин модда аз андоз аз даромад озод карда шудааст, тибқи тартиб ва на камтар аз ҳаҷми барои соҳибкорони инфиродӣ муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси патенти харида кор мекунанд, мутобиқи қисми 2 моддаи 260 ва қисми 2 моддаи 262 ҳамин Кодекс андози иҷтимоӣ супорад. Ҳамзамон андози иҷтимоӣ аз ҷониби чунин истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ дар мӯҳлати барои пардохти андози ягона муқаррарнамудаи моддаи 310 ҳамин Кодекс супорида мешавад.

7. Ҳангоми рух додани офатҳои табиӣ ё садама бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳудуди муайян ё барои андозсупорандагони муайян мумкин аст кам карда шавад.

**Моддаи 308. Меъёрҳои андози ягона**

~~1. Меъёрҳои андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳаҷми 4-каратаи меъёри андози замин, ки моддаи 267 ҳамин Кодекс пешбинӣ кардааст, муқаррар карда мешаванд.~~

~~1. Меъёрҳои андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳаҷмҳои зерин муқаррар карда шаванд:~~

~~а) доир ба заминҳои кишти обӣ ва дарахтзорҳои бисёрсолаи обӣ дар ҳаҷми чоркаратаи меъёри андози замин, ки моддаи 267 ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст;~~

~~б) доир ба заминҳои дигар дар ҳаҷми меъёри андози замин, ки моддаи 267 ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст.~~

1. Меъёрҳои андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳар гектар замин барои соли тақвимӣ ба андозаи зерин муқаррар карда мешаванд (бо сомонӣ):

| Намудҳои замин | Заминҳои кишт | | Дарахтзорҳои бисёрсола | |
|---|---|---|---|---|
| | обӣ | лалмӣ | обӣ | лалмӣ |

| (қитъаҳо) Номи минтақаи кадастрӣ | Обёрии табии | Обёрии мошинӣ | | Обёрии табии | Обёрии мошинӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Суғд, аз ҷумла минтақаҳои кӯҳӣ | 120<br>104 | 88<br>80 | 7<br>10 | 140<br>112 | 100<br>88 | 8<br>10 |
| Ҳисор, аз ҷумла минтақаҳои кӯҳӣ | 128<br>100 | 88<br>72 | 8<br>9 | 140<br>108 | 100<br>84 | 10<br>13 |
| Рашт | 104 | 80 | 10 | 112 | 88 | 15 |
| Кӯлоб, аз ҷумла минтақаҳои кӯҳӣ | 132<br>100 | 88<br>80 | 9<br>10 | 140<br>108 | 100<br>84 | 7<br>10 |
| Вахш, аз ҷумла минтақаҳои кӯҳӣ | 140<br>120 | 104<br>88 | 6<br>9 | 164<br>140 | 112<br>92 | 6<br>8 |
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (бе минтақаи Мурғоб) | 36 | 24 | 4 | 60 | 32 | 3 |

Истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, барои замини чарогоҳҳо, алафзорҳо, роҳҳо, кӯчаҳо, иморатҳои ҷамъиятӣ, майдонҳо, бешаҳо, каналҳо, ҷуйҳо, заҳбурҳо ва дигар заминҳое, ки дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода намешаванд, андози заминро тибқи моддаи 267 ҳамин Кодекс месупоранд.

2. ~~Доир ба заминҳое~~ Доир ба заминҳои кишти обӣ, ки амалан барои парвариши пахта истифода мешаванд, меъёри андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳаҷми нисфи меъёри дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида муқаррар карда мешавад. Маълумот дар бораи масоҳати заминҳое, ки амалан барои парвариши пахта истифода мешаванд, аз ҷониби андозсупоранда ба мақоми андози маҳали қайд то 1 июни соли ҳисоботӣ (андоз) пешниҳод карда мешавад.

3. Меъёрҳои андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳудуди минтақаҳои кадастрӣ доир ба ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар минтақаҳои кӯҳӣ, бо тартиби муқаррарнамуда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Агентии заминсозӣ, геодезӣ ва харитасозии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 309. Тартиби пешниҳод кардани ҳисоби андоз**

1. Истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ то 1 ~~марти~~феврали соли ҷорӣ ба мақоми андози маҳали ҷойгиршавии (баҳисобгирии бақайдгирии) худ ҳисоби маблағи андози ягонаи соли ҷорӣ ва ҳисоби маблағи андози иҷтимоиро барои соли ҷорӣ тибқи шакл ва тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ пешниҳод менамояд.

2. Истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки фаъолияташон аз доираи андозбандии андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ берун аст (яъне фаъолияте, ки аз доираи истеҳсол ва таҳвили маҳсулоти кишоварзӣ берун аст), ба мақоми андози маҳали ҷойгиршавии (баҳисобгирии бақайдгирии) худ ҳисоботи андозро тибқи

шакл, тартиб ва мӯҳлати мутобиқи муқаррароти ҳамин Кодекс муқарраршуда пешниҳод менамоянд.

Истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки фаъолияташон танҳо бо андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ андозбандӣ мешавад, ҳисоботи андози дар боло зикршударо пешниҳод намекунанд.

3. Истеҳсолкунандагони пахта ҳисоби аниқи маблағи андози ягонаи соли ҷории барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ муайяншударо ба мақоми дахлдори андоз то 1 июни соли ҷорӣ пешниҳод мекунанд. Ҳамзамон пардохти маблағи андоз, ки барои 15 июн ҳисоб шудааст, бо назардошти тасҳеҳи пардохти маблағи андоз барои 15 ~~марти~~феврали соли ҷорӣ анҷом дода мешавад.

**Моддаи 310. Мӯҳлати пардохти андози ягона**

~~Андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ барои соли ҷории андоз тибқи ҳаҷм ва мӯҳлати муқаррарнамудаи банди 2) қисми 1 моддаи 270 ҳамин Кодекс пардохта мешавад.~~

Андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ барои солӣ андози ҷорӣ на дертар аз 15 феврал, 15 май, 15 август ва 15 ноябри соли ҷорӣ бо ҷамъбасти афзоянда аз оғози сол дар ҳаҷми мутаносибан на камтар аз 10 фоиз, 25 фоиз, 45 фоиз ва 100 фоизи маблағи солона супорида мешавад.

## ФАСЛИ XV. АНДОЗ АЗ ФУРӮШ (НАХИ ПАХТА ВА АЛЮМИНИЙИ АВВАЛИЯ)

## БОБИ 43. АНДОЗ АЗ ФУРӮШ (НАХИ ПАХТА ВА АЛЮМИНИЙИ АВВАЛИЯ)

**Моддаи 311. Супорандагони андоз**

Супорандагони андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия (минбаъд – «андоз аз фурӯш») шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие мебошанд, ки нахи пахта ва алюминийи аввалияи (минбаъд – «молҳои андозбандишаванда») дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшударо ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ таҳвил медиҳанд, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии молҳои андозбандишавандаро мустақилона коркардкунанда ё барои коркард ё дигар мақсадҳо диҳанда, ба истиснои шахсоне, ки супорандагони андоз аз маҳсулоти коркарди молҳо мебошанд.

**Моддаи 312. Объекти андозбандӣ**

Объекти андозбандӣ арзиши молҳои таҳвилшудаи андозбандишаванда, ба гарав монда, тибқи муомилоти фючерсӣ фурӯхташуда, ба сифати ашёи хоми молик додашаванда, содир кардани молҳои андозбандишаванда ба хориҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин арзиши молҳои андозбандишавандаи мустақилона коркарднамуда ё барои коркард ё дигар мақсадҳо додашуда, ба истиснои молҳое, ки бо андоз аз маҳсулоти коркарди молҳо андозбандӣ шудаанд (минбаъд – «амалиётҳои андозбандишаванда») мебошад.

**Моддаи 313. Манбаи андоз**

1. Барои муайян кардани манбаи андоз арзиши молҳои ба фурӯш баровардашавандаи (таҳвилшавандаи), инчунин коркардшавандаи, додашавандаи андозбандишаванда, ки дар асоси нархҳои дар санаи содир гардидани амалиёти андозбандишаванда ташаккулёфта ҳисобкардашудаи моли андозбандишаванда бо назардошти сифат, намуд ва навъ дар биржаи дахлдори байналмилалӣ (минтақавӣ), ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, қабул карда мешавад.

2. Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки молҳои андозбандишавандаро харида мефурӯшанд, андози фурӯшро дар шакли фарқи байни маблағи андозе мепардозанд, ки дар асоси истифодаи нарх барои андозбандӣ дар санаи фурӯши молҳои андозбандишаванда ба харидорон ва санаи харидани онҳо аз таҳвилкунандагони худ ҳисоб карда шудааст.

**Моддаи 314. Меъёрҳои андоз**

Меъёрҳои андоз аз фурӯш барои ҳисобкунии маблағи андоз бо фоиз нисбати нархҳои биржавии молҳои андозбандишаванда дар ҳаҷми зерин муайян карда мешавад:

1) барои нахи пахта – 10 фоиз;

2) барои алюминийи аввалия – 3 фоиз.

**Моддаи 315. Тартиби ҳисобкунӣ ва мӯҳлати пардохти андоз**

1. Маблағи андози пардохташавандаро супорандагон ~~фурӯшандагон~~ мустақилона, дар асоси нархҳои биржавӣ дар рӯзи содир гаштани амалиёти андозбандишаванда, бо назардошти сифат, намуд, навъ ва ҳаҷми молҳои андозбандишаванда, инчунин меъёри андоз ҳисоб мекунанд. Дар ҳуҷҷатҳои пардохти андоз тарзи содир намудани амалиёти андозбандишаванда нишон дода мешавад.

2. Ҳангоми харида фурӯхтани молҳои андозбандишаванда андоз бо назардошти нарх дар санаи харид, санаи фурӯш ва ҳаҷми амалиёти андозбандишаванда муайян карда мешавад.

3. Ҳангоми дар рӯзи фурӯш дар супоранда ~~фурӯшанда~~ мавҷуд набудани нархи биржавӣ андоз дар асоси маълумоти мавҷуда оид ба нархи биржавии моли андозбандишаванда дар санаи наздиктарини рӯзи фурӯш ҳисоб карда мешавад. Маблағи андоз аз ҷониби андозсупоранда ҳангоми ворид гаштани маълумот оид ба нархи моли андозбандишавандаи фурӯхташуда дар санаи фурӯш аниқ карда мешавад.

4. Андоз то таҳвили моли андозбандишаванда, дар мӯҳлати на дертар аз се рӯзи баъди ворид шудани маблағ ба суратҳисоби супоранда ~~фурӯшанда~~ дар муассисаи бонк, ҳангоми ҳисобӣ бо пули нақд – ба хазинаи ӯ ва ҳангоми ройгон додани он, мубодилаи молҳои андозбандишаванда, супоридан ба сифати ашёи хоми молик ё гарав - то бор кардан, таҳвил, интиқол пардохта мешавад.

5. Ҳангоми ба хориҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон содир кардани моли андозбандишаванда андоз то гузаштани сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад. Шахсоне, ки ба таҳвили молҳои

андозбандишаванда ё содироти молҳои андозбандишаванда ба хориҷи ҷумҳурӣ бе пардохти андоз аз фурӯш роҳ додаанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Баъди пардохти андоз ҳангоми содирот молҳои андозбандишаванда минбаъд андозбандӣ карда намешаванд.

**Моддаи 316. Ба ҳисоб гирифтани маблағи андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия ба ҳисоби андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми таҳвили маҳсули коркарди онҳо ба бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Нисбати молҳои аз ҷониби резидентони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳвилнамуда, ки мустақиман маҳсули коркарди нахи пахта ва алюминийи аввалия мебошанд (минбаъд – «маҳсули коркард»), ба ҳисоб гирифтани андоз аз фурӯш, ки ҳангоми хариди нахи пахта ва алюминийи аввалия пардохта шудааст, ба ҳисоби ААИ, ки бояд ҳангоми таҳвили маҳсули коркард ба бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта шавад, иҷозат дода мешавад.

2. Ҳангоми таҳвили маҳсули коркард барои содирот ва ба бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифтан мутобиқи қисми 1 ҳамин модда тибқи тартиби пешбининамудаи моддаҳои 228, 229 ва 230 ҳамин Кодекс анҷом дода мешавад.

Дар айни замон тибқи тарзи мутаносибӣ маблағи андоз аз фурӯш, ки ба ҳисоб гирифта мешавад, бо назардошти вазни қиёсии таҳвили маҳсули коркард ба бозори дохилӣ дар маблағи умумии таҳвили маҳсули коркард (ба бозори дохилӣ ва барои содирот) муайян карда мешавад.

Ҳангоми муайян намудани маблағи андоз аз фурӯш, ки бо тарзи алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад, супорандаи ААИ вобаста ба хароҷот ва маблағи андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалияро, ки барои истеҳсол ва таҳвил дар бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои содирот истифода шудааст, алоҳида пеш мебарад.

3. Ҳангоми содироти маҳсули коркард ба ҳисоб гирифтани маблағи андоз аз фурӯш ба ҳисоби ААИ, ки бояд пардохта шавад, анҷом дода намешавад.

4. Агар фарқи байни ААИ, ки бояд тибқи таҳвили маҳсули коркард ба бозори дохилӣ пардохта шавад ва маблағи дахлдори андоз аз фурӯш манфӣ бошад, ҷуброни (баргардонидани) маблағ аз фурӯш аз буҷет анҷом дода намешавад.

Фарқи мусбии байни маблағҳои дар боло зикргардида бояд ба буҷет пардохта шавад.

5. Дастуруламал дар бораи тартиби ба амал баровардани баҳисобгирии пешбининамудаи ҳамин модда аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ бо мувофиқаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 317. Назорати пардохти андоз**

Назорати пардохти саривақтӣ ва пурраи андоз аз фурӯш ба буҷет аз ҷониби мақомоти андоз анҷом дода мешавад.

# ФАСЛИ XVI. АНДОЗИ ҲАДДИ АҚАЛ АЗ ДАРОМАДИ КОРХОНАҲО

## БОБИ 44. АНДОЗИ ҲАДДИ АҚАЛ АЗ ДАРОМАДИ КОРХОНАҲО

**Моддаи 318. Андозсупорандагон**

1. Супорандагони андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо инҳо мебошанд:

1) корхонаҳои резидентӣ;

2) корхонаҳои хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкориро тавассути муассисаҳои доимии худ анҷом медиҳанд.

2. Андозсупорандагони дар ҳамин модда зикргардида дар ҳамин боб корхона номида мешаванд.

**Моддаи 319. Объекти андозбандӣ**

~~Объекти андозбандӣ даромади умумӣ (ба истиснои ААИ ва андоз аз фурӯши чакана) мебошад, ки барои давраи ҳисоботӣ гирифта шудааст (бояд гирифта шавад).~~

Объекти андозбандӣ ин даромади умумӣ (ба истиснои ААИ, андоз аз фурӯши чакана ва дар мавриди таҳвили нахи пахта ва алюминийи аввалия ба истиснои маблағи ҳисобкардашудаи андоз аз фурӯш) мебошад, ки барои давраи ҳисоботӣ гирифта шудааст (бояд гирифта шавад).

**Моддаи 320. Имтиёзҳои андоз**

Бо ҳамин андоз корхонаҳое, ки аз андоз аз фоида мутобиқи моддаи 145 ва дигар муқаррароти ҳамин Кодекс озод карда шудаанд, андозбандӣ намегарданд.

**Моддаи 321. Меъёри андоз ва тартиби гузаронидани он ба буҷет**

1. Меъёри андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо ба як фоизи объекти андозбандӣ баробар аст.

2. Давраи андоз барои андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо соли тақвимӣ мебошад.

3. Ҳисобкунии ниҳоӣ бо буҷет оид ба андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо вобаста ба натиҷаи сол дар мӯҳлати на дертар аз 10 апрели баъди соли андоз фарорасанда анҷом дода мешавад.

**Моддаи 322. Эъломия дар бораи андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо**

1. Эъломияи солона оид ба андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо барои соли ҳисоботии андоз то 1 апрели соли баъди соли ҳисоботии андоз фарорасанда пешниҳод карда мешавад.

2. Шакл ва тартиби пешниҳоди эъломияи солонаро оид ба андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар менамояд.

**Моддаи 323. Баҳисобгирии маблағи андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ**

**ба ҳисоби пардохти андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо**

Баҳисобгирии маблағи ҳисобшудаи андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ барои давраи ҳисоботии андоз ба ҳисоби маблағи ҳисобшудаи андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо барои ҳамон давраи андоз анҷом дода мешавад. Агар маблағи андоз аз фоида камтар аз маблағи андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо бошад, андоз аз фоида пардохта намешавад. Агар маблағи андоз аз фоида аз маблағи андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо зиёд бошад, андоз аз фоида бояд ба буҷет дар ҳаҷме, ки маблағи андоз аз фоида аз маблағи андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо зиёд аст, пардохта шавад. Дар ҳама ҳолат маблағи андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо бояд ба буҷет дар ҳаҷми пурра пардохта шавад.

## ФАСЛИ XVII. АНДОЗҲОИ МАҲАЛЛӢ

## БОБИ 45. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 324. Муқаррароти умумӣ

1. Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ дар ҳудуди худ андозҳои маҳаллиро, ки дар моддаи 6 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд, дар асоси муқаррароти ҳамин Кодекс муқаррар менамоянд.

2. Нисбати андозҳои маҳаллӣ муқаррароти Қисми умумии ҳамин Кодекс татбиқ мегардад.

3. Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, агар дар ҳамин Кодекс тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ҳуқуқ доранд дар ҳудуди меъёрҳои андозҳои маҳаллӣ, ки ҳамин Кодекс пешбинӣ кардааст, ҳаҷми меъёрҳоро барои гурӯҳҳои гуногуни андозсупорандагон ва (ё) объектҳои андозбандӣ тафриқанок гардонанд, гурӯҳҳои алоҳидаи шахсонро аз ҳайати андозсупорандагон истисно намоянд ва (ё) унсурҳои алоҳидаро аз манбаи андозбандӣ хориҷ кунанд.

4. Қарорҳои маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ нисбати андозҳои маҳаллӣ бояд ба муқаррароти ҳамин Кодекс мутобиқат намоянд ва дар нашрияҳои даврагии дастраси омма, ки дар ҳудуди дахлдор паҳн карда мешаванд, расман чоп карда шаванд ва мутобиқи қисми 2 моддаи 2 ҳамин Кодекс эътибор пайдо мекунанд.

5. Дастуруламалҳо оид ба татбиқи андозҳои маҳаллӣ аз ҷониби раисони шаҳру ноҳияҳои дахлдор бо мувофиқаи мақоми ваколатдори давлатӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

## БОБИ 46. АНДОЗ АЗ АМВОЛИ ҒАЙРИМАНҚУЛ

### Моддаи 325. Андозсупорандагон

Супорандагони андоз аз амволи ғайриманқул шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ – моликони амволи ғайриманқул ё шахсоне эътироф карда

мешаванд, ки ин амволро истифода мебаранд ва он мутобиқи моддаи 326 ҳамин Кодекс объекти андозбандӣ мебошад.

**Моддаи 326. Объекти андозбандӣ**

Объектҳои андозбандӣ намудҳои зерини амвол эътироф карда мешаванд: хонаҳои истиқоматӣ, квартираҳо (ҳуҷраҳо), бӯстонсаройҳо, гаражҳо ва дигар биною иморату иншоотҳо (минбаъд – «амволи ғайриманқул»).

**Моддаи 327. Манбаи андоз**

1. Манбаи андоз масоҳати ҳамаи ошёнаҳои амволи ғайриманқул мебошад, ки бо назардошти коэффисиентҳо мутобиқи муқаррароти ҳамин модда тасҳеҳ шудааст.

2. Масоҳати ошёнаи якуми амволи ғайриманқул тавассути аз берун чен кардани андозаи амволи ғайриманқул ё дар ҳолати имконнопазир будани ченкунии берунии андозаи амволи ғайриманқул аз рӯи масоҳати умумии муфиди манзили дохилии амволи ғайриманқул, ки ба коэффисиенти 1,25 зиёд карда шудааст, муайян карда мешавад.

3. Агар амволи ғайриманқул таҳхона дошта бошад, он дар вақти муайян кардани манбаи андоз танҳо дар ҳолате ба ҳисоб гирифта мешавад, ки агар баландӣ аз фарш то шифт дар таҳхона на камтар аз 2 метр бошад. Дар ин ҳолат дар ҳисоби манбаи андоз масоҳати чунин таҳхона баробари 50 фоизи майдоне қабул карда мешавад, ки мутобиқи қисми 2 ҳамин модда муайян шудааст.

4. Агар амволи ғайриманқул болохона дошта бошад, он ҳангоми муайян кардани манбаи андоз танҳо дар ҳолате ба ҳисоб гирифта мешавад, ки агар баландӣ аз фарши болохона то нуқтаи пасти шифти болохона на камтар аз 2 метр бошад. Дар ин ҳолат дар ҳисоби манбаи андоз масоҳати чунин болохона баробари 50 фоизи майдоне қабул карда мешавад, ки мутобиқи қисми 2 ҳамин модда муайян шудааст.

5. Ҳангоми ҳисоб кардани манбаи андоз майдони ошёнаи 2 ва 3 амволи ғайриманқул баробари 100 фоизи майдоне қабул карда мешавад, ки мутобиқи қисми 2 ҳамин модда муайян карда шудааст.

6. Ҳангоми ҳисоб кардани манбаи андоз майдони ошёнаи 4 ва 5 амволи ғайриманқул баробари 90 фоизи майдоне қабул карда мешавад, ки мутобиқи қисми 2 ҳамин модда муайян карда шудааст.

7. Ҳангоми ҳисоб кардани манбаи андоз майдони ошёнаҳои 6 ва баландтари амволи ғайриманқул баробари 80 фоизи майдоне қабул карда мешавад, ки мутобиқи қисми 2 ҳамин модда муайян карда шудааст.

8. Агар баландӣ аз фарш то нуқтаи пасти шифт дар ҳар кадом аз ошёнаҳои амволи ғайриманқул дар масофаи аз 4 то 6 метр қарор дошта бошад, ҳангоми ҳисоб кардани манбаи андоз майдони чунин ошёна баробари 150 фоизи майдоне қабул карда мешавад, ки мутобиқи қисми 2 ҳамин модда муайян карда шудааст, ва он ба коэффисиентҳои ошёнавӣ, ки мутобиқи қисмҳои 3-7 ҳамин модда бо фоизҳо ифода ёфтаанд, тасҳеҳ карда мешавад.

9. Агар баландӣ аз фарш то нуқтаи пасти шифт дар ҳар кадом аз ошёнаҳои амволи ғайриманқул аз 6 метр зиёд бошад, ҳангоми ҳисоб кардани манбаи андоз масоҳати чунин ошёна баробари 200 фоизи масоҳате қабул карда мешавад, ки мутобиқи қисми 2 ҳамин модда муайян карда шудааст ва он ба коэффисиентҳои ошёнавӣ, ки мутобиқи қисмҳои 3-7 ҳамин модда бо фоизҳо ифода ёфтаанд, тасҳеҳ карда мешавад.

10. Андозаи (ҳаҷми) амволи ғайриманқул дар асоси ҳуҷҷатҳои дахлдори техникӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба ин амвол ё дар асоси ченкунии гузаронидаи мақоми андоз, ки ин амвол дар ҳудуди он воқеъ гардидааст, мутобиқи тартиби бо мувофиқаи Кумитаи давлатии сохтмон ва меъмории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда мешавад.

11. Барои шахсони воқеӣ ҳангоми ҳисоб кардани манбаи андоз майдони биноҳои ғайриманзилии алоҳида ҷойгиршуда (гаражҳо, саройҳо ва монанди инҳо) баробари 50-70 фоиз, майдони биноҳои нигаҳдории чорво – баробари 20-50 фоизи майдоне қабул карда мешавад, ки мутобиқи қисмҳои 1-10 ҳамин модда муайян карда шудааст.

**Моддаи 328. Имтиёзҳо**

Бо андози мазкур амволи ғайриманқуле, ки моликияти (дар баланси) ташкилоти буҷетӣ буда, ин ташкилоти буҷетӣ мустақиман барои иҷрои вазифаҳои оинномавиаш истифода мебарад ва ба иҷора ё истифодаи шахси дигар дода нашудааст (ба истиснои иҷора ё ба истифода додан ба ташкилоти буҷетӣ) андозбандӣ намегардад.

**Моддаи 329. Меъёри андоз**

~~1. Меъёри андоз аз амволи ғайриманқул дар доираи ҳаҷми аз 10 то 50-каратаи меъёри андози замин мутобиқи моддаҳои 266 ва 267 ҳамин Кодекс муқаррар карда мешавад.~~

1. Меъёрҳои андоз аз амволи ғайриманқул дар ҳаҷми карат аз меъёри андози замин мутобиқи моддаҳои 266 ва 267 ҳамин Кодекс дар ҳудудҳои зерин муқаррар карда мешаванд:

- амволи ғайриманқуле, ки ба сифати биноҳои истиқоматӣ истифода мешаванд – аз андозаи 10-карата то 20-карата;

- амволи ғайриманқуле, ки барои амалӣ намудани фаъолияти тиҷоратӣ, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишии аҳолӣ истифода мешаванд – аз андозаи 20-карата то 50-карата;

- амволи ғайриманқул, ки барои дигар мақсадҳои дар ҳамин қисм зикрнаёфта истифода мешаванд – аз андозаи 15-карата то 40-карата.

Меъёрҳои андоз метавонанд вобаста ба маҳалли воқеият (шаҳр, ноҳия, маҳалли аҳолинишин, маҳаллаҳо, ҳудудҳои махсус, кӯча ва ғайри), истифодаи мақсадноки манбаи андоз ва дигар омилҳо (аз ҷумла, намуди маводҳои сохтмоние, ки ҳангоми барпо намудани амволи ғайриманқул, сатҳи хӯрдашавӣ (соли ба истифода даровардани амволи ғайриманқул), ки ба арзиши манбаи андоз таъсир мерасонад, фарқ кунад.

Аз рӯи амволи ғайриманқуле, ки берун аз шаҳр ва шаҳракҳо қарор дошта, дар асоси муроҷиати Маҷлисҳои дахлдори маҳаллии вакилони халқ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар минтақаҳои рушди сайёҳӣ, истироҳатӣ ҳадди болоии меъёри андоз аз амволи ғайриманқулро аз рӯи биноҳои истиқоматӣ то андозаи 100-карата, аз рӯи амволи ғайриманқул барои ташкили фаъолияти тиҷоратӣ, хӯроки умумӣ ва хизмати маишӣ то андозаи 200-карата, аз рӯи амволи ғайриманқул барои дигар мақсадҳо то андозаи 150-карата зиёд кунад.

2. Барои мақсадҳои андоз аз амволи ғайриманқул меъёрҳои андози замин барои минтақаи Мурғоб баробари меъёрҳои миёнаи андози замин барои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қабул карда мешаванд.

**Моддаи 330. Тартиби ҳисобкунӣ ва пардохтани андоз**

1. Маблағи андоз аз амволи ғайриманқули шахсони воқеӣ аз ҷониби мақомоти андоз, ки дар ҳудуди фаъолияти онҳо амволи ғайриманқул воқеъ гардидааст, тибқи тартиб ва шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ, дар асоси манбаи маълумот оид ба амволи ғайриманқул, ки дар мақомоти андоз ташаккул ёфтааст, ҳисоб карда мешавад.

Шахсони ҳуқуқӣ дар асоси маълумот оид ба амволи ғайриманқул ба санаи 1 январи соли ҷорӣ мустақилона маблағи андоз аз амволи ғайриманқулро барои соли ҷории тақвимӣ тибқи тартиб ва шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ ҳисоб карда, ба мақоми андози маҳали ҷойгиршавии амволи ғайриманқул ҳисоби дар боло зикршударо то 1 феврали соли ҷорӣ пешниҳод менамоянд ва маблағи ҳисобшудаи андоз аз амволи ғайриманқулро барои соли ҷории тақвимӣ ~~то 1 апрели соли ҷорӣ~~ на дертар аз 15 феврал, 15 май, 15 август ва 15 ноябри соли ҷорӣ бо ҷамъбасти афзоянда аз оғози сол дар ҳаҷми мутаносибан на камтар аз 25 фоиз, 50 фоиз, 75 фоиз ва 100 фоизи маблағи солона мепардозанд.

Маблағи андоз аз амволи ғайриманқул чун ҳосили зарби манбаи андози мутобиқи моддаи 327 ҳамин Кодекс муайянгардида ба меъёри андоз мутобиқи моддаи 329 ҳамин Кодекс ҳисоб карда мешавад.

2. Маблағи андоз аз амволи ғайриманқули шахсони воқеӣ дар соли ҷории андоз дар асоси маълумот оид ба амволи ғайриманқул ба санаи 1 январи соли ҷорӣ ҳисоб карда мешавад.

3. Маблағи андоз аз амволи ғайриманқул танҳо оид ба объектҳои сохтмонашон хотимаёфта, ки онҳо амалан истифода бурда мешаванд, муайян карда мешавад, ҳатто агар онҳо ба қайди дахлдори давлатӣ гузошта нашудаанд ва ба онҳо ҳуҷҷатҳои дахлдори техникӣ ё дигар ҳуҷҷат ба расмият дароварда нашуда бошад.

4. Андозсупорандагон дар бораи маблағи ҳисобшудаи андоз аз амволи ғайриманқули шахсони воқеӣ аз ҷониби мақомоти андоз тибқи шакл ва тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ то 1 июли соли ҷорӣ огоҳ карда мешаванд.

5. Маблағи ҳисобшудаи андоз аз амволи ғайриманқули шахсони воқеӣ барои соли ҷории андоз, ки дар огоҳномаи мақоми андоз нишон дода шудааст, бояд ба буҷет то 1 октябри соли ҷорӣ пардохта шавад.

6. Агар бо ягон сабаб огоҳнома дар бораи маблағи ҳисобшудаи андоз аз амволи ғайриманқул ба шахси воқеӣ то 1 июли соли ҷорӣ расонда нашавад, чунин шахси воқеӣ ӯҳдадор аст мустақилона дар ин бора ба мақоми андози маҳали ҷойгиршавии амволи ғайриманқул хабар диҳад, то ки аз мақоми андоз огоҳномаро дар бораи ҳисобкунии андоз гирифта, маблағи андозро то мӯҳлати дар қисми 5 ҳамин модда муқарраршуда пардозад.

7. Шахсони воқеӣ пардохти ҷории андоз аз амволи ғайриманқулро на дертар аз 1 феврал, 1 май ва 1 августи соли ҷорӣ бо ҷамъбасти афзоянда аз оғози сол дар ҳаҷми мутаносибан на камтар аз 25 фоиз, 50 фоиз ва 75 фоизи маблағи андоз аз амволи ғайриманқули ҳисобшуда барои соли гузашта ва на дертар аз 1 октябри соли ҷорӣ ба маблағи баробари фарқи байни маблағи андоз аз амволи ғайриманқули ҳисобшуда барои соли андози ҷорӣ ва маблағи андози амволи ғайриманқули барои давраи гузаштаи соли андози ҷорӣ пардохташуда анҷом медиҳанд.

## БОБИ 47. АНДОЗ АЗ СОҲИБОНИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

**Моддаи 331. Андозсупорандагон**

Ҳама гуна шахси соҳиби воситаи нақлиёт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар воҳидҳои Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба қайд гирифта шавад, андозсупоранда мебошад.

**Моддаи 332. Объекти андозбандӣ**

1. Объекти андозбандӣ ҳама гуна воситаи нақлиётест, ки дар гурӯҳи 87 (таҳти рамзҳои 8702-8705, 8711) номгӯи молии фаъолияти хориҷии иқтисодӣ нишон дода шудааст.

2. Дар воҳидҳои Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қайд наистодани воситаҳои нақлиёт, ки бояд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд, инчунин вайрон будан ё бо дигар сабабҳо истифода набурдани воситаҳои нақлиёте, ки аз қайди номбаршуда гузаштаанд (дар ҳисоб мебошанд), барои насупоридани маблағи андоз аз ҷониби соҳибони чунин воситаҳои нақлиёт асос шуда наметавонад. Танҳо воситаҳои нақлиёте, ки аз қайди воҳидҳои Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиб ва асосҳои муқарарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бароварда шудаанд, бояд аз таркиби объектҳои андозбандӣ хориҷ карда шаванд.

**Моддаи 333. Озодкунӣ аз пардохти андоз**

Аз андозбандӣ инҳо озод мебошанд:

1) мошинҳо ва механизмҳои тасмачарх;

2) комбайнҳои муҳаррикдори ғаллағундорӣ ва махсус, аз ҷумла комбайнҳои пахтачинӣ;

3) автобусҳо ва тролейбусҳое, ки корхонаҳои нақлиёти автомобилии истифодаи омма барои мусофиркашонӣ дар шаҳрҳо истифода мебаранд;

4) мотоколяска ва автомобилҳои бо даст идорашавандаи ба маъюбон тааллуқдошта.

**Моддаи 334. Манбаи андоз**

Манбаи андоз иқтидори муҳаррики воситаи нақлиёт мебошад, ки бо воҳидҳои қувваи асп ифода ёфтааст.

**Моддаи 335. Меъёрҳои андоз**

Меъёрҳои андоз вобаста ба намуди воситаҳои нақлиёт тафриқа шудаанд ва дар як сол ҳаҷмҳои зеринро ташкил медиҳанд (ба ҳисоби 1 қувваи аспи иқтидори муҳаррик):

| ~~**Номи объектҳои андозбандӣ**~~ | ~~**Андоз бо фоиз нисбати музди меҳнати ҳадди ақали моҳона, ки дар рӯзи супоридани андоз амал мекунад**~~ |
|---|---|
| ~~Мототсикл ва мотороллерҳо~~ | ~~1,0 фоиз~~ |
| ~~Автомобилҳои сабукрав~~ | ~~2,0 фоиз~~ |
| ~~Автобусҳо (то 12 ҷой)~~ | ~~2,5 фоиз~~ |
| ~~Автобусҳо (барои 13-30 ҷой)~~ | ~~3,0 фоиз~~ |
| ~~Автобусҳо (зиёда аз 30 ҷой)~~ | ~~3,5 фоиз~~ |
| ~~Автомобилҳоиборкаш ва дигар воситаҳои нақлиёти иқтидори борбардориашон то 10 тонна~~ | ~~4,0 фоиз~~ |
| ~~Автомобилҳои боркаш (иқтидори борбардориашон аз 10 то 20 тонна)~~ | ~~4,5 фоиз~~ |
| ~~Автомобилҳои боркаш (иқтидори борбардориашон аз 20 то 40 тонна)~~ | ~~5,0 фоиз~~ |
| ~~Автомобилҳои боркаш (иқтидори борбардориашон зиёда аз 40 тонна)~~ | ~~5,5 фоиз~~ |

| Номи объектҳои андозбандӣ | Андоз бо фоиз нисбати музди меҳнати ҳадди ақали моҳона, ки дар рӯзи супоридани андоз амал мекунад |
|---|---|
| Мотосикл ва мотороллерҳо | 2 фоиз |
| Автомобилҳои сабукрав | 4 фоиз |
| Автобусҳо (то 12 ҷой) | 5 фоиз |
| Автобусҳо (барои 13-30 ҷой) | 6 фоиз |
| Автобусҳо (зиёда аз 30 ҷой) | 7 фоиз |
| Автомобилҳои боркаш ва дигар воситаҳои нақлиёти иқтидори борбардориашон то 10 тонна | 8 фоиз |
| Автомобилҳои боркаш (иқтидори борбардориашон аз 10 то 20 тонна) | 9 фоиз |

| | |
|---|---|
| Автомобилҳои боркаш<br>(иқтидори борбардориашон аз 20 то 40 тонна) | 10 фоиз |
| Автомобилҳои боркаш<br>(иқтидори борбардориашон зиёда аз 40 тонна) | 11 фоиз |

**Моддаи 336. Тартиби супоридани андоз**

1. Андоз ба буҷети дахлдори маҳаллӣ бояд дар ҷои бақайдгирии воситаҳои нақлиётӣ дар мӯҳлати на дертар аз мӯҳлате пардохта шавад, ки барои гузаштани бақайдгирӣ, аз нав бақайдгирӣ ё муоинаи ҳарсолаи техникии нақлиёти автомобилӣ муқаррар шудааст. Мӯҳлати муоинаи ҳарсолаи техникии воситаҳои нақлиётро Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи мақоми ваколатдори давлатӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамоянд. Вайрон намудани мӯҳлати супоридани андоз барои ҳисоб намудани фоиз тибқи тартиб ва ҳаҷми муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс асос мебошад. Ҳангоми аз нав ба қайд гирифтани воситаи нақлиёт андоз супорида намешавад, агар соҳиби пештараи он барои соли мазкур андозро пардохта бошад.

2. Бе пешниҳоди ҳуҷҷатҳо дар хусуси супоридани андоз барои соли ҷорӣ бақайдгирӣ, аз нав бақайдгирӣ ва муоинаи техникӣ гузаронида намешавад.

Андозсупоранда ҳуқуқ надорад бе пардохти андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт барои соли ҷорӣ воситаи нақлиётро истифода барад.

3. Дар сурати набудани ҳуҷҷат дар хусуси гузаштани муоинаи ҳарсолаи техникӣ Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соҳибони воситаҳои нақлиёт бояд ҳуҷҷати супоридани андозро талаб намояд.

4. Ҳисобу китоби маблағи андозе, ки бояд барои соли ҷорӣ пардохта шавад, шахсони ҳуқуқӣ ба мақоми андози ҷои бақайдгирии худ то 1 апрели соли ҷорӣ пешниҳод менамоянд. Шакли ҳисобу китобро оид ба маблағи ҳисобшудаи андоз мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар мекунад. Мақомоти андоз воситаҳои нақлиётро дар микёси шахсони ҳуқуқӣ – соҳибони воситаҳои нақлиёт ва маблағи ҳисобшударо оид ба онҳо тибқи шакл ва тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ ба ҳисоб мегиранд.

5. Ҳар сол, то 1 апрели соли баъди соли ҳисоботӣ, Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба воситаҳои нақлиёте, ки ба санаи 31 декабри соли ҳисоботӣ дар қайди мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ мебошанд, шумораи воситаҳои нақлиёте, ки аз муоинаи ҳарсолаи техникӣ гузаштаанд ва маблағи андози дар соли ҳисоботӣ супоридашуда, тибқи шакл ва тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ бо мувофиқаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод менамояд.

6. Мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти ҳудудии андоз назорати андозсупорандагон, инчунин воҳидҳои Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба

таъмини пурра ва саривақт супоридани андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт анҷом медиҳанд.

## БОБИ 48. АНДОЗ АЗ ФУРӮШИ ЧАКАНА

**Моддаи 337. Андозсупорандагон**

Супорандагони андоз аз фурӯши чакана (минбаъд дар боби мазкур – «андоз») шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки фурӯши чаканаи молҳоро анҷом медиҳанд.

**Моддаи 338. Объекти андозбандӣ**

Объекти андозбандӣ фурӯши чаканаи молҳо, аз ҷумла фурӯши маҳсулоти хӯроки умумӣ дар ҳудуди шаҳр (ноҳия) мебошад.

Барои мақсадҳои боби мазкур фурӯши чаканаи молҳо фурӯши молҳо ба ҳисоби нақд, аз ҷумла бо истифодаи воситаҳои пулӣ барои пардохти молҳо, ки дар кортҳои бонкӣ мавҷуданд, эътироф карда мешавад.

**Моддаи 339. Манбаи андоз**

Манбаи андоз арзиши фурӯши чаканаи молҳо мебошад. Дар айни замон арзиши фурӯши чаканаи молҳо дар асоси усули кассавӣ вобаста ба нархи озод (бозорӣ), ки ҳамаи андозҳо, аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо оид ба молҳои зераксизиро дар бар мегирад, вале бе назардошти андоз аз фурӯши чакана муайян карда мешавад.

**Моддаи 340. Меъёри андоз**

Меъёри андоз дар ҳаҷми то 3 фоизи нархҳои озод (бозорӣ) муқаррар карда мешавад ва нархи чаканаи мол нархи озод (бозорӣ) мебошад, ки ба маблағи андоз зиёд карда шудааст.

Меъёрҳои андоз метавонанд вобаста ба маҳалли амалӣ намудани фурӯши чаканаи молҳо (шаҳр, ноҳия, маҳалли аҳолинишин, маҳаллаҳо, ҳудудҳои махсус, кӯча ва ғайра), намуди молҳои ба фурӯш баровардашуда ва дигар омилҳое, ки ба даромаднокии фуруши чаканаи молҳо таъсир мерасонад, фарқ кунад.

**Моддаи 341. Давраи андоз**

Давраи андоз семоҳаи тақвимӣ мебошад.

**Моддаи 342. Тартиби муайян намудани манбаи андоз, ҳисобкунии андоз, пешниҳоди эъломия ва пардохти андоз**

1. Арзиши молҳои чакана фурӯхташуда аз ҷониби андозсупоранда мустақилона, дар асоси нишондиҳандаҳои мошинаҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ, дигар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ё сабти дафтари фурӯш, ки шакл ва тартиби пешбурди онро, аз ҷумла бо истифодаи технологияҳои компютерӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар менамояд, муайян шуда дар эъломияи ҳар семоҳа оид ба андози фурӯши чакана инъикос карда мешавад.

~~2. Арзиши молҳое, ки чакана фурӯхта мешаванд, барои андозсупорандаи мушаххас ё гурӯҳи (категорияи) андозсупорандагони якхела мумкин аст инчунин дар асоси муоинаи хронометражӣ, ки мақомоти дахлдори андоз тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс мегузаронанд, муайян карда шавад.~~

~~3. Ҳангоми бо истифодаи натиҷаҳои муоинаи хронометражӣ муайян кардани арзиши баҳодиҳии молҳои ба тариқи чакана фурӯхташаванда мақоми дахлдори андоз бо андозсупоранда созишнома мебандад, ки он андоза, тартиб ва шартҳои пардохти андозро ба буҷет дар давраҳои оянадаи андозбандӣ то охири соли ҷории андоз муайян менамояд. Созишнома набояд то охири соли ҷории андоз тағйир дода шавад.~~

42. Эъломия оид ба маблағи ҳисобшавандаи андоз дар семоҳаи ҳисоботӣ ба мақоми дахлдори андоз то рӯзи 15-уми моҳи оянадаи семоҳаи ҳисоботӣ пешниҳод карда мешавад ва дар ҳамин мӯҳлат андоз ба буҷет пардохта мешавад.

~~5. Агар пардохти андоз дар соли ҷории андоз дар асоси созишномаи мақоми дахлдори маҳаллии андоз бо андозсупоранда, ки дар асоси натиҷаҳои муоинаи хронометражии дар соли ҷории андоз гузарондашуда сурат гирад, эъломия то охири соли ҷории андоз пешниҳод карда намешавад. Ҳангоми тағйирнопазирии параметрҳои асосии фаъолият ва хоҳиши бастани чунин созишнома барои соли оянда (соли оянадаи андоз) андозсупоранда дар ин бора мақоми дахлдори маҳаллии андозро то 31 декабри соли ҷории андоз ба таври хаттӣ огоҳ менамояд.~~

~~Агар дар созишномаи соли оянадаи андоз, ки то 1 апрели ин соли оянда баста шудааст, андозсупоранда барои дар ҳар давраи андози ин соли оянда ба буҷет ба сифати андоз пардохтани маблағе розӣ шавад, ки он баробари аз чор як қисми маблағи солонаи андози соли гузашта буда, ба коэффисиенти миёнаи солонаи беқурбшавии пул (инфлятсия) ҳангоми таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ»-и барои соли оянда ба инобат гирифташуда зиёд карда шудааст, он гоҳ дар ин соли оянадаи андоз муоинаи хронометражӣ гузаронда намешавад ва эъломия пешниҳод намегардад. Барои бастани чунин созишнома хоҳиши андозсупоранда рад карда намешавад ва созишномаи басташуда то ба охир расидани соли андозе, ки барои он баста шуда буд, тағйир дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар параметрҳои асосии фаъолият беш аз 50 фоиз тағйир ёфта бошанд.~~

~~Мутобиқи механизми пешбининамудаи ҳамин банд андозсупоранда ҳуқуқ дорад андозро дар давоми на бештар аз ду соли тақвимии оянадаи баъди соле, ки дар он муоинаи охирини хронометражӣ сурат гирифтааст, пардозад.~~

# ФАСЛИ XVIII. НИЗОМҲОИ МАХСУСИ АНДОЗ

## БОБИ 49. АНДОЗБАНДИИ СОХТМОНИ НЕРӮГОҲҲОИ БАРҚИ ОБӢ

### Моддаи 343. Андозбандии сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ

1. Дар давраи сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ (минбаъд – «сохтмон») дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон Фармоишгари сохтмон ва Пудратчии генералии сохтмон аз пардохти андозҳои зерин (аз лаҳзаи

фаро расидани мӯҳлати пардохт), ки бевосита ба сохтмон алоқаманд мебошанд, озод карда мешаванд:

- андоз аз арзиши иловашуда;
- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;
- андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ;
- андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо;
- андози замин;
- андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт;
- андоз аз амволи ғайриманқул;
- андози иҷтимоӣ нисбати шахсоне, ки бевосита дар сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ банд ҳастанд ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд;
- боҷи давлатӣ барои ба қайдгирии лоиҳаҳои эмиссияҳои коғазҳои қиматноки ғайридавлатӣ, ки бинобар сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ амалӣ шудаанд.

2. Воридоти молҳо барои сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти махсусан муҳим ба ҳисоб меравад, бояд аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ бо тартиби муқаррарнамудаи банди 7 қисми 4 моддаи 211 ҳамин Кодекс ва банди 7 моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шаванд.

3. Дар давраи сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, ки бояд бевосита нисбати сохтмони (вобаста ба сохтмони) нерӯгоҳи барқи обӣ ҳисоб карда шаванд, инчунин аз пардохти андози иҷтимоӣ нисбати шахсоне, ки бевосита дар сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ банд ҳастанд ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд, таҳвилгарон ва пудратчиёни сохтмони дар боло зикргардида озод карда мешаванд. Ҳамзамон ба сифати таҳвилгарон ва паймонкорони сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ шахсони ҳуқуқие, ки бевосита ба Фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ ё Пудратчии генералии сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ бо қарордодҳое (шартномаҳое, созишномаҳое), ки таҳвили молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳои ба сохтмони (дар сохтмони) сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ пешбинӣ мекунад, алоқаманд мебошад, баррасӣ мегарданд.

4. Муқаррар карда шавад, ки:

- Фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ ва Пудратчии генералии сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ бо пешниҳоди Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқи дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқашуда, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд;
- давраи сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ бо дархости Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар якҷояги бо Фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ ва Пудратчии генералии сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ таҳия шудааст ва мутобиқи дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шудааст, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд;

- муомилоти (амалиёти, қарордоди, шартномаи, созишномаи) ба сохтмони неругоҳи барқи обӣ алоқаманд муомилоте (амалиёте, қарордоде, шартномае, созишномае) эътироф карда мешавад, ки аз ҷониби Фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ тасдиқ шудааст;

- озодкунӣ аз пардохти андозҳо аз рӯи муомилотҳои (амалиётҳои, қарордодҳои, шартномаҳои, созишномаҳои) ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқаманд, ки дар давраи сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ баста шуда ва бояд то анҷоми давраи сохтмони неруӯоҳи барқи обӣ анҷом ёбанд, пешниҳод карда мешавад.

## БОБИ 50. ХУСУСИЯТИ АНДОЗБАНДИИ КРХОНАҲОИ АЗНАВТАЪСИСЁФТА, КИ БА СИЛСИЛАИ ПУРРАИ КОРКАРДИ НАХИ ПАХТА БА МАҲСУЛОТИ НИҲОӢ (АЗ КАЛОБАИ ПАХТА ТО МАҲСУЛОТИ ПАХТАГИИ ДУЗАНДАГӢ) БАНД МЕБОШАНД

### Моддаи 344. Хусусияти андозбандии корхонаҳои аз нав таъсисёфта, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагии дузандагӣ) банд мебошанд

1. Воридоти молҳо бевосита барои зарурати худи корхонаҳои азнавтаъсисёфта, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагини дузандагӣ) банд мебошанд (минбаъд – «корхонаҳои азнавтаъсисёфта»), аз боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда озод мебошанд.

Дар ҳолати аз ҷониби корхонаҳои азнавтаъсисёфта таҳвил додани молҳои воридшуда ба бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунин амалиётҳо бо боҷи гумрукӣ, андоз аз арзиши иловашуда ва дигар андозҳо бо тартиби умумии муқаррарнамудаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ карда мешаванд.

2. Содироти молҳое, ки корхонаҳои азнавтаъсисёфта истеҳсол мекунанд, аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд.

3. Корхонаҳои азнавтаъсисёфта аз андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо, андоз аз амволи ғайриманқул ва андози замин озод мешаванд.

4. Дар мавриди дар корхонаҳои азнавтаъсисёфта ба миён омадани ӯҳдадориҳои андоз аз рӯи дигар андозҳо чунин ӯҳдадориҳои андоз бояд мутобиқи Кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шаванд.

5. Имтиёзҳои андози дар қисмҳои 1, 2 ва 3 ҳамин модда пешбинигардида бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати то 12 сол аз 1 январи соли ба қайди давлатӣ гирифтани корхонаҳои аз навтаъсисёфта дода мешаванд.

6. Агар корхонаҳои азнавтаъсисёфта дар давоми 24 моҳи пурраи тақвимӣ пас аз ба кор даровардани силсилаи пештараи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳои ба таъсис додани силсилаи минбаъдаи коркард шурӯъ накарда бошад, имтиёзҳои андози ҳамин модда

пешбининамуда амали худро қатъ менамоянд ва маблағи имтиёзҳои андози корхонаҳои азнавтаъсисёфта аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифта шуданаш то лаҳзаи қатъ гардидани ин имтиёзҳо бояд аз рӯи меъёрҳое, ки дар давраи гирифтани имтиёзҳои андоз амал мекарданд, ҳисоб карда шавад ва ба ҳисоби буҷет рӯёнида шавад. Ҳамзамон таъсис додани силсилаи минбаъдаи коркард бояд дар мӯҳлати бо ҳисобҳои техникию иқтисодӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ асоснокшуда амалӣ карда шавад. Дар хусуси оғози кор тибқи ҳар силсила ва ба кор андохтани ҳар як силсилаи коркард корхонаи азнавтаъсисёфта барои баҳисобгирии махсус (алоҳида) бо мақсади гирифтани имтиёзҳои ҳамин модда муқаррарнамуда ба мақоми ваколатдори давлатӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври хаттӣ ахборот медиҳад.

7. Барои гирифтани имтиёзҳои дар ҳамин модда пешбинигардида корхонаҳои азнавтаъсисёфта баъд аз бақайдгирии давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар мақомоти адлия бояд дар мақоми ваколатдори давлатӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи ин мақомоти давлатӣ ба қайди махсус (алоҳида) гирифта шаванд.

8. Агар ҳамин модда муқаррароти дигар пешбинӣ накарда бошад, нисбати корхонаҳои азнавтаъсисёфта ҳамаи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад.

## БОБИ 51. АНДОЗ АЗ МАҲСУЛОТИ КОРКАРДИ МОЛҲО, КИ БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАНГОМИ ИНТИХОБ КАРДАНИ НИЗОМИ ГУМРУКИИ КОРКАРД ДАР ҚАЛАМРАВИ ГУМРУКӢ ВОРИД КАРДА МЕШАВАНД (АНДОЗ АЗ МАҲСУЛОТИ КОРКАРДИ МОЛҲО)

### Моддаи 345. Андозсупорандагон

Супорандагони андоз аз маҳсулоти коркарди молҳо, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми интихоб кардани низоми гумрукии коркард дар қаламрави гумрукӣ ворид карда мешаванд, шахсоне мебошанд, ки аз Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсулоти коркардро мебароранд.

### Моддаи 346. Объекти андозбандӣ

Объекти андозбандӣ арзиши маҳсулоти коркард мебошад.

### Моддаи 347. Манбаи андоз

1. Барои муайян кардани манбаи андоз арзиши бозории маҳсулоти коркарди баровардашаванда, ки дар асоси нархҳои дар санаи баровардани маҳсулоти коркард ҳисоб карда шудааст, қабул карда мешавад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи маҳсулоти коркардро, ки бояд бо андози мазкур андозбандӣ шаванд, инчунин номгӯи маҳсулоти коркардро, ки нархҳои онҳо барои ҳисоб кардани манбаи андоз дар баржаи дахлдори байналмилалӣ (минтақавӣ) муқаррар карда мешаванд, муайян менамояд.

**Моддаи 348. Меъёрҳои андоз**

Меъёрҳои андоз аз маҳсулоти коркард аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фоиз аз арзиши маҳсулоти коркард ё ба маблағи устувор барои воҳид (бо ифодаи аслӣ) муайян карда мешавад.

Моддаи 349. Тартиби ҳисобкунӣ ва мӯҳлати пардохти андоз

1. Маблағи андози аз маҳсулоти коркард пардохтшавандаро андозсупорандагон мустақилона дар асоси арзиши маҳсулоти коркард дар санаи баровардани маҳсулоти коркард аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин меъёри андоз ҳисоб менамоянд.

2. Шахсоне, ки коркарди маҳсулоти ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти низоми гумрукии коркард дар қаламрави гумрукӣ воридшавандаро анҷом медиҳанд, ба сифати агенти андоз дар бобати сари вақт ва пурра ҳисобкунӣ ва пардохти андоз аз маҳсулоти коркард амал менамоянд.

3. Андоз то баровардани маҳсулоти коркард аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад.

4. Мақомоти гумрук дар асоси тасдиқномаи мақомоти дахлдори андоз барасмиятдарории гумрукии баровардани маҳсулоти коркардро аз ҳудуди қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд.

5. Ҳангоми дар рӯзи баровардани маҳсулоти коркард дар андозсупоранда мавҷуд набудани нархи биржавӣ андоз дар асоси маълумоти мавҷуда оид ба нархи биржавии маҳсулоти коркард дар санаи наздиктарини рӯзи баровардан ҳисоб карда мешавад. Маблағи андоз аз ҷониби андозсупоранда ҳангоми ворид гаштани маълумот оид ба нархи биржавии маҳсулоти коркард дар санаи баровардан аниқ карда мешавад.

6. Давраи ҳисоботӣ оид ба пардохти андоз аз маҳсулоти коркард моҳи тақвимӣ мебошад. Эъломия оид ба маблағи пардохтшудаи андоз аз маҳсулоти коркард ба мақомоти дахлдори андоз то санаи 15-уми моҳи баъди давраи ҳисоботӣ пешниҳод карда мешавад.

Моддаи 350. Назорати пардохти андоз

Назорати сари вақт ва пурра ба буҷет воридшавии маблағи андоз аз маҳсулоти коркардро мақомоти андоз анҷом медиҳад.